ДОНИШГОҲИ МИЛЛИИ ТОҶИКИСТОН

*Бо ҳуқуқи дастнавис*

**ВБД: 34(575.3)**

САФАРБЕКЗОДА ҲУКМИДДИН САФАРБЕК

# СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ҲАМЧУН ЗАМИНАИ РУШДИ УСТУВОРИ ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН: ПРОБЛЕМАҲОИ НАЗАРИЯ ВА АМАЛИЯ

**ДИССЕРТАТСИЯ**
**барои дарёфти дараҷаи илмии доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ**
**аз рӯйи ихтисоси 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат**

**МУШОВИРИ ИЛМӢ:**
доктори илмҳои ҳуқуқшиносӣ, профессор
**Шарофзода Рустам Шароф**

**ДУШАНБЕ – 2025**

## МУНДАРИҶА

**НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО....................................................................... 4**

**МУҚАДДИМА................................................................................................ 5**

**Боби 1. СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ҲАМЧУН САМТИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ**

1.1 Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ...... 31

1.2 Мустақилият ва аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ............................. 47

1.3 Ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ............................................. 61

**Боби 2. МАФҲУМ, ПРИНСИПҲО, МАҚСАДҲО ВА СУБЪЕКТОНИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ**

2.1 Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ.......................................................... 76

2.2 Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ................................................ 92

2.3 Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ.................................................. 105

2.4 Субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ.................................................. 140

**Боби 3. СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ВА ТЕХНИКАИ ҲУҚУҚӢ**

3.1 Техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили таъминкунандаи самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ....................................................................... 173

3.2 Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ......................................................... 188

3.3 Таъмини сифати қонун ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ..... 211

**Боби 4. САМТҲОИ МУБРАМИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН**

4.1 Нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ.......................................................................................... 230

4.2 Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ................................ 250

4.3 Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун замина ва омили инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ.......................................................................................... 268

**ХУЛОСАҲО......................................................................................... 306**
**ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ ......................................................................................... 314**
**РӮЙХАТИ АДАБИЁТ ......................................................................... 319**
**ИНТИШОРОТ АЗ РӮЙИ МАВЗУИ ДИССЕРТАТСИЯ......................... 382**

## НОМГӮЙИ ИХТИСОРАҲО

ИДМ – Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил

ВМКБ – Вилояти Мухтори Кӯҳистони Бадахшон

КПИҚҶТ – Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон

КИРҶТ – Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон

ММҚ – Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

СМРҶТ – Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон

СРЗСҶТ – Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040

СҲШ – Созмони Ҳамкории Шанхай

ТБС – Ташкилоти Байналмилалии Савдо

# МУҚАДДИМА

**Мубрамии мавзуи таҳқиқот.** Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо мақсади идоракунии муташаккилонаи раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, муайян намудани стратегияи инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини муташаккилӣ ва муттасилии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини сифати қонунҳо бо дарназардошти талаботи тағйирёбандаи танзими ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Айни замон ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки доираи васеи субъектони босалоҳият, бо мақсади қабули намудҳои зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда шуда, идоракунии мунтазам, муташаккилӣ ва танзимро талаб мекунад. Бо ҳамин мақсад сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон, дар заминаи паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, стратегияҳо, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ, бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, дар алоқамандӣ бо самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Низоми қонунгузории амалкунанда, натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ва мониторинги ҳуқуқӣ, маводи методӣ, тавсияҳо ва таклифҳои аз лиҳози илмӣ асоснок оид ба такмили ҳуқуқэҷодкунӣ асоси ҳуқуқӣ, ташкилӣ-методӣ ва илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти афзалиятноки сиёсати давлат мебошад, чунки ба танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, пешгирии ихтилофоти ҳуқуқӣ, такмили низоми қонунгузорӣ ва рушди низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Таклифҳои қонунгузорӣ, ки дар паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода карда мешаванд, ба ташаккул ва амалӣ

гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Дар паёмҳо, суханрониҳо ва баромадҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, вазифаҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ (парламент ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ), самтҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи танзими ҳуқуқиро дар заминаи пешгӯӣ намудани самтҳои инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба инобат гирифтани самтҳои аввалиндараҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад. Муайян намудани стратегияи танзими ҳуқуқӣ дар шароити тағйири босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, ташаккули муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар робита бо рушди муносибатҳои бозорӣ, болоравии саҳми бахши хусусӣ дар рушди иҷтимоӣ-иқтисодии мамлакат, вусъати фаъолияти соҳибкорӣ, васеъ гардидани доираи субъектони хоҷагидории хусусӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таъини сифати қонунҳо, пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккули фазои беихтилофи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Айни замон такмили асосҳои илмӣ ва амалии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳангоми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба такмили маҳорати касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз ҳадафҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ чораҳои зарури илмӣ, методӣ, ташкилӣ, фарҳангӣ, иттилоотӣ бо мақсади ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳам субъектони босалоҳияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (мақомоти давлатӣ) ва ҳам иштирокдорони сиёсати мазкур (ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, аҳли ҷомеа, шаҳрвандон) андешида мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ

маҷмуи арзишҳои ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, фарҳангӣ мебошад, ки дар робита бо тамаддуни тоҷикон, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, таҷрибаи давлатдории миллӣ ташаккул ёфта, аз насл ба насл мегузаранд ва дар ҳаёти имрӯза, бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, анъанаҳои миллӣ, дар раванди таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон истифода мешаванд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дурнамои рушди низоми қонунгузории Тоҷикистонро бо дарназардошти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ муайян мекунад. Муайян намудани стратегияи танзими ҳуқуқӣ бо дарназардошти гузариш ба ҷомеаи рақамӣ, аз ҳукумати электронӣ ба ҳукумати рақамӣ, татбиқи технологияҳои зеҳни сунъӣ дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа, ташаккули иқтисоди рақамӣ, “иқтисоди сабз”, рақамикунонии соҳаи ҳифзи табиат бо мақсади истеҳсоли “энергияи сабз” аҳаммияти ҳаётан муҳим дорад.

Таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ дар робита бо пешрафти ҷомеа яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад. Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28 декабри соли 2023 иброз доштанд: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд» [47]. Низоми мукаммал ва беихтилофи қонунгузорӣ дар танзими муносибатҳои тағйирёбандаи ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда дорад. Тавре дар Паёми мазкур Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад» [47]. Ҳамчунин, дар Паёми мазкур самтҳои инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар самти сармоягузории давлатӣ, рақамикунонии ҳифзи муҳити зист, рушди

«иқтисоди сабз», назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн, бунёди терминалҳои наздисарҳадӣ, ташкили «долонҳои сабз»-и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз муайян карда мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон “Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ” санаи 28 декабри соли 2024 “такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ, баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ” [48] дар робита бо эълон гардидани солҳои 2025-2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» самтҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ эълон карда мешавад. Дар робита бо ин, вазифа гузошта мешавад, ки дар низоми таълимии муассисаҳои тамоми зинаҳои таҳсилоти касбӣ равияи омода кардани барномасозон ва дигар ихтисосҳои зарурӣ барои рушди иқтисоди рақамӣ ва барномасозӣ ҷорӣ карда шавад. Ҳалли ин вазифаҳо ба такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити таҳияи санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад.

Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 самтҳои нави такмили қонунгузорӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ, татбиқи самараноки қонунҳое, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ, инноватсионӣ робитаи бевосита доранд, муайян карда мешаванд. Ҳамзамон бо ин, тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд, татбиқи чунин қонунҳо, аз ҷумла  Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» ба талабот ҷавоб намедиҳад. Аз ин хотир, ба мақомоти дахлор супориш дода мешавад, ки ҷиҳати таҳияи санадҳои зерқонунӣ ва татбиқи самарабахши қонунҳои зикршуда чораҳои дахлдор андешанд. Бар замми ин, таъкид гардид, ки татбиқи ҳадафҳои Стратегияи Ҷумҳурии

Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва дар ин самт мушкилоту камбудиҳои зиёд ҷой доранд [54].

Ин ва дигар мақсаду вазифаҳое, ки дар суханрониҳо, баромадҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян карда мешаванд, ба тарҳрезии стратегияи рушди қонунгузорӣ, ки яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад, бояд ба инобат гирифта шаванд.

Гуфтаҳои боло мубрамии мавзуи таҳқиқоти диссертатсиониро собит менамоянд.

**Дараҷаи таҳқиқи мавзуи илмӣ.** Сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ самти муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ мебошад ва аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи таҳқиқи сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Доир ба мафҳум ва намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ, нақши он дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асарҳои олимони зиёд, аз ҷумла В.Н. Кудрявсев [140], С.В. Кодан [131], А.В. Малко [356, с. 19], В.Н. Нерсесянс [382, с. 74], В.А. Рудковский [407, с. 7], О.Ю. Рибаков [409, с. 78], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [430, 25], В.В. Трофимов [468, с. 141] ва дигарон нашр шудаанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти сиёсати ҳуқуқӣ буда, айни замон аз самтҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ бо мақсаду афзалиятҳо ва шаклу воситаҳои амалӣ шуданаш фарқ дорад. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад. Паҳлуҳои гуногуни таносуби сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи Т.А. Золотухина [298, с. 13], А.Ю. Калинин [306, с. 30], А.П. Мазуренко [332, с. 23], А.Р. Нематов [178], С.В. Поленина [392, с. 184], Е.С. Селиванова [436, с. 140] ва дигарон қарор доранд. Оид ба таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунӣ Д.А. Керимов [127], Е.Г. Лукянова [327, с. 159], А.П. Мазуренко [151], А.В.

Митскевич [170], А.С. Пиголкин [385], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [429, с. 68], О.И. Сибулевская [483, с. 12-13] ва дигарон асарҳо нашр намудаанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз масъалаҳои мубрами илмӣ буда, солҳои охир бо дарназардошти вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ихтилофоти ҳуқуқӣ дар натиҷаи қабули миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад. Оид ба мафҳум, мақсадҳо, принсипҳо, субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ О.А. Гаврилов [89, с. 26-27], Т.А. Золотухина [298, с. 13], Н.В. Исаков ва А.П. Мазуренко [107], В.Р. Калайчева [110], А.Ю. Калинин [306, с. 30], А.П. Мазуренко ва А.Ю. Лаврик [152], А.В. Малко [355, с. 26], С.В. Поленина [392, с. 180], Е.С. Селиванова [436, с. 140] ва дигарон асарҳои илмӣ нашр намудаанд.

Сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ стратегияи танзими ҳуқуқиро бо дарназардошти равандҳо ва самтҳои инкишофи низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ муайян мекунад. Барои ҳамин, дар ҳамаи асарҳои илмӣ ба асосҳои илмии сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои В.М. Баранов [259, с. 149], Н.В. Исаков [106, с. 32], С.В. Корсакова [316, с. 302], В.В. Лазарев [321, с. 181], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [212], Т.Я. Хабриева [238, с. 28] ва дигарон таҳқиқ карда мешаванд.

Яке аз ҳадафҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро таъмини сифати қонун зимни риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ташкил медиҳад. Аз ин хотир, олимон ба ҷанбаи техникӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ эътибори ҷиддӣ медиҳанд. Техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили таҳкими сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои С.С. Алексеев [59, с. 270], В.М. Баранов [261, с. 365], Т.В. Кашанина [119], М.Л. Давидова [92], Г.И. Муромсев [374, с. 13], В.М. Сирих [459, с. 9] ва дигарон таҳқиқ мешавад. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи ташаккул ва рушди сиёсати

ҳуқуқэҷодкунӣ дар маркази таваҷҷуҳи М.Л. Давидова [285, с. 118], И.А. Карева [307, с. 62], В.А. Кюрджиев [320, с. 9], А.П. Мазуренко [333, с. 39], А. Нашитс [176], Р.Ш. Шарофзода [244], Е.Н. Швед [504, с. 85] ва дигарон қарор дорад. Оид ба таъмини сифати қонун, ки дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин карда мешавад, О.В. Анифишерова [255, с. 43], А.Р. Нематов [179, с. 152], О.А. Плотская [387, с. 223], С.В. Поленина [390, с. 12], М.З. Раҳимов [403, с. 16], Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) [426, с. 227], З. Ализода [512] ва дигарон асарҳои илмӣ нашр намудаанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ солҳои охир дар асарҳои илмӣ ҳамчун омили роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ карда мешавад. Айни замон оид ба мафҳуми масъалаи мазкур ақидаҳои гуногун баён карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои олимон фаъолона таҳқиқ карда мешавад. Паҳлуҳои гуногуни фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо фарҳанги ҷомеа ва фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳамчун омили такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои Е.С. Зайсева [295, с. 46], М.А. Костарева [318, с. 14], Э.С. Насриддинзода [173], Р.М. Раҷабзода [202], В.Ю. Самородов [414, с. 128], Г.А. Тосунян [465, с. 28], В.В. Трофимов [472, с. 43], Т.Я. Хабриева [476, с. 8] ва дигарон таҳқиқ карда мешавад.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ алоқаманд аст. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ самтҳои инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷомеаи иттилоотӣ дар давраи гузариш ба ҷомеаи рақамӣ ва дар робита бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ таҳқиқ карда мешаванд. Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳимояи амнияти

иттилоотӣ дар маркази таваҷҷуҳи В.В. Алиев [252, с. 158], Е.В. Алферова [253, с. 53], В. Маркоменко [366, с. 12], Р.Ш. Шарофзода [493, с. 175] ва дигарон қарор дорад.

Самтҳои инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ дар доираи ҳуқуқи иттилоотӣ алоқаманд аст. Оид ба ташаккули ҳуқуқи иттилоотӣ В.М. Боер [73], О.А. Гаврилов [274, с. 322], Ш.К. Ғаюров [90], Ю.Н. Кисляков, А.В. Студнев, Е.А. Пчёнкина [128] ва дигарон асарҳои илмӣ нашр намудаанд. Дар асарҳои илмие, ки солҳои охир нашр мешаванд, ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Оид ба ин масъала Г.М. Лановая [143], В.М. Баранов [67], М.В. Залоило [296, с. 141], М.В. Костенников [319, с. 53], П.В. Ремизов [405, с. 508], М.С. Самойлова [413, с. 8], Р.Ш. Шарофзода, Ғ.А. Шокиров [501, с. 110], Т.Я. Хабриева [475, с. 8] ва дигарон асарҳои илмӣ нашр намудаанд.

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд. Ақидаҳои илмӣ оид ба мафҳум ва хусусиятҳои паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар асарҳои А.М. Диноршоев [288, с. 58], Б.С. Гадоев [275, с. 74], И.И. Камолов [113, с. 168-169], Э.С. Насриддинзода [378, с. 6], Э.С. Насриддинзода, Ф.С. Сайнозимзода [379, с. 5], Б.Х. Раззоқов [201, с. 99], Д.С. Раҳмон, Б.С. Шерзода [402, с. 25], Ф.С. Сайнозимзода [411, с. 82], М.С. Сулаймонов [458, с. 140], Ф.С. Сулаймонзода [457, с. 17], Ҷ. Саъдизода ва М.С. Сулаймонов [435, с. 166], А.Ғ. Холиқзода, И.Ҳ. Бобоҷонзода, Ш.Ш. Шосаидзода [478, с. 26], Шарифзода Фирдавс [491, с. 100] ва дигарон баён карда шудаанд. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шакли ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат дар рушди давлати соҳибистиқлоли

Тоҷикистон дар асари М. Маҳмудзода ва Р. Шарофзода муфассал таҳлил карда мешавад [162].

Ҳамин тариқ, оид ба паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асарҳои зиёди илмӣ нашр шудаанд. Ба ин нигоҳ накарда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқшиносии Тоҷикистон таҳқиқ карда нашудааст. Ба ҳамин хотир, таҳқиқи ҳаматарафаи назариявӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мавзуи таҳқиқоти диссертатсионӣ интихоб шудааст.

**Робитаи таҳқиқот бо барномаҳо ва мавзуъҳои илмӣ.** Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар доираи мавзуи илмӣ-таҳкиқотии кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон – «Заминаҳои таърихӣ-ҳуқуқӣ ва илмӣ-методологии рушди давлат ва ҳуқуқи Тоҷикистон дар шароити роҳандозии модели нави рушди устувор барои солҳои 2021-2025» анҷом дода шудааст.

## ТАВСИФИ УМУМИИ ТАҲҚИҚОТ

**Мақсади таҳқиқот.** Мақсади таҳқиқоти диссертатсиониро таҳқиқоти назариявӣ-методологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон, иттилоотӣ ва рақамигардонии ҷомеа ва боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил медиҳад.

**Вазифаҳои таҳқиқот.** Барои ноил гардидан ба мақсади зикршуда вазифаҳои зерини тахқиқоти диссертатсионӣ муайян карда мешаванд:

– муайян намудани мубрамӣ, дараҷаи таҳқиқи мавзуъ, мақсад, вазифаҳо, объект, предмет, марҳила, макон, давра, асосҳои назариявӣ-методологӣ, заминаҳои эмперикӣ, навгонии илмӣ, аҳаммияти назаривию амалии таҳқиқоти диссертатсионӣ;

– таҳқиқи илмии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани мустақилият ва аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таҳлили таносуби фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таҳқиқи мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таҳлили принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани доираи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таҳқиқи техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили таъминкунандаи самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таҳлили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани роҳҳои таъмини сифати қонун ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ;

– муайян намудани дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ;

– таҳқиқи паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун замина ва омили инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

– баёни хулосаҳои умумӣ оид ба натиҷаҳои таҳқиқот;

– пешниҳоди тавсияҳои амалӣ.

**Объекти таҳқиқот.** Объекти таҳқиқоти диссертатсиониро муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар соҳаи ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пайдо шуда, мунтазам тағйир меёбанд, ташкил медиҳанд.

**Предмети таҳқиқот.** Предмети таҳқиқоти диссертатсиониро ақидаҳо, мафҳумҳо, нуқтаҳои назари илмӣ-методологӣ, асосҳои таъминоти методӣ ва консепсияҳои илмӣ оид ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамчунин,

методологияи пешгӯии дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд.

**Марҳила, макон ва давраи таҳқиқот**. Дар диссертатсия сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар солҳои соҳибистиқлолӣ таҳқиқ карда мешавад. Таҳқиқоти диссертатсионӣ дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон гузаронида шудааст. Давраи тахқиқот солхои 2018-2024-ро дар бар мегирад. Дар ин давра муаллиф ҳамчун унвонҷӯйи кафедраи мазкур таҳқиқоти диссертатсиониро гузаронидааст.

**Асосҳои назариявии таҳқиқот.** Асосҳои назариявии таҳқиқотро асарҳои олимони ватанӣ ва давлатҳои хориҷа, аз ҷумла В.М. Баранов, Ш.К. Гаюров, В.Н. Кудрявсев, Т.В. Кашанина, И.И. Камолов, В.В. Лазарев, А.В. Малко, А.П. Мазуренко, М. А. Маҳмудзода, Э.С. Насриддинзода, А.Р. Нематов, С.В. Поленина, А.С. Пиголкин, Д.С. Раҳмон, М.З. Раҳимов, Р.М. Раҷабзода, Е.С. Селиванова, В.В. Трофимов, А.Ғ. Холиқзода, Ғ.А. Шокиров, Р.Ш. Шарофзода ташкил медиҳанд. Мафҳумҳо, категорияҳо, ақидаҳои илмӣ, ки дар илм пазируфта мешаванд, дар таҳқиқоти диссертатсионӣ бо мақсади муайян намудани навгонии илмии диссертатсия, аз ҷумла асоснок намудани ақидаҳо, мафҳумҳо ва хулосаҳо истифода мешаванд. Дар таҳқиқоти диссертатсионӣ дар баробари ақидаҳо ва мафҳумҳои анъанавии илмӣ, ки солҳои дароз истифода мешаванд, ақидаҳо, ғояҳо ва мафҳумҳои нави илмӣ, ки бо дарназардошти тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар асарҳои илмӣ солҳои охир пешниҳод шуда истодаанд, ба инобат гирифта мешаванд. Консепсияи илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ақидаҳо ва мафҳумҳои нави илмӣ дар диссертатсия пешниҳод мешавад. Илова бар ин, самтҳои мубрами рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон дар робита бо афзалиятҳо ва дурнамои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ. ки солҳои охир таваҷҷуҳи олимонро ба худ ҷалб мекунад, муайян карда мешаванд.

**Асосҳои методологии таҳқиқот.** Асосҳои методологии таҳқиқоти диссертатсиониро усулҳои умумии методологии дарки олам ва усулҳои махсуси таҳқиқоти илмии воқеияти давлатию ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Бо истифодаи усулҳои умумиметодологии фалсафӣ, аз ҷумла усулҳои диалектикӣ, материалистӣ, таҳлили системавӣ-таркибӣ, функсионалӣ, ҳамчунин, категорияҳои диалектика ва принсипҳои бунёдии дарки олам (дарки ҳаматарафа, воқеъбинона, робитаи илм ва воқеият), қонуниятҳои умумии ташаккулу инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи ҳаёти ҷомеа, алоқамандии сиёсати мазкур бо падидаҳои дигари ҳаёти ҷомеа (сиёсат, фарҳанги ҷомеа, шуури ҷамъиятӣ ва дигар) муайян карда мешавад. Дар заминаи усулҳои мазкур, ки аҳаммияти методологӣ доранд, шароити таърихии ташаккулу амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ ба роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, роҳҳои ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар алоқамандӣ бо фарҳанги умумии ҷомеа, дурнамои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи методологияи пешгӯии рушди ҷомеа муайян карда мешаванд.

Усули махсуси шаклии меъёрӣ дар ҷараёни таҳлили санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун асоси меъёрии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, таҳлили муқоисавии асосҳои меъёрӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ, таҳлили заминаҳои меъёрии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар фазои умумии ҳуқуқии ИДМ истифода мешавад. Вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ва дар фазои умумии ҳуқуқии ИДМ, суръати баланди ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ (қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, алалхусус, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба онҳо) аҳаммияти усули мазкурро собит менамояд.

Усули таҳлили таърихӣ-ҳуқуқӣ зимни омӯзиши шароити таърихии ташаккулу инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар солҳои гуногуни соҳибистиқлолии Тоҷикистон мунтазам тағйир меёбад, ба инобат гирифта мешавад. Усули мазкур барои таҳқиқи асосҳои фарҳангӣ-

тамаддунии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

Усули муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ба мақсади таҳлили муқоисавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлатҳои аъзои ИДМ, самтҳои ташаккулу такмили заминаҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, методӣ, илмӣ, методологӣ, иттилоотии сиёсати мазкур дар ин давлатҳо мусоидат мекунад. Фазои умумии ҳуқуқии ИДМ ба инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон таъсир мерасонад. Аз ин хотир, усули зикршуда барои таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти илмӣ дорад.

Дар диссертатсия бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ усулҳои дигари таҳқиқи илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла усулҳои таҳлили мантиқи ҳуқуқӣ, ҷомеашиносии ҳуқуқӣ, омори ҳуқуқӣ, кибернетикӣ ва дигар усулҳо истифода мешаванд. Аз ҷумла, усулҳои махсуси мантиқи ҳуқуқӣ ва шаклии меъёрӣ зимни таҳқиқи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Категорияҳои фалсафии «сифат», «шакл ва мазмун» ҳангоми таҳқиқи сифати қонун ҳамчун ҳадафи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд.

**Заминаҳои эмпирикии таҳқиқот.** Заминаҳои эмперикии таҳқиқоти диссертатсиониро Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои меъёрии ҳуқуқии давлатҳои аъзои ИДМ ташкил медиҳанд. Заминаи эмперикии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо шароити таърихии ҳаёти ҷомеа, омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ, сиёсӣ, равандҳои асосии ҳаёти ҷомеа, ки ба ташаккулу амалигардии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири худро мерасонанд, алоқамандии бевосита дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи ташаккулёфта дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолият ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омӯхта мешавад.

Заминаи эмперикии корро таҷрибаи дар Тоҷикистон ташаккулёфтаи қабул ва тағйири Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳокимаҳои умумихалқии қонунҳои муҳим, иштироки халқ дар раъйпурсӣ ва муҳокимаҳои васеи лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Конститутсия ва қонунҳо ташкил медиҳанд. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки заминаи бунёдии ташаккулу роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар Тоҷикистон ташкил медиҳанд, унсури муҳимми заминаи эмперикии диссертатсия мебошанд.

**Навгонии илмии таҳқиқот**. Диссертатсияи мазкур яке аз аввалин таҳқиқоти илмии назариявӣ-методологии диссертатсионии сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Навгонии илмии диссертатсия бо натиҷаҳои умумии илмии он муайян карда мешавад:

– таҷрибаи миллии ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷамъбаст ва таҳлил карда мешавад;

– мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ ва таҷрибаи сиёсию ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

– шароити таърихии Тоҷикистон, маҷмуи омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ, ки ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд, муайян гардида, ҳаматарафа таҳлил карда мешаванд;

– таъсири анъанаҳои фарҳанги миллӣ ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешавад;

– хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон, ки бо таҷрибаи қонунгузории ватанӣ, аз ҷумла бо тафовути доираи субъектони босалоҳияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва доираи васеи иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад, муайян карда мешаванд;

- хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон, ки бо дарназардошти нақши ҳалкунандаи фарҳанги миллӣ, анъанаҳои миллӣ, таҷрибаи ватании ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад, муайян карда мешаванд;

– дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ, зеҳни сунъӣ, ки дар паёмҳо, баромадҳо, суханрониҳои Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон, дар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлати Тоҷикистон баён гардиданд, муайян карда мешаванд;

– нақши бунёдии паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккулу амалишавии самараноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон собит мегардад.

**Нуктаҳои ба ҳимоя пешниҳодшаванда**. Навгонии илмии таҳқиқоти диссертатсионӣ бо **нуктаҳои илмии зерин**, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, собит мегардад:

1. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, намуди сиёсати ҳуқуқӣ буда, мафҳум ва аҳаммияти он дар доираи ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, механизми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Аз тарафи дигар, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Нуктаи илмии мазкур бо дарназардошти ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, имкониятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи идоракунии мақсаднок ва муташаккилонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии доираи васеи субъектони босалоҳият ва иштирокчиёни он, таъмини муттасилии ҳамаи давраҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини раванди таҳия ва қабули саривақтии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар робита бо талаботи нави ҳаёти ҷомеа, мутобиқ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба талабот ва равандҳои нави ҷомеа (идоракунии давлатии технократӣ, рушди бахши хусусӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии субъектони хоҷагидории хусусӣ, иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ), пешгӯӣ намудани дурнамои рушди низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ исбот карда мешавад.

2. Вазъи мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар се сатҳ муайян карда мешавад: бо дарназардошти мавқеи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар

низоми намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ; ҳамчун падидаи мураккаб ва сохтории ҳаёти ҳуқуқӣ; дар таносуб бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ. Бо мақсади муайян намудани вазъи мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таносуби он бо намудҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти хусусиятҳо, ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ бо дарназардошти шароити махсуси ташаккул, шаклу тарзҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, робитаи он бо падидаҳои дигари давлатӣ ва ҳуқуқӣ, нақши ҳалкунандаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар рушди низоми давлатӣ ва ҳуқуқӣ, унсурҳои таркибии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, мустақилияти унсурҳои мазкур арзёбӣ мегардад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ берун мебарояд, чунки дар доираи ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон, ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ ва барномавии давлатӣ, таҷрибаи қонунгузории Тоҷикистон, гузаронидани таҳлили васеи илмии талаботи танзими ҳуқуқӣ, самтҳои инкишофи низоми ҳуқуқии Тоҷикистон амалӣ карда мешавад.

3. Робитаи тарафайн ва таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти гуногунии нуқтаҳои назари илмӣ оид ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, таносуби мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ», мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ, таъсири назарияҳои гуногуни ҳуқуқ ба мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, тағйири мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Пазируфтани ақидаи тафовути «ташаккули ҳуқуқ» ва «ҳуқуқэҷодкунӣ» ба дарки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ боиси дарки васеъ ва маҳдуди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мегарданд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти таҷрибаи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, аз ҷумла

дар робита бо ҷудо намудани мафҳумҳои «субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «иштирокдорони раванди ҳуқуқэҷодкунӣ» арзёбӣ мегардад.

4. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти тафовути доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, доираи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва мақсадҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамчунин, механизми таҳқиқи илмӣ-таҳлилӣ ва пешгӯӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самтҳои такмили механизми роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти кафолатҳои иштироки озоди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ, бевосита шаҳрвандон, коллективҳои меҳнатӣ, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва дигар дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути истифодаи шаклҳо ва воситаҳои маъмулӣ ва нави ибрози озоди ирода ба инобат гирифта мешаванд. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо инкишофи ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ, нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ дар танзими муносибатҳои хусусӣ, ташаккули асосҳои иттилоотӣ ва рақамии идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад.

5. Ташаккул ва тақвияти асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз омилҳо ва равандҳои зерин вобастагӣ дорад: асоснокии ғояҳои илмӣ; сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ; таъминоти экспертӣ ва илмӣ-методии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ; сатҳи инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ; сифат, самтҳои нав ва дурнамои инкишофи низоми таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ; тағйири унсурҳои таркибии сохторӣ ва мазмунии шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон дар шароити ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ; самтҳои нави фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон; сатҳи ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқшиносон; тағйири методологияи илми ҳуқуқшиносӣ; тағйири методологияи дарки воқеияти ҳуқуқӣ; сатҳ ва сифати истифодаи тарзу воситаҳо, шаклҳо, технологияи нави таҳсилоти

касбии ҳуқуқӣ дар робита бо инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, рақамигардонии ҷомеа, истифодаи зеҳни сунъӣ; мониторинги фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; ҷалби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои муҳимтарин қонунҳо; истифодаи самараноки техникаи ҳуқуқӣ; муайян намудани самтҳои танзими ҳуқуқӣ.

6. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо принсипҳои ҳуқуқ, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ, принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, афзалиятҳои танзими ҳуқуқӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030, Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030, Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Консепсияи дарозмуҳлати тақвияти неруи илми ватанӣ барои давраи то соли 2030 пешбинӣ мешаванд, ҳамчунин, таҷрибаи ташаккулёфтаи муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон муайян карда мешаванд. Ҳангоми муайян намудани принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нуктаҳои бунёдии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, самтҳои мубрам ва аввалиндараҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои инкишофёбандаи ҷамъиятӣ бо дарназардоштиислоҳоти васеи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқии ҷомеа, таҳкими иқтидори ниҳодҳои давлатӣ дар соҳаи ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташаккули «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ», татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ, рушди сармояи инсонӣ, рақамикунонии ҳифзи муҳити зист бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз» бояд ба инобат гирифта шаванд.

7. Мафҳуми субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти таносуби мафҳумҳои «субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ», таҷрибаи сиёсӣ ва ҳуқуқии

Тоҷикистон, вазъи ҳуқуқии субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва иқтидори иштирокдорони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Таснифи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на бо дарназардошти салоҳияти ҳокимиятӣ, балки имкониятҳо, захираҳо, шаклҳо, роҳҳои иштирок дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад, чунки ҳамаи субъектҳо ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имконияти иштирок намуданро дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ доранд. Амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи васеи субъектҳоро дар муайян намудани асосҳои илмии (консептуалии) сиёсати мазкур, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ) дар назар дорад.

8. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши марказӣ ва махсус дорад, чунки вазъи ҳуқуқӣ ва сиёсии Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллатро дорад, намуди мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро (сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентиро) амалӣ мекунад, салоҳияти истисноии ҳуқуқэҷодкунӣ дорад, тавассути паёмҳо, баромадҳо, суханрониҳо, мурочиатҳо ва супоришҳо, ки шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мебошанд, ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад.

9. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи истифодаи васеи дониши техникӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, амалӣ карда мешавад. Техникаи ҳуқуқӣ ба таъмини муташаккилии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккули асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили маҳорати баланди касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти инкишофи назария ва амалияи техникаи ҳуқуқӣ, такмили техникаи ҳуқуқӣ дар робита бо истифодаи технологиҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ бояд муайян карда шаванд.

10. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун омили таъминкунандаи самаранокӣ ва сифати танзими ҳуқуқӣ, ташаккули низоми беихтилофи қонунгузорӣ, такмили маҳорати касбии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад. Дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи субъектҳо ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, бо дарназардошти хусусиятҳои қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои тағйироту иловаҳои Конститутсияи Тоҷикистон, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо, расмигардонии тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳадафи дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкуниро таъмини дастрасии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи субъектон ва иштирочиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, паҳн намудани таҷрибаи ватании раъйпурсӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо тавассути таъминоти илмӣ-методӣ, иттилоотӣ-рақамии сиёсати мазкур ташкил медиҳад.

11. Таъмини сифати қонун яке аз афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузъи таркибии стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ буда, амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои илмӣ, методӣ, таҳлилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ташкилиро (оморӣ, иттилоотӣ ва дигар) дар назар дорад. Сифати қонун маҷмуи хусусиятҳояш мебошад, ки имконияти қонунро дар соҳаи қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ, таъмини ҳуқуқҳои инсон ва танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин мекунанд. Хусусиятҳои зикршуда ду вазифаро иҷро мекунанд: а) аломатҳое мебошанд, ки ба қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд; б) ҳамчун ченаки баҳогузории сифати қонун хизмат мекунанд. Сифати қонун дар заминаи риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва мутобиқати қонун ба талаботи ҷамъиятӣ тавассути таҳлилҳои илмӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ

таъмин мегардад. Мутобиқати қонун ба талаботи ҳаёти фарҳангӣ-маънавӣ яке аз нишонаҳои сифати қонун, омили ҳимояи манфиатҳои миллӣ ва ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Сифати қонун бо дарназардошти мутобиқати он ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад ва барои ноил гардидан ба консепсияи миллии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

12. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ мебошад, ки дар доираи навъҳои муайяни тамаддуну фарҳанг, дар муҳити фарҳангии ин ё он халқ, бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати муайян ташаккул ёфта, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тағйирёбандаи таърихӣ ва фарҳангӣ тавассути ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи ташаккулу рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти арзишҳои таърихӣ ва муосири ҳуқуқӣ-иҷтимоии фарҳанги миллӣ буда, ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ҷузъи тамаддуни тоҷикон буда, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, бо таъсири омилҳои таърихӣ-иҷтимоӣ, бо дарназардошти таҷрибаи таърихан инкишофёбандаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар таърихи давлатдории тоҷикон ва арзишҳои миллии фарҳангӣ-тамаддунӣ ташаккул ёфта, аз насл ба насл мегузарад, ба шароити нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешавад. Худташкилшавӣ ва худидоракунӣ унсурҳои марказии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон буда, ба вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бахши хусусӣ мусоидат мекунад.

13. Пешгӯии самтҳои танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ пайдо мешаванд, самти нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад. Дар доираи самти мазкур ҳадафҳо ва

афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи коммуникатсияҳои электронӣ ҳамчун асоси ҳуқуқии фаъолияти бахши телекоммуникатсионӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба идентификатсияи рақамии шахс тавассути маълумоти биометрӣ, рушди соҳибкории рақамӣ, таҳсилоти рақамӣ, фарҳанги рақамӣ, нақлиёти рақамӣ ва ғайра, ташкили заминаи қонунгузорӣ барои гузариш ба ҷомеаи рақамӣ, аз ҳукумати электронӣ ба ҳукумати рақамӣ, ташкили бозори марказҳои тиҷоратии нигоҳдорӣ ва таҳлили иттилоот, таҷдиди назар намудани талаботи меъёрии нигоҳдории иттилоот дар ҳудуди Тоҷикистон муайян карда мешаванд.

14. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ алоқаманд буда, барои ноил гардидан ба ҳадафҳои зерин мусоидат мекунад: рушди хизмати давлатии рақамӣ, иқтисоди рақамӣ ва «иқтисоди сабз»; содагардонии ҷараёни қабул ва иҷрои қарорҳо; такмили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ бо дарназардошти ташкил додани инфрасохтори нави соҳа, аз ҷумла технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ; ташаккули заминаи ҳуқуқӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ; таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва дар онҳо аниқ намудани мафҳумҳое, ки бо истифодаи технологияҳои нав робита доранд; такмили қонунгузорӣ бо мақсади андешидани чораҳо оид ба мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ.

15. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шакли амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мебошанд. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон заминаи ташаккулу рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, ҳамчун шакли самараноки амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат истифода мешаванд. Бо қабули Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон

ҳамчун шахсияти барҷастаи таърихии миллат мақом ва нуфузи баланд пайдо намуданд.

**Аҳаммияти назариявӣ ва амалии таҳқиқот.** Ақидаҳо ва мафҳумҳои илмӣ, ки дар диссертатсия пешниҳод мешаванд, заминаи таҳқиқоти минбаъдаи илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шуда метавонанд. Ақидаҳо ва мафҳумҳои илмии диссертатсия, ки бо дарназардошти дарки мафҳуми ҳуқуқ дар назарияҳои гуногуни ҳуқуқ, робитаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ, мониторинги ҳуқуқӣ, ҷалби аҳли ҷомеа ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод шудаанд, дар раванди таҳқиқи илмии падидаҳои гуногуни ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ истифода шуда метавонанд. Нуктаҳои илмӣ ва хулосаҳои диссертатсия оид ба самтҳои мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми таҳқиқи дурнамои рушди низоми ҳуқуқии Тоҷикистон метавонанд, ки ба инобат гирифта шаванд. Ақидаҳо ва хулосаҳои диссертатсия оид ба рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, рақамигардонии ҷомеа ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ алоқамананд, ба таҳқиқи ҷомеаи иттилоотӣ, ҳифзи амнияти иттилоотӣ, рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Нуктаҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар корҳои диссертатсионӣ истифода шуда, ба такмили таҳқиқоти илмӣ бо дарназардошти асосҳои нави методологии таҳлили илмӣ мусоидат мекунад.

Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ барои такмили сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, амалӣ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028, Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», дигар ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлат ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ доранд. Таклифҳо ва хулосаҳои диссертатсия дар раванди такмили

мунтазами фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ метавонанд, ки истифода шаванд. Натиҷаҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ оид ба ҷалби аҳли ҷомеа, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ташкилоту муассисаҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба такмили асосҳои илмӣ-методии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Ақидаҳо, хулосаҳо ва таклифҳои таҳқиқоти диссертатсионӣ ҳангоми таҳияи Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон метавонанд, ки истифода шаванд.

**Дараҷаи эътимоднокии натиҷаҳои таҳқиқот** дар муқоиса бо ақидаҳо ва мафҳумҳои маъмулии дар илм пазируфташуда, нуктаҳои илмӣ ва тавсияҳои амалии муаллиф, усулҳои таҳқиқоти илмӣ, аз ҷумла усулҳои муқоисавӣ-ҳуқуқӣ ва фарҳангию тамаддунӣ, натиҷаҳои ҷамъбаст ва таҳлили таҷрибаи байналмилалӣ, минтақавӣ ва миллии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сарчашмаҳои таърихӣ ва муосири ҳуқуқ исбот мегардад.

**Мутобиқати диссертатсия ба шиносномаи ихтисоси илмӣ.** Мавзуъ ва мазмуни таҳқиқот ба шиносномаи ихтисоси илмии 12.00.01 – назария ва таърихи ҳуқуқ ва давлат; таърихи таълимот дар бораи ҳуқуқ ва давлат мутобиқ мебошад.

**Саҳми шахсии довталаби дараҷаи илмӣ дар таҳқиқот**. Саҳми шахсии муаллифи диссертатсия бо навгонии илмии таҳқиқоти илмӣ, нуктаҳои илмӣ, ки ба ҳимоя пешниҳод мешаванд, хулосаҳо ва тавсияҳои амалии муаллиф, монография, мақолаҳои илмӣ, ки дар маҷаллаҳои илмии тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва нашрияҳои дигар нашр шудаанд, ҳамчунин маърузаҳои муаллиф дар конференсияҳо ва семинарҳои илмӣ-амалии байналмилалӣ ва ҷумҳуриявӣ тасдиқ мегардад.

**Тасвиб ва амалисозии натиҷаҳои таҳқиқот.** Диссертатсия дар кафедраи назария ва таърихи давлат ва ҳуқуқи факултети ҳуқуқшиносии Донишгоҳи миллии Тоҷикистон омода гардида, борҳо дар ҷаласаҳои кафедраи номбурда муҳокима шудааст. Нуктаҳои асосии таҳқиқот дар

конференсияҳои ҷумҳуриявӣ ва байналмилалии зерин дар шакли маъруза пешниҳод шудаанд:

**а) байналмилалӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии байналмилалӣ бахшида ба 20 - солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – маъруза дар мавзуи «Хусусиятҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Қӯрғонтеппа, 2014.

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷабҳаҳои конститутсионии ҳолати муосири қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» Ба 20 – солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – маъруза дар мавзуи «Нақши Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити ҷаҳонишавӣ». – Душанбе, 2014.

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Ҷаҳонишавӣ ва гуфтугӯи тамаддунҳо дар замони муосир» бахшида ба 28-солагии Истиқлолияти давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон, 25-солагии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва 22- солагии Ваҳдати миллӣ – маъруза дар мавзуи «Фаҳмиши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ». – Бохтар, 2019.

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон – санади олии ҳуқуқии кишвар» бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардидани соли 2024 – маъруза дар мавзуи «Субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тибқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон». – Бохтар, 2024.

– Конференсияи илмӣ-назариявии байналмилалӣ дар мавзуи «Мақоми Мавлонои Балхӣ дар фарҳангу адаби милливу умумибашарӣ» – маъруза дар мавзуи «Нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ». – Бохтар, 2024.

**б) ҷумҳуриявӣ:**

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ бахшида ба сессияи 16-уми Шурои Олӣ, 15-солагии Ваҳдати миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва

соли 2012 соли рушди энергетика – маъруза дар мавзуи «Асосҳои илмӣ ва мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ». – Қӯрғонтеппа, 2012.

– Конференсияи илмӣ-амалии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун омили суботи давлат» – маъруза дар мавзуи «Конститутсия ҳамчун заминаи муҳими сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон. – Душанбе, 2024.

– Конференсияи илмӣ-назариявии ҷумҳуриявӣ дар мавзуи «Маърифати ҳуқуқӣ омили инкишофи давлати ҳуқуқбунёд» бахшида ба 30 - солагии қабули Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва эълон гардидани соли 2024 «Соли маърифати ҳуқуқӣ» – маъруза дар мавзуи «Таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» – Данғара, 2024.

**Интишорот аз рӯйи мавзуи диссертатсия.** Доир ба муҳтавои диссертатсия 1 монография, 1 китоби дарсӣ, 1 воситаи таълимӣ, 37 мақолаи илмӣ, аз он ҷумла 23 мақола дар маҷаллаҳои тақризшавандаи тавсиянамудаи Комиссияи олии аттестатсионии назди Президенти ҶТ, 14 мақола дар дигар нашрияҳо чоп шудаанд.

**Сохтор ва ҳаҷми диссертатсия.** Диссертатсия аз феҳристи ихтисорот, муқаддима, чор боб, сенздаҳ зербоб, хулоса ва рӯйхати адабиёти истифодашуда иборат аст. Ҳаҷми умумии диссертатсия 387 саҳифаро ташкил медиҳад.

# БОБИ 1. СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ҲАМЧУН САМТИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚӢ

## 1.1. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи сиёсати ҳуқуқӣ доир мегардад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, шаклу усулҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Ҳамаи олимон мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо сиёсати ҳуқуқӣ меомӯзанд. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, «сиёсати ҳуқуқӣ асоси бунёдии ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад» [343, с. 13]. Ба ақидаи С.В. Поленина, сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, «ҳамчун сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешавад» [392, с. 180]. Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд мекунад, ки сиёсати ҳуқуқӣ категорияи илмии назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, бо дарназардошти категорияҳои дигари илмӣ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ, бояд таҳқиқ карда шавад [429].

Аз ин хотир, таҳқиқи мафҳум, мақсадҳо. афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ барои омӯзиши ҳаматарафаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи методологиро ташкил медиҳад.

Истилоҳи «сиёсати ҳуқуқӣ» солҳои 1970-ум вориди илми ҳуқуқшиносӣ гардид [468, с. 141], [262, с. 9-10], [211]. Таваҷҷуҳи бештар ба ин мафҳум солҳои 1990-ум дода мешавад. Дар ин давра таҳқиқи васеи сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла паҳлуҳои назариявии ин мафҳуми нави илмӣ, ба мисли принсипҳо, ҳадафҳо, воситаҳо, шаклҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва ғайра гузаронида мешавад [140], [362], [400], [206]. Ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти самтҳои рушди ҳуқуқӣ ҳамчун вазифаи муҳимми илми ҳуқуқшиносӣ пазируфта мешавад [165, с. 309].

Солҳои минбаъда таҳқиқи сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун стратегия ва тактикаи рушди ҳуқуқ, воситаи танзими ҳуқуқӣ, эъмори давлати ҳуқуқбунёд идома меёбад [517, с. 131], [528, с. 36-37].

Ба ақидаи А.П. Коробова, сиёсати ҳуқуқӣ маънои пешниҳод ва амалисозии ғояҳои ҳуқуқии дорои аҳамияти стретегиро дорад. Ба ин маъно сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳоди барномаи назариявиро дар назар дорад. Ғояи ҳуқуқӣ ҳамчун шакли танзими ҳуқуқӣ ё самтҳои стратегии инкишофи давлат ва ҷомеа шарҳ дода мешавад [315, с. 11].

К.А. Феованов қайд мекунад, ки сиёсати ҳуқуқӣ бо пешниҳоди барномаи назариявӣ маҳдуд нашуда, бо дарназардошти хусусияти бештар амалӣ доштанаш бо тарҳрезии барномаи амалӣ бояд машғул бошад [474, с. 11].

Ба ақидаи В.В. Трофимов, асоси сиёсати ҳуқуқиро на ғояҳои ҳуқуқӣ, балки қарорҳои ҳуқуқӣ, ки натиҷаҳои ҳуқуқиро пешбинӣ мекунанд, ташкил медиҳанд. Ин зайл қарорҳо бояд ҳатман мазмуни илмӣ дошта бошанд. Ҳамзамон бо ин, қарорҳои ҳуқуқӣ, аз як тараф, бояд мутобиқ ба воқеият бошанд, аз тарафи дигар, натиҷаҳои ҳуқуқиро марбут ба ҳолатҳои мушаххаси ҳаёт пешбинӣ карда тавонанд. Илова бар ин, қарорҳои ҳуқуқӣ бояд аз ҷониби аъзоёни ҷомеаи шаҳрвандӣ эътироф гарданд [468, с. 144].

Дар заминаи чунин андешаҳо мафҳуми дигари сиёсати ҳуқуқӣ пешкаш мешавад. Дар ин ҳолат сиёсати ҳуқуқӣ бо истилоҳи «сиёсати ҳуқуқ» иваз карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқ маънои пешбинии илмии натиҷаҳои амалӣ гаштани нишондоди ҳуқуқиро дорад [468, с. 145].

Як қатор муаллифон мафҳумҳои «сиёсати ҳуқуқӣ» ва «сиёсати ҳуқуқ»-ро фарқ накарда, якҷоя истифода мебаранд. Ба андешаи А.В. Поляков, сиёсати ҳуқуқӣ ё сиёсати ҳуқуқ «маҷмуи тасаввурот оид ба роҳҳо ва воситаҳои таъсиррасонӣ ба ҳолатҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа баҳри наздик шудан ба идеали ҳуқуқӣ мебошад» [190, с. 421].

Ба ақидаи В.А. Рудковский, асоснокии илмии сиёсати ҳуқуқӣ талаботи асосӣ мебошад. Ба ибораи дигар, сиёсати ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Дар акси ҳол сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи тадбирҳое баромад мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ амалӣ гашта, вале низоми мутташаккилона надоранд. Дар чунин ҳолат тадбирҳо дар самти сиёсати ҳуқуқӣ аз ҳам ҷудо амалӣ карда мешаванд, чунки ба як барномаи умумии илмӣ такя надоранд. Дар ниҳояти кор, сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун низоми тадбирҳои ҷудогонаи бенизом ба натиҷаи дилхоҳ намеорад [407, с. 7].

Дар асарҳои илмӣ зарурати пешниҳоди мафҳумҳои муосир ва ба шароити нави ҳаёти ҷомеа мутобиқи сиёсати ҳуқуқӣ таъкид мешавад. Чунончи, ба ақидаи А.В. Малко, дар доираи таҳқиқоти муосири илмӣ «мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд, инкишофи технологияҳои ҳуқуқӣ ва ҳаёти ҳуқуқӣ пешбинӣ карда мешаванд» [356, с. 19].

О.Ю. Рибаков ба хусусиятҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ ишора мекунад: «илмият, асоснокӣ дар заминаи дастовардҳои пешқадами илми ҳуқуқшиносӣ» [409, с. 78]. Ин сифатҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун хусусиятҳои фарққунандаи он баррасӣ мешаванд. Ӯ таъкид мекунад, ки «хусусияти зикршудаи сиёсати ҳуқуқӣ навгонии илми ҳуқуқшиносиро бо дарназардошти манфиатҳои ҷомеа ифода мекунад» [409, с. 78].

А.В. Малко ва К.В. Шундиков ба он ишора мекунанд, ки мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ маънои зиёд дорад. Айни замон онҳо дар робита бо эътирофи хусусияти илмии сиёсати ҳуқуқӣ чунин таърифро пешбарӣ мекунанд: «Сиёсати ҳуқуқӣ – ин фаъолияти илман асоснокшуда, мунтазами низомноки субъектҳои босалоҳият (пеш аз ҳама мақомоти давлатӣ ва худидора) дар самти ташкили механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ, истифодаи оқилонаи воситаҳои ҳуқуқӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими интизом, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ташаккули давлатдории ҳуқуқӣ ва сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳаёти ҳуқуқии ҷомеа ва шахс мебошад» [161, с. 213].

Ба ақидаи И.С. Морозова, «сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти давлат оид ба фароҳам овардани шароит барои ташаккули равандҳо ва тағйироти ҷамъиятии барои давлат муфид мебошад» [373, с. 150].

Ба ақидаи Н.И. Матузов, «сиёсати ҳуқуқӣ намуди сиёсат буда, маҷмуи тадбирҳо, ғояҳо, вазифаҳо, мақсадҳо, барномаҳо, усулҳое, мебошад, ки дар соҳаи амали ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ амалӣ карда мешаванд» [369, с. 28].

Р.Ш. Шарофзода мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «Сиёсати ҳуқуқӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар соҳаи таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад, ки бо истифода аз чораҳо ва воситаҳои ҳуқуқӣ, ташкилӣ, идеологӣ ва дигар, бо мақсади танзим ва инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ амалӣ карда мешавад» [244, с. 637].

Ҳамчунин, нишонаҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд:

1) шакли таносуби сиёсат ва ҳуқуқ мебошад;

2) яке аз намудҳои сиёсати давлат (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва диг.) маҳсуб мешавад;

3) самти стратегии танзими ҳуқуқиро муайян мекунад;

4) бо иштироки мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои ҷамъиятию сиёсӣ ва шаҳрвандон амалӣ мешавад;

5) муносибати субъектони сиёсати ҳуқуқиро ба проблемаҳои муҳимтарини ҳаёти ҷомеа ифода мекунад;

6) дар соҳаи ҳуқуқ ва тавассути ҳуқуқ роҳандозӣ мешавад;

7) барои таъмини сифати ҳаёти ҳуқуқӣ мусоидат мекунад;

8) афзалиятҳои рушди ҳуқуқиро муайян мекунад;

9) манфиатҳои миллиро ҳимоя мекунад;

10) ба амалӣ гаштани ғояҳои ҳуқуқии стратегӣ (волоияти ҳуқуқ ва қонун, давлати ҳуқуқбунёд ва диг.) мусоидат мекунад» [244, с. 637].

Дар асарҳои илмӣ намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Чунончи А.В. Малко сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ,

сиёсати тафсири ҳуқуқӣ, сиёсати доктриналӣ, сиёсати таълими ҳуқуқиро ҷудо мекунад [356, с. 18].

Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) намудҳои сиёсати ҳуқуқиро бо дарназардошти намудҳои мақомоти давлатӣ (сиёсати ҳуқуқии Президент, мақомоти ҳокимияти иҷроия ва дигар), таҷзияи ҳокимият (сиёсати қонунэҷодкунӣ, сиёсати иҷрои ҳуқуқ, сиёсати ҳуқуқии судӣ), самтҳои фаъолияти давлатӣ (сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ, сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии иттилоотӣ, сиёсати ҳуқуқии экологӣ ва дигар), соҳаҳои ҳуқуқ (сиёсати ҳуқуқии конститутсионӣ, сиёсати ҳуқуқии маданӣ, сиёсати ҳуқуқии маъмурӣ ва дигар), институтҳои ҳуқуқ (сиёсати ҳуқуқии соҳаи интихобот, сиёсати ҳуқуқии соҳаи раъйпурсӣ ва дигар) ҷудо мекунад» [430, с. 27-29].

Ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳамчун замина ва омили ислоҳоти иқтисодиву иҷтимоӣ эътироф карда мешавад. Ба андешаи В.Д. Зоркин, ҳоло гузоштани масъала дар хусуси ислоҳоти ҳуқуқии фарогири кулли ҷомеа бамаврид аст ва дар ҳолати эътибор надодан ба ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳамаи дигар намудҳои ислоҳот ба натиҷаи хуб намеоранд [299, с. 12].

Аз ин хотир, олимон зарурати ислоҳоти ҳуқуқиро дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ собит мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи муҳимми ислоҳоти ҳуқуқӣ арзёбӣ мегардад. Илова бар ин, ҳангоми муайян намудани мафҳуми сиёсати ҳуқуқӣ маҳз ба ҳамин паҳлуи масъала диққат медиҳанд. Чунончи, А.В. Малко менависад, ки сиёсати ҳуқуқӣ ин «фаъолияти илман асоснокгашта, мунтазам ва низомноки мақомоти дахлдори давлат оид ба ташаккули механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ, истифодаи оқилонаи воситаҳои ҳуқуқӣ ва расидан ба ҳадафҳои муайян дар бахши таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими интизом, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мебошад» [353, с. 9].

Дар адабиёти илмӣ инчунин ба таносуби сиёсати ҳуқуқӣ бо намудҳои дигари сиёсати давлат таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Чунончи, таъкид мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ мазмуни мустақили худро дорад.

Мустақилияти сиёсати ҳуқуқӣ дар он зоҳир мешавад, ки он дар баробари намудҳои дигари сиёсат, аз қабили сиёсати иқтисодӣ, сиёсати иҷтимоӣ, сиёсати иттилоотӣ, сиёсати ҳарбӣ як намуди мустақили сиёсат мебошад [353, с. 9].

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқӣ як намуди сиёсат мебошад:

– сиёсати ҳуқуқӣ ба мисли намудҳои дигари сиёсат барои пешрафти ҷомеа, алалхусус, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ аҳаммияти муҳим дорад;

– сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун намуди сиёсат самти муҳимми фаъолияти давлат буда, истифодаи тадбирҳои давлатро талаб мекунад;

– сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун намуди сиёсат бояд муташаккилона, мунтазам, бо истифода аз чорабиниҳои давлатӣ амалӣ гардад;

– сиёсати ҳуқуқӣ бо намудҳои дигари сиёсат робита дорад ва якҷоя бо онҳо дар рушди ҷомеа саҳмгузор аст.

Сиёсати ҳуқуқӣ нисбат ба намудҳои дигари сиёсат нақши пешбаранда дорад. Ҳолати мазкур дар он зоҳир мешавад, ки сиёсати ҳуқуқӣ соҳаи муҳимми ҳаёти ҷомеа – ҳаёти ҳуқуқиро танзим мекунад, аз ҷумла қонуният ва тартиботи ҳуқуқиро таъмин мекунад. Аз тартиботи ҳуқуқии ҷомеа устувории муносибатҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар вобастагӣ дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳаёти ҷомеа муташаккиливу устувориро ворид намуда, ба ин васила барои ислоҳоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар заминаи боэътимоди ҳуқуқӣ мегузорад.

Агар сиёсати ҳуқуқӣ ноустувор бошад, ба асосҳои илмӣ такя накунад, пас ҳадафҳои аслии он роҳандозӣ намешаванд. Аз ҷумла, амалӣ накардани тадбирҳои зарурӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ боиси он мегардад, ки қарорҳои ҳуқуқӣ дар ин соҳа (қонунҳо, санадҳои дигари меъёрӣ ва ҳуқуқӣ) бидуни талаботи воқеӣ, сарфи назар аз воқеияти иҷтимоӣ қабул мешаванд, байни санадҳои меъёрӣ ихтилоф ба миён меояд.

Ҳоло санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ вориди низоми ҳуқуқии кишвар мегарданд. Дар натиҷа самти нави сиёсати ҳуқуқӣ – мутобиқати

қонунгузории миллӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, мувофиқати байни ҳуқуқи дохилӣ ва ҳуқуқи байналмилалӣ, таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар дохили давлатҳо ба миён меояд.

Тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ бо омилҳои дигар низ муайян мешавад. Яке аз онҳо зарурати ба инобат гирифтани манфиатҳои воҳидҳои марзиву маъмурии мамлакат ба шумор меравад. Ба инобат гирифтани манфиатҳои воҳидҳои марзиву маъмурӣ ва минтақаҳои ҷудогона дар шароити инкишофи раванди демократӣ, вусъати худидораи маҳаллӣ, таъмини мустақилияти хоҷагидории минтақаҳои ҷудогонаи кишвар, аз ҷумла ташкили минтақаҳои озоди иқтисодӣ талаби тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад.

Ҳангоми тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ ба сатҳи гуногуни он мебояд эътибор дод. Ба андешаи А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқӣ сатҳи зерин дорад: байналмилалӣ, минтақавӣ, дар фазои Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил (ИДМ), муносибати давлат ва воҳидҳои марзию маъмурӣ, муносибати давлат ва минтақаҳои озоди иқтисодӣ, дар воҳидҳои марзию маъмурӣ, дар соҳаи худидораи маҳаллӣ, локалӣ (дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидор) [353 с. 11].

Сиёсати ҳуқуқӣ дар ҳар як аз сатҳи зикршуда тадбирҳои мушаххасро талаб мекунад. А.В. Малко зарурати тарҳрезии сиёсати ҳуқуқиро дар ҳар кадом аз сатҳи зикршуда муҳим мешуморад [353, с. 11].

Ҳангоми тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки яке аз шаклҳои муҳимми амалисозии он аст, мебояд ҷиддӣ назар кард. Дар шароити имрӯза фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ рӯ ба афзоиш дорад. Талаботи нави ҷомеа зарурати қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқиро ҳам дар сатҳи парламент ва ҳам дар сатҳи мақомоти намояндагии маҳаллӣ талаб мекунад. Дар ин ҳолат ҳуқуқэҷодкунӣ ба яке аз шаклҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ табдил меёбад.

Зимни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ ҳалли вазифаҳои зерин бояд ба инобат гирифта шавад: а) мутобиқ намудани ҳадафҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи парламент ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ;

б) мутобиқ намудани натиҷаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар марказ ва маҳалҳо; в) пешбинии механизми аз байн бурдани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказӣ ва маҳаллӣ; г) ба инобат гирифтани манфиатҳои маҳалҳои ҷудогона ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти марказӣ.

Ҳамчунин, омӯзиши фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти намояндагии маҳаллӣ дар шароити кунунии Тоҷикистон барои муайян намудани сифати санадҳои меъёрии маҳаллӣ, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар мақомоти маҳаллӣ, ба инобат гирифтани манфиатҳои умумидавлатӣ ва манфиатҳои афзалиятноки маҳалҳои ҷудогона, ҷалби муассисаҳои илмӣ ба омӯзиши санадҳои меъёрии мақомоти намояндагии маҳаллӣ, экспертизаи онҳо аҳаммияти муҳим дорад. Ҳалли ин вазифаҳо зарур аст, чунки санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллӣ ва мақомоти худидоракунӣ тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Илова бар ин, таҳлили мазмуни дохилии санадҳои меъёрии ҳуқуқии мақомоти намояндагии маҳаллӣ, аз ҷумла сифати истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, дастрасии Фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқӣ ба ҳамаи мақомоти маҳаллии Тоҷикистон, истифодаи амиқи истилоҳоти ҳуқуқӣ дар санадҳои меъёрии мақомоти намояндагии маҳаллӣ аз аҳаммият холӣ нест. Чунин таҳлили илмӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқӣ буда, имкон медиҳад, ки сатҳи илмии санадҳои меъёрии мақомоти намояндагии маҳаллӣ, сатҳи шуури ҳуқуқии кормандони мақомоти намояндагии маҳаллӣ муайян карда шаванд. Аз ин хотир, зарур аст, ки бозомӯзии ҳуқуқии кормандони мақомоти намояндагии маҳаллӣ, аз ҷумла шинос намудани онҳо бо қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ба роҳ монда шавад.

Дар ҳалли ин вазифа аз таҷрибаи Россия истифода намудан мумкин аст. Чунончи, кормандони филилали Институти давлат ва ҳуқуқи Академиияи илмҳо дар ш. Саратов ва Академияи давлатии ҳуқуқи Саратов ташкили маркази коркарди модели сиёсати ҳуқуқии маҳаллиро

ба накша гиифтаанд. Дар назар аст, ки ин марказ фаъолияти илмӣ-таҳқиқотӣ, экспертӣ, иттилоотӣ, мушовиратро ба уҳда мегирад [353, с. 13-14].

Ҷавҳари илми сиёсати ҳуқуқиро «дониши тахассусӣ оид ба таҳия ва интишори санадҳои ҳуқуқӣ (қоидаҳои меъёрэҷодкунӣ), қоидаҳои мураттабсозии ҳуқуқ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Барои баланд бардоштани сатҳи ташкили ҳуқуқэҷодкунӣ ва баланд бардоштани самаранокии натиҷаҳои он коркарди ҳаматарфа ва истифодаи қоидаҳои техникаи қонунгузорӣ бо дарназардошти дастовардҳои илми ҷаҳонӣ аҳаммияти муҳим дорад. Коркарди нокифояи ин қоидаҳо дар бештари мавридҳо татбиқи дурусти меъёрҳоро душвор мегардонад, асосҳои тариботи ҳуқуқиро халалдор месозад» [155, с. 150].

Сиёсати ҳуқуқӣ зимни ҳалли масъалаҳои стратегӣ донишҳои илмҳои дигарро истифода мебарад. Чунончи, донишҳои ҷомеашиносӣ барои мутобиқ намудани ақидаҳои илмӣ ба воқеият метавонад хизмат намояд ва аз ин лиҳоз, дар илми сиёсати ҳуқуқӣ бояд истифода шаванд. Ба андешаи В.А. Бачинин: «Ҷомеа аз нуқтаи назари ҷомеашиносии ҳуқуқӣ низоми мураккаб буда, бо он ҳуқуқ алоқаи зич дорад. Ҳуқуқ баҳри инкишофи муътадили худ ин алоқаро бояд инъикос намояд. Аз ин хотир, ҷомеашиносии ҳуқуқӣ дар ин ҳолат ба сифати низоми ҳуқуқии мустақил баромад намуда, дониши илмиро оид ба ҷомеа, ки ба он одамон эҳтиёҷ доранд ва инкишофи муътадили институтҳо ва механизмҳои ҳуқуқиро таъмин мекунанд, ташаккул медиҳад» [68, с. 31].

Бо мақсади ҳосил намудани дониши амиқ оид ба асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқӣ як қатор асосҳоеро муайян намудан зурар аст, ки тавассути онҳо унсурҳои илми сиёсати ҳуқуқӣ мураттаб мегарданд. В.В. Трофимов асосҳои зеринро ҷудо мекунад: а) соҳаи иҷтимоии истифодаи дониши илмӣ, ки бо онҳо фаъолияти самараноки низоми ҳуқуқӣ алоқаманд аст, ба мисли иқтисодиёт, сиёсат, ҳаёти иҷтимоӣ, таҳсилот, тандурустӣ, экология, нақлиёт; б) мушкилоти соҳаи ҳуқуқ, ки ҳалли

худро талаб мекунанд, ба мисли аз байн бурдани натиҷаҳои бесамари низоми ҳуқуқӣ; ҳалли вазифаҳои ҷории соҳаи ҳуқуқтатбиқкунӣ; пешгӯӣ намудани тағйироти имконпазири соҳаи иқтисодӣ, иҷтимоӣ-сиёсӣ ва дигар, ки метавонанд ба низоми ҳуқуқӣ таъсир расонанд; ба нақша гирифтани қарорҳои ҳуқуқӣ, ки ба такмили низоми ҳукуқӣ кумак мекунанд; в) давраҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ – асосҳои илмии ҳуқуқэҷодкунӣ; асосҳои илмии амалӣ гаштани ҳуқуқ; асосҳои илмии ҷомеагардии қарорҳои ҳуқуқӣ (ҷомеагардии соҳавӣ) ва иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ (ҷомеагардии субъективӣ); г) мӯҳлатҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ – асосҳои илмии қабули қарорҳои ҳуқуқии фаврӣ; асосҳои илмии қабули қарорҳои ҳуқуқии стратегӣ [232, с. 150-151].

Бояд гуфт, ки илми ҳуқуқшиносӣ пештар ҳам ба истифодаи усулҳои сотсиологӣ (ҷомеашиносӣ) таваҷҷуҳ зоҳир менамуд. Аммо дар шароити имрӯзаи инкишофи ҷомеа, дигаргун гаштани сохти ҳаёти иҷтимоӣ, аз ҷумла ташаккули гурӯҳҳои нави иҷтимоии аҳолӣ ба инобат гирифтани омилҳои иҷтимоии ташаккули ҳуқуқ аҳаммияти муҳим дорад. Дар робита бо ин, таҳлилҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ ба мадди аввал мебарояд. Тавре И.В. Михайловский менависад: «Ҳаёти ҳуқуқӣ қисми таркибии ҳаёти иҷтимоӣ мебошад» [169, с. 38].

Ҳуқуқэҷодкунӣ, ки яке аз шаклҳои фаъоли сиёсати ҳуқуқӣ мебошад [155], амалӣ гаштани ду функсияи муҳимро талаб мекунад: 1) функсияи инъикоси паҳлуҳои ҷудогонаи ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ; 2) функсияи инъикоси равандҳои имконпазири ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ [126, с. 101].

Ҳангоми инъикоси ҳаёти иҷтимоии ҳуқуқӣ дар навбати аввал манфиатҳо ба инобат гирифта мешаванд. Ба инобат гирифтани манфиатҳои ҳаёти иҷтимоӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ба инъикоси табиати иҷтимоии ҳуқуқ мусоидат мекунад. Ба ақидаи В.В. Субочев, вобастагии ҳуқуқ аз ҳаёти иҷтимоӣ дар он ифода меёбад, ки механзимҳои

дар давлат муқарраршуда дар робита бо сатҳи ифодаи ҳуқуқии манфиатҳои шахс, ҷомеа ва давлат истифода мешаванд [455, с. 61].

Аммо на ҳамаи манфиатҳо, балки манфиатҳое, ки аҳаммияти ҳуқуқӣ доранд, дар ҳуқуқ инъикос карда мешаванд. Ба андешаи В.В. Трофимов, «кӯшиши инъикоси бисёре аз манфиатҳои иҷтимоӣ, ки табиати ғайриҳуқуқӣ доранд, метавонад ба натиҷаи манфӣ орад» [232, с. 153]. Ба андешаи Н.Н. Вопленко, дар ин ҳолат «танзими ҳуқуқӣ аз ҳад мегузарад», ҳуқуқ беандоза ба ҳаёти иҷтимоӣ дахолат мекунад [88, с. 83].

Хусусияти муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки он «манфиатҳои муҳимтарини гурӯҳҳо, табақаҳо, синфҳои иҷтимоӣ ва умуман ҷомеаро  ифода мекунад» [393, с. 184]. Дар ин ҳолат манфиатҳои иҷтимоӣ, ки аз дигар манфиатҳо ҷудо карда мешаванд, объекти танзими ҳуқуқиро ташкил медиҳанд.

Вазифаи асосии усули нави ҷомеашиносии ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҳангоми инъикоси манфиатҳои иҷтимоӣ дар ҳуқуқ имконияти аз ҳам ҷудо намудани манфиатҳои умумӣ ва манфиатҳои хусусӣ таъмин карда мешавад. Дар ин ҳолат манфиатҳои умумӣ, яъне манфиатҳои гурӯҳҳои иҷтимоӣ, манфиатҳои кулли ҷомеа ва манфиатҳои шахс ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи А. Нашитс, дар ин ҳолат қонун бо дарназардошти мақсади ҳимояи муносибатҳои бамиёномада аз тарзҳои қонеъ гардонидани манфиатҳои фард дар ҳолатҳои мушаххас истифода мебарад, давлат бошад, «таҷрибаи бамиёномадаро дар қонун инъикос мекунад» [215, с. 16].

А. Нашитс зимни таҳлили илмии робитаи ҳуқуқ бо омилҳои иҷтимоӣ ду намуди омилҳои иҷтимоиро ҷудо мекунад: якум, омилҳое, ки ба ҳукуқ таъсир мерасонанд, дуюм, омилҳое, ки ба институтҳои гуногуни ҳуқуқ таъсир мерасонанд. Ин ақида аз он хотир пешниҳод мешавад, ки намудҳо ва андозаи амали ҳуқуқии инсон дар муносибатҳои гуногуни хусусӣ ва дар институтҳои ҳуқуқ гуногун аст [176, с. 54-55].

Як қатор олимон ғояҳои ҳуқуқиро шакли ифодаи манфиатҳо мешуморанд. Ба андешаи А.И. Экимов, манфиатҳое, ки дар ғояҳои ҳуқуқӣ инъикос мегарданд, бояд бо ду усул омӯхта шаванд: 1) дар сатҳи микротаҳлил; 2) дар сатҳи макротаҳлил [248, с. 23].

Тавре мушоҳида мешавад, сиёсати ҳуқуқӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи бевосита дорад. Олимон зимни таҳлили сиёсати ҳуқуқӣ паҳлуҳои гуногуни он, аз ҷумла фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро меомӯзанд. Ин далели он аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самт ва шакли асосии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқӣ маҳз дар ҳолати ифода гардиданаш дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ пайдо мекунад, чунки ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад.

Аҳаммияти сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он зоҳир мешавад, ки қарорҳои ҳуқуқӣ, ғояҳои ҳуқуқӣ, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шакли ифодаи манфиатҳои иҷтимоии ҷомеа, гурӯҳҳои гуногуни иҷтимоии аҳолӣ ва шахс буда, ба қонеъ гардидани ин манфиатҳо мусоидат мекунад. Дар ҳалли ин вазифа маҳз сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда дорад, чунки барои ифодаи манфиатҳои иҷтимоӣ имкониятҳои зиёд дорад. Илова бар ин, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шакли ифодаи ҳуқуқии (расмии) манфиатҳои ҷомеа, гурӯҳҳои ҷудогонаи аҳолӣ ва шахс, аз он ҷумла манфиатҳои иштирокдорони муносибатҳои хусусӣ буда, татбиқи санадҳои меъёрӣ бо қонун ва тадбирҳои давлатӣ кафолат дода мешавад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли асосии ифода, таъмин ва кафолати манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусии ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ва шахс мебошад. Дар шароити рушди муносибатҳои хусусӣ, бахши хусусӣ, муносибатҳои бозорӣ, вусъат ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ маҳз сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имконият медиҳад, манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусӣ дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда шаванд. Айни замон самаранокии танзими ҳуқуқии

муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусӣ таъмин карда мешавад.

Тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити имрӯзаи эъмори давлати ҳуқуқбунёд, вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол аҳаммияти муҳим дорад.

Дар шароити кунунии Тоҷикистони соҳбистиқлол таъмини ваҳдати миллӣ, якпорчагии ҳудуди кишвар, истиқлолияти давлатӣ, ҳифзи музаффариятҳои истиқлолияти давлатӣ аз ҷумлаи вазифаҳои аввалиндараҷа маҳсуб мешаванд. Ин меъёр дар матни Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифода гашта, бори дигар аз он шаҳодат медиҳад, ки ҳимояи манфиатҳои миллӣ вазифаи аввалиндараҷаи ҷомеа, одамон ва давлат мебошад. Таъмини ваҳдати миллӣ, ҳимояи он аз равандҳои иғвогарона вазифаи муҳимтарин мебошад. Ваҳдати миллӣ заминаи ҳалли ҳамаи дигар вазифаҳои давлат ва ҷомеа мебошад. Танҳо дар ҳолати ҷой доштани ваҳдати миллӣ, тақвияти бештар пайдо намудани ҳисси миллӣ, худшиносии миллӣ барои ҳалли бомуваффақияти ҳамаи дигар вазифаҳои давлат ва ҷомеа шароити мусоид фароҳам оварда мешавад. Аз ин рӯ, дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таъмини ваҳдати миллӣ ва ҳимояи манфиатҳои миллӣ яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Дар шароити имрӯза сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ унсури зарури марҳилаи нави инкишофи таърихӣ мебошад. Ҳаёти имрӯзаи ҷомеа ва давлатро бе сиёсати ҳуқуқӣ наметавон тасаввур кард. Ҳоло сиёсати ҳуқуқӣ ҷузъи ҳаёти ҷомеа, одамон ва давлат мебошад. Дар ҳолате, ки Ҷумҳурии соҳибистиқлоли Тоҷикистон тибқи м. 1 Конститутсия давлати ҳуқуқбунёди демократӣ эълон шудааст, нуфузи ҳуқуқ, нақши он дар пешрафти ҳаёти ҷомеа, танзими муносибатҳои нави ҷомеа, амалӣ гаштани ислоҳоти ҷомеа меафзояд. Дар ҳалли вазифаҳои ҳаётан муҳим дар соҳаи таъмини волоияти қонун, боло бурдани нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар танзими муносибатҳои

ҷамъиятӣ маҳз сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ саҳми асосӣ дорад. Аз ин хотир, тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа ва талаботи нави замона вазифаи аввалиндараҷа буда, барои болоравии нуфузи ҳуқуқ дар давлати ҳуқуқбунёд мусоидат мекунад.

Тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ талаб мекунад, ки тамоми захираҳои ҳуқуқӣ дар бахши ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, таҳқиқоти илмии ҳуқуқӣ муттаҳид карда шаванд. Ин омили муҳимми ҳалли масъалаҳои ҳуқуқӣ мебошад, ки дар рафти инкишофи ҳаёти ҷомеа ба миён меоянд. Ба ибораи дигар, тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ зимни таҳқиқоти фаъоли илмии ҳуқуқӣ, такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳукуқ, тафсири ҳуқуқӣ имконпазир мегардад. Натиҷаи ниҳоии тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ имкони ҳалли масъалаҳои ҳуқуқии имрӯза ва стретегӣ мебошад.

Бо Фармони Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон аз 6- уми феврали соли 2018 Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 тасдиқ карда шуд [56]. Тибқи Фармони мазкур Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон якҷо бо Прокуратураи генералии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Академияи илмҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Донишгоҳи миллии Тоҷикистон ҷиҳати таъмини иҷрои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 ҳар ду сол нақшаи чорабиниҳоро таҳия намуда, ба Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон барои тасдиқ пешниҳод менамоянд. Мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳои дахлдор иҷрои муқарраротиКонсепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028-ро бояд таъмин намоянд. Ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва ташкилоту муассисаҳо ҷиҳати амалӣ намудани муқаррароти Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-

2028 ва назорати иҷрои он ба Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон вогузор карда шудааст.

Тибқи Консепсияи мазкур сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бо истифода аз чораҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, ташкилӣ, мафкуравӣ ва ҳуқуқӣ бо мақсади танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ ва инкишофи минбаъдаи онҳо роҳандозӣ мешавад. Унсурҳои асосии сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистонро стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои татбиқи ҳуқуқ ташкил медиҳанд. Сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо самтҳои асосии сиёсати давлат амалӣ гардида, заминаи ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва самтҳои дигари сиёсати давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистонро ташкил медиҳад [29].

Мутобиқи банди 1-уми Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 саъю кӯшиш ба натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он яке аз омилҳое мебошад, ки зарурати қабули Консепсияро талаб мекунад. Тавре дар матни банди мазкур зикр мешавад, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои қабулгашта, на ҳама вақт самаранок амал менамоянд. Дар натиҷа ҳадафҳои дар назди онҳо ҳангоми қабул гаштанашон гузошташуда иҷро намегарданд, ки боиси ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ё дар таҳрири нав қабул кардани онҳо мешаванд. Аз ин ҷо дар оянда зарурати таъмини натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва устувории он ба миён меояд.

Илова бар ин, дар банди мазкури Консепсия қайд карда мешавад, ки таркиби қонунгузорӣ мураккаб ва гуногунҷабҳа буда, дар он мухолифат, номутобиқатӣ ва камбудӣ ҷой дошта метавонанд. Аз ин хотир, бартараф намудани ихтилофу номутобиқатӣ байни қонунҳо, инчунин қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун масъалаи муҳимми фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф мешавад. Ҳамчунин, дар Консепсия зарурати такмили қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон,

такмил ва татбиқи якхелаи забон ва ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳамчун самти афзалиятноки такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пешбинӣ мешавад.

Ҳамин тариқ, бо қабули Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд. Тавре аз матни Консепсия бармеояд, ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти муҳимми сиёсати ҳуқуқӣ эътибори ҷиддӣ дода мешавад, чунки ҳалли вазифаҳои мубрам дар соҳаи таъмини сифати қонун, пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими самараноки ҳуқуқӣ, риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, таъмини асосҳои ҳуқуқии сиёсати иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигари давлат дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имконпазир аст.

Дар натиҷаи таҳқиқоти гузаронидашуда хулосаҳои зерин пешниҳод мешаванд:

1. Сиёсати ҳуқуқӣ – фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, бевосита шаҳрвандон мебошад, ки дар заминаи ғояҳои ҳуқуқӣ, барномаҳо, дастовардҳои илмӣ, ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат, бо истифодаи воситаҳои таъсиррасонии муташаккилона ба муносибатҳои ҷамъиятӣ, дар доираи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ ва стратегияи рушди ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли афзалиятноки амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ буда, тартибу интизомро дар ҳаёти ҷомеа таъмин мекунанд.

3. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди мустақил ва самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки вазифаҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 дар соҳаи пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, истифодаи дурусти истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла истилоҳоти давлатӣ, таъмини ягонагии низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳз дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳалли худро

меёбанд. Дар иҷрои ин вазифаҳо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда дорад, чунки воситаи идоракунии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ буда, тавассути маҷмуи тадбирҳои идеологӣ, ташкилӣ, иттилоотӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, илмӣ ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳамаи давраҳои он таъсири муташаккилона расонида метавонад. Ҳамчунин, дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути усулҳои банақшагирӣ ва пешгӯӣ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад.

4. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мубрами сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки имконияти пешгӯӣ намудани рушди низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузориро дорад. Ин имконияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити рушди ҷомеаи иттилоотӣ, гузаштани ҷомеа ба давраи рақамигардонӣ ва истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад.

## 1.2. Мустақилият ва аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо сиёсати ҳуқуқӣ сурат мегирад. Дар давраи дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, инкишофи равандҳои нави сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи илми ҳуқуқшиносӣ ба масъалаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ меафзояд. Маҳз дар ҳамин давра сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи нави ҳаёти ҳуқуқӣ ташаккул меёбад [60], [153].

Дар асарҳои илмӣ ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Тавре А.П. Коробова менависад: «Ҳуқуқэҷодкунӣ дар баробари ҳуқуқтатбиқкунӣ ва тарбияи ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ мебошад» [519, с. 7-8].

А.В. Малко шаклҳои зерини амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқиро ҷудо мекунад: 1) ҳуқуқэҷодкунӣ; 2) татбиқи ҳуқуқ; 3) тафсири ҳуқуқ; 4) илмӣ (доктриналӣ); 5) таълими ҳуқуқӣ.

Ба ақидаи Н.В. Исаков ва А.П. Мазуренко, сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, дар шакли ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад [107, с. 23].

Аҳаммияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ дар он аст, ки ҳадафҳои танзими ҳуқуқӣ тавассути қабул ва амалӣ гардидани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ татбиқ мегарданд. Чунончи, ба ақидаи А.П. Коробова, дар ҳолати амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқӣ дар шакли ҳуқуқэҷодкунӣ сиёсати давлат дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ ба ҳадафҳои худ мерасад [519, с. 124-125].

Маҳз дар натиҷаи татбиқ гардидани меъёрҳои ҳуқуқ маълумоти кофӣ оид ба самаранокии сиёсати ҳуқуқӣ ба даст меояд. Самаранокии танзими ҳуқуқӣ нишондиҳандаи сифати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Аз ин хотир, олимон ҳуқуқэҷодкуниро шакли аввалиндараҷаи амалигардии сиёсати ҳуқуқӣ мешуморанд.

О.Ю. Рибаков қайд мекунад, ки ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун шакли муҳимми амалигардии сиёсати ҳуқуқӣ мутлақ гардонидан мумкин нест. Муаллиф ин ақидаашро бо он исбот мекунад, ки ҳама гуна қарорҳое, ки дар раванди амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ қабул мешаванд, бе татбиқи меъёрҳои ҳуқуқ натиҷаи дилхоҳ намедиҳанд [409, с. 9].

Бо ин ақидаи О.Ю. Рибаков розӣ шуда наметавонем, чунки сухан на оид ба мутлақ гардонидани ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ, балки эътирофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ меравад. Аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо шаклҳои дигари амалигардонии сиёсати ҳуқуқӣ дар он аст, ки дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешавад, ҳадафҳо ва вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои солҳои наздик ва минбаъда муайян карда мешаванд.

Хусусияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки дар ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати мазкур давлат ва мақомоти дахлдори он, пеш аз ҳама, мақомоти

давлатии ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд, чунки таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти манфиатҳои давлат ба роҳ монда мешавад. Айни замон дар ҷомеаи демократӣ сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҷалби аҳли ҷомеа ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои муҳим ба роҳ монда мешавад.

Ба ақидаи С.В. Поленина, мақомоти давлатӣ субъекти аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Тавре муаллиф қайд мекунад, «маҳз мақомоти ҳокимияти давлатӣ сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд, сиёсати мазкур, сарфи назар аз иштироки субъектони дигар, ҳамеша ҳамчун сиёсати давлатӣ баромад мекунад» [392, с. 184].

Ин ақида қобили қабул нест, чунки дар баробари мақомоти давлатӣ дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ доираи васеи субъектон иштирок мекунанд. Шаҳрвандон тавассути раъйпурсии умумихалқӣ дар қабули қонунҳо бевосита иштирок мекунанд. Имконияти қабули қонунҳо дар раъйпурсии умумихалқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад [13]. Шаклҳои дигари иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла иштирок дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин дар Тоҷикистон аллакай истифода шудаанд. Илова бар ин, муассисаҳо ва ташкилотҳое, ки тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф намешаванд, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун иштирокчии фаъоли раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми қабул ва тағйири Конститутсия, қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ, дар муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо иштирок мекунанд. Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ иштирокчии фаъоли ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд.

Ин ақидаро олимони дигар низ ҷонибдорӣ мекунанд. Чунончи, ба ақидаи Е.С. Селиванова, мақомоти давлатӣ, қувваҳои гуногуни сиёсӣ, ниҳодҳои сиёсӣ субъекти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд [436, с. 143].

А.П. Мазуренко сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти субъектони он ба намудҳои зерин ҷудо мекунад: сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии вогузоршуда; сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки шаҳрвандон. Аз ин ҷо ӯ ба хулоса меояд, ки доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, айни замон доираи ин субъектон аниқ нест, чунки «субъектони дигар низ метавонанд, ки ба ташаккули сиёсати мазкур таъсир расонанд, дар амалӣ гардидани он иштирок намоянд» [332, с. 25].

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аниқ карда шудааст. Аз ин хотир, ҷудо намудани мафҳумҳои субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мувофиқи мақсад аст. Доираи субъектони салоҳиятдори фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар қонун муайян карда шудааст ва аз ин хотир, номаҳдуд буда наметавонад. Вале дар муҳокимаҳои лоиҳаҳои қонунҳо доираи васеи аҳли ҷомеа, воситаҳои ахбори омма, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ бевосита иштирок мекунанд. Илова бар ин, ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ олимон, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, коршиносон, экспертҳо ҷалб карда мешаванд.

Доираи васеи шаҳрвандон, ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ташкилоту муассисаҳо ҳангоми муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо ҳуқуқ доранд, ки таклифҳои худро пешниҳод намоянд. Ин салоҳият ба ташкилоту муассисаҳои гуногун, ҳизбҳо ва иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ низ дода шудааст. Хулосаҳо ва таклифҳои олимони ҷудогона, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ, экспертҳо ҳангоми такмили лоиҳаи қонун ба инобат гирифта мешаванд.

Барои ҳамин, шштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар натиҷаи амалӣ гардидани салоҳияти мазкур ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун самти сиёсати ҳуқуқӣ падидаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ буда, на танҳо дар эҷоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ нақши ҳалкунанда дорад. Сиёсати ҳуқуқӣ танҳо дар ҳолати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ эътибор пайдо мекунад. Тавре С.В. Поленина қайд мекунад, сиёсати ҳуқуқӣ тавассути ифода гардиданаш дар меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дастраси аҳолӣ мегардад [392, с. 185]. Айни замон муаллиф таъкид мекунад, ки «сиёсати ҳуқуқӣ, сарфи назар аз хусусиятҳо ва таърифҳои гуногун, ҳамчун сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷомеа дарк карда мешавад» [392, с. 190].

Аммо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз сиёсати ҳуқуқӣ фарқ дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Дар асарҳои илмӣ ба асоснок намудани мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ олимон таваҷҷуҳ зоҳир мекунанд. Чунончи, ба ақидаи А.П. Мазуренко, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақил ва мухтор мебошад, чунки, якум, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ёфта, амалӣ карда мешавад, асосҳои меъёрии ҳуқуқии онро муқаррар мекунад, дуюм, ба соҳаҳои ғайриҳуқуқии ҳаёти ҷомеа, ба мисли иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва дигар таъсири ҳалкунанда мерасонад, ба ҳалли вазифаҳои муҳимми давлатӣ дар ин соҳаҳо мусоидат мекунад [331, с. 95].

Тавре А.Р. Нематов қайд мекунад: «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз қисмҳои таркибии сиёсати ҳуқуқии давлат буда, ташаккули дуруст, оқилонаи асосҳои танзими меъёрӣ-ҳуқуқии амалигардии умуман сиёсати давлатро таъмин мекунад» [178, с. 93].

Мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он собит мегардад, ки вазифаҳои худро ҳал мекунад, ба принсипҳои худ такя дорад, тавассути тарзу усулҳои махсус амалӣ карда мешавад. Айни замон мустақилияти

сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба сиёсати ҳуқуқӣ нисбӣ аст, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди сиёсати ҳуқуқӣ мебошад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мураккаб мебошад, чунки аз тарафи субъектон ва иштирокчиёни гуногуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад ва аз ин хотир, намудҳои гуногун дошта метавонад. Чунончи, намудҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар иртибот бо субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба сиёсати қонунэҷодкунӣ (дар соҳаи қабули қонунҳо), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ (дар самти қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии локалӣ (дар соҳаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва ғайра ҷудо карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба принсипҳои худ такя дорад. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо принсипҳои умумии ҳуқуқ (илмият, касбият, баробарҳуқуқӣ ва дигар), ки айни замон принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ мебошанд, алоқамандӣ доранд. Аммо принсипҳои мазкур дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мазмуни дигар пайдо мекунанд, чунки ба мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тобеъ карда мешаванд. Чунончи, принсипи илмият ба ташаккули асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти таҳлили илмии талаботи танзими ҳуқуқӣ, муайян намудани дурнамои танзими ҳуқуқӣ дар заминаи дониши илмӣ мусоидат мекунад. Дар акси ҳол самаранокии танзими ҳуқуқӣ дир натиҷаи қабули меъёрҳое, ки ба талаботи воқеӣ ҷавоб намедиҳанд, таъмин карда намешавад. Бесабаб нест, ки таҳияи ҳама гуна қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи консепсияи қонун ба роҳ монда мешавад.

Зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо омилҳое, ки бо такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандӣ доранд, собит мегардад. Чунончи, ба ақидаи А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ роҳи такмили ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [355, с. 32].

Ба ақидаи Т.А. Золотухина, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар бар мегирад, балки аз мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» васеътар аст, чунки фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро идора мекунад, таҳияи консепсия, ғояҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад [298, с. 13].

Ба ақидаи Е.С. Селиванова, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба консепсияе, ки мақсадҳои раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва усулҳои таъсиррасониро ба раванди мазкур муайян мекунад, такя дорад [436, с. 141].

Тавре мушоҳида мешавад, олимон зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо таҳияи консепсияи он асоснок мекунанд. Сиёсати ҳуқуқӣ дар заминаи консепсия, ки афзалиятҳо, мақсадҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунад, амалӣ карда мешавад. Чунин консепсия дар Тоҷикистон низ қабул шудааст.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ зарурати таҳияи консепсияи онро талаб мекунад. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳуҷҷати доктриналӣ (илмӣ) мебошад, ки стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро барои ҳамаи субъектони он муайян мекунад [346, с. 74].

Аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он муайян мегардад, ки идоракунии ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро таъмин мекунад. Усулҳои гуногуни идоракунии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Дар байни онҳо нақши муҳимро усули ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ишғол мекунад. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои мутобиқ намудани раванди таҳия ва қабули қонунҳо ба ҳадафҳои стратегии рушди давлат ва танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ аҳаммият дорад [340, с. 151].

Тавре маълум аст, камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ сатҳи самаранокии танзими ҳуқуқиро паст мекунанд, метавонанд, ки ба манфиатҳои шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ зарар расонанд, боиси танзим

нашудани муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ гарданд. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ ба масъалаи пешгирии камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар бештари ҳолатҳо дар шакли саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ ё қонунэҷодкунӣ баромад мекунанд, таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Ҳамзамон бо ин, дар баробари сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар илм мафҳуми «сиёсати қонунэҷодкунӣ» таҳқиқ мешавад [389, с. 231], [335, с. 53].

Бо дарназардошти ҳолати зикршуда, А.П. Мазуренко пешгирии саҳви ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун вазифаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мепазирад. Айни замон масъалаи мазкур дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳалли худро наёфтааст. Аз ин хотир, А.П. Мазуренко зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо таҳқиқи масъалаи масъулияти ҳуқуқии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ барои роҳ додан ба саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ вобаста мекунад [337, с. 481].

Дар илм таклиф пешниҳод мешавад, ки барои дидаву дониста роҳ додан ба саҳви дағал дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ чораҳои ҷавобгарии ҳуқуқӣ барои кормандони мақоми қонунгузор, экспертҳое, ки дар экспертизаи лоиҳаи қонун иштирок намуда, хулоса додаанд, пешбинӣ карда шавад [325, с. 36].

Пешгирии саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳи пешбинӣ намудани роҳҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ҳалли худро ёфта метавонад. Аммо, ба ақидаи олимон, масъалаи масъулияти ҳуқуқии субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳоло ҳалли худро наёфтааст ва аз ин хотир, зарурати фаъол гардонидани таҳқиқи масъалаи масъулияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ барои роҳ додан ба саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ эҳсос мегардад [298, с. 15].

Зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он собит мегардад, ки заминаи танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Тавре А.Ю. Калинин қайд мекунад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз омилҳои такмили танзими ҳуқуқӣ мебошад, чунки «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мақсадҳои

муайяни худро дорад, дар заминаи принсипҳои муайян, аз ҷумла принсипҳои махсуси он, бо истифодаи шаклҳо ва усулҳои махсус амалӣ карда мешавад, барои ноил гардидан ба натиҷаҳои мушаххас, аз ҷумла ташаккули қонунгузории илман асоснок, ҳамоҳангшуда ва беихтилоф равона мешавад» [306, с. 31].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо истифодаи воситаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян мекунад. Дар раванди ташаккул ва амалигардии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имкониятҳои сиёсати ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ буда, тавассути воситаҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз сиёсати ҳуқуқтатбиқкунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқӣ, сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии экологӣ ва намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ бо он фарқ мекунад, ки дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на бо амалисозӣ, татбиқ ё тафсири ҳуқуқ, балки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, самти мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, аз тарафи дигар, падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад.

Илова бар ин, мустақилияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он муайян карда мешавад, ки падидаи мустақил ва айни замон мураккаби ҳуқуқӣ буда, аз унсурҳои муайян иборат аст. Унусурҳои таркибии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ инҳо мебошанд:

– стратегия ва тактикаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар иртибот бо стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад;

– ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

– пешгӯӣ намудани дурнамои рушди ҳуқуқэҷодкунӣ;

– мониторинги ҳуқуқӣ;

– техникаи ҳуқуқӣ;

– асосноккунии илмӣ;

– ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ;

– таъминоти экспертӣ ва методии ҳуқуқэҷодкунӣ.

Тавре мушоҳида мешавад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақил ва мураккаби ҳуқуқӣ буда, паҳлуҳои гуногун дорад. Ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ такмили ҳамаи унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро, ки болотар зикр гардиданд, талаб мекунад.

Ҳамзамон бо ин, унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамдигар алоқаманд мебошанд. Унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаҳои мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ буда, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ нақши худро иҷро мекунанд. Айни замон унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо дар ягонагӣ имкониятҳои васеи сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро таъмин карда метавонанд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳолати алоқамандӣ ва робитаи устувори байни унсурҳои таркибӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири самаранок расонида метавонад. Ташаккули низоми ягона ва муташаккили унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омили аввалиндараҷаи самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Афзалияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ дар он ифода меёбад, ки ҳамчун падидаи мураккаби ҳуқуқӣ аз маҷмуи унсурҳои муайян (падидаҳои мустақили ҳуқуқӣ) иборат буда, ҳар яке аз ин унсурҳо (ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, экспертизаи лоиҳаи қонун, мониторинги ҳуқуқӣ ва дигар) дар таъмини самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳим дорад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асосан бо такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини самаранокии ҳуқуқэҷодкунӣ, бо дарназардошти нақши ҳуқуқэҷодкунӣ дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «роҳи такмил ва навсозии ҳуқуқэҷодкунӣ, баланд

бардоштани самаранокии он мебошад. Ин намуди сиёсат барои ташаккули ҷараёни озод аз ихтилофот, ягона, мунтазами ҳуқуқэҷодкунӣ лозим аст» [342, с. 374].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ягонагии дохилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро таъмин мекунад. Ин вазифаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳи таъмини ҳамоҳангии фаъолияти ҳамаи субъектҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи мақсадҳо ва вазифаҳои умумии ҳуқуқэҷодкунӣ, мутобиқ намудани фаъолияти онҳо ба ҳадафҳои стратегии рушди ҷомеа ва давлат, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ иҷро карда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷараёни муттасил ва мунтазами ҳуқуқэҷодкуниро тавассути истифодаи воситаҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, экспертизаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги амалӣ гардидани санадҳои меъёрӣ, таъмини навгонии ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳи тағйиру иловаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда, омӯзиш ва ба инобат гирифтани талаботи тағйирёбандаи танзими ҳуқуқӣ таъмин мекунад.

Барои иҷрои самараноки вазифаҳои зикршуда пешбинӣ намудани тағйироти ҳаёти ҷомеа, инкишофи босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ, мониторинги ҳолати кунунии танзими ҳуқуқӣ зарур аст. Яке аз роҳҳои асосии ҳалли вазифаи мазкур ин истифодаи воситаҳои илмии пешгӯии дурнамои ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Пешгӯии дурнамои рушди ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи усулҳои махсуси илмӣ, дар доираи таҳқиқоти илмӣ, бо ҷалби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳангоми истифодаи усулҳо ва воситаҳои пешгӯии дурнамои рушди ҳуқуқэҷодкунӣ воситаҳои пешгӯиро, ки дар назария ва консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ пазируфта мешаванд, истифода намудан мумкин аст. Пешгӯии рушди ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо мақсадҳо ва вазифаҳои умумии пешгӯии илмӣ амалӣ карда мешавад. Пешгӯии илмӣ яке аз

вазифаҳои мубрами илми ҳуқуқшиносӣ буда, дар таҳқиқоти илмӣ, аз он ҷумла зимни таҳлили илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешавад. Ба ақидаи Н.И. Матузов ва А.В. Малко, пешгӯӣ намудан унсури ҳатмии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад [166, с. 33]. Пешгӯии илмӣ дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ истифода мешавад. Илова бар ин, усули мазкур дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақш ва аҳаммияти бештар пайдо мекунад, чунки рушди ҳуқуқэҷодкунӣ бидуни пешгӯӣ намудани равандҳои рушди ҷомеа, натиҷаҳои чашмдошти инкишофи қонунгузорӣ, натиҷаҳои ислоҳоти ҳуқуқӣ ғайриимкон аст.

Аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки он дар ташаккулу рушди низоми ҳуқуқ, низоми ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ нақши ҳалкунанда дорад. Инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва тамоми унсурҳои таркибии он, аз он ҷумла низоми қонунгузорӣ, соҳаҳо ва институтҳои ҳуқуқ дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сурат мегирад. Айни замон раванди мазкур такмили мунтазами фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба талаботи нави замона мутобиқ намудани онро дар шароити тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа талаб мекунад. Дар ҳалли ин вазифа сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки имконияти идора намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дорад, саҳми ҳалкунанда дорад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ солҳои охир таваҷҷуҳи бештари олимонро ба худ ҷалб мекунад. Таҳқиқи фаъоли паҳлуҳои гуногуни масъалаи мазур далели он аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи мубрами илми ҳуқуқшиносӣ буда, навгонии илмӣ дорад.

А.Ю. Калинин хусусиятҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад: 1) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омили сиёсӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ таъсири ҳалкунанда мерасонад; 2) дар амалӣ гардидани он субъектони гуногун, аз ҷумла вакилон ва кормандони мақомоти намояндагӣ, субъектони ташаббуси қонунгузорӣ, муассисаҳои илмӣ, шаҳрвандон иштирок мекунанд; 3) дар сатҳи гуногуни сохтори давлатӣ ва ҷамъиятӣ

амалӣ карда мешавад; 4) истифодаи захираҳои илмиро дар давраи омода намудани лоиҳаи қонунҳо ва дар давраи қабули онҳо пешбинӣ мекунад; 5) истифодаи усулҳои пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар заминаи гузаронидани таҳлили сотсиологӣ, мониторинги қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ, таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқиро дар назар дорад; 6) хусусияти низомнокӣ дошта, ба ташаккули низоми ягонаи қонунгузорӣ равона карда мешавад [306, с. 36].

Аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити вусъати робитаҳои хориҷии давлати Тоҷикистон, танзими ҳуқуқии доираи васеи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки дар доираи ташкилу фаъолияти иттиҳодияҳои нави байнидавлатӣ (Иттиҳоди Давлатҳои Мустақил, Созмони ҳамкории Шанхай ва дигар) пайдо мешаванд, баландтар мешавад. Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити инкишофи ҳамкориҳои байналмилалӣ ва минтақавӣ вазифаҳои зеринро иҷро мекунад: ба ҳолати беҳтар овардани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади қонеъ гардонидани талаботи нави ҳаёти ҷомеа; такмили қонунгузории ҷумҳурӣ бо мақсади мутобиқ намудани он ба принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ; таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор бо мақсади таъмини мутобиқати онҳо ба талаботи Ташкилоти Байналмилалии Савдо (ТБС); мониторинги доимии қонунгузории ҷумҳурӣ бо мақсади таъмини татбиқи созишномаҳо дар доираи ТБС; ҷорӣ намудани технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ [428, с. 87].

Ҳамин тариқ, таҳқиқоти гузаронидашуда имконият медиҳад, ки хулосаҳо ва нуктаҳои илмии зерин пешниҳод карда шаванд:

1. Вазъи мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар се сатҳ муайян карда мешавад: бо дарназардошти намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи мураккаб ва сохтории ҳаёти ҳуқуқӣ; дар робита бо вазъи

сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар низоми падидаҳои ҳаёти ҳуқуқӣ; бо дарназардошти таносуб бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ.

2. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, айни замон вазъи мустақили он дар таносуб бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ хусусиятҳои худро дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, идеологӣ, илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро, ки самти мустақил ва афзалиятноки сиёсати давлат мебошад, таъмин мекунад, бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккулу рушди низоми қонунгузорӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ (оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), ифодаи расмии ғояҳои ҳуқуқӣ, стратегияи танзими ҳуқуқӣ, пешгӯии рушди низоми қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад.

3. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ мебошад, чунки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ робита дорад, бо дарназардошти хусусиятҳо ва вазъи мустақили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун намуди афзалиятноки фаъолияти давлатӣ ва иҷтимоӣ, падидаи мустақили ҳаёти давлатӣ ва ҷамъиятӣ ташаккул ёфта, амалӣ карда мешавад.

4. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ берун мебарояд, чунки асосҳои илмӣ, дурнамои рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар заминаи ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ ва барномавии давлат, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи танзими ҳуқуқӣ муайян мекунад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳолатҳои зерин самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад:

1. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо намудҳо ва самтҳои дигари фаъолияти давлат афзалият дорад, чунки асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлат ва ҷомеаро муайян мекунад.

2. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи мураттабсозӣ, амалисозӣ, татбиқ, тафсири ҳуқуқӣ мебошад. Ҳамаи намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ дар заминаи натиҷаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешаванд.

3. Самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ кафолати самаранокии ҳамаи намудҳои дигари фаъолияти ҳуқуқӣ (татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқ ва ғайра) мебошад.

4. Ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳадафҳо ва вазифаҳои намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд.

### 1.3. Ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ (сиёсати ҳуқуқтатбиққунӣ, сиёсати тафсири ҳуқуқӣ, сиёсати ҳифзи ҳуқуқӣ ва дигар) бо соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад, дар соҳаи таҳия, қабул, интишор, амалигардии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Аз ин хотир, муайян намудани таносуби мафҳумҳои «ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «сиёсти ҳуқуқэҷодкунӣ» барои таҳқиқи ҳаматарафаи мафҳум, мақсадҳо, вазифаҳо, функсияҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти методологӣ дорад.

Тавре Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) қайд мекунад: «Сиёсати ҳуқуқӣ бо самтҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ – ҳуқуқэҷодкунӣ, татбики ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Барои ҳамин, таҳлили илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ, тафсири ҳуқуқӣ зарур аст. Таҳлили мазкур танҳо дар доираи таҳқиқи мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ, татбиқи ҳуқуқ, тафсири ҳуқуқӣ, ки категорияҳо ва мафҳумҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошанд, имконпазир мегардад» [429, с. 75].

Дар баробари мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» дар илм мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ», «муқаррар гардидани ҳуқуқ», «эҷоди ҳуқуқ» ва дигар истифода мешаванд, чунки ҳуқуқэҷодкунӣ раванди объективӣ буда, пеш

аз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ оғоз мегардад. Ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккули заминаҳои ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа дар робита бо талаботи объективӣ дар назар дорад.

Истилоҳи «ташаккули ҳуқуқ» ба миён омадани ғояҳои ҳуқуқиро пеш аз ифодаи онҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таъсири омилҳои субъективӣ ва объективиро ба ташаккули ҳуқуқ дар назар дорад [195, с. 277].

А.Б. Венгеров ҳуқуқэҷодкуниро бо мақсади муайян намудани хусусиятҳои фарқкунандаи он дар таносуб бо пайдоиши ҳуқуқ меомӯзад. Тафовути онҳо бо он муайян карда мешавад, ки пайдоиши ҳуқуқ дар шароити гузариши одамон аз хоҷагии азхудкунанда ба истеҳсолкунанда пайдо шуда, ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити ҳуқуқи аллакай амалкунанда ба роҳ монда мешавад, барои инкишофи минбаъдаи ҳуқуқ мусоидат мекунад [78, с. 476-477].

К.Н. Дмитриевсев қайд мекунад, ки қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти талаботи ҷомеа сурат мегирад, чунки мақсади асосии ҳуқуқэҷодкуниро бо ҳамдигар мутобиқ намудани иродаи гурӯҳҳои гуногуни ҷомеа ташкил медиҳад [515, с. 3].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, ҳуқуқэҷодкунӣ давраи ниҳоии раванди ташаккули ҳуқуқ мебошад ва дар ин давраи ниҳоӣ меъёрҳои ҳуқуқӣ қабул, тағйир ва бекор карда мешаванд [151, с. 57].

В.С. Нерсесянс ба ҷойи истилоҳи «ҳуқуқэҷодкунӣ» истилоҳи «муқарраршавии ҳуқуқ»-ро истифода намуда, онро чунин шарҳ медиҳад: «шакли фаъолияти давлатӣ мебошад, ки бо ифодаи расмӣ ва мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқ, ки дар навбати худ мазмуни меъёрӣ-ҳуқуқии ҳамаи сарчашмаҳои амалкунандаи ҳуқуқи позитивиро ташкил медиҳанд, алоқаманд аст» [181, с. 418].

Ба ақидаи В.С. Нерсесянс, ба раванди «муқарраршавии ҳуқуқ» омилҳои зерин таъсир мерасонанд: сатҳи инкишофи халқ, ҷомеа, давлат; навъу шаклҳои таърихан ташаккулёфтаи давлат; таҷриба ва анъанаҳои

ҳаёти давлативу ҳуқуқии халқ; сатҳи фарҳанги сиёсӣ ва ҳуқуқии аҳолӣ; вазъи иҷтимоиву сиёсӣ ва маънавии ҷомеа; сатҳи пешрафти назарияи илмӣ-ҳуқуқӣ [181, с. 419].

Ба ақидаи С.С. Алексеев, «ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти мақомоти ваколатдор мебошад, ки дар натиҷаи он нуктаҳои муайян тавассути қонун ё дигар сарчашмаҳо эътибори меъёрҳои ҳуқуқиро пайдо мекунанд ва дар шакли меъёрҳои ҳуқуқи хаттӣ баромад мекунанд» [61, с. 434].

Ба ақидаи як қатор олимон, ташаккули ҳуқуқ ҳамчун раванди объективӣ ташаккул ва паҳн шудани ғояҳои ҳуқуқиро дар дохили ҷомеа дар назар дорад. Дар заминаи ҳамин ғояҳо минбаъд фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад. Чунончи, ба ақидаи А.В. Митскевич, А.С. Пиголкин ва олимони дигар ташаккули ҳуқуқ бо ҳуқуқэҷодкунӣ робита дошта, айни ташаккули ғояҳои ҳуқуқии ҷомеаро дар назар дорад [170, с. 72].

Ба ақидаи Н.А. Власенко, ташаккули ҳуқуқ раванди табиӣ-таърихӣ буда, дар доираи таҳлил ва баҳогузории воқеияти ҳуқуқӣ давом мекунад ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад [84, с. 234].

Д.А. Керимов ҳуқуқэҷодкуниро бо омилҳои ҳаёти воқеӣ алоқаманд мекунад. Ин омилҳо «моҳияти ин ё он меъёри ҳуқуқ, мазмун ва шакли он, мавқеи онро дар низоми ҳуқуқ, соҳа ва институти ҳуқуқ, нақши онро дар ҳаёти ҷомеа муайян мекунанд» [127, с. 90].

Тавре мушоҳида мешавад, дар илм мафҳумҳои «ташаккули ҳуқуқ» ва «эҷоди ҳуқуқ» фарқ карда мешаванд. Мафҳуми «ташаккули ҳуқуқ» дар илми ҳуқуқии шуравӣ истифода шуда буд. Чунончи, И.Я. Дюрягин ташаккули ҳуқуқро зинаи аввали эҷоди ҳуқуқ мешуморад. Худи ташаккули ҳуқуқро ӯ ба ду зина ҷудо мекард: «1) пайдоиши талаботи иҷтимоию иқтисодӣ ва синфию сиёсии танзими ҳуқуқӣ, ташаккули шуури ҳуқуқии халқ ва иродаи давлатӣ (раванди объективӣ); 2) эҷоди ҳуқуқ (раванди бошууронаи иродавӣ)». Ташаккули ҳуқуқ ҳамчун раванди объективии ташаккули ҳуқуқ, ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, ҳамчун

раванди бошууронаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад [196, с. 330].

А.Р. Нематов омилҳои объективӣ ва субъективии ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо намуда, ба омилҳои иҷтимоӣ, ки дар заминаи онҳо раванди ташаккули ҳуқуқ сурат мегирад, омилҳои иқтисодӣ, демографӣ, ҷуғрофӣ, сиёсӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-фарҳангӣ, миллӣ, байнимиллиро дохил мекунад [178, с. 65].

Ин ақидаро А.В. Малко, В.К. Бабаев ва олимони дигари пасошӯравӣ низ эътироф мекунанд. Онҳо ташаккули ҳуқуқро ҳамчун раванди объективии ташаккули талабот оид ба зарурати қабули меъёри ҳуқуқ, ҳуқуқэҷодкуниро бошад, ҳамчун фаъолияти иродавӣ оид ба қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ шарҳ дода, аз ҳамдигар ҷудо мекунанд [183, с. 304].

Дар робита бо ин мафҳумҳо таърифи мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад. Чунончи, ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «раванди дарку баҳогузории талаботи ҳуқуқии ҷомеа ва давлат, қабули санадҳои ҳуқуқӣ аз тарафи субъектони муайяни ваколатдор дар доираи расмиёти дахлдор» шарҳ дода мешавад [182, с. 157].

Ба ақидаи А.С. Пиголкин, ҳуқуқэҷодкунӣ «шакли фаъолияти давлатӣ мебошад, ки ба эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ, такмили минбаъда, тағйир ва бекор намудани онҳо равона карда мешавад» [385, с. 314]. Ӯ қайд мекунад, ки вазифаи асосии ҳуқуқэҷодкунӣ қабули меъёрҳои нави ҳуқуқ буда, тағйир додан ва бекор намудани онҳо вазифаи иловагӣ мебошад.

О.И. Сибулевская қайд мекунад, ки эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ дар робита бо талаботи объективӣ сурат гирифта, раванди субъективӣ шуда наметавонад. Ба андешаи ӯ, давраи ибтидоии ҳуқуқэҷодкунӣ бо муайян намудани талаботи танзими ҳуқуқӣ, таҳлили омилҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, маънавие, ки асоси қарори қонунэҷодкуниро ташкил

медиҳанд, алоқаманд аст. Ҳолати мазкур сифати меъёрҳои ҳуқуқии қабулшавандаро таъмин мекунад [483, с. 13].

Ба ақидаи С.В. Поленина, ҳуқуқэҷодкунӣ – «фаъолияти расмии давлат оид ба муайян намудани талаботи танзими меъёрӣ-ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ ва эҷоди меъёрҳои нави ҳуқуқ, тағйир ва қатъи меъёрҳои амалкунанда дар иртибот бо ин талабот мебошад» [188, с. 48].

Дар мафҳуми зикршуда ҳам ташаккули ҳуқуқ ва ҳам эҷоди ҳуқуқ ба инобат гирифта мешаванд. Ин мафҳум аз мафҳумҳои анъанавии ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ мекунад.

Дар ин замина нуқтаи назари иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад. Дар доираи он омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ ва дигар, ки ба ташаккул ва эҷоди ҳуқуқ таъсир мерасонанд, ба инобат гирифта мешаванд. Дар натиҷа ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун раванди эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ шарҳ дода мешавад. Айни замон раванди мазкур аз давраи ташаккули ғоя оид ба эҷоди меъёри ҳуқуқ бо дарназардошти ошкор гаштани талаботи танзими ҳуқуқии муносибатҳои дахлдори ҷамъиятӣ оғоз гардида, то қабул ва мавриди амал қарор додани онҳо давом мекунад [197].

Бо дарназардошти пешниҳоди мафҳуми васеи ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи нуқтаи назари иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар илм ба омӯзиши омилҳои гуногуни иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигари таъсирбахш ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Чунончи, ба ақидаи Д.А. Керимов, пеш аз қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ аввал омилҳои дар ҷомеа ташаккулёфтаи ҳуқуқҷодкунӣ, манфиатҳои гурӯҳҳои алоҳидаи одамон, таносуби меъёри қабулшаванда бо меъёрҳои пештар амалкунанда, бо меъёрҳои ҳуқуқи хориҷӣ, бо низоми ҳуқуқ муайян ва таҳлил карда мешавад [124, с. 23].

Дар баробари мафҳуми «ташаккули ҳуқуқ», ки мафҳуми анъанавии илмӣ мебошад, бо мақсади таҳқиқи ҳуқуқэҷодкунӣ мафхуми «механизми иҷтимоии ҳуқуқэҷодкунӣ» истифода мешавад. Бо мафҳуми зикршуда

маҷмуи падидаҳо ва равандҳое, ки таъсири омилҳои иҷтимоиро ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва мазмуни меъёрҳои ҳуқуқ муайян мекунанд, ифода карда мешавад [191, с. 47].

Ба ақидаи Е.Г. Лукянова, механизми иҷтимоии ҳуқуқэҷодкунӣ амали бо ҳам мувофиқи омилҳои иҷтимоиро бо дарназардошти мақсадҳои иҷтимоии ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад. Муайян намудани омилҳои иҷтимоиро ӯ кафолати ташаккулу такмили низоми ҳуқуқӣ мешуморад [327, с. 161].

Омилҳои иҷтимоӣ (воқеӣ, ҳаётӣ) ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Муайн намудани маҷмуи ҳамаи омилҳои иҷтимоӣ заминаи мукаммал будани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии босифат мебошад. Барои ҳамин, ба таҳлили омилҳои иҷтимоии ҳуқуқэҷодкунӣ олимон таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Як қатор асарҳо, ки дар давраи шуравӣ нашр шудаанд, имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ медоранд [187], [130]. Бо дарназардошти тағйири ҳаёти ҷомеа солҳои охир асарҳои нави илмӣ оид ба ин масъала нашр шудаанд [96, с. 163], [308, с. 25], [328, с. 161], [439, с. 67], [503, с. 86].

Дар асарҳои илмӣ таснифи омилҳои таъсиргузор ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад. Чунончи, дар асарҳои М.Н. Марченко., А. Нашитс ва дигарон омилҳои ташаккули ҳуқуқ ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: 1) омилҳое, ки бо муҳити табиӣ алоқаманд мебошанд (биологӣ, иқлимӣ, демографӣ, ҷуғрофӣ ва дигар); 2) омилҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, идеологӣ; 3) омили инсонӣ, ки дар таносуб бо омилҳои ду гурӯҳи зикршуда мазмуни субъективӣ дорад [176, с. 69].

Ҳамчунин, омилҳои иқтисодӣ ва идеологӣ [96, с. 43], асосӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва ғайра) ва таъминкунанда (иттилоотӣ, илмӣ ва ғайра) [174, с. 37], объективӣ ва субъективӣ [327, с. 163], беруна (иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ғайра) ва дохилӣ (шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва ғайра) [327, с. 162] ҷудо карда мешаванд.

Айни замон ба ҷойи аввал омилҳои иқтисодӣ (талаботи объективии иқтисодӣ ва манфиатҳои иқтисодии шаҳрвандон) гузошта мешаванд [232, с. 138]. Ба ақидаи М.Н. Марченко, омилҳои объективӣ, ки асосӣ мебошанд, «шароити моддии ҳаёти ҷомеаро ифода мекунанд» [367, с. 14]. А. Нашитс таъсири ҳалкунандаи омилҳои табииро (иқлимӣ, биологӣ) ба хуқуқэҷодкунӣ эътироф мекунад [177, с. 39].

Дар байни омилҳои субъективӣ ҷойи муҳимро омилҳои сиёсӣ-ҳуқуқӣ ишғол мекунанд. Ба ақидаи С.В. Поленина, ин омилҳо принсипҳои фаъолияти қонунгузориро ташкил медиҳанд [389, с. 225]. Ба ақидаи як қатор олимон, омили сиёсӣ ва ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои сиёсӣ, шаҳрвандонро дар раванди қонунгузорӣ ифода мекунад [133, с. 44].

Ба ақидаи А.В. Малко ва К.В. Шундиков, дар байни омилҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ҷойи муҳимро омили илмӣ (асоснокии илмии қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, сифати ҳамкории мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва муассисаҳои илмӣ доир ба муайян намудани стратегия ва тактикаи ҳуқуқэҷодкунӣ) ишғол мекунад [161, с. 213].

А.П. Мазуренко аҳаммияти омили ташкилии ҳуқуқэҷодкуниро дар он мебинад, ки тавассути он шаклҳои демократии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ пурратар истифода мешаванд, таъсири аҳолӣ, шаҳрвандон, ташкилотҳои ҷамъиятӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бештар мегардад. Ба инобат гирифтани омили ташкилӣ барои ҳалли вазифаҳои зерин мусоидат мекунад: «муайян намудани талаботи танзими ҳуқуқӣ, бо ҳам мутобиқ намудани манфиатҳои ҳамаи иштирокчиёни фаъолияти қонунгузорӣ, васеъ намудани асосҳои демократии он, ҳаматарафа ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ» [348, с. 244].

Муҳокимаи умумихалқӣ ва раъйпурсиро С.В. Поленина воситаҳои асосии таъмини омили ташкилии ҳуқуқэҷодкунӣ мшуморад [96, с. 137].

Ҳамин тариқ, дар илм мафҳумҳои ташаккули ҳуқуқ ва эҷоди ҳуқуқ ҷудо карда мешаванд. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода),

тафовути ин мафҳумҳо қобили қабул аст, чунки санади меъёрии ҳуқуқӣ ва умуман, меъёри нави ҳуқуқ вобаста ба шароити объективии ҳаёти ҷомеа, талаботи ба таври объективӣ пайдошудаи танзими ин ё он намуди муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул мешавад [213, с. 379].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ бояд дар робита бо мафҳуми ташаккули ҳуқуқ таҳқиқ карда шавад. Ташаккули ҳуқуқ раванди объективӣ буда, бо таъсири омилҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, фарҳангӣ сурат мегирад. Дар раванди ташаккули ҳуқуқ талаботи объективӣ оид ба зарурати танзими ҳуқуқӣ пайдо мешавад. Ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, раванди иродавӣ, бошууронаи субъектони ваколатдор мебошад, ки дар доираи қонун бо мақсади қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад.

Нуктаҳои илмии зикршуда ҳангоми таҳлили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Ҳамзамон бо ин, таърифҳои гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ низ ба таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд. Дар илм мафҳумҳои гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд.

Чунончи, Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) таъкид мекунад, ки «ҳуқуқэҷодкунӣ – заминаи эҷоди ҳуқуқи нав, қонуну санадҳои нави меъёрӣ, меъёру мафҳумҳои нави ҳуқуқӣ, ба шароити нави ҳаёт мутобиқ намудани санадҳои амалкунанда, аз байн бурдани меъёрҳои мутобиқатнакунанда шароити нави ҳаёт, бо меъёрҳои нав ва тозабунёд иваз намудани меъёрҳои куҳна мебошад» [213, с. 360].

Мафҳуми зикршуда фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро танҳо бо мақомоти давлатӣ маҳдуд намекунад, чунки дар ҳуқуқэҷодкунӣ доираи васеи субъектон, аз ҷумла шаҳрвандон низ иштирок мекунанд.

Як қатор муаллифон ҳуқуқэҷодкуниро танҳо бо давлат алоқаманд мекунанд. Масалан, ба ақидаи О.А. Пучков, ҳуқуқэҷодкунӣ – «фаъолияти мақомоти ваколатдори давлат оид ба қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва меъёрҳои ҳуқуқ мебошад» [186, с. 182].

Ба ақидаи А.Р. Нематов, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти назарияи позитивии ҳуқуқ бояд муайян карда шавад. Дар ин замина ӯ мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба мустаҳкам намудани низоми сиёсӣ, иқтисодӣ ва маънавии ҷомеа мебошад, ки тавассути эҷод, тағйир ва бекор намудани меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунандаи муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ ба роҳ монда мешавад» [178, с. 40].

Дар як қатор мафҳумҳои илмӣ «сохторҳои ғайридавлатӣ (мақомоти худидораи маҳаллӣ, иттифоқҳои касаба ва ғайра)» ҳамчунин, халқ ҳамчун субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешаванд [223, с. 185].

Як қатор олимон имконияти иштироки халқ ва сохторҳои дигари ҷамъиятиву давлатии худидоракуниро дар ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф намуда, айни замон ҳуқуқэҷодкуниро танҳо бо давлат алоқаманд мекунанд. Дар ин ҳолат ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «шакли фаъолияти давлатӣ оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ», «шакли роҳбарии давлатӣ ба ҷомеа», «шакли қонунӣ гардонидани иродаи давлатӣ» шарҳ дода мешавад [219, с. 422].

Як қатор олимон фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо давлат ва халқ алоқаманд мекунанд. Чунончи, ба ақидаи В.К. Бабаев, ҳуқуқэҷодкунӣ – «фаъолияти давлат, шахсони мансабдор ва халқ дар раъйпурсӣ мебошад» [183, с. 304].

Ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо қабули меъёрҳои нави ҳуқуқ алоқаманд нест. Мақоми қонунгузор одатҳои дар ҷомеа амалкунандаро низ эътироф мекунад. Дар ин ҳолат одатҳо мазмуни ҳуқуқӣ пайдо мекунанд. Аз ин хотир, дар як қатор мафҳумҳо ҳамин самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, ба ақидаи А.Б. Венгеров ҳуқуқэҷодкунӣ «фаъолияти давлатӣ оид ба қабули меъёрҳои ҳуқуқ ва ё эътирофи қоидаҳои рафтори дар ҷомеа амалкунанда мебошад» [78].

Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қабули меъёрҳои ҳуқуқ алокаманд аст. Меъёрҳои ҳуқуқ – муқаррароти меъёрӣ мебошанд. Дар рафти ҳуқуқэҷодкунӣ меъёрҳои нави ҳуқуқ қабул мешаванд. Ин маънои онро дорад, ки мақомоти ваколатдори давлатӣ меъёрҳои нави ҳуқуқро муқаррар мекунанд. Аммо ин гуфтаҳо танҳо ба меъёрҳои ҳуқуқи позитивии (миллии) давлат алоқа доранд. Ғайр аз онҳо, тавре маълум аст, нишондоду талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ низ арзи вуҷуд доранд. Давлат табиист, ки онҳоро эҷод намекунад. Давлат ҳуқуқҳои фитрии инсон, талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ, аз қабили адолат, хирад, поквиҷдонӣ ва дигарро муқаррар карда наметавонад. Манбаи онҳоро шароити табиӣ-муқаррарии ҳаёти ҷомеа, табиати инсон ҳамчун мавҷудоти физиологиву биологӣ ташкил медиҳанд [213, с. 379].

Ин ақида, бо дарназардошти эътирофи ҳуқуқҳои фитрии инсон, дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мешавад. Меъёри мазкур дар м. 5 Конститутсияи ҷумҳурии мо ифодаи худро ёфтааст [1].

Аз ин хотир, Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқи позитивӣ (дохилидавлатӣ) ва эътирофи ҳуқуқҳои фитрии инсон, талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ шарҳ медиҳад [213, с. 379].

Чунин ақида аз тарафи олимони дигар низ пешниҳод мешавад. Чунончи, ба ақидаи В.С. Нерсесянс «хусусияти ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ ҳамчун сарчашмаи махсуси ҳуқуқи позитивӣ хусусиятҳои ба онҳо мувофиқи фаъолияти давлатро оид ба муқаррар намудани ҳуқуқ талаб мекунад. Хусусият ва мазмуни фаъолияти ҳуқуқмуқарраркунии давлат дар ин соҳа на дар эҷоди худи ҳуқуқу озодиҳои фитрӣ, балки дар эътирофи конститутсионӣ ва кафолати онҳо ба сифати меъёрҳои ҳуқуқи позитивии амалкунанда ифода меёбад» [181, с. 416].

Мафҳуми ҳуқуқэҷодкунӣ дар кишварҳои пасошуравӣ, аз он ҷумла дар Тоҷикистон, бо дарназардошти шаклҳои мухталифи ин фаъолият

бояд пешниҳод карда шавад. Тавре болотар маълум шуд, ҳуқуқэҷодкунӣ вобаста ба намудҳои сарчашмаҳои ҳуқуқ дар шаклҳои гуногун сурат мегирад. Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) шаклҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунад: эътирофи ҳуқуқи фитрӣ, қабулу тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ, эътирофи одатҳои ҳуқуқӣ, муайян намудани шартҳои намунавии шартномаҳои меъёрӣ, мутобиқ намудани ҳуқуқи дохилидавлатӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, эътирофи принсипҳои ҳуқуқ, эътирофи нуктаҳо ва хулосаҳои назарияи ҳуқуқӣ [213, с. 370].

В.С. Нерсесянс ба хулоса меояд, ки ҳуқуқэҷодкунӣ шаклҳои гуногун дошта, бо давлат алоқаманд аст, ҳамчун фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ баромад мекунад, чунки маҳз давлат ҳуқуқи фитриро эътироф мекунад, одатҳои ҳуқуқиро мустаҳкам мекунад, дар муқаррар намудани шартномаҳои меъёрӣ иштирок мекунад, ҳуқуқи диниро эътироф мекунад. Аз ин хотир, ӯ ба ҷои истилоҳи «эҷоди ҳуқуқ» истилоҳи «ҳуқуқмуқарраркуниро» истифода мебарад. Ин ҷо муаллиф он ҳолатро ба инобат мегирад, ки давлат эҷодкори мутлақи ҳуқуқ нест, яъне мустақилона одатҳои ҳуқуқиро, шартномаҳои меъёрии хусусиро, ҳуқуқи диниро эҷод намекунад. Давлат на дар эҷод, балки дар муқаррар гаштани онҳо иштирок мекунад [181, с. 418].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) хусусиятҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад:

1.Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади эътироф, таъмин ва ҳифзи ҳуқуқҳои фитрии инсон ва талаботи дигари фитрӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

2. Ин фаъолият баҳри мутобиқ намудани қонунгузории дохилидавлатӣ ба талаботи фитрӣ-ҳуқуқӣ, таъмини сифати ҳуқуқии санадҳои меъёрӣ, таъмини қонунияти ҳуқуқӣ ба сомон мерасад.

3. Ин фаъолият баҳри қабул, тағйир ва қатъи муқарраротиi меъёрӣ, аз ҷумла меъёрҳо-қоидаҳои рафтор, меъёрҳо-мафҳумҳо, меъёрҳо-таърифҳо, меъёрҳо-принсипҳо ва ғайра сурат мегирад.

4. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи ташаккули қонунгузории нав, ба шароити нави ҳаёт мутобиқ гаштан, такмилу инкишофи он аст.

5. Ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади эътирофи расмии одатҳои барои пешрафти ҷомеа муфид, танзими одатҳо, истифодаи арзишҳои анъанавии ҳаёти одамон сурат мегирад.

6. Ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти меъёрҳо ва принсипҳои эътирофгаштаи ҳуқуқи байналмилалӣ, мутобиқ намудани қонунгузории миллӣ ба ҳуқуқи байналмилалӣ, ворид намудани муқарраротиi ҳуқуқи байналхалқӣ ба низоми ҳуқуқии миллӣ, қабули санадҳои меъёрии ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ ба роҳ монда мешавад.

7. Ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи ҳам давлат ва ҳам шаҳрвандон амалӣ карда мешавад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби худи шаҳрвандон дар раъйпурсӣ қабул шудааст. Эътибори ҳуқуқии Конститутсия аз ҳамаи дигар қонунҳо ва санадҳои меъёрӣ баланд аст. Қонунҳо низ мумкин аст тариқи раъйпурсии халқ қабул шаванд. Илова бар ин, қонунҳои дар раъйпурсӣ қабулгардида масъалаҳои муҳимми ҳаёти одамонро танзим мекунанд.

8. Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мақоми қонунгузор, мақомоти ҳокимияти иҷроия (Президент, ҳукумат, вазорату кумитаҳои давлатӣ), мақомоти давлатии маҳаллӣ ва мақомоти худидора, халқ субъекти ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф карда шудаанд. Ҳамзамон бо ин, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маъмурияти корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо низ иштирок мекунанд. Чунончи, дар дохили корхонаву муассисаҳо санадҳои меъёрии локалӣ (санадҳои меъёрии роҳбарони муассисаҳо, оинномаҳо, низомномаҳо) амал мекунанд, ки қоидаҳои дохили ин корхонаву муассисаҳоро муқаррар мекунанд [213, с. 372].

Бо дарназардошти ақидаҳои олимон, ки болотар таҳлил карда шуданд, ба хулоса омадан мумкин аст, ки дар равани ҳуқуқэҷодкунӣ мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз он ҷумла шаҳрвандон, иштирок мекунанд. Аз ин хотир, ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон мебошад.

Дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд. Ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои васеъ фаъолияти мақомоти давлатӣ ва субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла халқро дар назар дорад. Бо мақсади пазируфтани нуфуз ва аҳаммияти нақши давлат дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии давлат пешниҳод мешавад [186, с. 307].

Як қатор олимон мафҳуми васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкуниро дигар хел шарҳ медиҳанд. Чунончи, ба ақидаи И.Н. Сенякин ҳуқуқэҷодкунӣ ба маънои маҳдуд ҷараёни қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба маънои васеъ раванди ҳам қабули меъёрои ҳуқуқӣ ва ҳам амалӣ гардидани онҳоро дар назар дорад [221, с. 368].

Аммо ақидаи И.Н. Сенякин қобили қабул нест, чунки фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба раванди амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ паҳн мекунад. Тавре маълум аст, ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалисозии ҳуқуқ аз ҳамдигар фарқ доранд. Мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ба ухда доранд. Амалисозии ҳуқуқ бошад, бо иштироки доираи дигари субъектон, аз он ҷумла субъектоне, ки бо ҳуқуқэҷодкунӣ ягон робита надоранд, ба роҳ монда мешавад.

Ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ ҳамчун намуди мустқил ва бонуфузи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешавад. Ба ақидаи як қатор олимон, маҳз дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ иродаи умумии давлат ташаккул ёфта, он дар муқаррароти умумиҳатмӣ ифода мегардад [75, с. 181], [226, с. 274].

Айни замон дар мафҳуми зикршуда тафовути мафҳумҳои ҳуқуқэҷодкуниии давлатӣ ва ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ба инобат гирифта намешавад. Аз як тараф, ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқии давлат ба роҳ монда мешавад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қабули Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ алоқаманд буда, ҳамеша дар маркази таваҷҷуҳи давлат қарор дорад. Айни замон давлат ҷонибдори истифодаи шаклҳои демократии ҳуқуқэҷодкунӣ буда, барои иштироки ниҳодҳои гуногуни ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби аҳли ҷомеа ба муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои муҳим шароит фароҳам меорад. Аз тарафи дигар, мафҳуми ҳуқуқэҷодкунии давлатӣ аз мафҳуми ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ фарқ дорад, чунки ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ мафҳуми маҳдуд буда, иштироки танҳо мақомоти давлатиро дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад.

А.И. Шумаков ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатиро шакли идоракунии ҷомеа мешуморад [508, с. 43]. Айни замон мафҳуми мазкур имконияти идоракуниро маҳдуд мекунад, чунки дар давлати демократӣ шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо дар идоракунӣ, дар ҳаёти сиёсӣ, равандҳои муҳимми ҳаёти сиёсӣ, аз ҷумла раъйпурсӣ ва интихобот фаъолона иштирок мекунанд. Мутобиқи Конститутсияи Тоҷикистон халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, ҳокимияти давлатиро бевосита ё ба воситаи вакилони халқ амалӣ мекунад. Барои ҳамин, на танҳо ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлат, балки умуман ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, сохторҳои ғайридавлатӣ ва шаҳрвандон идоракунии равандҳои ҳаёти ҷомеаро таъмин мекунад.

Ҳамин тариқ, робитаи байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шаклҳои зерин зоҳир мешаванд:

1) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, ба такмил ва рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад;

2) аз тарафи дигар, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешавад, чунки самтҳо ва дурнамои рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар доираи таҳлили илмии омилҳои таъсиргузор ба ҳуқуқэҷодкунӣ, равандҳои нави ҳаёти ҷомеа, стратегияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои бо суръати баланд тағйирёбанда ва ташаккулёбанда муайян мекунад;

3) мафҳуми «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» ва мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» аз якдигар фарқ доранд, чунки онҳо падидаҳои мустақили ҳаёти ҳуқуқӣ мебошанд.

# БОБИ 2. МАФҲУМ, ПРИНСИПҲО, МАҚСАДҲО ВА СУБЪЕКТОНИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ

## 2.1. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, баланд бардоштани сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалия буда, ба таҳқиқи он таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо назария ва амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи устувор дорад. Барои ҳамин, дар илм ва амалияи ҳуқуқӣ оид ба паҳлуҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асарҳои зиёд нашр шудаанд [298, с. 14].

Яке аз сабабҳои афзоиши таваҷҷуҳи олимон ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки солҳои охир суръати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари аъзои ИДМ боло рафта, шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуданд. Дар натиҷа, ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мушоҳида мешавад. Илова бар ин, камбудиҳои дигар дар соҳаи мазкур дар иртибот бо суръати баланди рушди иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, аз ҷумла қафомонии ҳуқуқэҷодкунӣ аз суръати баланди пешрафт ва тағйироти ҳаёти ҷомеа ба миён омадаанд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи таъмини танзими самараноки муносибатҳои тағйирёбанда ва нави ҷамъиятӣ мебошад.

Тавре С.В. Поленина қайд мекунад, дар натиҷаи суръати баланди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла васеъ гардидани доираи субъектони он, камбудиҳо дар самти сифати қонунгузорӣ, ба мисли қабули миқдори зиёди қонунҳо ва санадҳои меъёрии зерқонунӣ, ихтилофот ва номутобиқатӣ дар байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мушоҳида мерасанд [393, с. 67]. Камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ

дар асари А.И. Херсонсев низ таҳлил карда мешаванд [477, с. 89]. Ба ақидаи олимон, яке аз камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки миқдори зиёди қонунҳо ба мақсади ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳои амалкунанда қабул мешаванд. Чунин ҳолат дар Тоҷикистон ва давлатҳои дигари аъзои ИДМ мушоҳида мешавад. Оид ба ҳолати зикршуда дар як қатор давлатҳои ҳамсоя, аз ҷумла дар Федератсияи Россия (ФР), ҳуҷҷатҳои расмӣ қабул шудаанд [26].

Ба ақидаи С.А. Комаров ва Н.В. Козлова, яке аз камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо он робита дорад, ки экспертизаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба таври дахлдор гузаронида намешавад, аз ҷумла мутобиқати санадҳои меъёрӣ ба принсипҳои бунёдии ҳуқуқ, ба мақсадҳои стратегӣ ва афзалиятҳои сиёсати давлат муайян карда намешавад [314, с. 29].

Бо мақсади такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ як қатор асарҳои илмӣ оид ба техникаи ҳуқуқӣ нашр мешаванд [98], [83], чунки риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ заминаи таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад.

Равандҳои мазкур дар ибтидо ва миёнаҳои солҳои 2000-ум инкишоф ёфтанд. Барои ҳамин, маҳз дар ин ҳамин солҳо дар асарҳои як қатор олимон, аз ҷумла Т.А. Золотухина [298, с. 15], Н.В. Исаков [107], А.П. Мазуренко [149], А.В. Малко [355], С.В. Поленина [392], Е.С. Селиванова [436] мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолона таҳқиқ мешавад.

Ҳолати мазкур зарурати ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун заминаи такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва таъмини сифати он талаб мекунад. С.В. Поленина ва В.М. Баранов дар миёнаи солҳои 2000-ум таклиф пешниҳод намуда буданд, ки сиёсати ҳуқуқӣ «дар шакли консепсияҳо, барномаҳо, стратегияҳо», алалхусус, «бо дарназардошти на танҳо соҳаҳо ва институтҳои қонунгузорӣ, балки соҳаҳои ҳаётан

муҳимми фаъолияти давлатӣ, аз он ҷумла ҳуқуқэҷодкунӣ бояд амалӣ карда шавад» [394, с. 11].

Солҳои охир таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолона ба роҳ монда мешавад. Самти мазкури таҳқиқоти илмӣ дар давлатҳои ҳамсоя фаъол аст. Истифодаи таҷрибаи мазкур барои суръат бахшидан ба таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон аҳаммияти илмӣ дорад. Чунончи, оид ба натиҷаҳои мизи мудаввари илмӣ-амалӣ дар Россия маҷмуи асарҳо бо номи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Россияи муосир» соли 2009 нашр мешавад [193, с. 77]. Дар он мақолаҳои олимони намоён: С.В. Поленина, А.В. Малко, Ю.Г. Арзамасов, И.А. Иванников, Н.В. Исаков, А.И. Овчинников, Л.В. Голосков, А.Ю. Мордовсев, В.В. Трофимов ва дигарон нашр мешаванд.

Соли 2010 монографияи А.П. Мазуренко «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Россия: консепсия ва воқеият» [151] нашр мешавад. Дар он мафҳум, моҳият, мақсадҳо, воситаҳо, шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ мешавад.

Соли 2011 аз тарафи гурӯҳи олимон Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нашр мешавад. Соли 2012 аввалин воситаи таълимии «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Россия» [208] нашр мешавад. Соли 2013 бо саҳми олимони Академияи давлатии ҳуқуқии Саратов курси лексияҳо бо номи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Россияи муосир» нашр мешавад. Дар омода намудани маводи таълимии зикршуда олимони Москва, Волгоград, Ростов дар Дон, Астрахан, Тамбов, Пенза, Пятигорск иштирок мекунанд. Дар натиҷа, таҷрибаи умумдавлатии омода намудани маводи таълимии бахшида ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад.

Соли 2013 монографияи якҷояи А.В. Малко ва А.П. Мазуренко бо номи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Россия: таърих ва замони муосир» [159] нашр мешавад. Соли 2014 монографияи В.Р. Калайчев бо номи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти иҷроияи ҳокимият» [110] нашр мешавад. Худи

ҳамон сол дар зери таҳрири А.В. Малко ва Н.В. Исаков фарҳанги русӣ-англисии «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» [210] нашр мешавад. Соли 2015 дар ИМА монографияи А.П. Мазуренко бо номи «Law-making policy in the context of globalization» [536] (Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити ҷаҳонишавӣ) ба забони англисӣ нашр мешавад. Соли 2017 дар нашриёти Олмон LAP LAMBERT Academic Publishing Gmb H&Co монографияи якҷояи А.П. Мазуренко ва А.П. Лиманская бо номи «Режимҳои махсуси ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» нашр мешавад. Моҳи апрели соли 2013 аввалин шумораи маҷаллаи ҳамасолаи «Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» бо саҳми кормандони Маркази илмӣ-таҳсилотии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ чоп мешавад. Маркази мазкур дар таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ саҳми муҳим дорад [349, с. 13].

Тавре мушоҳида мешавад, дар илми ҳуқуқии Россия таҳқиқоти фаъоли сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда шудааст. Дар Тоҷикистон таҳқиқот асосан оид ба сиёсати ҳуқуқӣ гузаронида мешавад. Аз тарафи Ҳ.С. Тағойбеков (Ҳ.С. Сафарбекзода ) диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Сиёсати ҳуқуқӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: ҷанбаи умуминазариявӣ» соли 2014 ва аз ҷониби Н.Ш. Солиева диссертатсияи номзадӣ дар мавзуи «Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон» соли 2017 ҳимоя шудаанд. Бо қалами профессор Р.Ш. Шарофзода (Р.Ш. Сотиволдиев) як қатор мақолаҳои илмӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқӣ нашр шудаанд [429, с. 70], [440, с. 14], [442, с. 235], [443, с. 6], [444, с. 12], [445, с. 83], [447, с. 83], [449, с. 25], [450, с. 25], [451, с. 359], [452, с. 13], [453, с. 56], [454, с. 448]. Доир ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи А.Р. Нематов диссертатсияи докторӣ дар мавзуи «Ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон: масъалаҳои мубрами назария ва амалия» [524] соли 2013 ҳимоя карда шудааст. Аммо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ то ба ҳол таҳқиқ карда нашудааст. Аз ин хотир, таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаи муҳимми олимони Тоҷикистон маҳсуб мешавад.

А.П. Мазуренко бо истифода аз нуқтаи назари мафкуравӣ ва амалӣ ду мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод мекунад. Тибқи мафҳуми якум, «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи ғояҳо, барномаҳо, нақшаҳои консептуалӣ мебошад, ки ба такмили ҳуқуқэҷодкунӣ, баланд бардоштани самаранокии он бо мақсади ташаккули низоми ягона ва беихтилофи ҳуқуқ мусоидат мекунад». Ба маънои дуюм, «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди махсуси сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, ки дар фаъолияти илман асоснокшуда, мунтазам ва низомноки сохторҳои давлатӣ ва субъектони ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ташаккул ва амалӣ намудани стратегия ва тактикаи ҳуқуқэҷодкунӣ ифода меёбад» [147, с. 65].

Бо мақсади пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ А.П. Мазуренко аломатҳои зерини онро муайян мекунад: 1) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омили сиёсӣ ва ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба ташаккулу такмили низоми ҳуқуқ таъсир мерасонад; 2) дар амалӣ гардидани он мақомоти давлатӣ, намояндагони муассисаҳои илмӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон иштирок мекунанд; 3) дар сатҳи федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ амалӣ карда мешавад; 4) истифодаи натиҷаҳои илмиро дар назар дорад; 5) ба усулҳои илман асоснокшуда такя дорад; 6) муташаккилона бо мақсади ташаккули низоми ягонаи қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад; 7) стратегия ва тактикаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [332, с. 26].

Бо дарназардошти аломатҳои зикршуда мафҳуми зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад: сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «падидаи махсуси воқеияти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад, ки дар фаъолияти илман асоснокшуда, ба нақша гирифташуда ва низомноки мақомоти давлатӣ ва сохторҳои ғайридавлатӣ оид ба муайян намудани стратегия ва тактикаи ҳуқуқэҷодкунӣ ифода ёфта, дар сатҳи гуногуни танзими ҳуқуқӣ бо мақсади ташаккули низоми яклухт ва беихтилофи ҳуқуқ амалӣ карда мешавад» [332, с. 26].

Ба ақидаи Е.С. Селиванова, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ин фаъолиятест, ки ҷараёни ҳуқуқэҷодкуниро ташаккул дода, идора мекунад. Ба андешаи ӯ, фаъолияти мазкур хусусияти ақлона, иродавӣ дошта, ба ташаккули воситаҳои ҳуқуқӣ, низоми самараноки қонунгузорӣ равона карда мешавад [436, с. 142].

А.Ю. Калинин мафҳуми зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод мекунад: «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти илман асоснок, ба нақша гирифташуда ва низомнок мебошад, ки ба ташаккули шароити мусоиди фаъолияти самарабахши ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи гуногуни идоракунии давлатӣ ва ҷамъиятӣ равона карда мешавад» [306, с. 36].

Ба ақидаи А.В. Малко ва А.П. Мазуренко, «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуди махсуси сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, ки дар фаъолияти илман асоснок, муттасил ва бонизоми сохторҳои давлатӣ ва субъектҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ оид ба ташаккул ва амалӣ намудани стратегия ва тактикаи ҳуқуқэҷодкунӣ ифода меёбад» [160, с. 67].

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар таносуб бо ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунанд. Табиист, ки мафҳумҳои зикршуда аз ҳамдигар фарқ доранд. Ин ҳолат дар асарҳои илмӣ ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, ба ақидаи Т.А. Золотухина, ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеътар аст, чунки дар баробари фаъолият оид ба қабул, тағйир ва қатъи меъёрҳои ҳуқуқ, ҳамчунин, фаъолият дар соҳаи ташаккулу идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, тарҳрезии консепсия, ғояҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, афзалиятҳо, мақсадҳо, вазифаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [298, с. 13].

Е.С. Селиванова сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро воситаи таъсиррасонӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморад. Ба ақидаи ӯ, консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мақсадҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва усулҳои таъсиррасониро ба он дар бар мегирад [436, с. 141].

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ҳамчун воситаи таъмини асосҳои илмии ташкилу фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, муайян намудани стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дурнамои рушди ҳуқуқэҷодкуниро дар шакли намунавӣ пешбинӣ мекунад, муайян карда шавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро барои давраи муайян аниқ мекунад. Барои ҳамин, дар илм сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун муайянкунандаи стратегияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ шарҳ дода мешавад.

Айни замон дар баробари мафҳуми «стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ»дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои «стратегияи қонунгузорӣ», «стратегияи рушди низоми ҳуқуқӣ» ва дигар истифода мешаванд [398, с. 5].

Ба ақидаи О.А. Гаврилов, стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ «низоми чораҳои бо ҳамдигар алоқаманд, самтҳои инкишофи институтҳо ва соҳаҳои ҳуқуқ, нақшаҳо, пешгӯиҳо мебошад, ки ба муттасилии ҷараёни қонунэҷодкунӣ бо дарназардошти омилҳои иқтисодӣ ва сиёсӣ мусоидат мекунанд» [89, с. 26]. Ба ақидаи ӯ, стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи истифодаи пешгӯиҳои ҳуқуқӣ ва иҷтимоӣ имконпазир мегардад.

Ба ақидаи Т.Н. Рахманина, қабули қонун бояд дар доираи стратегияи фаъолияти қонунгузорӣ ва афзалиятҳои он ба роҳ монда шавад [203, с. 191].

А.М. Голошапов ба нақши стратегияи давлатӣ-ҳуқуқӣ дар ҳамоҳангсозии фаъолияти ҳуқуқӣ ва захираҳои қонунэҷодкунии мақомоти давлатӣ оид ба ноил гардидан ба мақсадҳои сиёсӣ, ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ таваҷҷуҳ зоҳир мекунад [279, с. 430].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ ва субъектони дигари ин фаъолиятро барои даҳсолаҳо бо дарназардошти афзалиятҳо, мақсадҳо ва вазифаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад. Стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути ду усули муҳимми

фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ – банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва пешгӯӣ намудани фаъолияти мазкур муайян карда мешавад.

Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо муайян намудани стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти ҳам мақсадҳои стратегӣ ва ҳам наздик (тактикӣ) ба роҳ мемонад.

Ҳамин ҳолатро А.П. Мазуренко ба инобат гирифта, тафовути мафҳумҳои «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро муайян мекунад. Фарқи ин мафҳумҳоро ӯ дар он мебинад, ки мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз мафҳуми стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳам стратегия ва ҳам тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Ба ақидаи муаллиф, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «дар баробари банақшагирӣ ва пешгӯӣ намудан унсурҳои ҳатмии зеринро дар бар мегирад: асоснокии илмӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ, таъминоти экспертӣ ва методии фаъолияти қонунгузорӣ, истифодаи усули низомнок дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ» [343, с. 16]. Ба ақидаи муаллиф, вазифаҳои мазкур вазифаҳои тактикии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, тактикаи ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳанд.

Вазифаҳои тактикии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки солҳои наздиктарин бояд ҳалли худро ёбанд, ба ҳалли вазифаҳои стратегӣ мусоидат мекунад. Ақидаи мазкурро Н.В. Исаков ҳангоми таҳлили стратегия ва тактикаи сиёсати ҳуқуқӣ асоснок мекунад. Ба ақидаи ӯ, «ғояҳои ҳуқуқии стратегӣ дар ҳолате амалӣ карда мешаванд, ки агар амалишавии онҳоро қарорҳо, вазифаҳо ва амалиёти дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ муайяншудаи тактикӣ таъмин карда тавонанд» [106, с. 32].

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳои стратегӣ ва тактикии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Вазифаҳои тактикӣ бо дарназардошти ҳолати кунунӣ ва самтҳои инкишофи ҳуқуқэҷодкунӣ, омилҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ муайян карда шуда, ҳалли онҳо дар солҳои наздиктарин пешбинӣ мешавад.

Мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои стратегӣ дар доираи банақшагирӣ ва пешгӯӣ муайян карда шуда, намунавӣ (идеалӣ) буда, бо дарназардошти суръати баланди тағйироти ҳаёти ҷомеа аниқтар карда мешаванд.

Айни замон мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ мекунанд, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ падидаҳои мустақили ҳуқуқӣ мебошанд. Мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи шаклу усулҳои ба ин сиёсат хосбуда амалӣ карда мешаванд. Мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Чунончи, мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ дар кишвари мо бо Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муайян карда мешаванд. Дар Консепсияи мазкур вазифаҳои зерини аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда шудаанд: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатхои миллӣ, тақвияти соҳибихтиёрӣ ва давлатдории миллӣ, таҳкими идоракунии давлатӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди маориф ва илм, фарҳанг, кафолати фаъолияти озоди иқтисодӣ, баробарӣ ва гуногунии шаклҳои моликият, рушди соҳибкорӣ, таъмини ваҳдати миллӣ ва сулҳу суботи ҷомеа [29].

Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мақсадҳо ва вазифаҳои худро дорад. Мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, шаклу усулҳои амалӣ намудани онҳо дар ҳуҷҷати алоҳида бояд муайян карда шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон қабул карда шуда, дар он мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои ин намуди сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда шаванд.

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо он, ки ин сиёсат ҳам қисми таркибии сиёсати ҳуқуқӣ ва ҳам намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, муайян карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар

муқоиса бо намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ, аз як тараф, бо соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мураккаб буда, аз намудҳои гуногун, ба мисли қонунэҷодкунӣ, ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, ҳуқуқэҷодкунии локалӣ, ҳуқуқэҷодкунии халқ ва дигар иборат аст. Доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ низ васеъ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамаи намудҳои ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, ба идоракунии фаъолияти субъектони гуногуни ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Аз тарафи дигар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳоеро ҳал мекунад, ки аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ берун мебароянд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи ҳам ҳуқуқӣ ва ҳам сиёсӣ мебошад, бо сиёсат, ҳаёти сиёсӣ, самтҳои сиёсати давлат, намудҳои сиёсат (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигар) робита дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омилҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, маънавӣ ва дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳои иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ ва дигарро ҳал мекунад.

Ҳолати зикршуда ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ, самти сиёсати давлат, падидаи мустақили сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Ин хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд.

Барои ҳамин, дар илм мафҳумҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун намуди сиёсати ҳуқуқӣ, намуди фаъолияти давлатӣ, намуди фаъолияти ҳам давлатӣ ва ҳам ғайридавлатӣ (фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон), падидаи мустақил ва махсуси ҳаёти сиёсию ҳуқуқӣ шарҳ дода мешавад.

Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он муайян карда мешавад, ки он падидаи мураккаби ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи субъектони гуногун амалӣ карда шуда,

намудҳои зиёд дорад. Чунончи, А.П. Матузов сиёсати қонунэҷодкунӣ ва зерқонунӣ, ҷорӣ ва стратегиро ҷудо мекунад. Ҳамчунин, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии соҳавӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нисбати категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ҷудо карда мешаванд. Дар давлати федеративӣ сиёсати ҳуқуқэҷодкунии федералӣ, минтақавӣ ва маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд. Вобаста ба субъектон таснифи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии вогузоршуда ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки бевоситаи халқ пешниҳод мешавад [343, с. 17].

Намудҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти асосҳои гуногун ва таҷрибаи ҳуқуқии Тоҷикистон ҷудо намудан мумкин аст. Чунончи, дар робита бо субъектон сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии парламенти Тоҷикистон, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии намояндагӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии мақомоти худидоракунии маҳаллӣ ҷудо карда мешаванд.

Намудҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо намудҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба сиёсати қонунэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии халқ (дар раъйпурсӣ), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии локалӣ (дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ (дар ширкатҳои хусусӣ) ҷудо намудан мумкин аст.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади такмили қонунгузорӣ ва бо дарназардошти соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ (конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар) ба роҳ монда мешавад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии соҳаи қонунгузории конститутсионӣ, маъмурӣ, маданӣ, меҳнатӣ, молиявӣ, экологӣ, соҳибкорӣ ва дигар ҷудо карда мешаванд.

Тавре маълум мешавад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мураккаб буда, намудҳои гуногун дорад. Аз ин хотир, мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод намудан лозим аст. Ин мафҳуми умумӣ аломатҳои асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун падидаи мустақили ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирад. Мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои ҳамаи намудҳои имконпазири сиёсати мазкурро бояд инъикос намояд.

Пешниҳоди мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ имконпазир мегардад. Мафҳуми умумии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар асл мафҳуми умуминазариявӣ мебошад ва бо истифода аз дониши илмии умуминазариявӣ, бо дарназардошти мафҳумҳо ва категорияҳои назарияи давлат ва ҳуқуқ пешниҳод мешавад.

Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши онро дар ҳаёти ҷомеа бояд муайян намуд. Тавре маълум аст, мафҳумҳои ин ё он падидаи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ (давлат, ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқ ва дигар) бо дарназардошти нақши онҳо ва таъиноташон дар ҳаёти воқеӣ пешниҳод карда мешаванд. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ бояд дар робита бо нақши он дар ҳаёти ҷомеа пешниҳод карда шавад.

Аз он хотир, дар асарҳои илмӣ ба нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳаёти ҷомеа таваҷҷуҳи махсус медиҳанд. Мафҳуми аз лиҳози илмӣ ва амалӣ мукаммали сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар ҳолати сарфи назар намудани нақши он дар ҳаёти ҷомеа пешниҳод намудан мумкин нест. Дар ин ҳолат мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо ақидаҳои назариявӣ маҳдуд гардида, ҷанбаҳои амалии сиёсати мазкур ба инобат гирифта намешаванд. Нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти имкониятҳои сиёсати мазкур барои таъмини рушди ҷомеа, такмили низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ муайян карда мешавад. Маҳз дар робита бо нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ як қатор масъалаҳои мубрами илмӣ ва амалӣ, аз ҷумла такмили қонунгузорӣ, инкишофи низоми ҳуқуқ, самаранокии танзими ҳуқуқӣ, рушди ҳуқуқ таҳқиқ карда мешаванд.

Чунончи, ба ақидаи С.В.Поленина, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади муайян намудани талаботи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, такмили қонунгузорӣ, ворид намудани қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба низоми қонунгузорӣ дар ҳолати роҳ надодан ба ихтилофоти байни онҳо амалӣ карда мешавад.

Тавре Л.Б. Тиунова қайд мекунад, низоми қонунгузорӣ бояд ягона ва аниқ бошад, мутобиқати дохилии мартаботӣ ва ҳамоҳангӣ дошта бошад [228, с. 55].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ барои ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо барои солҳои наздик, балки барои давраи дарозмуддат мусоидат мекунад, банақшагирии стратегӣ кафолати танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад [340, с. 150].

Ҳангоми пешниҳоди мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тафовути фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро мебояд ба инобат гирифт.

1. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонун танзим мешавад. Ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тибқи муқаррароти меъёрӣ ба роҳ монда мешаванд. Тартиби таҳия, қабул, интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо қонун ва санадҳои дигари ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, фаъолияти озоди мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон мебошад, ки мутобиқи ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсӣ ва ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Ҳамаи намудҳои фаъолият, ки дар дар доираи сиёсати мазкур ба роҳ монда мешаванд, бо қонун танзим намешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи номаҳдуди субъектонро на танҳо дар фаъолияти танзимшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ, балки соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, ки бо ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, дар назар дорад. Чунончи, истифодаи воситаҳои ахбори омма, воситаҳои гуногуни ибрози андеша оид ба лоиҳаи қонун (асарҳои илмӣ, китобҳои дарсӣ), технологияҳои иттилоотӣ (шабакаҳои иҷтимоӣ, алоқаи мобилӣ, интернет ва ғайра),

лексияҳо, семинарҳои илмӣ, мизҳои мудаввар ва ғайра бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд.

2. Доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонун аниқ муайян карда мешавад. Чунончи, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда шудааст. Аммо дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ доираи номаҳдуди субъектон иштирок мекунанд. Сиёсати мазкур бо иштироки мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра), корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ, бевосита шаҳрвандон, амалӣ карда мешавад. Сиёсати мазкур бо ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Аз ин хотир, иштироки шаҳрвандон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсии онҳо (ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, дар раъйпурсӣ, ташкилу фаъолияти иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ғайра) мебошад.

3. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади таҳия, қабул, интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, мақсадҳоеро дорад, ки танҳо бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешаванд. Ин мақсадҳо бо мақсадҳои сиёсати давлат, самтҳои инкишофи ҳаёти сиёсӣ ва ҳуқуқӣ, тадбирҳои сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, фарҳангӣ, ташкилӣ ва ҳуқуқӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсии шаҳрвандон робита доранд.

4. Доираи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намуди алоҳида ва мустақили фаъолияти ҳуқуқӣ буда, бо соҳаи мушаххаси ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, бо сиёсат ва падидахои сиёсӣ, ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти илмӣ (муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ,

дониши ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва дигар) робита дорад.

Бо дарназардошти нуктаҳои зикршуда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти муташаккилона ва мақсадноки мақомоти давлат, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ, бевосита шаҳрвандонро дар назар дорад.

Илова бар ин, хусусиятҳои дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро низ ҳангоми пешниҳоди мафҳуми ин падида мебояд ба инобат гирифт. Чунончи, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба мисли ҳама гуна сиёсат воситаи идоракунии муносибатҳо ва равандҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ воситаи идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Ҳамин гуна ақидаро Е.С. Селиванова пешниҳод мекунад. Ба ақидаи ӯ, «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ – фаъолият оид ба ташаккул ва идоракунии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад» [436, с. 141].

Мебояд зикр намуд, ки имконияти идоракунии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо имкониятҳо ва нақши ҳуқуқ ҳамчун воситаи идоракунии равандҳои ҳаёти ҷомеа вобастагӣ дорад. Чунончи, ба ақидаи Р.З. Лившитс, «ҳуқуқ воситаи идоракунӣ ва дар ҳаёт амалӣ намудани сиёсат мебошад» [322, с. 21]. Н.В. Путило ин ҷанбаи мафҳуми ҳуқуқро дар робита бо асосҳои қонунии ҳокимияти давлатӣ таҳқиқ мекунад [200, с. 128].

Имкониятҳои ҳуқуқ ҳамчун воситаи идоракунӣ бо сиёсати ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд. Сиёсати ҳукуқӣ падидаи ҳам сиёсӣ ва ҳам ҳуқуқӣ буда, бо сиёсат ва ҳуқуқ робита дорад. Робитаи сиёсати ҳуқуқӣ бо сиёсат имкониятҳои онро ҳамчун воситаи идоракунӣ зиёд мекунад, чунки сиёсат воситаи муҳимми идоракунии ҷомеа мебошад.

Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон имкониятҳои иштироки субъектони ҷудогонаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гуногун аст. Чунончи, мақомоти давлатӣ дорои салоҳияти ҳокимиятӣ буда, дар идоракунии фаъолияти

ҳуқуқэҷодкунӣ бевосита ва фаъолона иштирок мекунанд. Ҳокимияти давлатӣ идоракунии ҷомеаро дар назар дорад. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бевосита шаҳрвандон чунин салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд, вале зимни иштирокашон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо изҳори иродаи худ ба раванди идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд. Айни замон шаҳрвандон дар як қатор ҳолатҳо, аз ҷумла ҳангоми иштироки бевоситаи шаҳрвандон (халқ) дар қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия, ё зимни қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд.

Дар ин ҳолатҳо иштироки шаҳрвандон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо мақомоти давлатӣ афзалиятнок аст, чунки ягон мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистон салоҳияти қабули Конститутсия, ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он надорад. Илова бар ин, халқ сарчашмаи ҳокимияти давлатӣ буда, ҳангоми иштирок дар қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия ё қабули қонун дар раъйпурсӣ ҳокимияти халқро амалӣ мекунад. Мутобиқи м. 6 Конститутсия халқи Тоҷикистон баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад. Дар ҳамин модда салоҳияти истисноии халқ оид ба амалӣ намудани ҳокимияти халқ тариқи раъйпурсӣ ё интихоби вакилони халқ кафолат дода мешавад. Илова бар ин, раъйпурсӣ ва интихобот ҳамчун ифодаи олии ҳокимияти халқ эълон карда мешаванд [1].

Иштироки шаҳрвандон (халқ) дар раъйпурсӣ оид ба қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули қонунҳо шакли демократии амалӣ гардидани ҳокимияти халқ аст. Шаҳрвандон дар ин ҳолатҳо салоҳияти ҳокимиятиро амалӣ мекунанд. Аммо дар ин ҳолатҳо на ҳокимияти давлатӣ, балки ҳокимияти халқ амалӣ карда мешавад. Илова бар ин, шаҳрвандон доимо ин салоҳиятро амалӣ карда наметавонанд. Барои ҳамин, мақомоти давлатӣ, ки аз тарафи халқ барои амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ ваколатдор шудаанд, доимо салоҳияти ҳокимиятро амалӣ мекунанд.

Бо дарназардошти гуфтаҳои боло мафҳуми зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад:

*Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди мустақили сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, ки дар заминаи ақидаҳои илмӣ ва қарорҳои сиёсию ҳуқуқӣ ташаккул ёфта, бо иштироки мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектҳои хоҷагидории хусусӣ ва бевосита шаҳрвандон бо мақсади такмил ва рушди низоми ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.*

## 2.2 Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба мисли самтҳо ва намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ исботи эътимоднокии қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунанд. Олимон дар таҳқиқоти худ роҳҳои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, самаранокии унсурҳои ҷудогонаи фаъолияти мазкурро асоснок мекунанд. Тавре С.В. Поленина қайд мекунад, фаъол гардонидани нақши илм дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар раванди қонунэҷодкунӣ заминаи боло бурдани сифати қонунҳои қабулшаванда ва самаранокии меъёрҳои онҳо мебошад [392, с. 192].

Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода), самтҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқӣ, алалхусус сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, бояд асоси илмӣ дошта бошад. Ӯ ақидаашро бо он исбот мекунад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти зеҳнии эҷодӣ буда, дар заминаи ғояҳои илмӣ, консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда шавад. Тавре муаллиф қайд мекунад: «Асосҳои илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар шакли ғояҳо, принсипҳо, нуктаҳои конспетуалӣ, ҷаҳонбинии илмӣ, арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ бaромад мекунанд, ҳам дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам дар қонунҳо, санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, моддаҳо, бобҳо, фаслҳои онҳо ифода карда мешаванд. Ҳолати мазкур, дар навбати худ,

омили пахн гардидани ғояҳои ҳуқуқӣ дар ҷомеа, баланд бардоштани сатҳи шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад».

Бо мақсади таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таклифҳо оид ба истифодаи таҷрибаи хориҷии қонунгузорӣ, мустаҳкам намудани робитаи байни илми ҳуқуқшиносӣ ва мақоми қонунгузор, таҳлили ҳаматарафаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд.

Таъмини асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути ҷорӣ намудани талаботи ҳатмӣ нисбат ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Олимон таклиф пешниҳод мекунанд, ки риояи асоси илмии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ҷузъи ҳатмии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ бошад. Т.Я. Хабриева таклифи мазкурро бо он исбот мекунад, ки дар таҷрибаи давлатҳои хориҷӣ таҳқиқи экспертии лоиҳаи қонун қисми таркибии раванди қонунгузорӣ мебошад [238, с. 28]. Ба иттилои С. Боботов, чунин таҷриба дар Британияи Кабир васеъ истифода мешавад [266, с. 228].

Дар Россия тибқи Қарори махсуси Ҳукумати кишвар лоиҳаи қонун, ки аз тарафи вазорати дахлдор ба маҷлиси Ҳукумат ва минбаъд ба Думаи Давлатӣ пешниҳод мешавад, пешакӣ дар Институти қонунгузорӣ ва ҳуқуқшиносии муқоисавии назди Ҳукумати Федератсияи Россия аз экспертиза мегузарад [51].

Дар м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» принсипи илмият ҳамчун принсипи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мустаҳкам карда шудааст. Дар м. 8 Қонуни мазкур талаботи умумӣ ба санади меъёрии ҳуқуқӣ мустаҳкам карда мешавад. Дар байни онҳо талаботи зерин пешбинӣ мешавад: «таҳия ва қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти принсипҳои асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки қонуни мазкур пешбинӣ намудааст» [13].

Илова бар ин, дар м. 30 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ҷалби муассисаҳои илмӣ ба давраи банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад. Дар банди 2-и м. 33 Қонун ҳуқуқи муассисаҳои илмӣ ба пешниҳоди таклифҳо дар хусуси банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ кафолат дод мешавад. Мутобиқи м. 59 Қонуни мазкур муассисаҳои илмӣ ва олимони алоҳида ба гурӯҳҳои корӣ оид ба таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷалб карда мешаванд. Тибқи м. 63 ҳамин Қонун ба замимаи ҳуҷҷатҳое, ки ҳангоми пешниҳоди лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тартиб дода мешавад, хулосаи экспертҳо ҳангоми зарурат дохил карда мешавад. Дар м. 64 Қонун экспертизаи илмию техникӣ ё махсуси илмии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад. Мутобиқи банди 4-уми ҳамин модда лоиҳаи санади қонунгузорӣ, ки ба экспертизаи мустақили илмӣ пешниҳод карда шудааст, дар ҷаласаи мақоми қонунгузор танҳо ҳангоми мавҷуд будани хулосаи экспертӣ баррасӣ карда мешавад [13].

Аз мазмуни меъёрҳои зикршуда маълум мешавад, ки дар Тоҷикистон риояи принсипи илмият ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳатмӣ аст. Айни замон риояи меъёрҳои дар боло зикршуда асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро таъмин мекунад.

Тавре мушоҳида мешавад, дар Тоҷикистон заминаи зарури меъёрии ҳуқуқӣ барои таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой доранд. Дар асарҳои илмии олимони Россия айни ҳол таклифҳо бобати ба вуҷуд овардани чунин заминаи меъёрӣ пешниҳод мешаванд. Чунончи, А.П. Мазуренко таклиф пешниҳод мекунад, ки дар лоиҳаи Қонуни федералии Россия «Дар бораи тартиби қабули қонунҳои конститутсионии федералӣ ва қонунҳои федералӣ» меъёри алоҳида оид ба риояи талаботи вобаста ба асоснокии илмии қонунҳо пешбинӣ карда шавад. Ба ақидаи ӯ, дар ин ҳолат «асоснокии илмии қонунҳо ҷузъи ҳатмии таҳияи қонунҳо гардида, хулосаи олимон оид ба лоиҳаи қонун

ҳатман дар ҷаласаи Маҷлиси Федералии Федератсияи Россия баррасӣ карда мешавад» [339, с. 346].

Тавре Т.Я. Хабриева қайд мекунад, «истифодаи дониши илмӣ дар давраҳои гуногуни ҷараёни қонунгузорӣ бо дарназардошти мураккаб гардидани ҳаёти ҷомеа, рушди ҷаҳонии технологӣ ба ҷузъи тартиб додан ва қабули қонун табдил ёфта истодааст» [238, с. 29].

Ба ин нигоҳ накарда, як қатор мушкилиҳо дар соҳаи таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой доранд. Чунончи, ба ақидаи В.М. Баранов, «заминаи тағйири қонунгузориро қарорҳои сиёсӣ ташкил медиҳанд, аммо ҳуқуқшиносон, ки татбиққунандагони техникаи ҳуқуқӣ мебошанд, танҳо ҳамчун воситаи амалӣ гардидани ин қарорҳо истифода мешаванд» [259, с. 149].

Мушкилии асосиро дар соҳаи таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ олимони муосир ба ҳолати кунунии инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ алоқаманд мекунанд. Оид ба нақши илми ҳуқуқшиносӣ дар ҳаёти ҷомеа ақидаҳои гуногун ҷой доранд. Чунончи, ба ақидаи як қатор олимон илми ҳуқуқшиносӣ дар ҳаёти имрӯза дар ҳолати буҳрон қарор дорад [321, с. 185], [71]. Айни замон, ба ақидаи олимони дигар, илми ҳуқуқшиносӣ ҳоло инкишоф ёфта истодааст, аз ҷумла бо дарназардошти талаботи нави иҷтимоӣ-сиёсӣ ғояҳои нави илмиро пешниҳод мекунад [352, с. 143].

Дар давраи пасошуравӣ бо дарназардошти тағйироти куллии ҳаёти ҷомеа дар илми ҳуқуқшиносӣ асарҳои зиёди илмӣ нашр шуданд. Аммо, ба ақидаи В.М. Баранов, дар қисми зиёди ин асарҳо ҳамон ғояҳои илмие, ки пештар ҷой доштанд, дар робита бо  шароити нави ҳаёт шарҳ дода мешаванд [259, с. 152].

Ба ақидаи як қатор олимон, ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ ба инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ таъсири мусбӣ ё манфӣ мерасонад. Чунончи, ба ақидаи А.П. Мазуренко, инкишофи таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ «яке аз сабабҳои буҳрони илми ҳуққшиносӣ гардид» [338,

с. 198]. Ҳолати мазкурро ӯ бо тамоилҳои нав дар инкишофи таҳсилоти ҳуқуқшиносӣ, аз ҷумла ворид гардидани унсурҳои тиҷоратӣ ба соҳаи таҳсилот, аз он ҷумла ба соҳаи омода намудани кадрҳои илмӣ дар аспирантура, тағйири ҳолати равонии профессорон ва устодон алоқаманд мекунад.

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, «унсурҳои таркибии сохторӣ ва мазмунии шуури ҳуқуқии касбии ҳуқуқшиносон дар шароити ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, таъсиси ихтисосҳои нави ҳуқуқӣ дар робита бо соҳаҳои нави фаъолияти касбии ҳуқуқшиносон тағйир меёбанд. Ба ин нигоҳ накарда, масъалаи нигоҳ доштани стандартҳои барои ихтисосҳои нав умумии таҳсилоти ҳуқуқӣ, ки стратегияи миллии рушди Тоҷикистонро дар иртибот бо манфиатҳои миллӣ ифода мекунад, мубрам боқӣ мемонад» [498, с. 17].

В.М. Баранов мушкилоти соҳаи илми ҳуқуқшиносиро бо сифати нокифояи таҳқиқоти диссертатсионӣ дар ҳолати афзоиши микдори диссертатсияҳо, кори шуроҳои диссертатсионӣ алоқаманд мекунад [259, с. 158]. Мушкилоти соҳаи фаъолияти шуроҳои диссетатсионӣ ва сифати нокифояи омода намудани кадрҳои илмӣ дар асарҳои С.И. Захарсев, В.П. Салников, М.И. Клеандров [129] низ таҳқиқ мешавад [100].

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, масъалаҳои умуминазариявӣ, ки бо ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқшиносон, аз ҷумла истифодаи усулҳои фалсафии дарки олам, алоқаманд мебошанд, таваҷҷуҳи ҳамаи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намекунанд. Маҳз бо дарназардошти сатҳи нокифояи ҷаҳонбинӣ дар як қатор асарҳои илмӣ ҳамон як ақидаҳо такроран истифода шуда, ақидаҳои нави назариявӣ пешниҳод намешаванд [494, с. 122]. Чунончи, «таҳқиқи мафҳуми қонун дар ҳамон ҳолат комил мегардад, ки агар он на ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ, балки бо дарназардошти категорияи «шакл ва мазмун», аз ҷумла таъмини таносуби оқилонаи шакл ва мазмуни қонун, ҷустуҷӯйи асосҳои

баҳогузории шаклӣ ва мазмунӣ, умумиичтимоӣ ва техникӣ-ҳуқуқӣ таҳқиқ гардад» [494, с. 126].

Нақши ҳалкунандаи методологияи таҳқиқи илмӣ дар ҳаёти имрӯза, такмили методологияи илми ҳуқуқшиносӣ, истифодаи усулҳои фалсафӣ ва ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқшиносон, аз ҷумла дар самти омода намудани кадрҳои илмӣ, дар асарҳои олимони дигар низ таҳқиқ мешавад [125], [216].

Солҳои охир самтҳои нави такмили дониш ва маҳорати ҳуқуқшиносон дар маркази таваҷҷуҳи олимон қарор дорад. Чунончи, дар асарҳои илмӣ ба такмили методологияи маърифати (дарки) ҳуқуқӣ дар муассисаҳои таҳсилотии ҳуқуқшиносӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад [302, с. 81], [506, с. 122].

Тавре Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад: «методологияи дарки воқеияти ҳуқуқӣ дар ташаккули маърифати ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад. Усулҳо ва принсипҳои дарки ҳаёти ҳуқуқӣ, ки дар давраи таҳсилоти ҳуқуқӣ омӯхта мешаванд, ба ташаккули ҷаҳонбинии ҳуқуқӣ, тафаккури ҳуқуқӣ, дониши мукаммали ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд. Дар заминаи онҳо маҳорат ва истеъдоди фаъолияти касбии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад» [499, с. 7].

Бо ташаббуси Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон соли 2024 ҳамчун «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон гардид [47]. Ин иқдоми сарвари давлат ба таҳқиқи масъалаҳои илмӣ, ки бо маърифати ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд, такони ҷиддӣ мебахшад.

Боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи раванди ислоҳоти соҳаи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ мебошад. Баланд бардоштани сатҳи маърифати ҳуқуқӣ ҷузъи таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ мебошад. Тавре Р.Ш. Шарофзода қайд мекунад: «Фаъолияти маърифатии таҳсилотӣ дар раванди тарбияи кадрҳои ҳуқуқшинос, бо истифодаи тарзу воситаҳо, шаклҳо, технологияи нави таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, бо мақсади ташаккули дониши ҳуқуқии

касбӣ, омодагии ҳуқуқшиносони касбӣ ба кори муташаккилонаи паҳн намудани дониши ҳуқуқӣ дар байни аҳолӣ (ёрии ҳуқуқӣ, клиникаи ҳуқуқӣ, тафсири ҳуқуқӣ ва ғайра) ба роҳ монда мешавад» [499, с. 22-23].

Ба инкишофи низоми таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ равандҳои нави ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ташаккули ҷомеаи иттилоотӣ, рақамигардонии ҷомеа, истифодаи зеҳни сунъӣ таъсир мерасонанд. Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, дар робита бо ин равандҳои нав мушкилоти муайян дар соҳаи омода намудани ҳуқуқшиносони касбӣ ва кадрҳои илмӣ ба миён омаданд. Мушкилоти мазкур дар ҳолати ҳалли зудтари масъалаҳои зерин бартараф карда мешавад: ҷорӣ намудани технологияҳои нави таҳсилотӣ; таъминоти моддӣ, техникӣ-иттилоотӣ, педагогӣ, таълимӣ-методии раванди таҳсилот; истифодаи технологияҳои нави кадрӣ; татбиқи шаклҳо ва усулҳои нави кори тарбиявӣ ва маърифатӣ; такмили таҳсилоти ҳуқуқии иловагӣ [500, с. 89].

Таҳқиқи ҳаматарафаи мушкилоти соҳаи илми ҳуқуқшиносӣ, омода намудани кадрҳои илмӣ ва таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ аҳаммияти назариявӣ ва амалӣ дорад, чунки аз ҳалли он таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вобастагӣ дорад.

Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муҳокимаи васеи лоиҳаи қонунро бо иштироки доираи васеи аҳли ҷомеа, экспертизаи лоиҳаи қонун, мониторинги фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи қонунҳоро дар назар дорад. Ба ақидаи А.В. Малко, мониторинги фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо таҳлили раванди татбиқи қонунҳо маҳдуд нашуда, таҳлили лоиҳаи қонунро бо мақсади аз лиҳози илмӣ асоснок намудани меъёрҳои нави пешбинишаванда бо дарназардошти талаботи воқеӣ дар назар дорад. Мониторинги лоиҳаи қонун имконият медиҳад, ки камбудиҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешгирӣ карда шаванд, сарфакории захираҳои моддӣ ва ташкилӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин карда шавад [355, с. 39].

Б. Ямшанов зарурати асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо он исбот мекунад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ талаботи ҷамъиятии қабули он ва танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ аз нуқтаи назари илмӣ асоснок карда мешавад [511].

Тавре М.А. Маҳмудзода ва Р.Ш. Шарофзода қайд мекунанд: «Ҳаматарафа ба инобат гирифтани талаботи ҷомеа ва муайян намудани зарурати танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятии инкишофёбанда барои рушди минбаъдаи соҳаи қонунгузорӣ, таъмини назму суботи ҷомеа, қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳимояи манфиатҳои ҷомеа ва давлат, ҳамчунин, таъмини рушди минбаъдаи ҷомеа аҳаммияти аввалиндараҷа дорад» [162, с. 69]. Алоқамандии рушди илми ҳуқуқшиносӣ бо сифати омода намудани кадрҳои илмии ҳуқуқшинос таваҷҷуҳи олимони дигарро низ ба худ ҷалб мекунад [159, с. 81].

Асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мутобиқати иродаи қонунгузор ва шаҳрвандон робита дорад. Таҳияи лоиҳаи қонун бо дарназардошти иродаи шаҳрвандон бояд сурат гирад. Ҳамчунин, шаклҳои дигари иштироки аҳли ҷомеа дар муҳокимаи лоиҳаи қонун истифода мешаванд. Чунончи, дар Тоҷикистон таҷрибаи муҳокимаи муҳимтарин қонунҳо, аз ҷумла қонунҳои миллӣ бо иштироки бевоситаи шаҳрвандон ташаккул ёфтааст. Дар муҳокимаи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки беш аз ду моҳ идома дошт, зиёда аз 20 ҳазор пешниҳоди шаҳрвандон доир ба такмили матни қонун манзур гардиданд. Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» тайи беш аз се моҳ дар байни аҳолии Тоҷикистон мавриди таҳлил ва муҳокима қарор гирифт. Лоиҳаи қонун аз тариқи матбуоти мустақили кишвар, расонаҳои расмӣ, радио ва телевизион, маҳфилу суҳбатҳои мухталиф мавриди таҳлилу муҳокима қарор гирифта, ҳамчунин, ба шакли китобчаи алоҳида

бо теъдоди 200 ҳазор нусха ба нашр расида буд. Лоиҳаи қонун 14 декабри соли 2010 ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардид. Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун беш аз 2 миллион нафар шаҳрвандони Тоҷикистон иштирок намуда, 8 ҳазор пешниҳоди онҳо пурра ё қисман ба инобат гирифта шуд. Дар ҷараёни муҳокимаи лоиҳаи қонун аз тарафи беш аз 80 мақомоти давлатӣ, садҳо корхонаву муассисаҳо, 11 ҳазор нафар шаҳрвандон тариқи хаттӣ мурочиат карда шуд [162, с. 120].

Тибқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ошкорбаёнӣ ва ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ аз ҷумлаи принсипҳои асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳсуб мешаванд. Тибқи банди 2-и м. 5-и Қонуни мазкур: «Лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар сомонаҳои расмии субъектҳои ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда мумкин аст интишор карда шавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд, бо мазмуни чунин лоиҳа шинос шаванд. Таклифу пешниҳодҳои воридшуда ҳангоми такмили лоиҳа бояд аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда баррасӣ гарданд» [13]. Афкори аҳли ҷомеа, фикру андешаҳо, пешниҳодҳо ва умуман, иродаи аҳолӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо усулҳои гуногун ба инобат гирифта мешаванд. Яке аз шаклҳои муҳимми ошкор намудан ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар Тоҷикистон муҳокимаи лоиҳаи қонун мебошад.

Асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мураккаб гаридани танзими ҳуқуқии муносибатҳои тағйирёбандаи ҷамъиятӣ, зарурати истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, воситаҳои нави танзими ҳуқуқӣ аҳаммият дорад. Ҳамчунин, асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки васеи муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотиро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад. Тавре С.В. Поленина қайд мекунад, иштироки институтҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, мактабҳои олӣ, олимон ва мутахассисон дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ба нақша

гирифтани инкишофи қонунгузорӣ, таҳияи консепсияи қонунҳои қабулшаванда яке аз шаклҳои иштироки аҳли ҷомеа дар раванди қонунэҷодкунӣ мебошад. Аз ин хотир, муаллиф таъкид мекунад, ки «таваҷҷуҳи мақомоти давлатӣ ва қонунгузор ҳамчун субъектони асосии ташаккулдиҳандаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба афкори ҷамъиятӣ, аз он ҷумла ба иштироки фаъоли аҳолӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз самтҳои муҳимми такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти қонунгузорӣ мебошад» [392].

Асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳи таҳия ва қабули консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин карда мешавад. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода), консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «ба ғояҳои назариявӣ оид ба мақсадҳо, вазифаҳо, шаклҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ такя доорад. Илова бар ин, ҳуқуқэҷодкунӣ категорияи анъанавӣ ва илман асоснокшудаи назарияи давлат ва ҳуқуқ мебошад» [212, с. 81].

Ба ақидаи Н.В. Исаков, «ғояҳои ҳуқуқии стратегӣ ба шарте бомуваффақият амалӣ карда мешаванд, ки агар амалишавии онҳоро қарорҳои дар доираи сиёсати ҳуқуқӣ қабулгардида таъмин намоянд» [106, с. 32].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «ҳуҷҷати сиёсӣ-ҳуқуқии назариявӣ ва амалӣ буда, низоми нуктаҳои назариявиро, ки ақидаҳои илман асоснокшударо оид ба моҳият, мақсадҳо, принсипҳо, афзалиятҳо, механизми ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ифода мекунанд, дар бар мегирад» [341, с. 27].

Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии илман асоснокшуда заминаи таъмини сифати қонун мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи ҳаёти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар танзим мекунад. Дар ин замина хулоса пешниҳод мешавад, ки асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ кафолати

татбиқи самараноки ҳамаи дигар намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ мебошад [212, с. 82].

Аз асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ татбиқи самараноки самтҳои гуногуни сиёсати давлат вобастагӣ дорад. Тавре А.В. Малко қайд мекунад, «сиёсати ҳуқуқие, ки ҳаматарафа ташаккул наёфта, заиф мебошад, ба заминаи илмии номукаммал ва дорои камбудиҳо такя дорад, якҷоя бо ихтилофоти санадҳои ҳуқуқӣ, афзалиятҳои амалӣ гардидани сиёсати иҷтимоӣ, иқтисодӣ, миллиро халалдор мегардонад» [356, с. 15].

Дар илмҳои ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ, иқтисодӣ низ зарурати таъмини асоси илмии намудҳои гуногуни сиёсати давлат таъкид мешавад [303, с. 130].

Ба ақидаи С.В. Поленина, асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ кафолати қабули қонунҳое мебошад, ки сифати баланд доранд [392, с. 192]. Дар ин ҳолат ҳамаи аломатҳои зарури сифати қонун таъмин карда мешаванд. Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад: «Сифати қонун – маҷмуи хусусиятҳои умумииҷтимоӣ ва ҳуқуқии қонун мебошад, ки мавқеи онро дар низоми санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян намуда, таъсиррасонии ҳуқуқии самаранокро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва рушди ҷомеа таъмин мекунанд» [426, с. 231].

А.П. Мазуренко таклиф пешниҳод мекунад, ки ба илм мафҳуми «асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» ворид карда шавад. Мафҳуми мазкур «тарҳрезии намунаи идеалии танзими меъёрии ҳуқуқиро дар назар дошта, барои дар ҳаёт, аз он ҷумла дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ намудани ғояҳои назариявӣ шароити мусоид фароҳам меорад. Асоси консептуалии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ғояҳои ҳақиқат, воқеият, илмият, мантиқият ташкил медиҳанд» [341, с. 26].

Ақидаи А.П. Мазуренко оид бо ақидаи истифодаи унсурҳои идеалӣ ҳангоми пешбарӣ ва таҳлили мафҳумҳои илмӣ собит мегардад. Аз ин

ақида олимон истифода мебаранд. Чунончи, К.В. Шундиков зарурати ворид намудани унсурҳои идеалиро ба мазмуни мафҳумҳои илмӣ исбот мекунад [247, с. 146].

Дар қисми зиёди мафҳумҳои илмӣ, ки доир ба намудҳои ҷудогонаи сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд, мафҳуми «асоси илмӣ» васеъ истифода мешавад. Дар ин мафҳумҳои илмӣ ин ё он намуди сиёсати ҳуқуқӣ (сиёсати ҳифзиҳуқуқӣ, сиёсати ҳуқуқии мақомоти давлатии маҳаллӣ, сиёсати ҳуқуқии электоралӣ ва дигар) ҳамчун «фаъолияти илман асоснокшуда» шарҳ дода мешавад [513, с. 9-10], [156, с. 7], [172], [531].

Тавре В.В. Трофимов қайд мекунад, истилоҳи «асоси илмӣ» маҷмуи дониши илмиро дар назар дорад. Аз ин хотир, ӯ мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: «асоси илмии сиёсати ҳуқуқӣ, пеш аз ҳама, сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро низоми дониши назариявӣ ва амалӣ ташкил медиҳад, ки ба тарҳрезии босифат, қабул ва амалишавии самараноки қарорҳои ҳуқуқии дорои мазмуни меъёрӣ ва ғайримеъёрӣ дар соҳаи таъмини амали муътадили низоми ҳуқуқӣ, рушд ва такмили он мусоидат мекунад» [469, с. 66].

Ба ақидаи олимон, асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳи ҷалби муассисаҳои илмӣ ва олимони алоҳида ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад. С.В. Поленина таклиф пешниҳод мекунад, ки вазъи ҳуқуқии экспертҳое, ки ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷалб карда мешаванд, дар санади қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда, ба онҳо «ҳуқуқи иштирок намудан дар баррасии консепсия ва лоиҳаи қонун, ҳимоя намудани нуқтаи назари худ дар воситаҳои ахбори омма дода шавад» [392, с. 193].

Ба ақидаи В.В. Трофимов, асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро субъектони зерин ташаккул медиҳанд: а) олимон (ҳуқуқшиносон, сиёсатшиносон, иқтисодчиҳо, ҷомеашиносон) ва коллективҳои дахлдори илмӣ, ки инкишофи низоми ҳуқуқиро таҳқиқ мекунанд; б) марказҳои

илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмӣ, б) марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва муассисаҳои илмӣ, ки дар таҳияи лоиҳаи қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва тафсири ҳуқуқӣ иштирок мекунанд; в) шуъбаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ дар таркиби мақомоти иҷроия ва қонунгузор, ки қарорҳои ҳуқуқии стратегӣ қабул мекунанд [469, с. 67].

Ба ақидаи як қатор олимон, дар ҳамаи соҳаҳои илм имконияти таҳқиқи маҷмуи масъалаҳое, ки бо ҳуқуқ робита доранд, вуҷуд дорад [94, с. 380-381]. Дар ин замина ақида пешниҳод мешавад, ки ҳангоми коркарди асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ хулосаҳои соҳаҳои гуногуни илм метавонанд истифода шаванд. Дар ин ҳолат сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба таҳқиқи инкишоф ва такмили низоми ҳуқуқӣ «бо мақсади мутобиқ намудани он ба масъалаҳои тақдирсоз мусоидат мекунад» [94, с. 380-381].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба дониши амалӣ, аз ҷумла техникаи ҳуқуқӣ низ такя дорад, чунки таҳияи ҳама гуна санади меъёрии ҳуқуқӣ риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро талаб мекунад. Сифати техникӣ-ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ кафолати танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошад. Барои ҳамин, дониши назариявӣ ва бештар амалӣ оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ барои амали муътадили низоми ҳуқуқӣ аҳаммияти аввалинараҷа дорад, чунки «номукаммалии техникӣ маънои номукаммал будани ҳуқуқро дорад» [104, с. 34].

Айни замон, ба ақидаи В.А. Рудковский, дар байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқӣ фарқи куллӣ ҷой дорад, чунки онҳо соҳаҳои гуногуни дониши назариявӣ ва амалиро ташкил медиҳанд [408, с. 66].

Ба ин нигоҳ накарда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо техникаи ҳуқуқӣ робитаи устувор дорад, чунки истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Техникаи ҳуқуқӣ заминаи ташаккул ва инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Тавре М.Л. Давидова қайд мекунад, қисми зиёди камбудиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ маҳз бо риоя нагардидидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ алоқаманд мебошанд [93, с. 50].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи хулосаҳои назарияи муосири ҳуқуқ ташаккул меёбад. Ба ақидаи Ю.Ю. Вегютнев, омӯзиши қонуниятҳои инкишофи ҷомеа, қонуниятҳои таъсири ҳуқуқ ба ҳаёти ҷомеа, қонуниятҳои инкишофи ҳаёти ҳуқуқӣ барои муайян намудани тактика ва стратегияи инкишофи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ аҳаммият дорад [79, с. 71]. Таҳлили илмии тактика ва стратегияи рушди хуқуқ барои таҳкими асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти методологӣ дорад, чунки ба таҳия ва татбиқи қарорҳои ҳуқуқӣ, ки унсури марказии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд, мусоидат мекунад.

Дар заминаи истифодаи хулосаҳои илмҳои иҷтимоӣ оид ба қонуниятҳои инкишофи ҳаёти ҷомеа унсури сотсиологии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад. Бо ин мақсад истифодаи хулосаҳои илми сотсиологияи (ҷомеашиносии) ҳуқуқӣ аҳаммияти методологӣ дорад. Тавре Д.А. Керимов қайд мекунад, ин соҳаи илми ҳуқуқӣ «қонуниятҳои умумии инкишофи объектҳо, падидаҳо ва равандҳои ҳуқуқиро бо дарназардошти ҷанбаи онтологии онҳо меомӯзад» [126, с. 8].

Ҷомеашиносии ҳуқуқӣ барои таҳқиқи самтҳои таъсири ҳуқуқ ба муносибатхои гуногуни ҷамъиятӣ, инкишофи низоми ҳуқуқӣ, истифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ бо дарназардошти равандҳои ҳаёти ҷомеа аҳаммияти назариявӣ дорад [68, с. 31], [70] ва аз ин хотир, заминаи ташаккулу рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

### 2.3. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ падидаи мустақил буда, ба принсипҳои худ такя дорад. Айни замон принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо

принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд. Дар асарҳои илмӣ принсипҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешаванд. Чунончи, Ю.А. Тихомиров ва И.В. Котелевская принсипҳои зерини ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод мекунанд: қонуният, демократия, ошкорбаёнӣ, асоси илмӣ ва касбият [229, с. 413]. И.А. Иванников ба принсипҳои мазкур принсипи адолат илова намуда, мақсади онро дар муқаррар намудани ҳуқуқу озодиҳои баробари иштирокчиёни муносибатҳои ҳуқуқӣ мебинад [102, с. 178-179].

Ба ақидаи Е.В. Борсова, принсипҳои қонуният, адолат, эътирофи арзиши ҳуқуқҳои инсон, демократӣ, ошкорбаёнӣ, илмият, касбият дар асл принсипҳои ҳамаи намудҳои фаъолияти давлатӣ буда, танҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тааллуқ надоранд [270, с. 34].

Дар м. 3 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» принсипҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд: мутобиқат ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон; афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; қонуният; бартарияти меъёрҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, қонунҳои бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ қабулгардида ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон нисбат ба қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ; адолатнокӣ; ошкорбаёнӣ ва шаффофият; илмият; касбият; ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ [13].

Ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, принсипҳои ҳуқуқэҷодкунӣ «ғояҳои асосӣ, асосҳои пешбаранда, талаботи ҳуқуқии ҷавобгӯи фаъолияти эҷоди ҳуқуқ мебошанд, ки ҳадафу мазмуни фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд» [244, с. 437]. Ӯ принсипҳои зерини ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад: эътироф, риоя ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; волоияти Конститутсия; қонуният; моҳияти демократии ҳуқуқэҷодкунӣ; шаффофият; таъмини адолати иҷтимоӣ; касбият; илмият; ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ; ҳимояи манфиатҳои миллӣ; мутаносибии ҳамаи шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ;

такмили мунтазами техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ; истифодаи таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ; фаврӣ будани ҳуқуқэҷодкунӣ [244, с. 437-438].

М.Н. Марченко принсипҳои зерини ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунад: принсипи демократӣ, қонуният, касбият, гуманизм, такмили мунтазами санадҳои қабулшаванда [164, с. 551].

Н. Тоҳиров принсипҳои зерини ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод мекунад: истифодаи таҷрибаи қонунгузорӣ; таҳияи демократии санадҳои меъёрӣ; таъмини асосии илмии таҳияи санадҳои меъёрӣ [466, с. 69-70].

С. Ҳасанов ва М. Ҳасанов принсипҳои зерини ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунанд: қонуният; илмият; истифодаи таҷрибаи амалӣ; демократизм, робита бо амалия [240, с. 313].

Н.Р. Нематов принсипҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар Тоҷикистон муайян мекунад: қонуният; мутобиқати ҳуқуқэҷодкунӣ ба Конститутсияи ҷумҳурӣ; принсипи демократӣ; адолати иҷтимоӣ; ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ [178, с. 54].

Тавре мушоҳида мешавад, дар асарҳои илмӣ доираи муайяни принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад. Одатан, принсипҳои маъмулии ҳуқуқэҷодкунӣ, ба мисли қонуният, адолатнокӣ, демократизм, илмият, касбият, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ ҷудо карда мешаванд. Дар баробари ин принсипҳои маъмулӣ як қатор олимон принсипҳои банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тақсими аниқи салоҳияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ, хусусияти халқӣ доштани ҳуқуқэҷодкунӣ, алоқамандии ҳуқуқэҷодкуниро бо татбиқи ҳуқуқ ҷудо мекунанд [225, с. 413], [134, с. 238], [220, с. 321].

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи мустақили сиёсию ҳуқуқӣ дар заминаи принсипҳои худ амалӣ карда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва зимни ташаккулу амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамон як принсипҳо истифода мешаванд. Чунончи, принсипҳои илмият, асосҳои демократии

ҳуқуқэҷодкунӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ асоси фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд.

Аз ин хотир, пурра ва аниқ ҷудо намудани принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ душвор аст. Принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Аммо принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар раванди амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мазмун ва моҳияти нав пайдо мекунанд. Ин далели он аст, ки дар байни принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи устувор ҷой дорад.

Принсипҳои умумии ҳуқуқ (илмият, ба назар гирифтани афкори ҷамъиятӣ ва дигар), ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд, дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мазмуни дигар пайдо мекунанд, бо мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати мазкур тобеъ карда мешаванд.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар як қатор асарҳои илмӣ таҳқиқ мешаванд [392, с. 186], [347, с. 62]. Ба ин нигоҳ накарда, консепсияи умумии назариявӣ оид ба принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳоло пешниҳод нашудааст. Дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои гуногуни принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, доираи мухталифи ин принсипҳо пешниҳод мешавад. Илова бар ин, тафовути принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта намешаванд. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба шарте принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шуда метавонанд, ки агар бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робита дошта бошанд.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои сиёсати мазкур бояд муайян карда шаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, такмили қонунгузорӣ алоқа доранд. Аз ин хотир, принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо принсипҳои фаъолияти қонунгузорӣ, меъёрҳои ҳуқуқ,

принсипҳои танзими ҳуқуқӣ, принсипҳои ташкили сохти дохилии низоми қонунгузорӣ, принсипҳои намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, ба мисли мураттабсозии қонунгузорӣ, принсипҳои фаъолияти кодификатсионӣ, инчунин, принсипҳои техникаи ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, тавре маълум мешавад, хусусияти бештар амалӣ доранд, чунки бо принсипҳои фаъолияти қонунгузорӣ робита доранд. Ҳамин ҳолатро як қатор олимон, аз ҷумла З.С. Байниязова, ба инобат мегирад [64, с. 36].

Як қатор олимон принсипҳои сиёсати ҳуқуқиро ҳамчун афзалиятҳо ё самтҳои мубрами сиёсати мазкур шарҳ медиҳанд [304, с. 125], [484, с. 161], [136, с. 100]. Дар ин ҳолат принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо афзалиятҳои сиёсати мазкур муайян карда мешаванд. Чунончи, ба ақидаи Е.С. Селиванова, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро мақсадҳои стратегии он ташкил медиҳанд [436, с. 143].

Ба ақидаи Т.А. Золотухина, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро арзишҳои умумибашарӣ, ки дар Конститутсия ифода ёфтаанд, ташкил медиҳанд [298, с. 14].

Ба ақидаи Н.Ш. Солиева, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ «проблемаҳо, вазифаҳои аввалиндараҷа ва дар давраи муайян мубрам мебошанд, ки аз ҳалли онҳо самаранокии танзими ҳуқуқӣ дар доираи самтҳои иҷтимоӣ-маънавии фаъолияти субъектҳои сиёсати мазкур вобастагӣ дорад» [529, с. 188].

А.В. Малко ва А.П. Мазуренко мафҳуми зерини афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро пешниҳод мекунанд: «самтҳои муҳим, аввалиндараҷа, ки ба онҳо мақсадҳои фаъолияти давлат ва ҷомеа дар соҳаи танзими ҳуқуқӣ равона шудааст» [160, с. 71].

Олимони зикршуда афзалиятҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд: 1) таъмини шароити ҳуқуқӣ барои рушди ҳаматарафаи шахс, эъмори давлати ҳуқуқбунёд ва ҷомеаи шаҳрвандӣ; 2) ташаккули

қонунгузорӣ дар соҳаи сифати нави ҳаёт; 3) ҳимояи арзишҳои умумибашарӣ, ҳуқуқҳои фитрии инсон; 4) такмили заминаи меъёрӣ бо мақсади танзими самараноки ҳуқуқӣ; 5) ба роҳ мондани робитаи тамаддунии байни шахс, ҷомеа ва давлат дар асоси ҳуқуқи хусусӣ [160, с. 71].

Тавре мушоҳида мешавад, принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо афзалиятҳои сиёсати мазкур муайян карда мешаванд. Афзалиятҳои мазкур хусусиятҳои зерин доранд:

– бо дарназардошти ҳадафҳои стратегии рушди миллии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 ифода ёфтаанд, муайян карда мешаванд;

– бо дарназардошти мақсадҳои Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 муайян карда мешаванд;

– самтҳои мубрам ва аввалиндараҷаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои инкишофёбандаи ҷамъиятӣ мебошанд;

– самтҳои мубрами танзими ҳуқуқиро бо дарназардошти ислоҳоти васеи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-ҳуқуқии ҷомеа инъикос мекунанд;

– ба ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд;

– барои такмили қонунгузории Тоҷикистон бо дарназардошти мақсадҳо ва вазифаҳои мубрами ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ шароити мусоид фароҳам меоранд;

– ба ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои шахс, иштироки фаъоли шахс дар муносибатҳои ҳуқуқӣ мусоидат менамоянд;

– ба фаъолияти шахсони ҳуқуқӣ, аз ҷумла субъектҳои хоҷагидории хусусӣ, мусоидат мекунанд;

– фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатиро такмил медиҳанд;

– барои иштироки фаъоли ниҳоди ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ шароити кофии сиёсӣ ва ҳуқуқиро таъмин мекунанд.

Бо дарназардошти хусусиятҳои зикршуда мафҳуми зерин пешниҳод мешавад:

Афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самтҳои ҷорӣ ва стратегии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, ки дар доираи онҳо фаъолияти ҳамаи субъектҳо ва иштирокчиёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад.

Ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои рушди миллӣ, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 (СМРТ) ифода ёфтаанд, барои муайян намудани афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши аввалиндараҷа доранд. СМРТ бо Қарори маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст [53].

Тибқи ҳуҷҷати мазкур фароҳам овардани шароити то ҳадди имкон мусоид барои зиндагӣ ва инкишофи минтақаҳо бояд принсипи асосии фаъолияти кормандони мақомоти ҳокимияти давлатӣ гардад. Бо ин мақсад бояд иқтидори ниҳодҳои давлатӣ таҳким дода шуда, низоми ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд такмил дода шавад. Таҳкими минбаъдаи ҳокимияти судӣ, такмили раванди судӣ, баланд бардоштани нақши суд дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, ҳифзи ҳуқуқҳои молумулкӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, таъмини волоияти қонун ва адолат самтҳои муҳимми рушд ва таҳкимдиҳии давлатдории мардуми тоҷик мебошад [53].

Мақсадҳои зикршуда барои такмили идоракунии давлатӣ, аз он ҷумла дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, аҳаммияти аввалиндараҷа доранд, чунки таҳкими иқтидори ниҳодҳои давлатӣ дар соҳаи ҳамкорӣ бо бахши хусусӣ, ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шарикони рушд заминаи кофии меъёриро талаб мекунад.

Тавре дар СМРТ қайд карда мешавад, танзими аз меъёр зиёд, дар баъзе ҳолатҳо дахолати беасоси мақомоти давлатӣ ба фаъолияти хоҷагидорӣ, андозбандии аз меъёр зиёди бахши расмии иқтисодиёт ва заминаи заифи андоз ҷиҳати маблағгузории вазифаҳои давлатӣ дар сатҳи маҳал зарурати такмилдиҳии механизмҳои танзими андоз ва ҳифзи ҳуқуқ, шакл ва усулҳои банақшагирии стратегию минтақавӣ ва идоракунӣ, тадбирҳои танзими давлатиро дар соҳаи стандартикунонӣ ва сертификатсия, инкишофи низоми самараноки идоракунии молӣ ва моликияти давлатиро талаб мекунанд [53].

СМРТ дар самти таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ мақсадҳои зеринро пеш мегузорад: такмили механизми ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; такмили низоми эъломияи даромад ва хароҷоти хизматчиёни давлатӣ; баланд бардоштани музди меҳнат; шаффофият ва танзимкунии дақиқи низоми хариди давлатӣ дар ҳамаи сатҳҳо; тақвият бахшидан ба механизмҳои ҳамкории бахши давлатӣ бо ҷомеаи шаҳрвандӣ бо истифодаи шуроҳои ҷамъиятӣ ва дигар майдонҳои машваратӣ [53].

Мақсадҳо ва афзалиятҳои зикршуда такмили минбаъдаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла такмили санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдорро дар соҳаи хизмати давлатӣ, меҳнат, хариди давлатӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, ҳамчунин, таҷдиди назар намудани механизми ташхиси зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунанд.

Дар СМРТ афзалиятҳои такмили идоракунии давлатӣ пешбинӣ карда мешаванд. Яке аз ин афзалиятҳо бо такмили ниҳодҳои сиёсию ҳуқуқӣ ва иқтисодӣ бо мақсади таъмини ҳуқуқҳои бунёдӣ ҷиҳати дахлнопазир будани моликият ва рушди сармояи инсонӣ, дастрасии баробари занону мардон ба раванди қабули қарорҳо робита дорад [53].

Дар самти таъмини самаранокии механизмҳои зиддикоррупсионӣ афзалиятҳои зерин пешбинӣ мешаванд:

– такмилдиҳии минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар самти мубориза бо коррупсия, аз ҷумла такмилдиҳии қонунгузории ҷиноятӣ ва чораҳои муҷозот барои коррупсия;

– ҷорӣ намудани низоми самараноки амалкунандаи ташхиси зиддикоррупсионӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда;

– ислоҳи механизмҳои таъйин ва озод намудани судяҳо аз мансаб, таҳкими назорати ахлоқӣ ва ҷорӣ намудани таҷрибаи тақсимоти тасодуфии парвандаҳо байни судяҳо;

– баланд бардоштани афзалиятнокӣ ва беҳтар намудани таъминоти захиравии фаъолият оид ба пешгирии коррупсия;

– фаъолсозии кори мақомоти ҳифзи ҳуқуқ оид ба муайян намудан ва тафтиши ҳолатҳои мураккаб ва бузургҳаҷми коррупсионӣ [53].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд асоси илмӣ дошта бошад. Асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба тарҳрезӣ ва амалӣ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, таъмини асоснокии илмии қарорҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, такмили экспертизаи лоиҳаи қонунҳо, ҷалби муассисаҳои илмӣ ва олимони ҷудогона ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Айни замон таъмини асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳкими неруи илмӣ алоқаманд аст. Аз ин хотир, мақсадҳо ва афзалиятҳои соҳаи таҳкими неруи илмӣ, ки дар СМРТ пешбинӣ мешаванд, барои амалӣ гардидани ин афзалияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доранд.

Чунончи, дар СМРТ афзалиятҳо ва мақсадҳои зерини таҳкимдиҳӣ ва татбиқи самарабахши неруи илмии кишвар муайян карда мешаванд:

–таҳия ва амалисозии Консепсияи дарозмуҳлати тақвияти неруи илми ватанӣ барои давраи то соли 2030;

– муайян намудани афзалиятнокии таҳқиқоти бунёдӣ аз рӯи соҳаҳо бо баланд бардоштани мутамарказии неруи илмӣ;

– ташаккули маҷмуи тадбирҳои ҳавасмандгардонӣ барои ҷалби мутахассисони ҷавон ба илм ва то ҳадди имкон дароз намудани давраи фаъолияти олимон ва мутахассисони табақаи синну солашон калон;

– дастгирии рушди ҳамкориҳои байналмилалии илмӣ;

– андешидани тадбирҳои зарурӣ ҷиҳати ҷавобгӯи талаботи байналмилалӣ гардонидани неруи илмӣ ва аз байн бардоштани монеаҳо вобаста ба эътирофи унвонҳои илмии хатмкунандагони донишкадаю донишгоҳҳои хориҷӣ [53].

Такмили мунтазами қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ яке аз самтҳои мубрами инкишофи низоми қонунгузории Тоҷикистон мебошад. Тибқи СМРТ самтҳои асосии фаъолият дар соҳаи рушди фазои соҳибкорӣ ва сармоягузорӣ инҳо мебошанд:

– такмилдиҳии қонунгузорӣ дар соҳаи сармоягузорӣ, савдои байналмилалӣ ва ҷорӣ намудани стандартҳои байналмилалии сифат ва бехатарии маҳсулот;

– такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ оид ба рушди соҳибкории экологӣ ва афзоиши ҷолибияти сармоягузориҳои экологӣ [53].

Самтҳои зикршудаи рушди қонунгузории соҳибкорӣ ҳангоми муайян намудани афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Бо назардошти гуфтаҳои боло афзалиятҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд:

– ҳимояи ҳуқуқҳои шахс дар доираи рушди неруи инсонӣ;

– такмили раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳадафҳои рушди миллии Тоҷикистон;

– таъмини кафолатҳои ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандон ҳамчун омили муҳимми иштироки онҳо дар ҳаёти сиёсӣ, амалӣ намудани сиёсати давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таъмини шароити мусоид барои амалӣ намудани шаклҳои демократияи бевосита бо мақсади такмили институти раъйпурсӣ ҳамчун воситаи такмили минбаъдаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули қонунҳои муҳимтарин;

– такмили раванди муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо бо иштироки доираи васеи шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо;

– таъмини шароити мусоид барои иштироки васеи ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо. муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ;

– рушди қонунгузорӣ тавассути такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, дастрасии иттилоотонии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

– истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

– таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ, соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ;

– ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти афзалиятҳои зикршуда бояд муайян карда шаванд.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсадҳои ҳуқуқэҷодкунӣ низ робита доранд. Аммо байни ин мафҳумҳо фарқият ҷой дорад. Ба ақидаи А.В. Чердансев, мақсадҳо «самтҳои аввалиндараҷаи фаъолиятро муайян мекунанд, ба ин самтҳо хусусияти мақсаднокӣ медиҳанд» [241, с. 52]. Принсипҳои фаъолият бошанд, ҳамчун ғояҳои асосӣ, заминаҳо, талабот баромад мекунанд. Тавре Т.А. Золотухина қайд мекунад, принсипҳо «хусусияти меъёрӣ дошта, нисбат ба ин ё он фаъолият ҳамчун қоидаҳои аввалиндараҷа, бунёдӣ, талаботи ба онҳо мутобиқи ин фаъолият баромад мекунанд» [298, с. 14].

Ин ақидаи қобили қабул аст. Принсипҳои ин ё он намуди фаъолият ҳамчун заминаи меъёрии фаъолияти дахлдор баромад мекунанд. Ин ҷо сухан на дар бораи меъёрҳои ҳуқуқ, балки заминаи меъёрии фаъолият меравад. Принсипҳои ҳуқуқ фаъолияти доираи номаҳдуди мақомоти давлатӣ, шахсони ҳуқуқӣ ва воқеиро танзим мекунанд. Принсипҳои ҳуқуқ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда шуда, ҳамчун

сарчашмаи ҳуқуқ баромад мекунанд. Айни замон принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар таносуб бо принсипҳои ҳуқуқ дар шакли пурра дар қонунгузорӣ ифода карда намешаванд. Онҳо дар консепсияи илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, асарҳои илмӣ, маводи таълимӣ ва дигар шаклҳои иттилоотонии аҳолӣ истифода мешаванд. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар ҳуҷҷатҳои давлатӣ ифода карда мешаванд, мазмуни расмӣ пайдо мекунанд. Ба ин нигоҳ накарда, принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ унсурҳои меъёриро ба фаъолияти субъектони ин сиёсат ворид мекунанд. Дар заминаи ин принсипҳо фаъолияти доираи васеи субъектон ва иштирочиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад.

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо принсипҳои ҳуқуқ алоқамандaнд. Ба ақидаи В.А. Рудковский, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ ва принсипҳои ҳуқуқ моҳияти ягона доранд [407, с. 9]. Аммо принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз принсипҳои ҳуқуқ фарқ доранд. Ба ақидаи Е.В. Куманин, принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ бо принсипҳои ҳуқуқ робита доранд, аммо аз онҳо фарқ мекунанд, чунки принсипҳои ҳуқуқ на танҳо заминаҳои сиёсии ҳуқуқ, балки нишонаҳои объективии низоми ҳуқуқиро дар маҷмуъ ифода мекунанд [142, с. 143].

Ин ақида қобили қабул аст, чунки принсипҳои ҳуқуқ хусусияти умумӣ дошта, заминаи бунёдии низоми ҳуқуқ ва низоми ҳуқуқӣ мебошанд, асоси фаъолияти мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандонро дар соҳаи ҳаёти давлатӣ ва ҳуқуқӣ ташкил медиҳанд. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошанд, танҳо бо соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд. Илова бар ин, принсипҳои мазкур дар таносуб бо принсипҳои ҳуқуқ мазмуни сиёсӣ низ доранд.

Принсипҳои аввалиндараҷа ва бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ифодаи худро ёфтаанд. Чунончи, нуктаҳои зерини бунёдии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки

арзишҳои пазируфташудаи ҳуқуқӣ-иҷтимоиро инъикос мекунанд ва муқаррароти мустақими умумиҳатмиро пешбинӣ менамоянд, барои муайян намудани принсипҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд:

– арзиши олии инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ (қ.1, м. 5);

– дахлнопазирии ҳуқуқҳои фитрии инсон (қ.2, м. 5);

– эътирофи конститутсионии халқ ҳамчун баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ (қ.1, м. 6);

– ҳуқуқи халқ ба бевосита ва бавосита амалӣ намудани ҳокимияти давлатӣ (қ. 1, м. 6);

– раъйпурсии умумихалқӣ ҳамчун ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ (қ. 2, м. 6);

– таҷзияи ҳокимияти давлатӣ ба ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ (м. 9);

– эътибори олии ҳуқуқии Конститусияи Ҷумҳурии Тоҷиистон ва амали мустақими он (қ. 1, м. 10);

– қонунияти конститутсионӣ – риоя ва иҷрои ҳатмии Конститутсия ва қонунҳои Тоҷикистон аз тарафи ҳамаи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо (қ. 2, м. 10);

– санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамчун қисми таркибии низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ (қ. 3, м. 10);

– интишори расмии қонунҳо ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ҳамчун шарти аввалиндараҷаи амал намудани онҳо;

– кафолати давлатии фаъолияти озоди иқтисодӣ, аз он ҷумла дар заминаи моликияти хусусӣ (м. 12);

– амали бевоситаи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (қ. 2, м. 14);

– мазмуни қонунҳоро муайян намудани ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд (қ. 2, м. 14);

– ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд ҳамчун муайянкунандаи мақсади фаъолияти мақомоти қонунгузор, иҷроия, маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ (қ. 2, м. 14);

– баробарии ҳама дар назди қонун (м. 17);

– қувваи бозгашти қонуни ҷиноятӣ (м. 20);

– ҳуқуқи шаҳрванд ба иштирок намудан дар ҳаёти сиёсӣ ва раъйпурсӣ (м. 27);

– манъи ҳама гуна маҳдудият дар муносибатҳои меҳнатӣ (қ. 2, м. 35);

– кафолати давлатии муайян намудани шаклҳои гуногуни таълим тибқи қонун (қ. 3, м. 41);

– қувваи бозгашт надоштани қонунҳое, ки андози навро муқаррар мекунанд ё шароити андозсупорандагонро вазнин менамоянд (қ. 2, м. 45);

– мақоми интихобӣ, доимоамалкунанда ва касбӣ будани Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон (м. 49);

– ба муҳокимаи халқ пешниҳод наудани лоиҳаи қонунҳо дар доираи салоҳияти Маҷлиси намояндагон (б. 2, м. 57);

– субъектони ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ (м. 58);

– тартиби гуногуни қабули қонунҳо ва қонунҳои конститутсионӣ (м.м. 60 ва 61);

– салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи имзо ва интишори қонунҳо (м. 62);

– салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат. Мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ ва худидоракунӣ дар соҳаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (моддаҳои 70, 74, 79) [1].

Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон бо дарназардошти нуктаҳои асосии конститутсионӣ, ки зикр шуданд, бояд муайян карда шаванд. Ин нуктаҳои конститутсионӣ аввалиндараҷа, мубрам, бунёдӣ буда, афзалиятҳо, мақсадҳо, самтҳои асосӣ, принсипҳо ва дурнамои рушди ҳуқуқэҷодкуниро дар Тоҷикистон муайян мекунанд.

Ҳамчунин, принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Принсипҳои умумии сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳамаи намудҳои сиёсати ҳуқуқӣ дахл доранд ва ҳангоми муайян намудани принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Дар асарҳои илмӣ доираи гуногуни принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад. Чунончи, дар лоиҳаи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Россия принсипҳои зерини сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд: хусусияти демократии сиёсати ҳуқуқӣ; вобастагии иҷтимоӣ-сиёсии сиёсати ҳуқуқӣ; ба назар гирифтани арзишҳои ахлоқӣ ва анъанаҳои фарҳангӣ; воқеӣ будаи сиёсати ҳуқуқӣ; мувофиқат бо стандартҳои байналмилалӣ дар ҳолати ба инобат гирифтани манфиатҳои миллӣ [198, с. 19-21].

А.В. Малко ва А.П. Мазуренко ду гурӯҳи принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунанд: 1) принсипҳои умумӣ, ки робитаи ҳуқуқэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ифода мекунанд; 2) принсипҳои махсуси сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ. Ба принсипҳои гурӯҳи якум дохил карда мешаванд: асоснокии илмӣ; ошкорбаёнӣ; пешгӯӣ намудан; низомнокӣ. Принсипҳои гурӯҳи дуюмро принсипҳои зерин ташкил медиҳанд: ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ; принсипи консептуалӣ; афзалиятнокӣ [159, с. 75].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба принсипҳои худ такя намояд. Ӯ принсипҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад: асоснокии илмӣ, низомнокӣ, пешгӯӣ намудан, ба нақша гирифтан [150, с. 39]. Ҳамин гуна принсипҳоро Н.В. Исаков низ ҷонибдорӣ мекунад [107, с. 70].

Аксарияти олимон принсипи илмиятро ҳамчун принсипи асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ эътироф мекунанд. Чунончи, Р.О. Халфина қайд мекунад, ки «асоснокии илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои қабули қарори самараноки ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти муайян дорад» [175, с. 37].

Ба ақидаи А.В. Малко ва А.П. Мазуренко, принсипи илмият «принсипи универсалӣ мебошад, чунки ҳам ба ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тааллуқ дорад» [160, с. 81].

А.В. Кочетков ба ин назар аст, ки принсипи илмият на танҳо таъмини асоси илмии санадҳои меъёрии қабулшаванда, балки ташкили илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро низ дар назар дорад [520, с. 33].

Принсипи илмият таҳлили соҳаи бо қонун ё санади дигари ҳуқуқӣ танзимшаванда, таҷрибаи татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, омилҳои ташаккулдиҳандаи қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби васеи муассисаҳои илмӣ ва олимону мутахассисонро ба муҳокимаи лоиҳаи қонун дар назар дорад [147, с. 56].

Принсипи илмият истифодаи васеи экспертизаи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо ҷалби муассисаҳои илмӣ, олимони алоҳида, мутахассисон пешбинӣ мекунад. Доир ба экспертизаи ҳуқуқӣ. лингвистӣ, экологӣ, молиявӣ ва дигари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ асарҳои зиёд нашр шудаанд [410], [273, с. 74], [350, с. 153-154], [351, с. 164], [372, с. 262], [473, с. 67], [509, с. 132], [112].

Дар асарҳои илмӣ таклифҳо оид ба фаъол гардонидани шуроҳои экспертӣ ва машваратӣ дар таркиби кумитаҳои парламент [376, с. 141], ворид намудани эспертизаи ҳатмии лоиҳаи қонунҳо ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ [238, с. 228] пешниҳод мешаванд.

Принсипи пешгӯӣ ва банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои пешакӣ муайян намудани доираи муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда, истифодаи воситаҳои дахлдори танзими ҳуқуқӣ, таъсири имконпазири санадҳои меъёрии қабулшаванда ба муҳити иҷтимоӣ, кафолатҳои қонеъ гардидани ҳуқуқу манфиатҳои шаҳрвандон, ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад. Ба ақидаи С.В. Поленина, пешгӯӣ имконият медиҳад, ки раванди амалӣ гардидани қонун пешакӣ ба инобат гирифта шавад, таъсири

имконпазири қонун ба ҷомеа, хавфҳои имконпазири татбиқи қонун муайян карда шаванд [392, с. 191-192].

Аҳаммияти пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пешбинӣ намудани таъсири имконпазири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба пешрафти ҷомеа дар асарҳои олимони шуравӣ ва муосир якдилона пазируфта мешавад [386, с. 43], [305, с. 73], [401, с. 49-50], [419, с. 56-57], [510, с. 74].

Ба ақидаи олимон, пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ роҳи ворид намудани асосҳои илмӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [174, с. 247].

Тавре мушоҳида мешавад, дар асарҳои илмӣ пешгӯӣ ва ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ якҷоя ҳамчун принсипи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешавад, гарчанде пешгӯӣ намудани таъсири имконпазири санадҳои меъёрии қабулшаванда ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ва ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҳамдигар фарқ дошта, метавонанд, ки ҳамчун принсипҳои алоҳидаи ҳуқуқэҷодкунӣ истифода гарданд. Ба ин нигоҳ накарда, ҳар ду принсипи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ якҷоя истифода мешаванд.

Барои исботи ин ақида дар асарҳои илмӣ далелҳои гуногун истифода мешаванд. Чунончи, ба ақидаи О.А. Гаврилов, ҳангоми ба нақша гирифтани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ айни замон усули пешгӯӣ истифода мешавад. Пешгӯӣ ҳамчун шакли пешбинӣ намудани ҳолати минбаъдаи давлат ва ҳуқуқ эътроф мешавад, дар ҷараёни пешгӯӣ маълумоти иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ ва дигар, ки дар заминаи онҳо дурнамои инкишофи низоми ҳуқуқӣ ва унсурҳои ҷудогонаи он муайян карда мешаванд, ҷамъу таҳлил мегарданд. Ҳамчунин, самаранокии амали қонуни қабулшаванда, оқибатҳои эҳтимолии қабули он, тағйироти чашмдошт дар усулҳо ва шаклҳои танзими ҳуқуқӣ пешгӯӣ карда мешавад [89, с. 123].

Ба амалӣ гардидани принсипи пешгӯии инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 2011 ва Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25 августи соли 2015, № 551 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 2011» тасдиқ шудааст [28], мусоидат мекунад. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд КПИКҶТ) бо дарназардошти омилҳои зерин қабул шудааст: дақиқ муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муқоисаи онҳо бо қонунҳои амалкунанда, омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда ба талаботи замон ва ҷомеа, аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани онҳо. Омилҳои зикршуда мутобиқ ба афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошанд.

Мақсадҳои зерини КПИКҶТ ба самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд: ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; таъмини волоияти қонун; такмили ислоҳоти ҳуқуқӣ; рушди минбаъдаи институтҳои демократӣ; таъмини ҳамоҳангиву мувофиқати қонунҳо ва мутобиқати онҳо бо Конститутсия; аз байн бурдани ихтилофоти санадҳои қонунгузорӣ ва таъмини ҳамоҳангӣ ва фазои ягонаи қонунгузорӣ дар Тоҷикистон; такмили қонунҳои амалкунанда, таҳия ва қабули қонунҳои нав; экспертизаи илмию ҳуқуқӣ, зиддикоррупсионӣ, гендерӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоии лоиҳаи қонунҳо; мутобиқ намудани қонунгузории Тоҷикистон бо санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Ҷумҳурии Тоҷикистон; мониторинги санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [28].

Дар КПИКҶТ зинаҳои зерини такмил, рушд ва таъмини сифати қонунгузорӣ муайян карда мешаванд:1) таҳқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, инкишоф ва амалишавии қонунгузорӣ; 2) таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 3) таҳияи

пешниҳодҳо оид ба мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсия ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон; 4) гузаронидани экспертизаи лоиҳаи қонунҳо; 5) таҳлили вазъи қонунгузорӣ, ошкор намудани масъалаҳои ҳалталаб ва мухолифат дар он; 6) муайян намудани самтҳои аввалиндараҷа, ҷорӣ, асосӣ ва дурнамои такмили қонунгузорӣ.

Ҳамчунин, дар КПИҚҶТ камбудиҳои зерин дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд: номутаносибии ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ; танзими нокифояи ҳуқуқӣ дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ, ҳуқуқи тиҷоратӣ, молия ва қарз, системаи андоз, меҳнат ва шуғли аҳолӣ, суғуртаи иҷтимоӣ ва ҳимояи иҷтимоӣ, дар соҳаҳои энергетика, саноат, сохтмон, нақлиёт, алоқа ва комплекси агросаноатӣ; баҳисобгирии нопурраи талаботи танзими ҳуқуқӣ ҳангоми қабули як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; шумораи зиёди меъёрҳои истинодовардашуда; таърифи меъёрҳои қонунҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии алоҳидаи сатҳи пасттар; пешгӯии нокифояи оқибатҳои қабули баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи онҳо, ки боиси дар як муддати кӯтоҳ ворид намудани тағйиру иловаҳо ё бекор кардани ин санадҳо мегардад; дар баъзе мавридҳо ба манфиатҳои соҳавии (идоравии) субъектони ҳуқуқэҷодкунанда додани афзалият ҳангоми таҳия ва пешниҳоди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; дар баъзе ҳолатҳо ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ба санадҳои куҳнашуда, ки ба танзими самараноки ҳуқуқӣ мусоидат намекунанд; дастрасӣ ва дарки нокифояи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз ҷониби тамоми табақаҳои аҳолӣ [28].

Камбудиҳои зикршуда зарурат ва мубрамии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар Тоҷикистон собит мекунанд. Таҳлили ҳолати қонунгузорӣ, камбудиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва роҳҳои пешгирии онҳо бо ҷалби муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, олимон, мутахассисон,

муассисаҳои таҳсилотӣ яке аз вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Дар банди 15-и КПИҚҶТ самтҳои зерини такмили низоми қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд: мутобиқ гардонидани қонунгузории Тоҷикистон ба Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; муайян намудани гурӯҳи қонунҳое, ки дар навбати аввал ва ё дар ояндаи наздик қабул карда мешаванд; кодификатсияи қонунгузорӣ; мураттабсозии қонунгузорӣ; муҳокимаҳои умумихалқӣ ва парлумонии лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин; ҳамоҳангсозии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар доираи равандҳои интегратсионӣ [28].

Айни замон самтҳои зикршудаи инкишофи қонунгузорӣ бо доираи масъалаҳои анъанавии такмили қонунгузорӣ маҳдуд мешаванд. Самтҳои инкишофи дарозмуҳлати қонунгузории Тоҷикистон бо дарназардошти равандҳои нави иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ-маънавӣ, экологӣ, демографӣ ва дигар дар Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳон, ки дар Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон, консепсияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, дар суханрониҳо, баромадҳо ва паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян карда мешаванд, бояд муайян карда шаванд. Чунончи, дар давраи муосири инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамигардонӣ самтҳои нави инкишофи қонунгузорӣ, ки бо истифодаи васеи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ алоқаманданд, бояд ба инобат гирифта шаванд. Илова бар ин, истифодаи зеҳни сунъӣ, ки дурнамои рушди Тоҷикистон ва ҷомеаи ҷаҳонро ташкил медиҳад, бояд мавриди назар қарор дода шавад.

Тавре Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар Паёми худ ба Маҷлиси Олӣ санаи 28 декабри соли 2023 иброз доштанд: «Таъмин намудани рушди устувор ва босуръати кишвар танзими ҳуқуқии

саривақтӣ ва ҳамаҷонибаро талаб менамояд. Қонунгузорӣ бояд пайваста такмил дода шавад ва ҳамқадами ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ бошад» [47].

Ҳамчунин, дар Паёми мазкури сарвари давлат вазифаҳои зерин, ки бо технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ робита доранд, гузошта шуданд: ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо; амалӣ намудани тадбирҳо дар самти сармоягузории давлатӣ ва рақамикунонии ҳифзи муҳити зист бо мақсади истеҳсоли «энергияи сабз», рушди «иқтисоди сабз» ва паст кардани партови газҳои гулхонаӣ; ҷорӣ намудани механизми назорати рақамии ҳаракати нақлиёти гаронвазн; бунёд кардани терминалҳои наздисарҳадӣ ҷиҳати васеъ намудани гузаргоҳҳои наздисарҳадӣ, ташкили «долонҳои сабз» бо истифода аз технологияҳои рақамӣ ва мувофиқи стандартҳои муосири байналмилалӣ; роҳандозии тадбирҳои муассир дар самти ташкили озмоишгоҳҳои ҷавобгӯ ба талаботи байналмилалӣ, ҳалли масъалаи эътирофи сертификати сифат дар доираи савдои дуҷониба ва бисёрҷониба бо кишварҳои шарик ва ташаккули «долони сабз»-и бо технологияҳои рақамӣ муҷаҳҳаз [47].

Табиист, ки ҳалли ин вазифаҳои мубрам дар доираи қонунгузорӣ низ имконпазир мегардад. Ҳолати мазкур такмили қонунгузориро талаб мекунад. Ин ва дигар мақсаду вазифаҳое, ки дар суханрониҳо, баромадҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон муайян карда мешаванд, ҳангоми пешниҳоди стратегияи рушди қонунгузорӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад. ки ба КПИҚҶТ тағйироту иловаҳо дар соҳаи самтҳои стратегии такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти дурнамои рушди ҷомеаи иттилоотӣ ва рақамӣ ворид карда шаванд.

Дар Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 таъкид гардид, ки «истифодаи «зеҳни сунъӣ» дар

ҷабҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеаи ҷаҳонӣ торафт густариш пайдо карда истодааст» [54]. Тавре сарвари давлат хотирнишон намуданд, дар натиҷаи татбиқи Стратегияи рушди «зеҳни сунъӣ» дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 то ба 5 фоизи маҷмуи маҳсулоти дохилӣ расонидани даромад дар натиҷаи ҷорӣ намудани технологияҳои «зеҳни сунъӣ» дар назар дошта мешавад. Ҳамчунин таъкид гардид, ки пешрафти иқтисодиву иҷтимоӣ дар замони муосир, хусусан дар шароити тағйирёбии босуръати иқлим, бо ташаккули «энергияи сабз», «иқтисоди сабз», «иқтисоди рақамӣ», ихтироъ ва татбиқи технологияҳои инноватсионӣ ва зеҳни сунъӣ робита дорад.

Самтҳои нави рушди иҷтимоӣ-иқтисодӣ такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла татбиқи самараноки қонунҳоеро, ки бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ, инноватсионӣ робитаи бевосита доранд, талаб мекунанд. Тавре Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон дар суханронӣ бо аҳли илм ва маорифи кишвар таъкид намуданд, татбиқи чунин қонунҳо ба талабот ҷавоб намедиҳад. Чунончи, ҳанӯз роҳу воситаҳои татбиқи самараноки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тиҷоратикунонии натиҷаҳои фаъолияти илмӣ ва илмиву техникӣ», ки соли 2022 қабул шудааст, таҳия нагардидаанд. Аз ин хотир, ба мақомоти дахлор супориш дода шуд, ки ҷиҳати таҳияи санадҳои зерқонунӣ, бунёди зерсохтори зарурӣ ва татбиқи самарабахши қонуни зикршуда чораҳои дахлдор андешанд. Ҳамчунин, дар натиҷаи татбиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи паркҳои технологӣ» дар давоми 10 соли охир ҳамагӣ 24 парки технологӣ ташкил карда шуда, фаъолияти онҳо ба талабот ҷавобгӯй набуда, аксарашон ба ном вуҷуд доранд. Бар замми ҳамаи ин, татбиқи ҳадафҳои Стратегияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаҳои илм, технология ва инноватсия барои давраи то соли 2030 дар сатҳи зарурӣ ба роҳ монда нашудааст ва дар ин самт мушкилоту камбудиҳои зиёд ҷой доранд [54].

Ба амалишавии принсипи асоснокии илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ банди 16 КПИҚҶТ, аз ҷумла оид ба тасвиби натиҷаҳои таҳқиқоти илмӣ ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешгӯии оқибатҳои иқтисодӣ, молиявӣ, иҷтимоӣ, экологӣ ва дигари қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳо мусоидат мекунад. Бандҳои 19 ва 23 КПИҚҶТ, ки дар он таҳияи маҷмуии санадҳои қонунгузорӣ пешбинӣ мешавад, барои амалишавии принсипи низомнокӣ дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммият дорад. Дар бандҳои дигари КПИҚҶТ самтҳои инкишофи қонунгузорӣ дар соҳаи иттилоотонӣ, такмили қонунгузорӣ дар соҳаи сохтори конститутсионӣ, қонунгузории маданӣ, соҳибкорӣ, аграрӣ, ҳифзи муҳити зист, молия, андоз ва низоми бонкӣ, соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф, фаъолияти мақомоти прокуратура, адвокатура ва нотариат, қонунгузории маъмурӣ, мудофиа, амнияти миллӣ, соҳаи ҳифзи тартиботи ҷамъиятӣ, қонунгузорӣ дар бораи судҳо, қонунгузории ҷиноятӣ, иҷрои ҷазои ҷиноятӣ, муқовимат ба коррупсия, дар соҳаи рушди ҳамкориҳои байналмилалӣ, қонунгузорӣ дар соҳаи хизмати дипломатӣ муайян карда мешаванд. Самтҳои мазкур барои таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла амалишавии принсипи пешгӯии инкишофи ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммият доранд.

Илова бар ин, мутобиқи Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 феврали соли 2011, № 1021 [57] мақомоти давлатӣ ва ташкилотхое, ки дар раванди меъёрэҷодкунӣ иштирок мекунанд, талаботи КПИҚҶТ-ро бояд ба роҳбарӣ гиранд. Мутобиқи банди 3 - Фармони мазкур Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва Вазорати адлия вазифадор карда мешаванд, ки барномаҳо ва нақшаи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо мақсади иҷрои КПИҚҶТ таҳия намоянд.

Ба мақсади иҷрои Фармони мазкур барномаҳои зерин бо қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон тасдиқ карда шуданд: Қарори

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 143 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андоз ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015» [19], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 144 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф барои солҳои 2012-2015» [20], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 96 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015» [17], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 94 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012-2015» [15], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 97 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният барои солҳои 2012-2015» [18], Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 95 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ барои солҳои 2012-2015» [16].

Банақшагирии таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танзим карда мешавад. Мутобиқи м. 30- Қонуни мазкур банақшагирии таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсадҳои зерин амалӣ карда мешавад:

- ташкили низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- паҳн ва дастрас намудани иттилооти ҳуқуқӣ доир ба рушди низоми ҳуқуқии кишвар;

- ҷалби мақомоти дахлдор, муассисаҳои илмӣ, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- такмили раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, возеҳ намудани доираи танзими ҳуқуқӣ ва ҳамоҳангсозии фаъолияти субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ [13].

Мутобиқи м. 30- Қонуни мазкур Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон ва Ҳукумат метавонанд нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳукуқии худро таҳия ва тасдиқ намоянд. Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президент ва назди Ҳукумати Тоҷикистон, Бонки миллӣ нақшаҳои таҳияи лоиҳҳои қонунҳо ва қарорҳои Ҳукуматро тибқи супориш ё бо ташаббуси худ, инчунин, нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳукуқии  аз ҷониби онҳо қабулшавандаро таҳия ва тасдиқ мекунанд. Мақомоти намояндагии ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, шаҳрҳо ва ноҳияҳо, инчунин, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳукуқиеро, ки қабулашон ба салоҳияти онҳо дохил мешавад, тасдиқ мекунанд. Илова бар ин, субъекти дахлдори ҳуқуқэҷодкунанда ҳуқуқ дорад, нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳукуқиро дар сомонаи расмии худ ҷойгир намояд [13].

Дар м. 32- Қонуни мазкур ду намуди нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд: ҷорӣ ва дарозмуҳлат. Нақшаҳои ҷорӣ ба муҳлати то як сол таҳия карда мешаванд. Нақшаҳои дарозмуҳлат ба муҳлати зиёда аз як сол таҳия мегарданд ва дар нақшаҳои ҷорӣ мушаххас гардонида мешаванд. Дар нақшаҳои дарозмуҳлат мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии

Ҷумҳурии Тоҷикистон, барномаҳо, консепсияҳо, дурнамо ва самтҳои инкишофи қонунгузорӣ ба инобат гирифта шуда, тадбирҳо дар соҳаи мураттабсозии қонунгузорӣ муайян карда мешаванд [13].

Тавре мушоҳида мешавад, дар нақшаҳои дарозмуҳлат мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ба инобат гирифта мешаванд. Ин далели мубрам будани мавзуи кори илмии мазкур аст. Мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур муайян карда шуданд, ҳангоми таҳияи нақшаҳои лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

Дар м. 33- Қонуни зикршуда сохтори нақшаҳо муайян карда мешавад. Сохтори нақшаҳо аз унсурҳои зерин иборат аст: номи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки намуд ва мавзуи танзими онро инъикос мекунад; муҳлати таҳия; субъектоне, ки барои таҳияи лоиҳа масъуланд. Мутобиқи ҳамин модда ҳангоми таҳияи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳодҳои мақомоти дахлдор, муассисаҳои илмӣ, инчунин, пешниҳодҳои шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо метавонанд ба инобат гирифта шаванд [13].

Тавре мушоҳида мешавад, пешниҳодҳои муассисаҳои илмӣ, шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои онҳо ҳангоми таҳияи нақшаҳои лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешаванд. Меъёри мазкур ба амалӣ гардидани принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла ошкорбаёнӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Қонун салоҳият ва доираи фаъолияти субъектони таҳиякунандаи нақшаҳои лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро маҳдуд намекунад. Чунончи, тибқи м. 33 Қонуни зикршуда субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ, ки нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро тартиб медиҳанд ва тасдиқ менамоянд, метавонанд ба нақшаҳо дигар талаботро, ки таҳияи ин лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро инъикос менамояд, дохил

намоянд. Нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳияи лоиҳаи берун аз нақшаро бо пешниҳоди субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, супориши мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ё бо ташаббуси худи таҳиякунандаи лоиҳаи истисно намекунанд.

Дар боби 4- Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» хусусиятҳои банақшагирӣ, таҳия, таҳлили таъсири танзимкунии санади меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир дорад, муайян карда мешаванд. Мутобиқи м. 34- Қонун ташаббуси узви Маҷлиси миллӣ, вакили Маҷлиси намояндагон, Президент ва Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президент ва назди Ҳукумати Тоҷикистон, Бонки миллӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия оид ба таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир доранд, ба Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид карда мешаванд [13].

Тибқи банди 2, м. 34- Қонун таҳиякунанда пас аз қабули қарор дар бораи таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ огоҳиномаи дорои маълумоти зеринро ҷойгир менамояд: намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ; маълумот дар бораи таҳиякунанда; доираи шахсоне, ки амали санади меъёрии ҳуқуқӣ ба онҳо паҳн мегардад; муҳлати таҳияи лоиҳа; муҳлати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ; муҳлате, ки дар муддати он пешниҳодҳо вобаста ба ҷойгир намудани огоҳинома қабул карда мешаванд ва он наметавонад аз 30 рӯзи тақвимӣ кам бошад [13].

Мутобиқи банди 3- ҳамин модда дар лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки барои субъектҳои соҳибкорӣ уҳдадорӣ ва ё маҳдудиятҳоро пешбинӣ менамоянд, маълумоти зерин дарҷ карда мешаванд: тавсифи мушкилот, ки ҳалли он қабули санади меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунад; баёни мухтасари мақсади дахолати давлат дар робита ба мушкилоти муайяншуда; тавсифи чораҳои дар лоиҳа пешбинишаванда; тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот; арзёбии мухтасари хароҷоти буҷети давлатӣ ва

натиҷаҳои иҷтимоию иқтисодии қабули санад; санаи анҷом додани машваратҳои оммавӣ бо тарафҳои манфиатдор.

Мутобиқи банди 4- ҳамин модда таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба Феҳристи нақшаҳо ворид карда нашудаанд, пас аз мувофиқа бо субъекти қабулкунандаи санади меъёрии ҳуқуқӣ иҷозат дода мешавад. Мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ метавонад ба таҳиякунанда огоҳиномаро баргардонад [13].

Мутобиқи м. 35- Қонуни зикршуда таҳиякунандаи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ дар муддати на камтар аз 30 рӯз аз лаҳзаи дар Феҳристи нақшаҳо ҷойгиркунии огоҳинома машваратҳои оммавӣ мегузаронад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ, мақомоти давлатӣ ҳуқуқ доранд, ки то ба итмом расидани муҳлати баргузории машваратҳои оммавӣ пешниҳоди худро дар робита бо ҷойгир намудани огоҳинома оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ гузоранд. Аз рӯи натиҷаи баррасии пешниҳодҳо таҳиякунанда қарорро оид ба омода намудани лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё даст кашидан аз омода намудани онро қабул менамояд [13].

Мутобиқи м. 36- Қонун таҳлили таъсири танзимкунӣ аз ҷониби мақомоти давлатие, ки барои таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ масъул аст, омода карда шуда, аз ҷониби роҳбари он ба имзо расонида мешавад ва маълумоти зеринро бояд дар бар гирад: намуд ва номи санади меъёрии ҳуқуқӣ; маълумот дар бораи таҳиякунандаи лоиҳа; доираи шахсоне, ки амали санади меъёрӣ ба онҳо татбиқ мегардад; муҳлати қабули санади меъёрӣ; маълумот дар бораи ҷойгир намудани огоҳинома оид ба таҳияи санад; таклифҳои воридгардида ва хулосаи таҳиякунанда; тавсифи мушкилот, ки барои ҳалли онҳо қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ зарур аст; мақсадҳои дахолати давлат; тавсифи мухтасари лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, уҳдадорӣ ва маҳдудиятҳо барои субъектҳои соҳибкорӣ; тавсифи роҳҳои ҳалли мушкилот; арзёбии муфассали хароҷоти буҷети давлатӣ, эҳтимолияти оқибатҳои иҷтимоию иқтисодӣ; нишондиҳандаҳои арзёбии инкишоф ва давърияти ҷамъоварии

он; санаи эҳтимолии мавриди амал қарор додани санади меъёрии ҳуқуқӣ [13].

Тибқи бандҳои 2, 3, 4, 5 ва 6-и ҳамин модда лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ ҷойгир карда мешавад. Дар давоми 30 рӯз машваратҳои оммавӣ гузаронида мешаванд. Тахиякунанда уҳдадор аст, ки таклифҳои воридшударо баррасӣ намояд. Аз рӯи натиҷаи машваратҳои оммавӣ таҳиякунанда метавонад қарори асоснокро оид ба рад намудани таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ ё оид ба омода ва қабули минбаъдаи он қабул намояд [13].

Мутобиқи м. 37-и Қонун лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба танзими муносибатҳо дар соҳаи соҳибкорӣ равона гардидаанд, мавриди таҳлили таъсири танзимкунӣ қарор дода мешаванд. Лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки меъёри андоз, андозаи пардохтҳои гумрукӣ ва дигар пардохтҳои ҳатмиро ба буҷети давлат муқаррар менамоянд, лоиҳаҳои санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ, инчунин, лоиҳаҳое, ки барои беэътибор донистани санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ё қисмҳои он равона гардидаанд, мавриди таҳлили таъсири танзимкунӣ қарор дода намешаванд. Ҳукумати Тоҷикистон метавонад дар ҳолатҳои истисноӣ лоиҳаи баъзе санадҳои меъёрии ҳуқуқиро аз гузаронидани таҳлили таъсири танзимкунӣ озод намояд [13].

Мутобиқи м. 38-и Қонун лоиҳаи ниҳоии санади меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ дар Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ ҷойгир карда мешавад. Дар давоми 5 рӯзи тақвимӣ мақоми ваколатдор оид ба таҳлили таъсири танзимкунӣ хулосаро оид ба гузаронидани расмиёти машваратҳои оммавӣ омода менамояд. Хулосаи мазкур дар Феҳристи дар боло зикршуда ҷойгир карда мешавад [13].

Тибқи м. 39-и Қонун Портали интернетии иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (минбаъд – Портали интернетӣ) махзани

электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқи дорои таъсири имконпазир ба субъектҳои соҳибкорӣ ба ҳисоб рафта, дар шакли электронӣ бо забони давлатӣ ва русӣ пеш бурда мешавад. Дар он Феҳристи нақшаҳои таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, Феҳристи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва таҳлили таъсири танзимкунӣ, Феҳристи санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда ҷойгир карда мешаванд [13].

Принсипи низомнокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти низомнокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ дар робита бо низоми мартаботии санадҳои меъёрии хуқуқӣ, низоми сарчашмаҳои меъёрии ҳуқуқ, бо мақсади таъмини ягонагии низоми қонунгузорӣ истифода мешавад. Ба ақидаи А.Ю. Калинин, принсипи низомнокӣ дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қабули қарорҳои сиёсиро бо дарназардошти ҷой доштани иттилооти пурра оид ба танзими ҳуқуқии ин ё он сатҳи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар назар дорад. Тавре ӯ қайд мекунад, риоя нагардидани принсипи низомнокӣ ба оқибатҳои манфӣ меорад, аз ҷумла «амали ҳуқуқ халалдор мегардад, имконияти таъсири қонунҳо ба фаъолияти шаҳрвандон, шахсони ҳуқуқӣ ва мақомоти давлат пасттар мешавад» [306, с. 36].

Принсипи ошкорбаёнӣ яке аз омилҳои аввалиндараҷаи таъмини асосҳои демократии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Ошкорбаёнӣ зимни амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шаклҳои зерин зоҳир мешавад:

– ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, субъектони хоҷагидории хусусӣ, доираи васеи шаҳрвандон ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ;

– чопи лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар нашрияҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, сомонаҳои иттилоотии онҳо бо мақсади дастрасии онҳо ба ташкилоту муассисаҳо ва аҳолӣ; мунтазам воқиф намудани аҳолӣ оид ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи воситаҳои ахбори омма ва технологияҳои муосири иттилоотӣ;

– пешниҳод намудани маълумоти дахлдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба мақомоти давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, шаҳрвандон;

– ба муҳокимаи умумихалқӣ гузоштани лоиҳаи қонунҳои муҳимтарин;

– такмили лоиҳаи қонун мутобиқи таклифу пешниҳоди ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва доираи васеи шаҳрвандон, ки дар раванди муҳокимаи он пешниҳод шудаанд;

– ҷалби муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба ҳайси экспертҳо, мутахассисон, машваратчиён;

– ҷалби васеи воситаҳои ахбори омма ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади паҳн намудани маълумоти кофӣ ва ҳаматарафа оид ба раванди таҳияи лоиҳаи қонунҳо, қабул ва интишори онҳо;

– баргузории намоишҳои мустақим, такрорӣ ва таҳлилӣ оид ба кори ҳамарӯзаи мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ; баргузории намоишҳои илмӣ-тафсирӣ оид ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҷалби вакилони халқ, кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, олимон ва коршиносон;

– истифодаи технологияҳои иттилоотӣ бо мақсади таъмини дастрасии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон;

– интишори қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар нашрияҳои расмӣ ва дигар;

– таъмини дастрасии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба аҳолӣ тавассути иттилоотонии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, ки нашри электронии онҳоро таъмин мекунанд.

Ошкорбаёнӣ ва шаффофият ҳамчун принсипи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Мутобиқи м. 5 Қонуни мазкур

ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳҳои зерин таъмин карда мешавад:

- пешниҳоди маълумот ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- интишори санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида дар нашрияҳои расмӣ, воситаҳои дигари ахбори омма ё бо тарзу воситаҳои дигар расонидани ин санад ба маълумоти омма, аз ҷумла бо воситаҳои электронӣ;

- муҳайё намудани имконият ба шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор барои шиносоӣ бо мазмуни санади меъёрии ҳуқуқии қабулгардида [13].

Мутобиқи банди 2 ҳамин модда лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ барои муҳокимаи умум тавассути воситаҳои ахбори омма, аз ҷумла дар сомонаҳои расмии субъектони ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда мумкин аст интишор карда шавад. Шахсони воқеӣ ва ҳуқуқии манфиатдор ҳуқуқ доранд, бо мазмуни чунин лоиҳа шинос шаванд. Таклифу пешниҳодҳои воридшуда ҳангоми такмили лоиҳа бояд аз ҷониби субъекти ваколатдори ҳуқуқэҷодкунанда баррасӣ гарданд [13].

Айни замон меъёрҳои дар боло зикршуда ба санади меъёрии ҳуқуқӣ ё лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқие, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд, татбиқ намешаванд.

Дар ҷомеаи иттилоотӣ технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд васеъ истифода шаванд. Бо ин мақсад тартиби истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар м. 6 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муайян карда мешавад. Чунончи, тибқи моддаи мазкур, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асоси истифодаи васеи технологияи иттилоотӣ ба роҳ монда мешавад. Технологияи иттилоотӣ дар давраҳои банақшагирии таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, таҳияи лоиҳа, қабул, интишори санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, дастрас намудани маълумот оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад [13].

Дар банди 3 м. 6 Қонун роҳҳои зерини истифодаи технологияи иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд:

-ҷойгир намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар сомонаҳои расмии мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда (ба истиснои лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд);

- истифодаи сомонаҳои расмӣ бо мақсади муҳокимаи пешакии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабулшуда дар сомонаҳои расмии мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда (ба истиснои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки маълумоти дорои сирри давлатӣ ё сирри дигари бо қонун ҳифзшавандаро дар бар мегиранд);

- истифодаи шаклҳои электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- истифодаи махзанҳои ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- истифодаи шакли электронии паҳн намудани иттилооти ҳуқуқӣ оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- таъмини ошкорбаёнӣ ва шаффофият дар ҳамаи давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ;

- паҳн намудани иттилоот оид ба ҷаласаҳои мақомоти қонунгузор, дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии нав, қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- паҳн намудани иттилооти дигар оид ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ [13].

Принсипи ошкорбаёнии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз воситаҳои назорати халқ ҳамчун сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ аз рафти фаъолияти намояндагӣ, аз ҷумла вакилони халқ мебошад, ки бевосита аз тарафи шаҳрвандон интихоб шудаанд. Ошкорбаёнӣ бояд ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро фаро гирад. Шаҳрвандон аз рафти

ҳуқуқэҷодкунӣ, лоиҳаи қонунҳои баррасишаванда ва қабулшуда бояд воқиф бошанд. Оид ба аҳаммияти принсипи мазкур олимони зиёд ибрози андеша мекунанд [242, с. 75].

Иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ яке аз принсипҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Афзалияти принсипи мазкур дар байни принсипҳои дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки сиёсати мазкур бо иштироки доираи васеи субъектҳо (мақомоти давлатӣ, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, бевосита шаҳрвандон) ба роҳ монда мешавад. Тавре С.В. Поленина қайд мекунад, «сарфи назар аз истифодаи сохторҳои демократияи намояндагӣ, кори самараноки парламент, ҳокимиятдории комили халқ амали фаъоли сохторҳои демократияи бевоситаро дар баробари демократияи намояндагӣ дар шаклҳои гуногун ва дар сатҳи мухталиф тақозо дорад» [389, с. 233].

Раъйпурсӣ яке аз шаклҳои асосии ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи шаҳрвандон, ба инобат гирифтани иродаи халқ, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Дар таҷрибаи Тоҷикистон раъйпурсӣ ҳангоми қабул ва ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолона истифода мешавад. Ҳамчунин, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қабули қонун дар раъйпурсӣ пешбинӣ мешавад.

Айни замон муносибати муҳаққиқони ғарбӣ ба раъйпурсӣ гуногун аст. Тибқи иттилоти А.В. Малко, Н.И. Матузов, С.В. Поленина ва дигарон, як қатор олимони Ғарб (Т. Флейнер, Г.Гарнер, М. Йовичич) афзалиятҳои раъйпурсиро эътироф мекунанд. Аммо, ба андешаи олимони дигар (Х. Берд, Ф.О. Огт), раъйпурсӣ ба демократияи бевосита ягон мутобиқат надорад. Илова бар ин, дар як қатор давлатҳои демократии Ғарб, аз ҷумла дар Британияи Кабир, раъйпурсӣ истифода намешавад [207, с. 233].

Дар баробари раъйпурсӣ яке аз омилҳои дигаре, ки ба истифодаи шаклҳои демократии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ мебошад. Ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар шаклҳои зерин истифода мешавад: ба муҳокимаи шаҳрвандон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо; иштироки доираи васеи шаҳрвандон, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар муҳокимаи лоиҳаи қонун; пешниҳоди таклифҳо оид ба мукаммал намудани лоиҳаи қонун; ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонун мутобиқи таклифҳо. Ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ барои ҷалби шаҳрвандон ва иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо ба муҳокимаи лоиҳаи қонун мусоидат мекунад.

Аз ин хотир, дар давлатҳое, ки сохторҳои демократияи бевосита истифода мешаванд, аҳаммият ва нақши аввалиндараҷаи ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ якдилона пазируфта мешавад. Ҳамчунин, таклифҳо ҷиҳати такмил додани падидаи мазкур пешниҳод мешаванд. Чунончи, Д.В. Чухвичев таклиф пешниҳод мекунад, ки механизми махсуси давлатии баргузории муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун ва муҳокимаи натиҷаҳои он бояд ташкил гардад [242, с. 138-139].

Раъйпурсӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ принсипҳои ҳаётан муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Айни замон иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ ва ҳуқуқиро бо мақсади ҷалб намудани доираи васеи шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, муташаккилона гузаронидани муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун, воқеъбинона ҷамъбаст намудани натиҷаҳои ин муҳокима талаб мекунад. Тавре А.П. Мазуренко қайд мекунад, иштироки бевоситаи халқ дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ раванди аз нигоҳи ташкилӣ мураккаб буда, пешбинӣ намудани тадбирҳои иловагиро бо мақсади «аниқ ифода намудани афкори ниҳоии ҷамъиятӣ оид ба лоиҳаи қонун талаб мекунад» [348, с. 245].

Ҳамаи принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамдигар алоқаманд буда, бо дарназардошти робитаи устувор ва айни замон функсияҳои алоҳидаи онҳо истифода мешаванд. Ягонагии танзими ҳуқуқӣ истифодаи якҷояи принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад.

## 2.4. Субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки доираи муайяни субъектҳо амалӣ карда мешавад. Айни замон таносуби мафҳумҳои «субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро муайян намудан зарур аст, чунки онҳо аз ҳамдигар фарқ доранд. Тафовути ин мафҳумҳо бо дарназардошти ҳолатҳои зерин муайян карда мешавад:

1. Доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ одатан дар қонун муайян карда мешавад, чунки ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти расмии ҳуқуқӣ буда, дар натиҷаи он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул, тағйир ва қатъ мегарданд. Доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар қонун аниқ муайян намудан ғайриимкон аст, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳам бо ҳаёти ҳуқуқӣ ва ҳам ҳаёти сиёсӣ робита дошта, иштироки васеи доираи номаҳдуди субъектони манфиатдорро дар ҳаёти сиёсӣ-ҳуқуқӣ дар назар дорад.

2. Доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ доираи бо қонун муайяншудаи субъектон иштирок мекунанд. Ин субъектҳо тибқи қонун салоҳияти қабул, тағйир ва қатъи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро доранд. Аммо доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ номаҳдуд аст, чунки дар амалӣ намудани сиёсати мазкур мақомоти давлатӣ,  доираи васеи шаҳрвандон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, корхонаҳо. ташкилотҳо. муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилотӣ, олимони алоҳида, экспертҳо, мутахассисон, воситаҳои ахбори омма иштирок мекунанд.

Ҳолатҳои зикршударо ҳангоми таҳқиқи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба назар гирифтан зарур аст.

Тибқи м. 2 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот, шахсони мансабдор субъектони ҳуқуқэҷодкунанда мебошанд, ки ҳуқуқи амалӣ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро тибқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ доранд. Мутобиқи банди 3-и м. 7 Қонун ваколатҳои субъектони ҳуқуқэҷодкунанда бо Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, санадҳои қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қарорҳои Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон муайян карда мешаванд [13].

Мутобиқи банди якуми м. 7 Қонуни мазкур ба субъектони ҳуқуқэҷодкунанда дохил мешаванд: халқи Тоҷикистон, ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, Бонки миллии Тоҷикистон, Агентии амнияти ядроӣ ва радиатсионии назди Академияи миллии илмҳои Тоҷикистон, Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, раисони ВМКБ, вилоятҳо ва шаҳри Душанбе, Маҷлиси вакилони халқи шаҳрҳо ва ноҳияҳо, раисони шаҳрҳо ва ноҳияҳо, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот [13].

Мутобиқи банди 2, м. 7 Қонун дигар мақомоти давлатӣ ва шахсони ҳуқуқие, ки ба нақшаи идоракунӣ ва номгӯи ташкилотҳои вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон

ва мақомоти назди Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон дохил мешаванд, субъекти ҳуқуқэҷодкунанда намебошанд [13].

Тавре маълум мешавад, доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аниқ муайян карда мешавад. Айни замон доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти қонунгузорӣ, мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати мазкур, барои таъмини шаклҳо ва усулҳои демократии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва шаҳрвандон ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, амалӣ гардидани ҳуқуқу озодиҳои сиёсии шаҳрвандони Тоҷикистон муайян карда мешавад.

Ҳангоми муайян намудани субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нуктаҳои назари илмиро оид ба субъектони сиёсати ҳуқуқӣ ба инобат гирифтан лозим аст, чунки ин падидаҳо бо ҳамдигар алоқаманданд. Чунончи, ба ақидаи олимон, мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ субъектҳои асосии сиёсати ҳуқуқӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои иҷтимоӣ мебошанд ва он тавассути механизми иштироки васеи сохторҳои сиёсӣ дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ, назорати ҷамъиятии фаъолияти мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор дар соҳаи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад [198, с. 3].

Айни замон вазъи ҳуқуқии субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҳамдигар фарқ дорад. Субъектони гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар сиёсати мазкур бо роҳҳо, шаклҳо ва тарзҳои гуногун иштирок мекунанд. Чунончи, мақомоти давлатӣ салоҳияти ҳокимиятӣ дошта, дар ташаккулу амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифода аз имкониятҳои таъсиррасонии давлатӣ, роҳандозии тадбирҳои давлатӣ, истифодаи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ иштирок мекунанд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ чунин салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд. Онҳо ба амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир расонида метавонанд. Бо ин мақсад имкониятҳои васеи ин ниҳодҳо дар соҳаи иштирок дар ҳаёти ҷамъиятӣ, аз он ҷумла сиёсӣ, дохил шудан ба ҳайати шуроҳои ҷамъиятӣ, иштирок дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, пешниҳоди таклифҳо ва ғайра истифода

мешаванд. Шаҳрвандон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути амалӣ намудани ҳуқуқҳои сиёсӣ ба иштирок дар ҳаёти сиёсӣ, иштироки бевосита дар раъйпурсӣ оид ба қабули Конститутсия ва қонунҳо, ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия, дар муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо ва ғайра ширкат меварзанд. Муассисаҳои илмӣ, олимони алоҳида, муассисаҳои олии таҳсилотӣ, экспертҳо, гарчанде салоҳияти ҳокимияти давлатиро надошта бошанд ҳам, тавассути хулосаҳои худ оид ба лоиҳаи қонун ба амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонанд. Воситаҳои ахбори омма ҳангоми пахш намудани наворҳо оид ба рафти ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, раванди ворид намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон принсипҳои демократӣ, ошкорбаёнӣ ва шаффофияти сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро таъмин мекунанд.

Тавре мушоҳида мешавад, субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вазъи гуногуни ҳуқуқӣ дошта, айни замон дар шаклҳои гуногун дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд ва ба самаранокии он таъсир мерасонанд. Як қатор олимон ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, субъектони сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ба гурӯҳҳои гуногун ҷудо мекунанд.

Чунончи. К.В. Шундиков субъектҳои сиёсати ҳуқуқиро ба ду гурӯҳ ҷудо мекунад: 1) субъектҳое, ки сиёсати ҳуқуқиро тарҳрезӣ намуда, дар амалишавии он иштирок мекунанд; 2) субъектҳои ҳаёти ҳуқуқӣ, ки ба амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ таъсир мерасонанд ва дар он бо тарзҳои гуногун иштирок мекунанд [247, с. 157].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ду гурӯҳи субъектҳо иштирок мекунанд: 1) субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки салоҳияти ҳокимиятӣ доранд (Президент, Парламент, Ҳукумат, мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия); 2) иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки ба амалишавии сиёсати мазкур таъсир расонида метавонанд (шаҳрвандон, мақомоти маҳаллии

идоракунӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ба мисли ҳизбҳои сиёсӣ, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, корхонаҳо ва муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, инчунин, муассисаҳои илмӣ, экспертҳо) [336, с. 179]. Ба ақидаи А.П. Мазуренко, доираи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ номаҳдуд аст ва дар ҳолати кушод боқӣ мемонад, чунки дар шароити нави таърихӣ дар баробари субъектони зикршуда «ба ташаккулу амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ субъектони дигари ҳаёти иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ таъсир расонида метавонанд» [336, с. 179].

П.А. Давидова субъектҳои сиёсати ҳуқуқиро ба ду намуд ҷудо мекунад: а) субъектҳое, ки сиёсати ҳуқуқиро тарҳрезӣ мекунанд; б) субъектҳое, ки сиёсати ҳуқуқиро амалӣ мекунанд. Ба ақидаи ӯ, субъектоне, ки сиёсати ҳуқуқиро тарҳрезӣ мекунанд, дар таносуб бо субъектҳои дигар салоҳияти ҳокимиятӣ доранд, ҳадафҳои стратегии рушди ҷомеа ва давлатро муайян мекунанд, фаъолияти касбии худро ба роҳ мемонанд [281, с. 12].

Аммо ақидаи П.А. Давидова оид ба имкониятҳои субъектҳои гурӯҳи якум баҳснок аст, чунки салоҳияти онҳоро танҳо бо тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ маҳдуд мекунанд. Субъектони мазкур дар амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ низ иштирок мекунанд. Илова бар ин, субъектони гурӯҳи дуюм ба раванди тарҳрезии сиёсати ҳуқуқӣ таъсир расонида метавонанд.

Ақида оид ба гуногунии субъектони фаъолияти ҳуқуқӣ аз тарафи В.Н. Карташов пешниҳод шуда буд. Тибқи ин ақида субъектони фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор мебошанд, ки салоҳияти амалӣ намудани ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқиро доранд. Айни замон шахсони алоҳида ва ташкилотҳо дар фаъолияти ҳуқуқӣ иштирок намуда, ба амалишавии салоҳияти субъектони ин фаъолият мусоидат менамоянд [115, с. 28].

Тавре мушоҳида мешавад, В.Н. Карташов мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдорро, ки салоҳияти ҳокимиятӣ доранд, бо истилоҳи

«субъект», шахсони алоҳида ва ташкилотҳоро бошад, бо истилоҳи «иштирокчиён» ифода мекунад. Дар натиҷа субъектон ва иштирокчиёни ин ё он намуди фаъолияти ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Субъектони фаъолияти ҳуқуқӣ мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор буда, ба ин салоҳият доранд. Шахсони алоҳида ва ташкилотҳое, ки салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд, иштирокчии фаъолияти ҳуқуқӣ мебошанд.

Ин ақидаро муаллифони дар боло зикршуда ба асос гирифта, субъектони сиёсати ҳуқуқиро ба субъектони босалоҳият ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқӣ ҷудо мекунанд. Вале ақидаи В.Н. Карташов ба фаъолияти ҳуқуқӣ дахл дорад. Фаъолияти ҳуқуқӣ (прокурорӣ, нотариалӣ, тафтишотӣ ва ғайра) фаъолияти расмии давлатӣ буда, аз тарафи субъектони босалоҳият ва тибқи қонун ба роҳ монда мешавад, чунки оқибатҳои ҳуқуқӣ дорад. Вале сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти махсуси расмии ҳокимиятӣ нест. Дар тарҳрезӣ ва амалишавии он доираи васеи субъектҳо иштирок мекунанд. Айни замон сатҳи таъсиррасонии ин субъектҳо ба тарҳрезӣ ва амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ гуногун аст.

Ҳамин тариқ, субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1) мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, ки дар доираи салоҳияти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ дар тарҳрезӣ ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд;

2) ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, аз ҷумла ҳизбҳои сиёсӣ ва иттиходияҳои шаҳрвандӣ, ки ба раванди тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифода аз механизмҳои ҷамъиятӣ-сиёсӣ таъсир мерасонанд ва дар амалишавии он бевосита иштирок мекунанд;

3) корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳои гуногун, сарфи назар аз шакли моликият, ки дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд;

4) доираи васеи шаҳрвандон (категорияҳои алоҳидаи шаҳрвандон ва ё аҳолӣ), ки тавассути иштирок дар амалӣ намудани ҳокимияти халқ,

аз ҷумла дар раъйпурсӣ, дар тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии он бевосита ё ба воситаи вакилони халқ иштирок мекунанд;

5) воситаҳои ахбори омма, ки тавассути имкониятҳояшон дар соҳаи паҳн намудани иттилооти васеъ оид ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ба раванди тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир расонида, дар амалишавии он иштирок мекунанд;

6) муассисаҳои илмӣ, олимони алоҳида, муассисаҳои касбии таҳсилотӣ, экспертҳо, ки дар тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии он бевосита иштирок мекунанд.

Гурӯҳҳои зикршудаи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ на бо дарназардошти салоҳияти ҳокимиятӣ, балки имкониятҳо, захираҳо, шаклҳо, роҳҳои иштирок дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Нишонаи салоҳияти ҳокимиятӣ дар ин ҳолат ба инобат гирифта намешавад, чунки ҳамаи субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ имконияти иштирок ё таъсиррасониро ба тарҳрезӣ ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ доранд. Чунончи, муассисаҳои илмӣ ё олимони ҷудогона, ки хулосаи худро оид ба лоиҳаи қонун пешниҳод мекунанд, ба раванди тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири бевосита мерасонанд. Илова бар ин, халқи Тоҷикистон, ки сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ буда, салоҳияти амалӣ намудани онро дорад, тавассути қабул ва тағйири минбаъдаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, инчунин, қабули бевоситаи қонунҳо дар раъйпурсӣ ба раванди тарҳрезии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда расонида, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бевосита (ҳангоми раъйпурсӣ оид ба қабулу тағйири Конститутсия, инчунин, қабули қонунҳо) ва бавосита (тавассути интихоби вакилони парламент ва мақомоти маҳаллии намояндагӣ) иштирок мекунанд. Халқи Тоҷикистон, тибқи Конститутсия, салоҳияти амалӣ намудани ҳокимияти халқро дорад. Чунин салоҳият ба ягон мақомоти давлатӣ дода нашудааст. Халқи Тоҷикистон ҳангоми қабул ва тағйири минбаъдаи Конститутсия ва қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ салоҳияти ҳокимиятии худро амалӣ мекунад. Салоҳияти ҳокимиятии

халқ аз салоҳияти ҳокимиятии мақомоти давлатӣ нуфузи бештар дорад, чунки маҳз халқи Тоҷикистон парламент (мақоми олии қонунгузор), Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия), мақомоти маҳаллии намояндагиро интихоб мекунад.

Ба ақидаи Н.И. Матузов, «субъекти асосии сиёсати ҳуқуқӣ давлат мебошад» [370, с. 8]. Ӯ дар ин ҳолат ҳамаи мақомоти давлатӣ, аз ҷумла мақомоти марказӣ ва маҳаллии давлатиро дар назар дорад.

Ю.Ю. Ветютнев ин ақидаро зери шубҳа гирифта, қайд мекунад, ки «давлат субъекти ягонаи ҳаёти ҳуқуқӣ нест» [80, с. 25]. Ин ақида бо дарназардошти хусусияти падидаи сиёсати ҳуқуқӣ пешниҳод мешавад. Дар амалишавии сиёсати ҳуқуқӣ доираи васеи иштирокчиёни ҳаёти ҳуқуқӣ иштирок мекунанд.

Айни замон Ю.Ю. Ветютнев ба хулоса меояд, ки «дар шароити имрӯза субъекти амаликунандаи сиёсати ҳуқуқии идеалӣ ҳоло вуҷуд надорад» [80, с. 26]. Ин ақида қобили қабул нест, чунки худи шакли идеалии сиёсати ҳуқуқӣ, ки дар шакли консепсияи илмӣ пешниҳод мешавад, дар ҳама ҳолат бо дарназардошти ҳаёти воқеӣ тағйир дода мешавад, ба талаботи ҳаёт мутобиқ карда мешавад. Консепсия ва намунаи консептуалии сиёсати ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳаёти воқеӣ бояд тарҳрезӣ гардад, вагарна он амалӣ карда намешавад. Илова бар ин, сиёсати ҳуқуқӣ, аз он ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳоло бо иштироки доираи васеи субъектҳои гуногун амалӣ шуда истодааст.

Субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳам дар раванди тарҳрезии он ва ҳам дар ҷараёни амалишавии сиёсати мазкур иштирок мекунанд. Ҳолати мазкур яке аз хусусиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Агар доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар қонун аниқ муайян карда шавад, пас иштироки доираи васеи субъектҳо дар тарҳрезӣ ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ озод аст. Дар акси ҳол иштироки доираи васеи субъектҳоро дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин намудан ғайриимкон аст.

Субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти се сатҳи ташаккул ва роҳандозии сиёсати мазкур аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд: 1) сатҳи илмӣ; 2) сатҳи меъёрӣ-ҳуқуқӣ; 3) сатҳи амалӣ. Дар сатҳи илмӣ иштироки доираи васеи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, муассисаҳои олии касбии таҳсилотӣ, олимон, мутахассисон, экспертҳо дар назар дошта мешавад. Таҳқиқоти илмӣ ва натиҷаҳои он барои таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд. Бо иштироки субъектони мазкур консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тарҳрезӣ карда мешавад.

Сатҳи меъёрии ҳуқуқӣ қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро пешбинӣ мекунад. Сатҳи мазкур бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи бевосита дорад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ қабул мешаванд, заминаи ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳанд. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пештар ташаккул ёфта, амалӣ карда мешавад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ талаботи танзими ҳуқуқӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Вазифаи мазкур дар доираи ҳуҷҷатҳои барномавӣ ва стратегӣ, аз ҷумла дар соҳаи пешгӯии рушди қонунгузорӣ, ҳалли худро меёбад. Дар натиҷа дар байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи дутарафа ташаккул меёбад. Аз як тараф, дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор муайян карда мешавад. Аз тарафи дигар, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул шуда, тавассути онҳо асосҳои ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбанд.

Сатҳи амалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи васеи субъектҳоро дар тарҳрезӣ ва амалишавии сиёсати мазкур пешбинӣ мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳам асосҳои илмӣ (консепсияи илмӣ) ва ҳам асосҳои ҳуқуқӣ (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) амалӣ карда мешавад. Дар натиҷа, мутобиқати байни се сатҳи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (илмӣ, меъёрии ҳуқуқӣ ва амалӣ) таъмин карда мешавад.

Барои ҳамин, амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи васеи субъектҳоро дар самти муайян намудани асосҳои илмии (консептуалии) сиёсати мазкур, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ), иштироки фаъоли субъектҳоро дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад.

Самаранокии амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз омилҳои зерин вобастагӣ дорад:

- сатҳи баланди омодагии касбии вакилони халқ ва кормандони мақоми қонунгузор (Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон) ва мақомоти маҳаллии намояндагӣ (маҷлисҳои вакилони халқи маҳаллӣ);

- омодагии касбии кормандони мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ (қабул ва амалӣ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ);

- сатҳи заруриомодагии касбии кормандони мақомоти судӣ ва дигари ҳифзи ҳуқуқ дар самти иштироки босамара дар таҳияи лоиҳаи қонунҳои дахлдор, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, иштирок дар баррасии лоиҳаи қонунҳо, дар экспертизаи онҳо ва ғайра;

- маҳорати кории кормандони дахлдори корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ (баррасии лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ);

- қобилияти ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (ҳизбҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, воситаҳои ахбори омма, мақомоти худидораи ҷамъиятӣ) дар самти иштироки фаъол дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ;

- қобилияти зеҳнии кормандони муассисаҳои илмӣ ва касбии таҳсилотӣ, мутахассисон, экспертҳо оид ба дарки амиқи талаботи танзими ҳуқуқӣ, пешгӯӣ намудани сатҳҳо ва дурнамои рушди қонунгузорӣ, пешниҳоди хулосаи илмӣ оид ба лоиҳаи қонун ва ғайра;

- маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон ҳамчун заминаи иштироки фаъоли онҳо дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ (иштирок дар раъйпурсӣ оид ба

қабул ва тағйири Конститутсия, дар қабули қонунҳо, дар муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо).

Тавре мушоҳида мешавад, амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз омилҳое вобастагӣ дорад, ки бо маҳорат, истеъдод, қобилият, дониши ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии онҳо вобастагӣ доранд.

Асоси илмии (консептуалии) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (консепсияи илмӣ) омили аввалиндараҷа ва кафолати амалишавии самараноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба шарте бомуваффақият амалӣ мегардад, ки агар он асосҳои кофии илмӣ дошта бошад. Тавре дар зербобҳои қаблии кор қайд гардид, асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ташаккули унсурҳои гуногун, ба мисли дарки илмии қонуниятҳои асосии инкишофи қонунгузорӣ, таҳқиқоти ҷомеашиносии ҳуқуқӣ (сотсиологии ҳуқуқӣ), пешгӯии илмии дурнамои рушди қонунгузорӣ, экспертизаи лоиҳаи қонунҳо алоқаманд аст. Сатҳи консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ кафолати амалишавии самараноки он аст.

Тарҳрезии асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи дониши ҳуқуқӣ ва ҷалби доираи муайяни мутахассисон таъмин мешавад. Агар асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ комил бошад, пас сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳамаи давраҳои он бомуваффақият амалӣ карда мешавад. Норасоӣ зимни тарҳрезии асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраҳои дигари амалишавии сиёсати мазкур зоҳир мешавад. Чунончи, ба инобат нагирифтани самтҳои ҷудогонаи дурнамои рушди қонунгузории Тоҷикистон боиси он мегардад, ки мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқиро қабул намекунанд.

Асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи илмӣ ва амалӣ таъмин карда мешавад. Дар ҳалли ин вазифа ҳам олимон, мутахассисон, экспертҳо ва ҳам доираи васеи субъектҳо иштирок мекунанд. Тавре болотар қайд гардид, иштироки доираи васеи субъектҳо

дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз маҳорат, истеъдод ва дониши ҳуқуқии онҳо вобастагӣ дорад.

Асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дониши ҳам илмӣ ва ҳам амалиро талаб мекунад. Дониши илмӣ бо доираи муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ва касбии таҳсилотӣ маҳдуд мешавад. Дониши амалӣ бошад, бо амалияи ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷрибаи кории мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, дониши ҳуқуқӣ, маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ алоқаманд аст. Қобилият, истеъдод, малакаи корӣ, ки дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад, барои таъмини асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳим дорад.

Ҳамин тариқ, субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраҳои гуногуни он, ки бо муайян намудани асоси консептуалии сиёсати мазкур алоқаманданд, иштирок мекунанд. Дар ҳалли доираи васеи масъалаҳое, ки бо пешгӯии рушди қонунгузорӣ, банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, экспертизаи лоиҳаи қонунҳо, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонунҳо, пешниҳоди таклифҳо оид ба такмили лоиҳаи қонунҳо алоқаманданд, доираи васеи субъектҳо (мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон) иштирок мекунанд. Ба ақидаи олимон, маҳз аз иштироки самарабахши ин субъектҳо амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ вобастагӣ дорад [65], [137], [141], [157], [218].

А.В. Малко ва И.Н. Исаков омилҳои зерини таъминкунандаи асоси консептуалии сиёсати ҳуқуқиро муайян мекунанд: мутобиқати фаъолияти субъектҳои сиёсати ҳуқуқӣ ба Конститутсия, қонунгузорӣ, заминаҳои ахлоқии ҷомеа, усулҳои илми ҳуқуқшиносӣ; дар асосҳои консептуалӣ ба инобат гирифтани намудҳо ва шаклҳои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ; инъикоси қобилияти субъектони сиёсати ҳуқуқӣ оид ба дарки манфиатҳои умумидавлатӣ дар асосҳои консептуалии он [358, с. 44].

Таклифи зикршуда ҳангоми муайян намудани асосҳои консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки доираи васеи субъектҳо (сохтори давлатӣ ва ғайридавлатӣ, инчунин, шаҳрвандон) тарҳрезӣ ва амалӣ карда мешавад. Айни замон субъектҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраҳои гуногуни он, аз ҷумла ҳангоми таъмини асоси консептуалии сиёсати мазкур иштирок мекунанд. Иштироки субъектони гуногун дар таъмини асосҳои консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти дониши илмӣ, маҳорат ва қобилият, таҷрибаи корӣ, дар доираи меъёрҳои қонунгузорӣ, бо мақсади таъмини самаранокии амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути пешгӯии инкишофи қонунгузорӣ, банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, экспертизаи лоиҳаи қонунҳо, такмили лоиҳаи қонунҳо таъмин мешавад.

Доираи субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ васеъ буда, айни замон мақомоти давлатӣ дар тарҳрезӣ ва амалишавии он нақши ҳалкунанда доранд, чунки барои ҳалли ин вазифа захираи кофии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, моддӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иттилоотӣ, кадрӣ доранд. Мақомоти давлатӣ дар доираи салоҳияти худ, ки бо соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа робита доранд, ваколатҳои соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро низ амалӣ мекунанд. Иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи салоҳияти мақомоти давлатӣ дохил мешавад. Мақомоти давлатӣ на танҳо дар амалишавӣ, балки дар тарҳрезӣ ва ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ саҳми асосӣ доранд. Илова бар ин, мақомоти давлатӣ субъекти асосӣ ва фаъоли сиёсат буда, дар амалӣ гардидани он нақши марказиро иҷро мекунанд, чунки давлатдорӣ, идоракунии давлатӣ, амалисозии ҳокимияти давлатӣ ҷузъи сиёсат аст.

Мақомоти давлатии Тоҷикистон гуногун буда, бо вазъи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла салоҳияти ҳокимиятӣ, аз ҳамдигар фарқ доранд. Мақомотҳои ҳокимияти давлатӣ бо дарназардошти вазъи ҳуқуқӣ дар ташаккулу амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши гуногун доранд. Илова бар

ин, хусусиятҳои вазъи ҳуқуқӣ, алалхусус, салоҳияти мақомоти гуногуни далватиро низ ба инобат гирифтан лозим аст.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти ягонаи сиёсати қонунэҷодкунӣ мебошанд, чунки Маҷлиси Олӣ (парламент) мақоми олии намояндагӣ ва қонунгузори Тоҷикистон буда (м. 48 Конститутсия), салоҳияти таҳия ва қабули қонунҳои Тоҷикистон танҳо ба ин мақомот тааллуқ дорад.

Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон мутобиқи Конститутсияи ҷумҳурӣ дар ҷаласаҳои якҷояи худ фармонҳои Президентро дар бораи таъин кардан ва озод намудани Сарвазир ва аъзои Ҳукумат, ҷорӣ намудани ҳолати ҷангӣ ва вазъияти фавқулода тасдиқ мекунанд (м. 55). Маҷлиси намояндагон ба муҳокимаи халқ лоиҳаи қонунҳоро пешниҳод мекунад, шартномаҳои байналмилалиро (санадҳои ҳуқуқии байналмилалиро) тасдиқ ва бекор мекунад, фармонҳои Президентро дар бораи таъин ва озод намудани раиси Бонки миллӣ ва муовинони ӯ тасдиқ мекунад (м. 57), аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро амалӣ мекунанд (м. 58), Маҷлиси намояндагон қонунҳои ҷорӣ ва қонунҳои конститутсиониро қабул мекунад (м. 60), Маҷлиси миллӣ қонунҳои ҷорӣ ва қонунҳои конститутсиониро ҷонибдорӣ мекунад (м. 60, 61), Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон қонунҳоеро, ки аз тарафи Президент баргардонида шудаанд, такроран баррасӣ мекунанд (м. 62) [1].

Салоҳияти дигари Маҷлиси Олӣ дар соҳаи қонунэҷодкунӣ дар Қонуни конститутсионии Ҷмҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [6] пешбинӣ мешавад. Чунончи, мутобиқи м. 15 Қонуни конститутсионии мазкур ҳадди ақал аз се як ҳиссаи шумораи умумии аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон тағйиру иловаҳоро ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон пешниҳод мекунанд. Маҷлиси миллӣ ризоиятро барои таъин ва озод намудани Прокурори генералӣ, муовинони ӯ медиҳад (м. 19), қарорҳои Маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе,

шаҳру ноҳияҳоро дар сурати ба Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва дигар қонунҳо мувофиқат накарданашон бекор мекунад (м. 21). Шурои маҷлиси миллӣ қонунҳои қабулнамудаи Маҷлиси намояндагонро пешакӣ баррасӣ мекунад (м. 28).

Маҷлиси намояндагон мутобиқи ҳамин Қонуни конститутсионӣ (м. 36, 46, 58) барои таъин намудани Ваколатдор оид ба ҳуқуқи инсон, Ваколатдор оид ба ҳуқуқи кӯдак ризоият медиҳад, ҳокимияти қонунгузориро амалӣ намуда, санадҳои меъёрии ҳуқуқии зеринро қабул мекунад: қонунҳои конститутсионӣ, кодексҳо, қонунҳо, қарорҳо. Шурои Маҷлиси намояндагон кумитаи масъулро оид ба омода кардани лоиҳаи қонун барои баррасӣ ки субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ пешниҳод кардааст, муайян мекунад, лоиҳаҳои қонунҳоро барои баррасӣ ба кумитаҳои Маҷлиси намояндагон, ба дигар субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ мефиристад, муҳлати тайёр кардани хулоса, пешниҳоди тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонун ва дигар санадҳоро муайян мекунад, лоиҳаи қонуни пешниҳодкардаи субъекти ҳуқуқи ташаббуси қонунгузориро дар ҳолати мухолифат ба Конститутсия, қонун, санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофшуда пас мегардонад.

Ҳуқуқи узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагон ба таҳия  ва пешниҳоди лоиҳаи қонун дар доираи ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории онҳо, пешниҳоди дархост ба мақомоти дахлдори давлатӣ, ташкилоту муассисаҳо, мурочиат ба мақомоту ташкилотҳо ва масъалаҳои дигаре, ки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии онҳо робита доранд, дар Қонуни конститутсионии Ҷмҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси  Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [3] пешбинӣ мешавад.

Ҳамчунин, фаъолияти қонунэҷодкунии Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон дар Дастури ҷаласаҳои якҷояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон [23], Дастури Маҷлиси миллии Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [24], Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷлиси

Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон [25] пешбинӣ мешавад. Чунончи, дар Дастури Маҷлиси намояндагон тартиби фаъолияти қонунгузорӣ, аз ҷумла тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ва тайёр кардани онҳо барои баррасӣ, тартиби баррасии лоиҳаи қонунҳо ва қабули онҳо дар Маҷлиси намояндагон, тартиби баррасии такрории қонунҳое, ки Маҷлиси миллӣ ҷонибдорӣ накардааст, тартиби баррасии такрории қонунҳое, ки Президент баргардонидааст, тафсири Конститутсия, қонунҳои конститутсионӣ ва қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, тартиби баррасӣ ва қабули қонун дар бораи буҷаи давлатӣ ва назорати иҷрои он муайян карда мешавад.

Дар таҷрибаи давлатҳо сарвари давлат ҳамчун субъекти марказӣ ва фаъоли сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пазируфта мешавад. Оид ба нақши ҳалкунандаи Президент дар ташаккулу амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ асарҳои зиёд нашр шудаанд. Тавре М.Ю. Понамарева ва Ю.П. Каряченетс менависанд: «Самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президент ва дастгоҳи ӯро «таҳияи барномаи маҷмуии беҳтар намудани сатҳ ва сифати ҳаёти ҳуқуқӣ, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ, ки фаъолияти ҳамаи мақомоти ҳокимияти давлатӣ. сохторҳои ҷомеаи шаҳрвандиро муттаҳид мекунад, инчунин, ташкили низоми самараноки таъсиррасонии ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад» [395, с. 149].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президент барои ҳалли маҷмуи масъалаҳои мубрами ҳаёти давлат ва ҷомеа, ки дар асарҳои илмӣ бардошта мешавад, ба мисли таъмини асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлатӣ [93, с. 9], аниқ намудани доираи предмети танзими ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [103, с. 25] мусоидат мекунад. Ба ақидаи В.Н. Синюков Президент якҷоя бо мақомоти давлатӣ ба ташаккули механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ тавассути таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад [437, с. 56]. В.В. Трофимов зарурати таҳияи модели самараноки сиёсати ҳуқуқиро бо иштироки ҳамаи субъектҳои он,

аз он ҷумла Президент ва дастгохи сарвари давлат, асоснок мекунад [233, с. 60].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши марказӣ ва махсус дорад. Нуктаи мазкур бо ҳолатҳои зерин, ки бо вазъи ҳуқуқии махсуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, салоҳияти васеи сарвари давлат ва меъёрҳои қонунгузорӣ робита доранд, собит мегардад:

1. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мутобиқи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, сарвари давлат ва ҳокимияти иҷроия (Ҳукумат) мебошад (қ. 1 м. 64) [1]. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо дарназардоши вазъи зикршуда салоҳияти ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун сарвари давлат ва Ҳукумат амалӣ мекунад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари давлат бевосита дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунад, ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои аввалиндараҷаи онро муайян мекунад, бо мақсади такмили ҳуқуқэҷодкунӣ ба мақомоти дахлдори давлатӣ супоришҳо медиҳад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун сарвари ҳокимияти иҷроия дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Ҳукумат иштирок мекунад, дар қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки санадҳои идоракунии давлатӣ мебошанд, саҳм мегузорад.

2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон мутобиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [2] вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсӣ дорад. Салоҳияти якумраи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ки дар ин Қонуни конститутсионӣ пешбинӣ мешавад, соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва такмили онро низ дар назар дорад.

3. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти васеъ дорад. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти сарвари давлатро маҳдуд намекунад. Ҳолати мазкур бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ робита

дорад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳое, ки бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, салоҳияти номаҳдуд дорад. Илова бар ин, сарвари давлат салоҳияти истисноиро дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ мекунад.

4. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Раиси Ҳукумат дар идоракунии давлатӣ бевосита иштирок мекунад. Бо имзои ӯ санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҳукумати Тоҷикистон, ки санадҳои идоракунӣ мебошанд, қабул мешаванд.

Дар асарҳои илмӣ салоҳияти Президентро ҳамчун воситаи амалӣ намудани самтҳои гуногуни фаъолияти сарвари давлат эътироф мекунанд. Тавре Н.И. Побежимова ва Н.С. Шербаков қайд мекунанд: «Назорати президентӣ дар низоми назорати давлатӣ мақоми баланд дошта, яке аз намудҳои мустақили он мебошад. Он хусусияти универсалӣ дошта, ҳамаи соҳаҳои фаъолияти давлатро фаро мегирад» [388, с. 136]. Паҳлуҳои гуногуни назорати президентӣ дар асарҳои илмӣ таҳқиқ карда мешавад [461, с. 42], [460, с. 45].

Е.А. Богославский фаъолияти назоратиро яке аз шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқӣ мешуморад, чунки он «аломатҳо, мазмун, присипҳо, функсияҳо, шакли мурофиавии худро дорад» [72, с. 41].

В.М. Горшенев ва И.Б. Шахов фаъолияти назоратиро ҳамчун «функсияи идоракунии иҷтимоӣ» [91, с. 23] таҳқиқ мекунанд.

Д.Б. Зеленсов фаъолияти назоратиро шакли назорати доимӣ бо мақсади риояи қонунгузорӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, воситаи «барқарор намудани ҳуқуқи поймолшуда» мешуморад [101, с. 9].

Ю.А. Тихомиров қайд мекунад, ки фаъолияти назоратӣ роҳи муҳимми таъмини қонуният мебошад, чунки дар ҷараёни ин фаъолият «сатҳи риояи қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ, ҳуқуқӣ ё зиддиҳуқуқӣ будани фаъолияти шахсони мансабдор, намудҳои халалдоршавии қонуният муайян карда мешавад» [230, с. 17].

Айни замон назорати президентӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои назорат мебошад. Салоҳияти назоратии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мусоидат мекунад. Чунончи, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи Конститутсияи ҷумҳурӣ, аз чор як ҳиссаи Маҷлиси миллиро таъин мекунад (м. 49), иҷлосияи якуми маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагонро баъди интихоботи онҳо даъват мекунад, дар ҳолати зарурат иҷлосияҳои ғайринавбатии онҳоро даъват мекунад (м. 52), лоиҳаи қонун дар бораи авфро пешниҳод мекунад (м. 59), ҳуқуқи баргардонидани қонунро ба парламент дорад (м. 62), ҳомии Конститутсия ва қонунҳо мебошад (м. 64), раъйпурсӣ, интихоботи Маҷлиси миллӣ, Маҷлиси намояндагон, мақомоти намояндагии маҳаллиро таъин мекунад, ба қонунҳо имзо мегузорад (м. 69). Намояндаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мунтазам дар ҷаласаҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон иштирок мекунад. Илова бар ин, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун Раиси Ҳукумат ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия назорат мекунад, ҳамкории онҳоро дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, инчунин, бо Маҷлиси Олӣ ва мақомоти намояндагии маҳаллӣ таъмин мекунад, ҳуқуқи бекор кардан ё боздоштани санадҳои ҳуқуқии мақомоти ҳокимияти иҷроияро дорад.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон субъекти фаъоли сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат намуди мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Онро сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентӣ номидан мумкин аст. Нуктаи илмии мазкур бо ҳолатҳои зерин асоснок карда мешавад:

- сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентӣ аз тарафи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон амалӣ карда мешавад;

- вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ –

Пешвои миллат ба ӯ имконият медиҳад, ки дар муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо. вазифаҳои аввалиндарачаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда бозад;

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун сарвари давлат сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро мустақилона амалӣ мекунад, чунки салоҳияти васеи ҳуқуқэҷодкунӣ дошта, онро дар доираи ҳокимияти президентӣ ҳамчун намуди мустақили ҳокимияти давлатӣ амалӣ мекунад;

- сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат танҳо бо ҳаёти дохилии Тоҷикистон маҳдуд нашуда, ҷанбаи байналмилалӣ низ дорад, чунки Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои сиёсати дохилӣ ва хориҷиро муайян мекунад, Тоҷикистонро дар дохили кишвар ва дар муносибатҳои байналмилалӣ намояндагӣ мекунад, ба татбиқи сиёсати хориҷӣ роҳбарӣ мекунад, шартномаҳои байналмилалиро имзо мекунад (м. 69 Конститутсия);

- ташаббусҳои байналмилалии Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон афзалиятҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд, аз ҷумла заминаи рушди қонунгузорӣ мебошанд;

- Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон салоҳияти истиснoии ҳуқуқэҷодкунӣ дорад (ташаббуси номаҳдуди қонунгузорӣ, имзо ва интишори қонун, имзо накардани қонун ва бозгардонидани он ба парламент, пешниҳод намудани лоиҳаи қонун дар бораи авф, бо фармон ба расмият даровардани ҳолати ҷанг ё вазъияти фавқулода);

- салоҳияти номаҳуд доир ба муайян намудани масъалаҳои мубрами такмили ҳуқуқэҷодкунӣ дар паёмҳои ҳамасола ба Маҷлиси Олӣ;

- додани супоришҳо ба мақомоти дахлдори давлатӣ доир ба такмили қонунгузорӣ;

- мустақилона муайян намудани самтҳои аввалиндарачаи рушди низоми қонунгузорӣ;

- таклифу пешниҳодҳои сарвари давлат оид ба зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо, кодексҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ё қабули онҳо дар таҳрири нав;

- мурочиати Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор, ки ҳатмӣ мебошанд, инчунин, суханрониҳои Пешвои миллат дар ҷаласаҳои якҷоя ва иҷлосияҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, машварату маслиҳатҳои сарвари давлат дар ҳолати ба вуҷуд омадани бухрони сиёсӣ, иқтисодӣ ва иҷтимоӣ шаклҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии президентӣ мебошанд;

- масъалаҳои муҳимми давлатӣ ва ҷамъиятӣ, аз он ҷумла дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳатман мувофиқа карда мешаванд.

Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки ба он Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон роҳбарӣ мекунад, субъекти фаъоли сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Салоҳияти Ҳукумати Тоҷикистон, ки дар Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 [8] муайян карда шудааст, барои тарҳрезӣ ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Салоҳияти Ҳукумати Тоҷикистонро бо дарназардошти падидаи сиёсӣ ва ҳуқуқӣ будани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба ду гурӯҳ ҷудо намудан мумкин аст: 1) салоҳияти Ҳукумат дар соҳаи ҳаёти сиёсӣ, амалӣ намудани сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ; 2) сиёсати Ҳукумат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ.

Ба салоҳияти гурӯҳи якум дохил мешаванд:

- пешгӯӣ намудани дурнамои иҷтимоию иқтисодии Тоҷикистон, таҳия ва амалӣ намудани барномаҳои рушди соҳаҳои афзалиятноки иқтисодиёт;

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатӣ дар соҳаи ҳамкории байналмилалии иқтисодӣ, молиявӣ ва сармоягузорӣ;

- таъмини татбиқи сиёсати ягонаи молиявӣ, қарзӣ, пулӣ ва андозситонӣ;

- гузаронидани сиёсати ягонаи давлатии иҷтимоӣ;

- таъмини пешбурди сиёсати ягонаи давлатии муҳоҷират;

- таъмини пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи илм, фарҳанг, маориф ва тандурустӣ;

- таъмини пешбурди сиёсати ягонаи давлатӣ дар соҳаи истифодаи табиат, ҳифзи муҳити зист ва бехатарии экологӣ;

- таҳия ва татбиқи сиёсати давлатии таъмини амнияти шахс, ҷамъият ва давлат;

- андешидани табирҳо оид ба таъмини мудофиа ва амнияти давлатӣ;

- иштирок дар амалӣ намудани сиёсати хориҷӣ.

Ба салоҳияти Ҳукумати Тоҷикистон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ дохил мешаванд:

– қабули қарорҳо (санадҳои меъёрии ҳуқуқии меъёрӣ) ва фармоишҳо (санадҳои ғайримеъёрӣ), ки иҷрои онҳо дар ҳудуди Тоҷикистон ҳатмист (м. 29);

- бекор кардан ё боздоштани амали санадҳои Ҳукумати Тоҷикистон (қисми онҳо) дар мавриди мухолифати онҳо бо Конститутсия ва қонунҳо аз тарафи Президент (Раиси Ҳукумати) Тоҷикистон (м. 29);

- амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дар шакли пешниҳоди лоиҳаи қонунҳои нав, лоиҳаи қонунҳо дар бораи тағйир ё бекор кардани қонунҳои ҷорӣ, таклифҳо оид ба қабули қонунҳои нав ё дохил намудани тағйирот ба қонунҳои ҷорӣ (м. 29);

- таҳия ва тасдиқи барномаи тайёр намудани лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки Ҳукумат ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод менамояд (м. 30);

- додани хулосаҳои хаттӣ оид ба лоиҳаи қонунҳое, ки ба субъекти ташаббуси қонунгузорӣ ва Маҷлиси намояндагон фиристода мешаванд (м. 30);

- ҳуқуқи аъзои Ҳукумат ба иштирок ва баромад намудан дар ҷаласаҳои якҷоя ва алоҳидаи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон, кумита ва комиссияҳои онҳо (м. 31);

- таҳияи лоиҳаи қонуни буҷет ва пешниҳоди он ба Маҷлиси намояндагон, таъмини иҷрои он (м. 15);

- таҳияи лоиҳаи қонунҳо дар бораи муқаррар кардан ва бекор намудани андоз ва пешниҳод намудани онҳо ба Маҷлиси намояндагон (м. 15).

Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии маҷлисҳои вакилони халқи ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳо, инчунин, раисони ВМКБ, вилоятҳо, ш. Душанбе, шаҳру ноҳияҳо бо Конститутсия, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ва санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад, пешбинӣ карда мешавад. Чунончи, мутобиқи м. 9 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» [4] Маҷлиси вакилони халқи ВМКБ, вилоят, ш. Душанбе, шаҳр ва ноҳия қарорҳои меъёриро қабул мекунанд, ки дар ҳудуди дахлдор барои ҳамаи мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо. мақомоти маҳаллии худидоракунӣ, новобаста ба тобеияти идоравӣ, шакли ташкилию ҳуқуқӣ, мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ, шахсони мансабдор, шаҳрвандон ҳатмӣ мебошанд. Раиси ВМКБ, вилоят, ш. Душанбе, шаҳр ва ноҳия дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли қарор қабул мекунанд, инчунин, онҳоро тағйир медиҳанд ё бекор мекунанд (м. 19).

Мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот (Ҷамоат) мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [11] дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қарорҳои

дорои хусусияти умумиҳатмӣ қабул мекунад (м. 9), буҷети шаҳрак ва деҳотро қабул мекунад, овоздиҳии аҳолии шаҳраку деҳотро оид ба масъалаҳои маҳаллӣ мегузаронад (м. 10), ваколатҳоро дар соҳаи иқтисод, молия, қонуният, тартиботи ҷамъиятӣ, мудофиа, ҳифзи иҷтимоӣ, ободонӣ, ҳифзи муҳити зист (м. 11-13) амалӣ мекунад.

Вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти назди Ҳукумати Тоҷикистон мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» субъекти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, салоҳияти қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқиро дар шакли фармоиш ва қарор доранд (м. 7, 24). Салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти мазкур дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазъи ҳуқуқии онҳоро муайян мекунад, муқаррар карда мешавад.

Чунончи, тавре А.Р. Нематов қайд мекунад, Вазорати адлияи Ҷумҳурии Тоҷикистон сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро «дар доираи таҳияи лоиҳаи қонун, барасмиятдарории техникии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, баҳисобгирӣ, бақайдгирӣ ва мураттабсозии онҳо, таъмини дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ барои шаҳрвандон, инчунин, назорат аз болои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти ҳокимияти давлатӣ ва идоракунӣ амалӣ мекунад» [381, с. 4].

Дар як қатор санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки вазъи ҳуқуқии мақомоти давлатиро муайян мекунанд, салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии онҳо муқаррар карда мешавад. Чунончи, салоҳияти ҳуқуқэҷодкунии мақомоти прокуратура дар м. 11 Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [5] муайян карда мешавад. Тибқи моддаи мазкур прокурор дар рафти амалӣ намудани ваколатҳои худ ҳангоми зарурати такмилдиҳии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ метавонад ба субъекти ваколатдоре, ки ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ дорад ё ба мақоме, ки санади меъёрии ҳуқуқиро қабул кардааст, дар бораи қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо, ё аз эътибор соқит кардани санади меъёрии ҳуқуқӣ таклиф пешниҳод кунад.

Илова бар ин, дар м. 8 Қонуни конститутсиони мазкур ҳуқуқи прокурор ба иштирок намудан дар иҷлосияҳо ва ҷаласаҳои мақомоти ҳокимияти қонунгузор, иҷроия, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ, мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот кафолат дода мешавад. Ҳамчунин, Прокурори генералӣ салоҳияти баровардани фармонҳо, амрҳо, низомномаю дастурамалҳоро дорад (м. 18). Салоҳияти баровардани фармонҳо, амрҳо, дастурҳо ба прокурори ВМКБ, вилоятҳо, шаҳри Душанбе, прокурори нақлиёт дода шудааст (м. 21). Мақомоти прокуратура ҳангоми амалӣ намудани назорати умумӣ мутобиқати санадҳои мақомоти давлатӣ, муассисаҳо, иттиҳодияҳои ҷамъиятиро ба қонун месанҷанд, ба санадҳои мақомоту ташкилотҳо, ки хилофи қонун мебошанд, эътироз меоранд (23, 24).

Ба масъалаи иштироки мақомоти прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Чунончи, ба ақидаи муҳаққиқон, иштироки прокуратура дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз функсияҳои мақомоти мазкур буда, шаклҳои гуногуни иштироки прокурорҳо дар фаъолияти ҳуқукэҷодкунӣ ҷой доранд, ба мисли пешниҳоди прокурорӣ оид ба бекор кардани санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба қонун мухолифбуда, пешниҳоди таклифҳо ба мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда ё ба субъектҳои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ оид ба тағйири қонунҳои амалкунанда ё қабули қонунҳои нав, иштирок дар экспертизаи зиддикоррупсионии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [235, с. 163].

Фаъолияти ҳуқукэҷодкунӣ дар корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо низ ба роҳ монда мешавад. Дар раванди ин фаъолият санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ қабул мешаванд. Ҳамчунин, дар Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон тартиби бастани созишномаҳои иҷтимоӣ (байни мақомоти давлатӣ, иттиҳодияи корфармоён ва намояндагони кормандон дар сатҳи ҷумҳуриявӣ, соҳавӣ, вилоятӣ, шаҳрӣ, ноҳиявӣ) ва шартномаи коллективӣ (дар ташкилот, муассисаҳои таҳсилотӣ), ки намуди шартномаи меъёрӣ (сарчашмаи ҳуқуқ) мебошанд, танзим карда мешавад

(м. 307 Кодекси меҳнат) [14]. Илова бар ин, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи имкониятҳо ва шаклҳои гуногун, ба мисли иштирок дар муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун, пешниҳоди таклифҳо оид бо лоиҳаи қонун ба мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра иштирок мекунанд.

Муассисаҳои давлатӣ, аз он ҷумла таҳсилотӣ, яке аз субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Чунончи, Донишгоҳи миллии Тоҷикистон, ки муассисаи давлатии таълимии худмухтор буда, фаъолияти мустақилро дар соҳаҳои гуногун ба роҳ мемонад [9], мутобиқи Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [52] бо мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамкории васеъ дорад. Устодони факултети ҳуқуқшиносӣ дар ҳайати гурӯҳҳои корӣ дар таҳияи лоиҳаи Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, лоиҳаҳои тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, лоиҳаҳои қонунҳо ва кодексҳо иштирок намудаанд, бо Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи устувор доранд. Як қатор аъзоёни Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар факултети ҳуқуқшиносӣ фаъолияти омӯзгорӣ доранд.

Ҳизбҳои сиёсии Тоҷикистон, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [12], дар тайёрӣ ва гузаронидани раъйпурсиҳо ва интихоботи мақомоти ҳокимияти давлатӣ иштирок менамояд, дар гурӯҳҳои доимӣ ё муваққатии вакилон муттаҳид мешаванд ва дар мақомоти намояндагӣ дигар иттиҳодияҳо барпо менамоянд (м. 10).

Иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, мутобиқи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [10], дар таҳияи қарорҳои мақомоти давлатӣ иштирок мекунанд, аз рӯйи масъалаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятӣ бо ташаббусҳо бароммад мекунанд, ба мақомоти давлатӣ пешниҳодҳо мекунанд, лоиҳаи барномаҳои аз ҷиҳати иҷтимоӣ

аҳаммиятнокро аз санҷиши ҷамъиятӣ мегузаронанд, дар кори комиссияҳои муштарак оид ба баррасии онҳо иштирок мекунанд (м. 24).

Шаҳрвандон субъекти бевосита ва фаъоли сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Шаҳрвандони Тоҷикистон бевосита (тавассути раъйпурсӣ) ва бавосита (дар шахсияти вакилони халқ) дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд. Мутобиқи Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [7], тағйиру иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон танҳо бо роҳи раъйпурсӣ дохил карда мешаванд. Қарорҳое, ки раъйпурсии умумихалқӣ қабул менамояд, эътибори олии ҳуқуқӣ дошта, ба ҳеч гуна тасдиқшавӣ эҳтиёҷ надоранд ва иҷрои онҳо дар тамоми каламрави Тоҷикистон ҳатмист ((м. 1). Шаҳрвандон дар раъйпурсӣ озодона, бевосита ва шахсан иштирок мекунанд. Овоздиҳӣ дар раъйпурсӣ пинҳонӣ сурат мегирад (м. 4).

Дар рафти тайёр кардан ва гузаронидани раъйпурсӣ ошкорбаёнии васеъ ва иштироки аҳли ҷомеа таъмин карда мешавад. Ҳизбҳои сиёсӣ, иттифоқҳои касаба, иттиҳодияҳои дигари ҷамъиятӣ, мақомоти давлатию ҷамъиятӣ, ки дар ташкил ва гузаронидани раъпурсӣ ширкат меварзанд, ба таври кушод ва ошкоро бо риояи қонунҳои амалкунандаи Ҷумҳурии Тоҷикистон фаъолият мекунанд (м. 6). Таклифҳо оид ба тағйиру иловаҳои Конститутсия се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешаванд (м. 11). Қарор дар бораи дохил намудани тағйироту иловаҳо ба Конститутсия қабулшуда ҳисоб мешавад, агар ба тарафдории он зиёда аз нисфи шаҳрвандони дар ин маърака иштирокдошта овоз дода бошанд (м. 30). Қарореро, ки дар раъйпурсӣ қабул мешавад, фақат тавассути раъйпурсӣ тағйир додан ё бекор кардан мумкин аст (м. 33).

Ҳамин тариқ, *ҳуқуқэҷодкунии халқ – шакли демократии ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки бо иштироки халқ, бо мақсади қабули Конститутсия ва қонунҳои муҳимтарин ба роҳ монда мешавад.*

Ҳуқуқэҷодкунии халқ дар Тоҷикистон ду шакли асосӣ дорад:

1) раъйпурсӣ – ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи халқ;

2) ҳуқуқэҷодкунии бавосита – иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути сохторҳои демократияи бавосита (Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, мақомоти намояндагии маҳаллӣ).

Раъйпурсӣ шакли асосии ҳуқуқэҷодкунии халқи Тоҷикистон мебошад, чунки афзалиятҳо ва имкониятҳои зеринро дорад:

- Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон танҳо дар раъйпурсии умумихалқӣ қабул шуда, тағийр дода мешавад (ба истиснои ҳолатҳои дар м. 100 Конститутсия пешбинишуда) [1];

- раъйпурсӣ иштироки доираи васеи шаҳрвандонро дар назар дорад, чунки умумихалқӣ мебошад;

- шаҳрвандон дар раъйпурсӣ бо роҳи овоздиҳии бевосита, баробар ва пинҳонӣ иродаи худро оид ба лоиҳаи Конститутсия, лоиҳаи тағйиру иловаҳо ба Конститутсия, лоиҳаи қонун изҳор мекунанд ва аз ин хотир, раъйпурсӣ роҳи ифодаи иродаи халқ дар Конститутсия ва қонун мебошад;

- раъйпурсӣ шакли демократии ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, иштироки озод ва баробари ҳамаи категорияҳои шаҳрвандонро дар ҳуқуқэҷодкунӣ, сарфи назар аз миллат, нажод, вазъи иҷтимоӣ, вазъи молумулкӣ, мансубияти динӣ таъмин мекунад;

- раъйпурсӣ шакли бевосита аз тарафи халқ амалӣ гардидани ҳокимияти давлатӣ мебошад, чунки мутобиқи Конститутсияи Тоҷикистон халқ сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ мебошад (м. 6).

Дар асарҳои илмии олимони давлатҳои ҳамсоя низ аҳаммияти шаклҳои гуногуни ҳуқуқэҷодкунии халқ, аз ҷумла ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи халқ якдилона пазируфта мешавад. Чунончи, ба ақидаи С.В. Поленина, шаклҳои гуногуни демократияи бевосита кафолати «ҳокимиятдории халқ» [389, с. 233] мебошад. Ҳамчунин, демократияи бевосита ҳамчун «сарчашмаи ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» [392, с. 191] арзёбӣ мегардад. А.П. Мазуренко қайд мекунад, ки раъйпурсӣ «шакли аз ҳама самараноки ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи халқ» ва аз ин

хотир, «воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад» [348, с. 244].

Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун шакли дигари иштироки шаҳрвандон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун дар таҷрибаи Тоҷикистон ҳангоми муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳои қаблӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва «Масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» баргузор шуда буд.

Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун хусусиятҳо ва имкониятҳои зерин дорад:

- шакли иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад;

- иштироки категорияҳои гуногуни шаҳрвандонро дар муҳокимаи лоиҳаи қонун, сарфи назар аз миллат, нажод, вазъи иҷтимоӣ, мансубияти динӣ таъмин мекунад;

- яке аз шаклҳои таъмини демократияи бевосита мебошад;

- кафолати таъмини принсипи ошкорбаёнӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба шаҳрвандон барои изҳори ирода, пешниҳоди эродҳо оид ба камбудиҳои лоиҳаи қонун ё таклифҳо оид ба такмили лоиҳаи қонун шароити мусоид фароҳам меорад;

- шакли экспертизаи ҷамъиятии лоиҳаи қонун аз тарафи шаҳрвандон мебошад.

Дар Россия Фармони Президенти ФР «Дар бораи муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳои федералии конститутсионӣ ва қонунҳои федералӣ» аз 9 феврали соли 2011, № 167 [55] қабул шудааст. Дар он тартиби муҳокимаи ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо танзим карда мешавад.

Дар Тоҷикистон, сарфи назар аз ташаккули таҷрибаи муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, тартиби гузаронидаи ин маъракаи муҳимми ҳуқуқэҷодкунӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус танзим нашудааст. Салоҳияти пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо, мутобиқи м.

57 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ба Маҷлиси намояндагон таaллуқ дорад [1]. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад. Дар он мақсадҳои муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, кафолатҳои шаҳрвандон ба иштироки бевосита дар ин маърака, тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба муҳокимаи умумихалқӣ, тартиби баргузории муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, ба расмият даровардани натиҷаҳои муҳокимаи умумихалқӣ, ба инобат гирифтани таклифҳо ва эродҳои шаҳрвандон оид ба лоиҳаи қонун, тартиби интишори расмии натиҷаи ниҳоии муҳокимаи умумихалқӣ, иштироки воситаҳои ахбори омма дар муҳокимаи умумихалқӣ, иттилоотонии ҷараёни муҳокимаи умумихалқӣ бояд муайян ва танзим карда шаванд.

Қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» барои расмӣ гардонидани муҳокимаи умумихалқӣ ва қонунӣ гардонидани натиҷаҳои он мусоидат мекунад. Таҷрибаи баргузории муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо дар Тоҷикистон нишон медиҳад, ки таклифу пешниҳодҳои шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо дар фаъолияти мақоми қонунгузор ба инобат гирифта мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, қабули қонуни алоҳида имконият медиҳад, ки шаҳрвандон дар муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун бо дарки масъулият иштирок намоянд, ҳуқуқи шаҳрвандон (халқ) ба иштирок дар муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун ҳамчун ҳуқуқи алоҳидаи коллективӣ (ҳуқуқҳои насли нав) дар сатҳи қонун пазируфта мешавад.

Оид ба қонунӣ гардонидани муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун дар асарҳои олимони Россия низ таклифҳои зиёд пешниҳод мешаванд. Чунончи, ба ақидаи В.Е. Чиркин, қонунӣ гардонидани муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун аҳаммияти калон дорад, эътибори ҳуқуқии онро таъмин мекунад [488, с. 69].

Ба ақидаи А.П. Мазуренко, қонунӣ гардонидани муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун «ба шуури аҳолӣ ҳисси ҳамиштирокиро дар таҳияи қонун, боварии комилро ба он, ки тартиби муқарраршуда иродаашро ифода мекунад, ворид мекунад» [330, с. 98].

Ба ақидаи Д.В. Чухвичев, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун эътиқоди халқро ба имконияти изҳори ирода мустаҳкам мекунад, ба вусъати фаъолияти сиёсӣ ва ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд, халқ «имконияти амалӣ намудани соҳибихтиёрии худро пайдо мекунад» [242, с. 138].

Дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ марказҳои илмӣ-таҳқиқотӣ нақши муҳим доранд. Чунин марказҳо дар шакли институтҳои илмӣ-таҳқиқотии махсус ташкил карда мешаванд. Дар асарҳои илмӣ таклифҳо оид ба ташкили институти сиёсати ҳуқуқӣ дар назди парламенти Россия (Маҷлиси Федералӣ) [246, с. 66-67] ё институти сиёсати ҳуқуқэҷодкунии назди Маҷлиси Федералии Россия [160, с. 92] пешниҳод карда мешаванд.

Дар Тоҷикистон нақши маркази илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон (ММҚ) иҷро мекунад. ММҚ мутобиқи Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 288 (бо тағйиру иловаҳо аз 13 январи соли 2017, № 813) тасдиқ шудааст [50], муассисаи давлатии илмию таҳқиқотӣ, иттилоотию таҳлилӣ буда, вазифаҳоеро иҷро мекунад, ки ба амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Вазифаҳои ММҚ бо самтҳои гуногуни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд.

Аз ин хотир, вазифаҳои ММҚ-ро ба гурӯҳҳои зерин ҷудо намудан мумкин аст:

1) вазифаҳое, ки бо асосҳои методологӣ ва консептуалии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд: таҳияи консепсияҳои такмили

қонунгузорӣ ва консепсияи лоиҳаҳои қонунҳо; таъминоти ташкилию методологии таҳияи лоиҳаҳои санадҳои қонунгузорӣ; таҳия ва татбиқи технологияҳои муосири таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрҳои ҳуқуқӣ; таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ;

2) вазифаҳо дар соҳаи таъмини ягонагии низоми қонунгузорӣ; пешниҳодҳо оид ба мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба қонунгузории Тоҷикистон ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, мураттабсозии қонунгузорӣ тавассути инвентаризатсияи қонунгузорӣ;

3) вазифаҳо дар соҳаи экспертизаи ҳуқуқии лоиҳаи қонунҳо ва таҳлили таъсири танзимкунӣ;

4) вазифаҳо дар соҳаи таъмини асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ: таҳияи самтҳои афзалиятноки таҳқиқотҳои илмию ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ; пешбурди феҳристи ягонаи таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи ҳуқуқ; таҳқиқоти илмию таҳлилӣ оид ба ҳолат, раванди инкишоф ва амалияи истифода ва такмили он; мусоидат ба инкишофи илми ҳуқуқ; таҳияи тавсияҳо дар бораи истифодаи натиҷаҳои таҳқиқотҳои илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; таҳия намудани лоиҳаҳои нақшаҳои мавзуъҳои илмӣ-таҳқиқотӣ барои мақомоти дахлдор; таҳқиқоти муқоисавӣ-ҳуқуқии қонунгузории Тоҷикистон ва давлатҳои хориҷӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ; ҳамкорӣ бо мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ ва таҳсилоти олӣ дар ҷодаи инкишофи таҳқиқотҳои илмӣ ва тайёр намудани мутахассисони соҳаҳои ҳуқуқ, инчунин бо шахсони ҳуқуқӣ, давлатҳои хориҷӣ ва ташкилотҳои байналмилалӣ; иштирок дар иҷрои барномаҳо ва лоиҳаҳои илмии давлатӣ ва байнидавлатӣ, ҳамкориҳои байналмилалӣ; баланд бардоштани сатҳи малакаи тахассусии илмии кормандони ММК;

5) вазифаҳо дар соҳаи иттилоотонии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ: мусоидат намудан ба инкишофи низоми давлатии иттилооти ҳуқуқии

Тоҷикистон ва дастрасии он ба мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолӣ; ба роҳ мондани фаъолияти нашриявӣ; пешбурди сомона дар Интернет; таъсиси китобхонаи электронии ҳуқуқӣ ва махзани маълумоти ҳуқуқӣ; иштирок дар мубодилаи байнидавлатии иттилооти ҳуқуқӣ;

6) вазифаҳо дар соҳаи тарғиб ва ташвиқоти ҳуқуқӣ: фаҳмондадиҳии муқаррароти асосии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон; таҳия ва интишори тафсири илмию амалии кодексҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, маводи ҳуқуқӣ, иттилоотию таҳлилӣ;

7) вазифаҳо дар соҳаи таъмини асосҳои техникӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ: такмил ва коркарди истилоҳоти ҳуқуқӣ ба забони давлатӣ ва ҳангоми зарурат тарҷумаи он ба забонҳои хориҷӣ.

Бо дарназардошти нақши ММҚ дар соҳаи сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Низомномаи Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар банди 1 Низомнома ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ иштирок намуда, асосҳои илмию методологии онро таъмин мекунад»;

- дар банди 2 (6) Низомнома, ки дар он вазифаҳои ММҚ ифода ёфтаaанд, сархати зерин илова карда шавад: «- ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёати ҳуқукэҷодкуниро муайян мекунад»;

- дар банди 7 Низомнома сархати зерин илова карда шавад: «- барои таҳияи лоиҳаи стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, ки бо сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ робита доранд, гурӯҳҳои корӣ ташкил медиҳад ва дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор кормандони онҳоро ба ин гурӯҳҳои корӣ дохил мекунад».

# БОБИ 3. СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ВА ТЕХНИКАИ ҲУҚУҚӢ

## 3.1. Техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун омили таъминкунандаи самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳия, қабул ва интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аз ин хотир, бо техникаи ҳуқуқӣ алоқаманд аст. Таъмини сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ яке аз роҳҳои ноил гардидан ба мақсади зикршуда мебошад. Барои ҳамин, таҳқиқи мафҳум ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ барои таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти илмӣ ва методологӣ дорад.

Истилоҳи «техникаи ҳуқуқӣ» (аз калимаи лотинии juris – ҳуқуқ ва калимаи юнонии techne – ҳунар, маҳорат, санъат) барои ифодаи самтҳои зерини фаъолияти инсон истифода мешавад:

- назария ё дониши илмии ҳуқуқӣ оид ба истифодаи қоидаҳои таҳия, ифода, қабул, интишор, мураттабсозӣ, тафсир, татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- санъат ё маҳорати касбии таҳия, қабул, мураттабсозӣ, татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ.

Истилоҳи «техникаи ҳуқуқӣ» аз ду калима иборат аст: «техника» ва «ҳуқуқ». Қоидаҳои техникӣ одатан дар соҳаҳои саноат, кишоварзӣ, сохтмон ва дигар истифода мешаванд. Айни замон қоидаҳои техникӣ дар амалияи ҳуқуқӣ низ истифода мешаванд, ба мисли қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар корхонаҳо, қоидаҳои техникаи бехатарӣ дар сохтмон ва ғайра. Ин қоидаҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода ёфта, ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқӣ татбиқ карда мешаванд. Аммо калимаи «техника» дар соҳаи техникаи ҳуқуқӣ шартан истифода мешавад. Техникаи ҳуқуқӣ маҷмуи қоидаҳои техникии таҳия, ифодаи забонӣ ва шаклии санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, интишор, мураттабсозӣ, татбиқи ин санадҳо мебошад. Истилоҳи «техникаи ҳуқуқӣ» ба маънои маҳорати касбӣ, истеъдод, малакаи корӣ, таҷрибаи таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешавад. Принсипи фаъолияти касбӣ яке аз принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Тоҷикистон мақоми доимоамалкунандаи касбӣ мебошад. Кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд маҳорати касбӣ дошта бошанд. Маҳорати касбии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ риояи амиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро дар назар дорад.

Айни замон техникаи ҳуқуқӣ на танҳо сатҳи амалӣ, балки илмӣ низ дорад. Техникаи ҳуқуқӣ маҷмуи дониши илмии махсуси ҳуқуқӣ мебошад. Тавассути ин дониши илмӣ қоидаҳои техникии (касбии) таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ риоя карда мешаванд.

Техникаи ҳуқуқӣ истифодаи дониши махсуси ҳуқуқиро дар соҳаи ҳуқуқ дар назар дорад. Аз ин хотир, дар истилоҳи «техникаи ҳуқуқӣ» калимаи «ҳуқуқ» ба маънои соҳаи ҳуқуқ, меъёри ҳуқуқ, санади меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ ва ғайра фаҳмида мешавад.

Дар давраи вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи олимону муҳаққиқон ба техникаи ҳуқуқӣ бештар мегардад, чунки миқдори зиёди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар робита бо талаботи нави танзими ҳуқуқӣ қабул мешаванд, зарурати таъмини сифати онҳоро бо мақсади пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, камбудиҳо дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, норасоиҳо дар матни санадҳо талаб мекунад. Вазифаи таъмини низоми мураттаби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз байн бурдани ихтилофоти байни онҳо, таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи риояи техникаи ҳуқуқӣ ҳалли худро ёфта метавонад. Айнан ҳамин вазифаҳо дар назди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қарор доранд. Ин далели он аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқӣ бо ҳамдигар робитаи устувор доранд.

Тағйири куллии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, талаботи нави танзими ҳуқуқӣ, аз ҷумла муносибатҳои нави иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ба вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии Маҷлиси Олӣ, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Ҳукумат, мақомоти марказӣ ва маҳаллии ҳокимияти иҷроия, мақомоти маҳаллии худидоракунӣ мусоидат мекунад. Ҳамчунин, дар давраи соҳибистиқлолӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии халқи Тоҷикистон вусъат меёбад. Шаҳрвандони Тоҷикистон бори аввал ҳуқуқи қабули Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунҳоро пайдо намуданд. Шаҳрвандон чунин имкониятро дар давраҳои пештари инкишофи таърихӣ надоштанд. Маҳз бо иштироки халқ 6- уми ноябри соли 1994 аввалин Конститутсияи давлати соҳибистиқлоли Тоҷикистон қабул мешавад. Илова бар ин, тағйиру иловаҳои Конститутсия дар солҳои 1999, 2003 ва 2016 бо иштироки шаҳрвандон доир гардид. Ҳамчунин, иштироки ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои муҳим вусъат меёбад.

Бо дарназардошти ҳолати зикршуда, техникаи ҳуқуқӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад. Айни замон техникаи ҳуқуқӣ дар намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, ба мисли ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ истифода мешавад. Истифодаи техникаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад, чунки ҳамаи дигар намудҳои фаъолияти ҳуқуқӣ аз сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ доранд. Барои ҳамин, истифодаи техникаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад.

Мебояд зикр намуд, ки техникаи ҳуқуқӣ на танҳо дар замони муосири вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, балки дар ҳамаи давраҳои инкишофи таърихӣ дар иртибот бо зарурати таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи муҳаққиқонро ба худ ҷалб намудааст. Чунончи, зарурати риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла ифодаи аниқ ва мушаххаси меъёрҳои қонунҳо, тафсири онҳо дар асрҳои XVII –

XVIII дар асарҳои Ф. Бэкон, Ч. Беккариа [69], Ш.Л. Монтескйе, И.Бентам [76], [171] таъкид мегардад. Г. Савини бори аввал техникаи ҳуқуқиро ҳамчун самти фаъолияти ҳуқуқшиносон шарҳ медиҳад [144, с. 209]. Ба ақидаи В.М. Баранов, «аз лиҳози таърих фалсафаи техника ҳамчун маҷмуи дониши илмӣ беш аз 140 солро аз лаҳзаи ташаккулаш дар бар мегирад» ва «техникаи ҳуқуқӣ дар давраҳои аввал ба он дохил намешуд» [261, с. 646].

Олими Олмон Рудолф фон Иеринг (солҳои 1818-1892) яке аз асосгузорони назарияи техникаи ҳуқуқӣ эътироф мешавад. Яке аз қисмҳои таркибии асари ӯ «Моҳияти ҳуқуқи римӣ дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи он» ҳамчун «Техникаи ҳуқуқӣ» (параграфҳои 37-41) номгузорӣ шудааст. Р. Иеринг калимаи «техника»-ро ба маънои субъективӣ (усули техникӣ) ва объективӣ (истифодаи усули техникӣ дар соҳаи ҳуқуқ) истифода мебарад, қоидаҳои мантиқӣ, забонӣ ва махсуси ҳуқуқии техникаи ҳуқуқиро шарҳ медиҳад [209, с. 25]. Дар асрҳои XIX – XX таваҷҷуҳи муҳаққиқон ба техникаи ҳуқуқӣ дар шароити вусъати фаъолияти парламентҳои кишварҳои Аврупо бештар мегардад. Инкишофи ҳуқуқшиносии позитивӣ, ки таҳлили матни санадҳои меъёрии ҳуқуқиро бо истифодаи техникаи ҳуқуқӣ зарур мешуморад, яке аз омилҳои асосии инкишофи техникаи ҳуқуқӣ дар ин давра мегардад.

Дар ташаккул ва инкишофи техникаи ҳуқуқӣ мутафаккирони Шарқ низ саҳми арзанда гузоштаанд. Чунончи, поягузорони мазҳабҳои фиқҳи исломӣ, аз он ҷумла Абуҳанифа Имоми Аъзам дар эҷоди қоидаҳои техникии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқи исломӣ нақши ҳалкунанда доранд. Дар доираи ҳар як мазҳаби фиқҳи исломӣ маҷмуи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ эҷод карда мешаванд [120, с. 16], [217, с. 65]. Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии ифодаи меъёрҳои нави ҳуқуқи исломӣ дар давоми асрҳои VIII – X дар доираи мазҳабҳои фиқҳи исломӣ муайян карда шуда, васеъ истифода мешаванд. Дар асарҳои Абунасри Форобӣ, Абуалӣ ибни Сино,

Насируддини Тӯсӣ, Низомулмулк ва дигарон таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ ҳамчун санъати идоракунӣ арзёбӣ гардида, қоидаҳои таҳияи фармонҳои подшоҳон бо мақсади таъмини адолат, нақши қонунҳои боадолат дар рушди ҷомеа, ҳамчун аломати мадинаи фозила таҳқиқ мешавад [432, с. 165].

Дар асарҳои олимони муосир маҳз усули шаклии меъёрӣ, ки дар ҳуқуқшиносии позитивӣ васеъ истифода мешавад, ҳамчун сабаби асосии пешниҳод гардидани назарияи илмии техникаи ҳуқуқӣ эътироф мешавад [374, с. 13]. Ҳуқуқшиносии позитивӣ дар нимаи дуюми асри XIX дар робита бо вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар кишварҳои аврупоӣ, қабули миқдори зиёди қонунҳо ва кодексҳо паҳн мешавад. Намояндагони ин равия назарияҳои позитивии ҳуқуқро пешниҳод мекунанд. Дар ин назарияҳо усули шаклии меъёрӣ ҳамчун усули илмии таҳлили матни қонунҳо истифода мешавад. Чунончи, Г. Келзен дар назарияи худ усули мазкурро усули асосии илми ҳуқуқшиносӣ шуморида, онро ҳангоми таҳлили меъёрҳои Конститутсияи Австрия истифода мебарад ва дар ҳамин замина назарияи низоми мартаботии меъёрҳои ҳуқуқро пешниҳод намуда, дар иртибот бо мақоми баланди меъёрҳои Конститутсия бори аввал дар таърихи Аврупо ба барпо гардидани аввалин Суди конститутсионии Австрия асоси илмӣ мегузорад [492, с. 15], [495, с. 34]. Дар натиҷаи фаъолияти позитивистон қоидаҳои таҳия, интишор, тафсир, татбиқи меъёрҳои ҳуқуқӣ, ба соҳаҳо ва институтҳо тақсим намудани меъёрҳо, сохти мантиқии ҳар як меъёри ҳуқуқ васеъ истифода мешаванд. Маҳз дар натиҷаи истифодаи васеи усули шаклии меъёрӣ самти нави илми ҳуқуқшиносӣ бо номи «техникаи ҳуқуқӣ» ташаккул ёфта, минбаъд васеъ инкишоф меёбад. Барои ҳамин, олимони муосир ташаккули техникаи ҳуқуқиро бо ҳуқуқшиносии позитивӣ алоқаманд мекунанд.

Айни замон дар асри XX нуктаҳои назари гуногуни илмӣ оид ба техникаи ҳуқуқӣ пешниҳод мешаванд. Дар натиҷа, мафҳуми васеъ ва

маҳдуди техникаи ҳуқуқӣ истифода мешавад. Техникаи ҳуқуқӣ ба маънои васеъ аз доираи фаъолияти қонунгузорӣ берун мебарояд. Мафҳуми анъанавии техникаи ҳуқуқӣ, ки бо раванди қонунгузорӣ (фаъолияти қонунгузории парламент) алоқаманд аст, дар натиҷаи васеъ гардидани фаъолияти ҳуқуқӣ бо мақсади тафсир ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба соҳаҳои дигар паҳн карда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, мафҳуми маҳдуди техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун техникаи таҳияи лоиҳаи қонунҳо боқӣ мемонад.

Ба ақидаи Г.И. Муромсев, мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ дар кишварҳои аврупоӣ, мафҳуми маҳдуд бошад, дар давлати шуравӣ истифода шудааст [375, с. 6-7]. Айни замон мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди техникаи ҳуқуқӣ дар Аврупо истифода шудаанд. Илм ва амалияи ҳуқуқии кишварҳои аврупоӣ аввал дар заминаи мафҳуми маҳдуди техникаи ҳуқуқӣ инкишоф меёбад. Тавре болотар қайд гардид, мутафаккирони аврупоӣ қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро дар доираи фаъолияти қонунгузорӣ пешниҳод намуда буданд. Дертар бо баробари васеъ шудани фаъолияти ҳуқуқӣ мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ истифода мешавад. Ҳолати мазкур бо он собит мегардад, ки дар илми ҳуқуқи Аврупо усулҳои позитивизми сотсиологӣ якҷоя бо усулҳои шаклии меъёрӣ истифода мешаванд. Позитивизми сотсиологӣ бо таъсири рушди илмҳои табиатшиносӣ ва сотсиологӣ дар Аврупо инкишоф ёфта, таъсири худро ба назарияҳои ҳуқуқ мерасонад. Чунончи, дар назарияи Г. Келзен ақидаи ҳуқуқэҷодкунии судӣ эътироф карда мешавад, чунки лоиҳаи барпо намудани Суди конститутсионӣ, ки аз тарафи ӯ пешниҳод шуда буд, маҳз ба ҳамин ақида асос ёфтааст.

Дар давлати Шуравӣ танҳо пас аз нимаи дуюми солҳои 1930 назарияи меъёрӣ ҳамчун шакли назарияи позитивӣ инкишоф меёбад. Вале солҳои 1960-1970 дар натиҷаи дарки васеи ҳуқуқи шуравӣ маҳдудияти назарияи меъёрӣ ошкор карда мешавад. Ҳолати мазкур ба дарки техникаи ҳуқуқӣ низ таъсир мерасонад. Ба ин нигоҳ накарда, танҳо дар охирҳои солҳои 1980 ва солҳои 1990 камбудиҳои назарияи

шуравии меъёрӣ ҳамаҷониба таҳқиқ карда мешаванд. Натиҷаи ин таҳлилҳои замони шуравӣ ба пешниҳоди мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ дар давраи пасошуравӣ замина мегузоранд.

Аз ин хотир, нуқтаҳои назари олимони шуравӣ оид ба техникаи ҳуқуқӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Чунончи, як қатор олимон мафҳуми маҳдуди техникаи ҳуқуқиро афзалтар шуморида, техникаи қонунгузориро ҳамчун тартиби таҳия ва қабули санадҳои меъёрӣ шарҳ медиҳанд [97], [132], [163]. Олимони дигар дар доираи усули иҷтимоӣ ва бо истифодаи мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ алоқамандии онро бо назарияи синфӣ инкор мекунанд [138, с. 121]. Ҳамчунин, зарурати такмили қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ таъкид мегардад [59, с. 270]. С.С. Алексеев бори аввал дар ибтидои солҳои 1980 мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқиро ҳамчун маҷмуи қоидаҳои қабул ва мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мебарад [59, с. 267].

Мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ дар илми ҳуқуқии пасошуравӣ васеъ истифода мешавад. Чунончи, техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи тарзҳо ва қоидаҳои таҳия, интишор ва мураттабсозии қонунҳо ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ [61, с. 106] ё маҷмуи тарзҳо, қоидаҳо, усулҳои санадҳои ҳуқуқӣ [181, с. 426] шарҳ дода мешавад. Ҳамчунин, техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи илми ҳуқуқшиносӣ пазируфта мешавад [181, с. 425].

Тавре мушоҳида мешавад, мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ, ки дар асарҳои олимони болотар зикршуда истифода мешавад, ҳам санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳам дигар санадҳои ҳуқуқиро дар бар мегирад. Дар натиҷа, мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ на танҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла санадҳои татбиқи ҳуқуқ, санадҳои тафсири ҳуқуқӣ паҳн карда мешавад. Ба ҳамин тартиб, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз техникаи татбиқи ҳуқуқ ва техникаи тафсири ҳуқуқ ҷудо карда мешавад.

Эътирофи мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ барои таҳқиқи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти методологӣ дорад. Дар натиҷаи таҳқиқи васеи

техникаи ҳуқуқӣ намудҳои ҷудогонаи он, ба мисли техникаи қонунгузорӣ, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи мураттабсозии қонунгузорӣ, техникаи тафсири ҳуқуқӣ, техникаи татбиқи ҳуқуқ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ робита дорад. Натиҷаҳои илмие, ки дар ҷараёни таҳқиқи мафҳум ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳосил мешаванд, дар раванди ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешаванд. Масъалаи мазкур дар зербоби ояндаи кор таҳқиқ мешавад.

Мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ барои таҳқиқи алоҳидаи намудҳои он аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи мураттабсозии қонунгузорӣ, техникаи татбиқи ҳуқуқ аз ҳамдигар фарқ доранд. Чунончи, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо таҳия, қабул, интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, техникаи татбиқи ҳуқуқ бо таҳия ва татбиқи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ (санадҳои судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ) робита доранд. Қоидаҳои таҳия, қабул ва интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз қоидаҳои таҳия, қабул ва татбиқи санадҳои ҳуқуқтатбиқкунӣ фарқи куллӣ доранд. Барои ҳамин, таҳқиқи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти назариявию амалӣ дорад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи маҷмуи донишҳои ҳуқуқии назариявӣ, соҳавӣ, махсуси ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Тавре болотар қайд гардид, техникаи ҳуқуқӣ маҷмуи донишҳои илмии назариявӣ ва амалӣ буда, дар робита бо хулосаҳои илмҳои ҳуқуқии соҳавӣ ташаккул меёбад. Айни замон техникаи ҳуқуқӣ самти инкишофи назарияи давлат ва ҳуқуқ буда, дар заминаи дониши илмии умуминазариявӣ инкишоф меёбад, чунки мафҳумҳои «санади меъёрии ҳуқуқӣ», «меъёри ҳуқуқ», «ҳуқуқэҷодкунӣ», «тафсири ҳуқуқӣ». «мураттабсозии қонунгузорӣ», «татбиқи ҳуқуқ», ки мафҳумҳои маркази техникаи ҳуқуқӣ мебошанд, дар назарияи давлат ва ҳуқуқ пешниҳод мешаванд.

Ақидаҳои гуногун оид ба мавқеи техникаи ҳуқуқӣ дар низоми илмҳои ҳуқуқшиносӣ ҷой доранд. Чунончи, техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун илми ҳуқуқии мустақили амалӣ [271, с. 21], [77, с. 146], илми амалии таҳқиқкунандаи фаъолияти қонунгузорӣ [459, с. 9], илми ҳуқуқии ҳоло пурра ташаккулнаёфта [92, с. 26], қисми таркибии назарияи умумии ҳуқуқ [119, с. 25-26], [204, с. 121], ҷузъи назарияи умумии ҳуқуқ ва давлат [111, с. 16] шарҳ дода мешавад. Як қатор олимон техникаи ҳуқуқиро ба маънои техникаи қонунгузорӣ таҳқиқ мекунанд [311, с. 20], онро ҳамчун илми мустақил ва фанни таълимӣ шарҳ дода [99], [464, с. 3], [243, с. 16], дар таркиби он унсурҳои илмӣ-ҳуқуқӣ, меъёрӣ-сохторӣ, забонӣ, мантиқӣ, ҳуҷҷатгузорӣ, расмиётиро ҷудо мекунанд [463, с. 111-112]. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода), техникаи ҳуқуқӣ қисми таркибии назарияи давлат ва ҳуқуқ [425, с. 15], «маҷмуи донишҳои илмии умуминазариявӣ ва техникӣ-ҳуқуқӣ» [431, с. 274] мебошад.

Дар натиҷаи истифодаи мафҳуми васеи техникаи ҳуқуқӣ сатҳи назариявӣ ва амалии он аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Нуқтаи назари маҷмуӣ ба техникаи ҳуқуқи васеъ истифода мешавад. Техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун падидаи маҷмуӣ, ки аз дониши назариявӣ ва маҳорати касбии таҳия, қабул, интишор, мураттабсозӣ. татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ карда мешавад.

Техникаи ҳуқуқӣ бо ду соҳаи фаъолияти инсон алоқаманд карда мешавад: а) соҳаи дониши махсуси илмӣ; б) соҳаи истифодаи дониши илмӣ оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ. Фаъолияти касбии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ба дониши илмӣ тобеъ карда мешавад. Дар натиҷа сатҳи илмӣ ва амалии (касбии) техникаи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

Ба ин хусусияти техникаи ҳуқуқӣ оимони зиёд эътибор медиҳанд. Чунончи, техникаи қонунгузорӣ ҳамчун маҷмуи унсурҳои илмӣ, маҳорат, санъат, таҷриба [526, с. 17], ҳамчун фаъолияти амалӣ оид ба такмили қонунгузорӣ ва фанни илмӣ оид ба ин фаъолият [236, с. 82], маҷмуи дониши техникӣ-ҳуқуқӣ [85, с. 155] шарҳ дода мешавад.

Техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун соҳаи дониши илмӣ барои такмили намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқӣ (ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, татбиқи ҳуқуқ ва ғайра) тавсияҳои илмиро пешниҳод мекунад. Дар илм тавсияҳои илмӣ ҳамчун омили таъмини сатҳи баланди техникии қонунгузорӣ ва санадҳои фардӣ эътироф мешавад [59, с. 269].

Аз ин хотир, тавсияҳои илмие, ки дар доираи назарияи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд, барои ташаккул ва амалисозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти илмӣ доранд. Ин тавсияҳо дар ҷараёни таҳқиқи илмии ҳам техникаи ҳуқуқӣ ва ҳам техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод карда мешаванд, чунки принсипҳои умумии таҳия, қабул ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назарияи техникаи ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Қоидаҳои махсуси таҳия, қабул ва интишори қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи ҳамин принсипҳои умумӣ муайян карда мешаванд. Аз ин хотир, дар зербоби мазкур мафҳум, унсурҳои таркибӣ ва намудҳои техникаи ҳуқуқӣ таҳқиқ мешаванд.

Илова бар ин, техникаи ҳуқуқӣ мазмуни илмии маҷмуӣ дорад, чунки дар ин соҳа на танҳо дониши илмии махсус оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, балки дигар дониши илмӣ (мантиқӣ, лингвистӣ ва дигар) истифода мешаванд. Чунончи, ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун қоидаҳои забонӣ (қоидаҳои имлои забони тоҷикӣ) васеъ истифода мешаванд, чунки ҳар як меъёри қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ шакли ифодаи забонии истилоҳоти ҳуқуқӣ ва мафҳумҳои ҳуқуқӣ мебошад. Ҳар як қонун ё санади дигари меъёрии ҳуқуқӣ ҳуҷҷати расмии ҳуқуқӣ буда, ҳангоми таҳияи он қоидаҳои забонӣ ва услубӣ ҳатман риоя карда мешаванд.  Барои ҳамин, сатҳи истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ аз истифодаи хулосаҳои соҳаҳои дигари илм вобастагӣ дорад. Сатҳи баланди дониши илмии ҳуқуқӣ ва забонии ҳуқуқшиносон кафолати таъмини сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Бо дарназардошти аҳаммияти дониши лингвистӣ барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ солҳои охир лингвистикаи ҳуқуқӣ ҳамчун

самти нави техникаи ҳуқуқӣ инкишоф ёфта истодааст. Самти мазкур истифодаи муштараки дониши ҳуқуқӣ ва лингвистӣ, муттаҳид намудани кӯшиши ҳукуқшиносон ва лингвистонро дар назар дорад.

Техникаи ҳуқуқӣ илми ҳуқуқшиносии умуминазариявӣ буда, ҳамчун самти таҳқиқоти назариявӣ баромад мекунад. Айни замон техникаи ҳуқуқӣ бо илмҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ, махсуси ҳуқуқӣ робита дорад, чунки ин илмҳо бо таҳлили матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ машғуланд. Илмҳои соҳавӣ ва махсуси ҳуқуқӣ (ҳуқуқи маданӣ, ҳуқуқи оилавӣ, ҳуқуқи маъмурӣ ва дигар) дар доираи таҳқиқоти илмӣ матни қонунгузории маданӣ, оилавӣ, маъмурӣ ва дигарро таҳлил мекунанд. Аз ин хотир, ба ақидаи як қатор олимон, техникаи ҳуқуқӣ илми ҳуқуқии назариявӣ-амалӣ буда, аз маҷмуи донишҳои илмии мураттабгаштаи умуминазариявӣ, соҳавӣ ва махсуси ҳуқуқӣ иборат аст [249, с. 20].

Бо дарназардошти нуктаи дар боло зикршуда, ҳангоми ташаккулу амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ хулосаҳо ва таклифҳои илмҳои соҳавӣ, байнисоҳавӣ, махсуси ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирифта шаванд.

Сатҳи амалии техникаи ҳуқуқӣ барои таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нақши ҳалкунанда дорад, чунки таҳия, қабул, интишор, мураттабсозӣ, татбиқи амалии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрӣ маҳорати баланди касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад. Бесабаб нест, ки Р. Иеринг фаъолияти ҳуқуқшиносонро дар соҳаи таҳия, қабул, интишор, мураттабсозӣ, тафсири меъёрҳои ҳуқуқ соҳаи махсуси фаъолияти касбии инсон, санъати ҳуқуқӣ, маҳорати корӣ меномад [209, с. 7-8].

Аз ин хотир, фаъолияи касбии ҳуқуқэҷодкунӣ унсури амалӣ-ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Такмили раванди таҳсилоти касбии ҳуқуқӣ, омӯхтани фанҳои таълимии назариявӣ ва амалӣ, ташкили курсҳои такмили ихтисоси кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷорӣ намудани ихтисосҳои нав дар самти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои ноил гардидан ба ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Нақши ҳалкунандаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки дар натиҷаи он ҳуқуқ ташаккул меёбад. Ҳамаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар рафти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қабул карда мешаванд, шаклҳои (сарчашмаҳои) ҳуқуқ мебошанд. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ сарчашмаи аввалиндараҷаи ҳуқуқ мебошанд ва қабули онҳо заминаи ташаккулу рушди ҳуқуқ мебошад. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро сарчашмаи ташаккули ҳуқуқ мешуморанд [249, с. 39].

Нуктаи дар боло зикршуда аҳаммияти сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро барои ташаккули ҳуқуқ, аз ҷумла низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузорӣ собит менамояд. Тавре дар боби аввали кор қайд гардид, дар бештари мафҳумҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ маҳз ба нақши сиёсати мазкур дар соҳаи ташаккули низоми ҳуқуқ ишора карда мешавад.

Техникаи ҳуқуқӣ, сарфи назар аз нуқтаҳои назари гуногуни илмӣ, илми назариявӣ ва амалии ҳуқуқӣ мебошад. Хусусият ва тафовути техникаи ҳуқуқӣ аз назарияи умумии ҳуқуқ дар он аст, ки донишҳои махсуси назариявиро оид ба таҳия, қабул, интишор, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ асоснок мекунад. Дар таркиби назарияи давлат ва ҳуқуқ самтҳои гуногуни таҳқиқоти илмӣ ё назарияҳои хусусии илмӣ, ба мисли назарияи пайдоиши давлат ва ҳуқуқ, назарияи муносибатҳои ҳуқуқӣ, назарияи ҷавобгарии ҳуқуқӣ ва дигар инкишоф меёбанд. Фалсафаи ҳуқуқ ва позитивизми ҳуқуқӣ қисмҳои калони назарияи умумии ҳуқуқ буда, ҳамчун самтҳои мустақили таҳқиқоти илмӣ инкишоф меёбанд. Техникаи ҳуқуқӣ қисми таркибии назарияи умумии ҳуқуқ буда, ҳамчун самти таҳқиқи назариявӣ инкишоф ёфта истодааст.

Нуктаи илмии дар боло баёншуда барои ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти методологӣ дорад.

1. Мафҳумҳои асосӣ ва бунёдии назарияи умумии ҳуқуқ, ба мисли «сиёсати ҳуқуқӣ», «принсипҳои сиёсати ҳуқуқӣ», «шаклҳои амалисозии сиёсати ҳуқуқӣ», «консепсияи сиёсати ҳуқуқӣ» ва дигар дар раванди

ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешаванд.

2. Асоси илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хулосаҳои умуминазариявӣ, мафҳумҳои «санади меъёрии ҳуқуқӣ», «қонун», «санади меъёрии зерқонунӣ», «сарчашмаи ҳуқуқ», «танзими ҳуқуқӣ», «самаранокии танзими ҳуқуқӣ» ва дигар муайян карда мешавад.

3. Ҳангоми таҳияи консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дониши илмии методологӣ, ки дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ пешниҳод мешавад, ба инобат гирифта мешавад.

4. Дониши назариявӣ оид ба мафҳум, мақсадҳо, принсипҳо, функсияҳо, намудҳо ва шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар доираи назарияи давлат ва ҳуқуқ асоснок карда мешавад, барои ташаккулу амалигардии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши аввалиндараҷа дорад.

5. Дониши илмии назариявӣ оид ба қоидаҳои таҳия, ифода, қабул, интишор, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар доираи техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун қисми таркибии назарияи умумии ҳуқуқ пешниҳод мешавад, барои амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти амалӣ дорад.

6. Мафҳумҳои бунёдии назарияи умумии ҳуқуқ, аз он ҷумла қисми таркибии он – техникаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла «қонун», «қонуни конститутсионӣ», «қонуни ҷорӣ», «кодекс», «фармон», «консепсия», «меъёри ҳуқуқ», «мақомоти давлатӣ», «ҳокимияти давлатӣ», «дастгоҳи давлат» ва ғайра дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бевосита ва васеъ истифода мешаванд.

Дар матни Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мафҳумҳои илмӣ ифода карда мешаванд. Айни замон истифодаи мафҳумҳои илмӣ аз кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ сатҳи баланди дониши илмии назариявиро оид ба моҳияти ин мафҳумҳо талаб мекунад. Мафҳумҳои илмӣ бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд. Аз ин хотир, таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ҳам дониши назариявӣ ва ҳам маҳорати касбиро талаб мекунад.

Аҳаммияти дониши илмии умуминазариявӣ, ки объект ва предмети назарияи умумии ҳуқуқ, аз он ҷумла техникаи ҳуқуқиро ташкил медиҳад, барои ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳолатҳои зерин собит мегардад:

1. Дар доираи техникаи ҳуқуқӣ қоидаҳои ифода, таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ омӯхта мешаванд. Айни замон қоидаҳои мазкур бо истифодаи мафҳумҳои илмии назариявӣ робита доранд. Ҳар як меъёри ҳуқуқ, ки дар моддаҳои дахлдори қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда мешавад, шакли ифодаи мафҳумҳои илмӣ мебошад.

2. Мафҳумҳои илмӣ, ба мисли «давлати ҳуқуқбунёд», «давлати соҳибихтиёр», «давлати иҷтимоӣ», «давлати ягона», «давлати дунявӣ», «ҷомеаи шаҳрвандӣ», «низоми ҳуқуқӣ». «қонунгузорӣ», «низоми қонунгузорӣ», «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», «қонун», «волоияти қонун» ва дигар, ки дар назарияи давлат ва ҳуқуқ аз лиҳози илмӣ асоснок карда шуда, пешниҳод мешаванд, дар техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи назарияи умумии ҳуқуқ истифода мешаванд.

3. Мафҳумҳои илмии дар боло зикршуда дар матни моддаҳои Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд. Қоидахои гуногуни ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ дар моддаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ба мисли ифодаи як меъёри ҳуқуқ дар якчанд моддаҳо, ифодаи якчанд меъёри ҳуқуқ дар як модда, ифодаи абстрактии меъёр, ифодаи казуалии меъёр, ифодаи бланкетии меъёр ва дигар, ки дар назарияи умумии ҳуқуқ муайян ва пешниҳод карда мешаванд, ҳангоми истифодаи қоидаҳои техникии ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ ба инобат гирифта мешаванд.

4. Мафҳумҳои илмии умуминазариявӣ бо дарназардошти қоидаҳои забонӣ, мантиқӣ, шаклӣ, мазмунии (сохтории) техникаи ҳуқуқӣ, ба мисли ифодаи мушаххас, аниқ, оммафаҳми мафҳумҳои илмӣ, тафсири мафҳумҳо дар ҳолатҳои зарурӣ дар худи матни санади меъёрӣ ё дар

санади дигари тафсирӣ, ифодаи нишонаҳои (реквизитҳои) санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра дар матни қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд.

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо техникаи ҳуқуқӣ робитаи устувор дорад. Робитаи мазкур бо далелҳои зерин собит мегардад:

- вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки бо қабули қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии дорои сифати баланд алоқаманданд, дар доираи истифодаи васеи дониши техникӣ-ҳуқуқӣ ҳалли худро ёфта метавонанд;

- сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мақсади таъмини раванди муташаккилонаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки ба он риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад, алоқаманд аст;

- асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ истифодаи маҷмуи дониши илмии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла дониши техникӣ-ҳуқуқиро дар назар дорад;

- техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи донишҳои махсуси техникӣ-ҳуқуқӣ барои ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад;

- сатҳи амалии техникаи ҳуқуқӣ, ки маҳорати баланди касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро пешбинӣ мекунад, дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла тавассути чорабиниҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, таълимӣ, таҳсилотӣ, нақши муҳим доранд;

- инкишофи назария ва амалияи техникаи ҳуқуқӣ, васеъ гардидани доираи дониши назариявии техникӣ-ҳуқуқӣ ва такмили қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ (забонӣ, услубӣ, мантиқӣ ва дигар) бо дарназардошти рушди низоми қонунгузорӣ ҳангоми муайян намудани ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шаванд;

- дурнамои инкишофи техникаи ҳуқуқӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ ҳангоми таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳангоми муайян намудани стратегия ва тактикаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба инобат гирифта шавад.

## 3.2. Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Техникаи ҳуқуқӣ ба намудҳои гуногун, аз қабили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи ҳуқуқтатбиқкунӣ, техникаи тафсири ҳуқуқӣ ва дигар ҷудо мешавад. Р.Ш. Шарофзода намудҳои зерини техникаи ҳуқуқиро ҷудо мекунад:

1) техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ – маҷмуи тарзҳо, воситаҳо ва қоидаҳои таҳия, қабул, интишор, мураттабсозӣ, тафсири қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ);

2) техникаи қонунгузорӣ – қоидаҳои таҳияи лоиҳаи қонун (амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ, таҳияи консепсияи лоиҳаи қонун), омодасозӣ (мувофиқгардонӣ бо субъектҳои фаъолияти қонунгузорӣ), аниқ намудани сохт ва шакли қонун, қабул ва интишори қонун;

3) техникаи амалисозии ҳуқуқ – қоидаҳои ифодаи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, ки дар фаъолияти инсон зимни амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо тартиб дода мешаванд (ариза, кафолатнома ва диг.);

4) техникаи ҳуқуқтатбиқсозӣ – қоидаҳои таҳия, қабул, тафсир, татбиқи санадҳои татбиқи ҳуқуқ (санадҳои судӣ, прокурорӣ, маъмурӣ, санадҳои мақомоти ҳокимияти иҷроия ва ғ.);

5) техникаи тафсири ҳуқуқӣ – қоидаҳои тафсири қонунҳо ва дигар санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ (тафсири забонӣ, мантиқӣ, таърихӣ-иҷтимоӣ, низомнок, аутентикӣ, легалӣ, меъёрӣ, казуалӣ ва диг.);

6) техникаи мураттабсозии санадҳои меъёриву ҳуқуқӣ – қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии намудҳои гуногуни мураттабсозӣ - инкорпоратсия, кодификатсия, муттаҳидгардонӣ, қайди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [244, с. 499-500].

Намудҳои зикршуда дар навбати худ ба зернамудҳо ҷудо карда мешаванд. Чунончи, зернамудҳои зерини таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо карда мешаванд: 1) техникаи қонунэҷодкунӣ – қоидаҳои таҳия, қабул, интишори қонунҳо; 2) техникаи ҳуқуқэҷодкунии

зерқонунӣ – қоидаҳои таҳия, қабул, интишор, баҳисобгирӣ, бақайдгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ; 3) техникаи таҳия, қабул, интишори Конститутсия ва қонунҳо дар раъйпурсӣ; 4) техникаи тағйиру иловаҳои Конститутсия ва қонунҳо дар раъйпурсӣ; 5) техникаи тағйиру иловаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 6) техникаи мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, агар мураттабсозӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ гузаронида шавад, масалан, техникаи таҳия в қабули кодекс; 7) техникаи интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [244, с. 499-500].

Дар асарҳои илмӣ намудҳои гуногуни техникаи ҳуқуқӣ ҷудо карда мешаванд. Чунончи, Е.Н. Швед техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи амалисозии ҳуқуқ, техникаи мураттабсозӣ ва техникаи тафсири ҳуқуқиро ҷудо мекунад [504, с. 87].

Ба ақидаи олимони дигар низ, мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ» васеъ буда, дар соҳаи қонунгузорӣ, таҳияи ҳуҷҷатҳои ҳуқуқӣ, бақайдгирии онҳо, мураттабсозии санадҳои ҳуқуқӣ истифода мешавад ва аз ин хотир, намудҳои зиёд дорад [62, с. 313], [283, с. 41].

Дар байни ҳамаи намудҳои техникаи ҳуқуқӣ маҳз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи бевосита дорад. Аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, бо дарназардошти омилҳои зерин собит мегардад:

1) дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, қарорҳои Ҳукумат, фармоишҳои вазоратҳо ва дигар) қабул мешаванд;

2) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, назму суботи ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд;

3) дар заминаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ фаъолияти мақомоти давлатӣ, корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон танзим карда мешавад;

4) аз сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самаранокии танзими ҳуқуқӣ вобастагии бевосита дорад, чунки ҳама гуна камбудие, ки дар ин санадҳо ҷой доранд, фаъолияти мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, шаҳрвандонро халалдор мекунанд;

5) сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи риояи дақиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ таъмин карда мешавад;

6) риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ (забонӣ, услубӣ, мантиқӣ ва дигар) барои ифодаи аниқ ва оммафаҳми меъёрҳои ҳуқуқӣ ва аз ин хотир, барои дастрасии аҳолӣ ва амалигардии ин санадҳо мусоидат мекунад.

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои ҳаётан муҳимми фаъолияти давлат мебошад, чунки дар доираи он ҳаёти ҷомеа танзим карда мешавад. Танзими ҳаёти ҷомеа бо истифодаи доираи васеи меъёрҳои иҷтимоӣ (ахлоқӣ, маънавӣ, оилавӣ, одатӣ, сиёсӣ ва дигар) таъмин карда мешавад. Аммо тавассути маҳз меъёрҳои ҳуқуқӣ, ки маҳсули фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд, муҳимтарин муносибатҳои ҷамъиятӣ танзим карда мешаванд. Ин муносибатҳо барои он муҳимтарин мебошанд, ки бо манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа алоқамандҳанд. Дар натиҷаи танзими ин муносибатҳо, аз ҷумла муносибатҳои оилавӣ, маданӣ, конститутсионӣ, экологӣ ва дигар манфиатҳои шаҳрвандон, давлат ва ҷомеа қонеъ карда мешаванд. Тавассути меъёрҳои ҳуқуқ доираи ё ҳадди ҳуқуқии фаъолияти доираи васеи шаҳрвандон, иттиҳодияҳои ҷамъиятии онҳо, мақомоти давлатӣ муқаррар карда мешавад, чунки ҳар як меъёри ҳуқуқ андозаи рафтори инсон, шахси мансабдор, хизматчии давлатиро муқаррар мекунад. Аз ин хотир, А. Нашитс қайд мекунад, ки дар натиҷаи маҳз фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ «ҳудудҳои қонунии ҳаёти ҷомеа муқаррар карда мешаванд» [177, с. 225].

Ба ақидаи С.С. Алексеев, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ бояд дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ истифода шаванд, чунки дар ин соҳаи фаъолият «иродаи халқ ба иродаи давлатӣ табдил меёбад ва иродаи давлат дар сатҳи қонун ифода карда мешавад» [58, с. 75].

Нақши техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи нави илмӣ буда, солҳои охир дар ҳошияи мубрамии сиёсати мазкур таҳқиқ карда мешавад [285, с. 118], [360, с. 118]. Навгонии илмии масъалаи мазкурро А.П. Мазуренко бо «кӯшиши муттаҳид намудани нуқтаҳои назари гуногун оид ба техникаи ҳуқуқӣ (қонунгузорӣ) ҳамчун воситаи амалисозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» [333, с. 40] муайян мекунад. Ба ақидаи ӯ, ташаккули қонунгузории беихтилоф ва самаранок «танҳо дар ҳолати истифодаи оқилонаи қоидаҳо ва усулҳои техникаи қонунгузорӣ дар доираи сиёсати илман асоснокшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ имконпазир мегардад» [333, с. 44].

Робитаи байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми пешниҳоди мафҳуми «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» аз тарафи як қатор олимон ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, ба ақидаи А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқӣ фаъолияти давлат оид ба ташаккули механизми самараноки танзими ҳуқуқӣ, истифодаи тамаддунии воситаҳои ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба мақсадҳо дар самти таъмини пурраи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ, эъмори давладории ҳуқуқбунёд, фарҳанги баланди ҳуқуқии шахс ва ҷомеа мебошад [154, с. 118].

В.А. Кюрджиев мафҳуми зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти робитаи он бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мекунад: сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ «фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин дохил намудани тағйироту иловаҳо ба онҳо тавассути истифодаи захираҳои самараноки техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад» [320, с. 10].

Ба ақидаи А.В. Малко, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба «тартиби истифодаи дуруст ва муттасили техникаи ҳуқуқӣ» мусоидат мекунад, «алгоритми татбиқи онро муайян мекунад» [354, с. 8-9].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, ба таъмини самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз тарафи дигар, ба татбиқи самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Ҳадафҳои асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ, тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ ноил мегарданд. Барои ҳамин, дар асарҳои илмӣ риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун кафолати татбиқи самараноки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таҳқиқ мешавад [293, с. 44].

А.А. Деревнин аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкуниро бо он муайян мекунад, ки маҳз техникаи таҳияи санадҳои ҳуқуқӣ ба маънои аслии ҳамин калима «техникаи ҳуқуқӣ» мебошад [287, с. 33].

Ба ақидаи А.В. Малко ва М.А. Костенко, техникаи ҳуқуқӣ қодир аст, ки ба натиҷаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир расонад ва аз ин хотир, ҳамчун василаи байни мақсадҳо ва натиҷаҳои он баромад мекунад [359, с. 352].

Зарурати такмили техникаи ҳуқуқӣ дар раванди амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо он муайян карда мешавад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ хусусияти касбӣ дошта, кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд маҳорати баланди касбӣ дошта бошанд. Маҳорати касбиии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ сатҳи баланди дониши ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, истеъдод ва маҳорати фаъолияти касбии онҳоро дар назар дорад.

Ҷузъи таркибии маҳорати касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил медиҳад. Техникаи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, тавре дар зербоби аввали боби мазкур қайд гардид, сатҳи назариявӣ (илмӣ) ва амалӣ дошта,

қоидаҳои таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи дониши назариявӣ истифода мешаванд. Барои ҳамин, дар асарҳои илмӣ доштани дониши кофии назариявӣ оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун аломати фаъолияти касбии ҳуқуқӣ пазируфта мешавад. Чунончи, ба ақидаи М.Л. Давидова, «тафаккури ҳуқуқии касбӣ» ва «доштани дониши техникаи ҳуқуқӣ» ду аломати асосии «фаъолияти касбии ҳуқуқӣ» [284, с. 3] мебошад. Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ буда, дар доираи сатҳи кофии дониши назариявӣ ва амалии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла назария ва қоидаҳои амалии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар навбати худ ба инкишофии техникаи ҳуқуқӣ таъсир мерасонад, чунки асосҳои илмӣ ва методии техникаи ҳуқуқиро муайян мекунад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлили мафҳумҳо ва категорияҳои илмиро, ки дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, талаб мекунад. Тавре Т.В. Кашанин қайд мекунад, «ҳангоми кор бо лоиҳаи қонун дар навбати аввал мафҳумҳоро бояд аниқ намуд» [117, с. 80].

Ба ақидаи И. А. Карева, ҳама гуна фаъолияти касбии ҳуқуқшинос бо матни санадҳои ҳуқуқӣ алоқаманд буда, ҳуқуқшинос оид ба сохтори ин санадҳо, ки тавассути техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ муқаррар карда мешавад, бояд тасаввуроти амиқ дошта бошад [307, с. 65].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолиятест, ки аз кормандони он масъулияти баландро дар назди ҷомеа, давлат ва шаҳрвандон талаб мекунад. Санади меъёрии ҳуқуқие, ки бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ қабул шуда, сифати кофӣ дорад, ба танзими муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ дар соҳаи саноат, кишоварзӣ, нақлиёт, алоқа, мудофиа ва ғайра мусоидат мекунад. Санаде, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи он қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ пурра ё дақиқ риоя карда нашудаанд, боиси халалдор гардидани танзими ҳуқуқӣ мегардад. Аз ин хотир, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аз кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ масъулияти баландро талаб мекунад. Д.А.

Керимов бо дарназардошти масъулияти субъектони ҳуқуқэҷодкунанда қайд мекунад, ки маҳз ҳамин намуди фаъолият «бояд ҳаматарафа ва дақиқ бо қоидаҳо танзим карда шавад» [123, с. 44].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки доираи васеи субъектон ба роҳ монда шуда, дар натиҷаи он санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки воситаи асосии танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мебошанд, қабул карда мешаванд. Аз ин хотир, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд бонизом бошад, муташаккилона ба роҳ монда шавад, барои ноил гардидан ба мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат намояд. Ҳалли ин вазифа амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои сиёсӣ-ташкилиро талаб мекунад. Яке аз роҳҳои таъмини фаъолияти муташаккилона, мақсаднок ва бонизоми ҳуқуқэҷодкунӣ ин риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва принсипҳои технологияи ҳуқуқӣ мебошад, чунки фаъолияти мазкур муттасил, дар доираи давраҳои муайяни ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад. Тавре А.В. Малко қайд мекунад, фаъолияти ҳуқуқӣ ва технологияи ҳуқуқӣ ҳамчун таносуби шакл ва мазмун баромад мекунанд [361, с. 208].

Технологияи ҳуқуқӣ тартиби истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро дар давраҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад, чунки муттасилии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ истифодаи тарзҳо, воситаҳо, тарзҳои гуногуни техникаи ҳуқуқэҷодкуниро дар ҳар як давраи ҳуқуқэҷодкунӣ (таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, қабул ва интишори онҳо) талаб мекунад [82]. Риояи муттасили қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мазмуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, яъне мазмуни дохилӣ (забонӣ, услубӣ, мантиқӣ, сохтории) санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин намуда, мутобиқати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқии шаклгирифта (расмигашта) ба мазмуни он (дар ҳолати риояи технологияи ҳуқуқӣ) таъмин карда мешавад. Барои ҳамин, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ шарти ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аст.

А.С. Носова техникаи ҳуқуқиро воситаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморад, ба шарте, ки агар мақсадҳои он ба мақсадҳои сиёсати мазкур, аз қабили таъмини рушди ҳуқуқ, аз лиҳози илмӣ муайян намудани предмети танзими ҳуқуқӣ, бартараф намудани камбудиҳо дар қонунгузорӣ, таъмини муташаккилӣ ва ягонагии қонунгузорӣ мувофиқ бошанд [383, с. 49].

С.А. Сафронов робитаи байни ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи қонунгузорӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо он муайян мекунад, ки «ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи бунёдии он, аз тарафи дигар, ба паҳлуи техникӣ-ҳуқуқии санади меъёрии ҳуқуқӣ такя дорад», ҳамчунин, «техникаи ҳуқуқии қонунгузорӣ функсияҳои иловагии худро дорад ва ба амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад» [433, с. 63-64].

Е.С. Герашенко техникаи ҳукуқиро ҳамчун механизми амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ намуда, ба хулоса меояд, ки «сатҳи техникаи ҳуқуқӣ нишондиҳандаи на танҳо сифати қонунҳо, балки сатҳи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии давлат аст» [278].

Ба ақидаи И.С. Кич, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли асосии сиёсати ҳуқуқӣ буда, техникаи ҳуқуқӣ воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, чунки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо риояи қоидаҳои мазмунӣ ва шаклии техникӣ-ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад [310, с. 102].

Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо меъёрҳои қонунҳо, дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Чунончи, фаъолияти мазкур дар Тоҷикистон бо Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ», Дастурҳои Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олӣ, қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар ин санадҳо ифода ёфтаанд, танзим карда мешавад. Ҳамчунин, санадҳои дигар ҷой доранд, ки тартиби таҳия ва интишори фармонҳо ва амрҳои Президенти Ҷумҳурии

Тоҷикистон, таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии дигар мақомоти давлатиро танзим мекунанд. Қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар Қонуни болотар зикршуда дарҷ гардидаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳумҳои «фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ», «субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ», «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» шарҳ дода мешавад (м. 2), риояи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун талаботи умумӣ ба ин санадҳо мустаҳкам карда мешавад (м. 8). Боби 5 Қонуни мазкур «Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ном дошта, дар он талаботи умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти қоидаҳои забонӣ, услубӣ, мантиқӣ, мазмунӣ ва шаклии техникӣ-ҳуқуқӣ (м. 40), қоидаҳои ифодаи шаклии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (м. 41 ва 42), қоидаҳои ифодаи таркибии санадҳои қонунгузорӣ (м. 43) ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ (м. 44), аз он ҷумла санадҳои меъёрии ҳуқуқии қабул ё тасдиққунанда ва бо дигар санад қабул ва тасдиқшаванда (м. 45), кодекс (м. 46), ҳамчунин, қоидаҳои истифодаи эзоҳ ва замина (м. 47), истиснод (м. 48) муайян карда мешаванд. Қоидаҳои забонӣ ва услубии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар моддаҳои 49, 50 ва 51 муфассал баён карда мешаванд. Қоидаҳои ифодаи шаклии (расмии) санади меъёрии ҳуқуқӣ дар м. 52 ифода карда мешаванд. Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ оид ба пешбинӣ намудани ҷавобгарии ҳуқуқӣ, ифодаи муқаррароти интиқолӣ дар моддаҳои 53 ва 54 пешбинӣ мешаванд. Қоидаҳои ворид намудани тағйироту иловаҳо ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар моддаҳои 55 ва 56 баён карда мешаванд. Дар м. 57 қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки тартиби аз эътибор соқит намудан ва боздоштани амали санади меъёрии ҳуқуқиро муайян мекунанд, пешбинӣ мешаванд [13].

Дар асарҳои илмӣ дар робита бо аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқии алоҳида, ки дар он қоидаҳои техникаи

ҳуқуқэҷодкунӣ дарҷ карда мешаванд, таъкид мегардад. Як катор олимон чунин санадро «қонун дар бораи қонун» меноманд [487, с. 100]. Таклифҳо оид ба зарурати ифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар қонуни махсус дар асарҳои дигар низ пешниҳод мешаванд [268, с. 65], [317, с. 31].

Ба ин нигоҳ накарда, як қатор олимони Россия бар он ақидаанд, ки ифода намудани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар қонуни алоҳида душвор аст. Чунончи, ба ақидаи О.В. Драгун, Пасечник В.Н., А.С. Кузмин ва И.В. Малишева қабули чунин қонун душвор аст, «чунки ҳар як соҳа хусусиятҳои худро дорад ва на ҳама вақт қонуни ягонаро ба ҳамаи муносибатҳо татбиқ намудан мумкин аст» [289, с. 402].

Ба ин нигоҳ накарда, дар як қатор қонунҳо дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар давлатҳои аъзои ИДМ қабул шудаанд, қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ифодаи худро ёфтаанд. Чунончи, дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Беларус «Талаботи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» талаботи асосии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, талаботи забонӣ, истилоҳоти санади меъёрии ҳуқуқӣ, талаботи услубӣ, қоидаҳои умумии таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқӣ, ворид намудани тағйирот ба он, тафсири расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қатъ намудан ва аз эътибор соқит намудани онҳо (моддаҳои 28-33) пешбинӣ мешаванд [21]. Дар Қонуни Ҷумҳурии Қазоқистон «Дар бораи санадҳои ҳуқуқӣ» қоидаҳои ифодаи шаклӣ (м. 22), дохилӣ (м. 23), забонӣ ва услубӣ (м. 24), ифодаи истиснод (м. 25), тағйиру иловаҳо ба санади меъёрии ҳуқуқӣ (м. 26), аз эътибор соқит намудани санади ҳуқуқӣ (м. 27), ифодаи замимаҳо (м. 28) ифода ёфтаанд [22].

Тартиби таҳия ва қабули қонун аз тартиби таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ фарқ дорад. Барои ҳамин, қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ аз ҳамдигар ҷудо карда мешаванд. Ба ин нигоҳ накарда, қоидаҳои умумии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бояд пешбинӣ карда шаванд. Ба ақидаи А.С. Пиголкин, хусусиятҳои намудҳои

ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ «аз лиҳози назариявӣ муайян намудани даврҳои барои ҳамаи мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда умумии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, принсипҳои ягона ва шаклҳои ташкилиро истисно намекунад» [195, с. 149].

Аз ин ҷо маълум мешавад, ки фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти дақиқ ва ҳаматарафа танзимшуда мебошад. Фаъолияти мазур бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Ҳолати мазкур, аз ҷумла масъулияти баланди кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, танзими дақиқи ин фаъолият ва зарурати риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккул ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Сиёсати мазкур ба такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ равона карда мешавад.

Ба ақидаи О.А. Красавчиков, ҳама гуна фаъолияти ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фаъолияти қонунгузорӣ, «техникаи муайянро талаб мекунад» [138, с. 120]. Ҳамзамон бо ин, на ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ пайдо мешаванд, бо меъёрҳои ҳуқуқ танзим карда мешаванд. Ба ақидаи Д.А. Керимов, қоидаҳое, ки дар фаъолияти амалии мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ёфтанд, дар ҳолати ифодаи ҳуқуқӣ ҳамчун меъёрҳои ҳуқуқ риоя карда мешаванд, вале «қисми дигари онҳо хусусияти ғайриҳуқуқии худро нигоҳ медоранд» [97, с. 3]. Ҳамин гуна ақидаро Б.В. Драйшев пешниҳод мекунад. Ба андешаи ӯ, қисми зиёди муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пайдо мешаванд, «шакли ҳуқуқиро талаб намекунанд ва ҳамчун муносибатҳои ташкилӣ амалӣ карда мешаванд» [290, с. 106].

Ба ақидаи Е.Н. Швед, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ намуди техникаи ҳуқуқӣ буда, «маҷмуи воситаҳо ва тарзҳо мебошад, ки мутобиқи қоидаҳои муайяни таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, интишори минбаъдаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, тағйир ё бекор намудани онҳо

якҷоя бо меъёрҳои ҳуқуқӣ истифода ва татбиқ карда мешаванд» [505, с. 47].

Як қатор олимон техникаи ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун намуди сиёсати ҳуқуқии давлат дар фаъолияти илман асоснок, аз лиҳози консептуалӣ шаклгирифта, аз нуқтаи назари стратегӣ ва тактикӣ таҷдидшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба ҳалли вазифаҳои иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ва дигари ҷомеа таҳқиқ мекунанд [108].

Ба ақидаи Т.В. Кашанина, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ намуди техникаи ҳуқуқӣ буда, бо қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ робита дорад [118, с. 86]. В.М. Баранов техникаи ҳуқуқэҷодкуниро сатҳи аз хама муҳимми техникаи ҳуқуқӣ мешуморад [227, с. 3].

Дар асарҳои илмӣ техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар алоқамандӣ бо техникаи қонунгузорӣ таҳқиқ мешавад [86, с. 176], [114], [122], [139], [146], [192], [250]. А.П. Мазуренко мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди «техникаи қонунгузорӣ»-ро дар иртибот бо истифодаи он нисбати қонунҳо ё ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷудо мекунад [334, с. 32]. Ба ақидаи Д.Н. Лизлов ва В.Е. Картухин, техникаи қонунгузорӣ ба соҳаи таҳияву қабули қонунҳо, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, ба таҳияву қабули ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тааллуқ дорад [145, с. 9]. А.С. Попова ва Е.И. Грузинская техникаи қонунгузориро қисми таркибии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморанд [397, с. 360].

Д.В. Кокориков техникаи ҳуқуқэҷодкуниро бо таҳияи «мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ (ташаккули ҳуқуқ)» ва техникаи қонунгузориро бо «мустаҳкам намудани меъёрҳои ҳуқуқ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ифодаи шаклии онҳо» [313, с. 57] алоқаманд мекунад. Ин ақида қобили қабул нест, чунки қоидаҳои ифодаи мазмун ва шакли қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо ҳамдигар алоқаи ҷудонашаванда дошта, якҷоя низоми муташаккилонаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳанд. Илова бар ин, ташаккули ҳуқуқ танҳо бо ифодаи мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зимни риояи

қоидаҳои забонӣ, услубӣ, мантиқии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд нашуда, натиҷаи ифодаи шаклии санадҳои меъёрӣ низ мебошад, чунки ҳуқуқ шаклҳои гуногуни ифода дорад. Санади меъёрии ҳуқуқӣ яке аз шаклҳои ифодаи ҳуқуқ мебошанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» мафҳуми техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун қоидаҳои таҳия, қабул ва ворид намудани тағйиру иловаҳо, тафсир, интишор, мураттабсозӣ, мавриди амал қарор додан, боздоштан ва қатъи амали санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда мешавад [13].

Ҳамин тариқ, *техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ – маҷмуи қоидаҳои таҳия, қабул, интишор, мураттабсозӣ ва тафсири қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ мебошад.*

Аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ба ақидаи Е.А. Магомедова ва А.В. Кривушин сифати техникӣ-ҳуқуқии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба инкишофи муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда бо дарназардошти таҳаввулоти онҳо мусоидат мекунад [329, с. 24].

Мафҳуми техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун маҷмуи воситаҳо, тарзҳо, усулхои такмили ҳуқуқ [286, с. 23], ки дар илм васеъ истифода мешавад, барои таҳқиқи техникаи хуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Дар ин ҳолат техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ баромад намуда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқӣ пайдо мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи на танҳо ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ, барномавӣ, санадҳои мъёрии ҳуқуқӣ, балки тавассути маҷмуи воситаҳо, тарзҳо, усулҳои техникӣ-ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, техникаи қонунгузорӣ, техникаи меъёрэҷодкунӣ ҳамчун мафҳумҳои ҳаммаъно истифода мешаванд. Чунончи, ба ақидаи Э.Ф. Мамедов, «техникаи

ҳуқуқии ҳуқуқэҷодкунӣ» ҳамчун институти комплексии байнисоҳавӣ «маҷмуи меъёрҳои гуногуни соҳаҳои ҳуқуқи умумӣ ва хусусӣ мебошад, ки муносибатҳои ҷамъиятиро дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзим мекунанд» [523, с. 70-71].

В.В. Трафимов ва В.А. Кюрджиев мафҳуми «техникаи ҳуқуқӣ дар ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро истифода мебаранд. Зарурати истифодаи мафҳуми мазкур бо он собит мегардад, ки соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ на танҳо бо техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, балки «техникаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ», ки «дар доираи он стратегия ва тактикаи дигаргуниҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешавад», робита дорад. Илова бар ин, ба ақидаи олимони мазкур, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо техникаи намудҳои ҷудогонаи фаъолияти ҳуқуқӣ алоқаманд аст, чунки тавсияҳо ва қарорҳои мақомоти олии судӣ оид ба зарурати тағйири меъёри қонун ё бекор намудани он, таҷрибаи судӣ оид ба тартиби тафсир ё татбиқи қонун дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад [470, с. 27].

В.В. Трофимов ва В.А. Кюрджиев мафҳуми «техникаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро ба илм ворид намуда, онро ҳамчун «низоми воситаҳо, қоидаҳо, тарзҳо, усулҳои ба роҳ мондани фаъолияти илман асоснок, бонизом, муттасили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳамгирой бо ҷомеаи шаҳрвандӣ» шарҳ медиҳанд. Ба ақидаи олимони мазкур, мафҳуми «техникаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» аз мафҳуми «техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ» васеътар аст, чунки танҳо бо таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, самтҳои дигари фаъолиятро, ба мисли таҳияи консепсияи лоиҳаи қонун, стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳо ё «техникаи омода намудани ҳуҷҷатҳои илмӣ» дар бар мегирад [470, с. 27].

Ақидаи олимон оид ба робитаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти тафсирӣ, ҳуқуқтатбиққунӣ қобили қабул аст. Айни замон мафҳуми «техникаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» маънои аслии мафҳуми «сиёсати ҳуқуқӣ»-ро бо масъалаҳои техникӣ маҳдуд мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуд ва самти мустақили

сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, дар доираи таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои гуногуни давлатӣ, ба мақсади муайян намудани стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад. Консепсияи лоиҳаи қонун, ки дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ таҳия карда мешавад, инчунин, хулосаҳои олимони ҷудогона, муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, экспертҳо, ки ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷалб карда мешаванд, ҷузъи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, дар робита бо принсипи озодии фаъолияти илмӣ-эҷодӣ ба роҳ монда мешавад. Принсипи мазкур дар м. 40 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон кафолат дода мешавад [1]. Озодии фаъолияти илмӣ-эҷодӣ (навиштани асарҳои илмӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тафсирҳои илмӣ-оммавӣ ба Конститутсия, қонунҳо, кодексҳо, пешниҳоди таклифу хулосаҳои илмӣ) бо қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ маҳдуд карда намешавад. Натиҷаҳои фаъолияти илмӣ (мақолаҳо, монографияҳо, китобҳо, тафсирҳо) табиист, ки бо риояи имлои забони давлатӣ, услуби ифодаи мафҳумҳо, усули ифодаи мантиқии сохторҳои таркибии асарҳо омода карда мешаванд. Барои ҳамин, консепсияи лоиҳаи қонун, таклифҳои илмӣ оид ба такмили лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ, барномавии давлатӣ ё илмӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд.

Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти муттасил буда, давра ба давра ба роҳ монда мешавад. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ фаъолияи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун ҷараёни технологӣ, ки аз даврахои муайян иборат аст, таҳқиқ мешавад [63, с. 399].

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки яке аз самтҳои ҳаётан муҳимми фаъолияти ҳуқуқӣ мебошад, бо дарназардошти такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад. Мубрамияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Қабули миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шароити дигаргуниҳои куллии ҳаёти ҷомеа, васеъ гардидани предмети танзими ҳуқуқӣ, ихтилофоти байни санадҳои

меъёрии ҳуқуқӣ, саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ, норасоиҳо дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ зарурати сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ собит менамояд.

Аз риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ сифати қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад. Айни замон камбудиҳо дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла ба таври дахлдор риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ба сатҳ ва сифати татбиқи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар фаъолияти тафсирӣ ва ҳуқуқтатбиқкунӣ таъсири манфӣ мерасонад. Барои ҳамин, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мубрами фаъолияти ҳуқуқӣ буда, барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Як қатор олимон сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун омили такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ [521] ё омили асосии таҷдидкунандаи ҳуқуқэҷодкунӣ [391] таҳқиқ мекунанд.

Ба ақидаи В.В. Трофимов ва В.А. Кюрджиев, техникаи ҳуқуқӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун падидаи маҷмуӣ баромад мекунад, чунки бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти тафсирӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ робита дорад, то ва пас аз қабули қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ инкишоф меёбад, бо таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Аз ин хотир, муаллифон ба хулоса меоянд. ки он «техникаи ҳуқуқӣ», ки дар ин соҳа истифода мешавад, «бевосита ё бавосита ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва зуҳуроти шаклии он дар шакли натиҷаҳои ҳуқуқэҷодкунии аз лиҳози «техникӣ» расмикардашуда (санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муқаррароти меъёрии ҳуқуқӣ) таъсир мерасонад» [470, с. 25-26].

Аҳаммияти фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки дар натиҷаи он сарчашмаҳои ҳуқуқ эҷод карда мешаванд. Чунончи, ба ақидаи А.В. Митскевич, «тарзҳои ҳуқуқэҷодкунӣ бо шаклҳои гуногуни расмии муқаррар намудан ва ифода кардани меъёрҳои ҳуқуқӣ ё сарчашмаҳои ҳуқуқ ба маънои ҳуқуқӣ алоқаи устувор доранд» [195, с. 37]. Олимони дигар низ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо муқаррар намудани

сарчашмаи ҳуқуқ, ки меъёри ҳуқуқро дар бар мегирад, алоқаманд мекунанд [95, с. 184], [530, с. 34-35].

Тавре дар боби якуми кор муайян карда шуд, дар асарҳои илмӣ мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Олимоне, ки мафҳуми васеъро ҷонибдорӣ мекунанд, ҳуқуқэҷодкуниро давраи ниҳоии раванди ташаккули ҳуқуқ мешуморанд [254, с. 17], [194, с. 8], [222, с. 88-89], [224, с. 320]. Ба инобат гирифтани мафҳумҳои васеъ ва маҳдуди ҳуқуқэҷодкунӣ барои муайян намудани доираи истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммият дорад. Қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраи ташаккули объективии ҳуқуқ (омӯхтани талаботи танзими ҳуқуқӣ, муайян намудани муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда, таҳқиқоти васеи ҳолати танзимшавии муносибатҳои ҷамъиятӣ, пешниҳоди ғояҳои илмӣ оид ба зарурати қабули ин ё он санади меъёрии ҳуқуқӣ) табиист, ки истифода намешаванд. Танҳо давраи ниҳоии ташаккули объективии ҳуқуқ, яъне фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), бо қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад.

Тавре дар зербобҳои қаблии кор қайд гардид, иштироки доираи васеи аҳли ҷомеа дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Принсипи мазкур бо роҳҳои гуногун, аз ҷумла қабули Конститутсия ва қонунҳо дар раъйпурсӣ, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаи қонун, иштироки доираи васеи субъектон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ, олимони ҷудогона дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад.

Васеъ гардидани доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла аз ҳисоби ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, категорияҳои гуногуни шаҳрвандон, ташкилоту муассисаҳои истеҳсолӣ, таҳсилотӣ, тиббӣ, илмӣ ва ғайра самти нави ташаккул ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Самти мазкур шакли ифодаи қонунияти умумии демократигардонии ҳаёти ҷомеа мебошад. Бо пешрафти ҷомеа ва дар

давлати демократӣ шаклҳои гуногуни демократигардонии ҳаёти ҷомеа истифода мешаванд.

Қонунияти мазкур ба инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири бевосита мерасонад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун ҷузъи сиёсати давлат дар соҳаи демократигардонии ҳаёти ҷомеа инкишоф меёбад.

Ҳамзамон бо ин, техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки унсури ҳатмӣ ва мубрами фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, бояд дар доираи шаклҳо ва сохторҳои гуногуни демократигардонии ҷомеа, ҳамчун ҷузъи сиёсати давлат дар ин соҳа амалӣ карда шавад. Дар илм ба демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи кофӣ эътибор намедиҳанд. Дар як қатор асарҳои илмӣ асосан масъалаи демократигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ карда мешавад. Ба ин нигоҳ накарда, солҳои охир масъалаи демократигардонии ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар маркази таваҷҷуҳи як қатор олимон қарор дорад. Чунончи, демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҷониби М.Л. Давидова таҳқиқ мешавад. Мафҳуми «демократигардонии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» аз тарафи ин муаллиф пешниҳод мешавад. Ба ақидаи ӯ, раванди мазкур бо дарназардошти васеъ гардидани доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, маҳдуд гардидани монополияи мақомоти давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, хоҳиш ва иродаи шаҳрвандон барои иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ инкишоф меёбад. Айни замон демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо масъалаи демократигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳлил карда шуда, сатҳи гуногуни раванди мазкур, аз ҷумла қабули Конститутсия дар раъйпурсӣ ва муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаи қонун, ҷудо карда мешавад [282, с. 191].

Мафҳуми «демократигардонии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» қобили дастгирист. Аммо раванди мазкур танҳо бо демократигардонии умумии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешавад. Демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи раванди демократигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, хусусиятҳои худро дорад. Ин хусусиятҳо бо

дарназардошти хусусиятҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, тарзҳо, воситаҳо, қоидаҳои техникаи ҳуқуқэчодкунӣ муайян карда мешаванд. Демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои зерин дорад:

- ҷамъиятигардии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

- дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

- истифодаи қоидаҳои ҷудогонаи техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ аз тарафи аҳли ҷомеа бо дарназардошти аҳаммият ва дарки онҳо;

- татбиқи ҳаматарафаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун унсури таркибии сиёсати давлат дар соҳаи демократигардонии ҳаёти ҷомеа;

- таъмини оммафаҳмии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити инкишофи шаклҳои гуногуни ҳаёти демократӣ;

- таъминоти илмӣ ва методии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун мақсади паҳн намудани он дар ҷомеаи демократӣ.

Демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ шаклҳои зерин дорад:

1) васеъ паҳн гардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар байни доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ;

2) истифодаи ҳаматарафаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэчодкунӣ дар ҷараёни муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон;

3) муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои муҳимтарин, ки ифодагари манфиатҳои миллӣ мебошанд, бо истифодаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла қоидаҳои муайянкунандаи тартиб ва расмиёти муҳокимаҳои ҷамъиятӣ;

4) татбиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла қоидаҳои қабули махсуси қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар раъйпурсии умумихалқӣ;

5) қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ бо риояи қоидаҳои махсуси техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

6) дастрасии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи субъектон ва иштирочиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (ташкилотҳо, корхонаҳо, муассисаҳо, сарфи назар аз шакли моликият, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи шаҳрвандон);

7) нашри асарҳои илмӣ ва васоити методӣ оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, алалхусус, қоидаҳои таҳия, қабул ва интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба муҳокимаи ҷамъиятӣ пешниҳод мешаванд, санадҳои меъёрии ҳуқуқии бевосита аз тарафи шаҳрвандон қабулшаванда;

8) таъмини дастрасии қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ;

9) паҳн намудани таҷрибаи ватанӣ ва хориҷии муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қабули онҳо дар раъйпурсӣ.

Дар ҷомеаи демократӣ техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бояд дастраси доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бошад. Вазифаи мазкур тавассути шаклҳои гуногуни дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки болотар муайян карда шуданд, ҳалли худро ёфта метавонад. Онҳо ба демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Айни замон дар ин соҳа норасоиҳо ҷой доранд. Чунончи, муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои миллӣ, ки дар Тоҷикистон баргузор гардид, дастрасии васеи аҳли ҷомеа нагардидааст. Ҳамчунин, зарурати таҳияи тавсияҳои методӣ оид ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҷой дорад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки маводи илмӣ ва методӣ бо мақсади паҳн намудани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва дастрасии онҳо ба доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нашр карда шавад.

Демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои тағйироту иловаҳои Конститутсияи Тоҷикистон, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо, расмигардонии тағйироту

иловаҳо ба Конститутсия, қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ сурат мегирад. Аз ин хотир, демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ хусусиятҳои худро дорад.

Қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии муҳокимаи ҷамъиятӣ ва қабули Конститутсия ва қонунҳо дар раъйпурсӣ аз дигар қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ доранд. Р.Ш. Шарофзода бо дарназардошти фарқи ҷараёни ҳуқуқэҷодкунии халқ дар раъйпурсӣ ва ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ давраҳои зерини раъйпурсиро ҷудо мекунад:

а) ташаббуси гузаронидани раъйпурсӣ;

б) муайян намудани мавзуи раъйпурсӣ;

в) қонунан мустаҳкам намудани тартиби гузаронидани раъйпурсӣ;

г) ҷараёни раъйпурсӣ;

д) ҷамъбасти натиҷаҳои раъйпурсӣ ва эълони он [244, с. 451].

Ҳамчунин, давраҳои зерини қабули Конститутсия дар раъйпурсӣ ҷудо карда мешаванд:

а) қабули қарор оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия;

б) ташкили гурӯҳи корӣ ё комиссияи конститутсионӣ оид ба таҳияи лоиҳаи Конститутсия;

в) ба муҳокимаи умумихалқӣ баровардани лоиҳаи Конститутсия;

г) муҳокимаи лоиҳаи Конститутсия дар воситаҳои ахбори омма, итиҳодияҳои ҷамъиятӣ ва ниҳодҳои дигари ҷомеаи шаҳрвандӣ;

д) пешкаши таклифҳои шаҳрвандон ва субъектони дигари ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба лоиҳаи Конститутсия;

е) такмили лоиҳаи Конститутсия;

ж) тасдиқи матни ниҳоии лоиҳаи Конститутсия;

з) қабули Конститутсия дар раъйпурсии умумихалқӣ;

и) эълон намудани натиҷаи раъйпурсӣ;

л) интишори расмии матни Конститутсия.

к) тасдиқи натиҷаи раъйпурсӣ [244, с. 451].

Намудҳои дар боло зикршудаи ҳуқуқэҷодкунӣ табиист, ки бо истифодаи қоидаҳои махсуси техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда

мешаванд. Чунончи, ба ақидаи Р.Ш. Шарофзода, техникаи таҳия, қабул, интишори Конститутсия ва қонунҳо дар раъйпурсӣ, ҳамчунин, техникаи тағйиру иловаҳои Конститутсия дар раъйпурсӣ намудҳои мустақили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд [244, с. 500].

Мутобиқи қисми 1, м. 98 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйиру иловаҳо ба Конститутсия бо роҳи раъйпурсии умумихалқӣ сурат мегирад. Раъйпурсиро Президент ё Маҷлиси намояндагон бо тарафдории на камтар аз се ду ҳиссаи шумораи умумии вакилон таъйин мекунад (қ.2 м.98). Тағйиру иловаҳоро ба Конститутсия Президент ё ҳадди ақал аз се як ҳиссаи умумии аъзо ва вакилони Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагон пешниҳод мекунанд (қ. ,1 м. 99). Пешниҳоди тағйиру иловаҳо се моҳ пеш аз раъйпурсӣ дар матбуот чоп мешавад (қ.2, м.99) [1].

Мутобиқи банди якуми Муқаррароти интиқолии Конститутсияи ҷумҳурӣ тағйиру иловаҳо ба Конститутсия пас аз эълони натиҷаи раъйпурсии умумихалқӣ ва аз рӯзи интишори расмияш эътибори ҳуқуқӣ пайдо мекунанд [1]. Ҳуқуқи халқи Тоҷикистон ба қабул ва эълон намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дебочаи Конститутсия мустаҳкам карда шудааст. Дар дигар моддаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ меъёрҳои алоҳида оид ба қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия пешбинӣ намешаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1, м. 6 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон мекунад, ҳуқуқи истисноии халқи Тоҷикистон ба қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия дар раъйпурсии умумихалқӣ илова карда шавад.

Тартиби муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо, қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсия, қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танзим намешавад. Чунончи, Қонуни мазкур тартиби қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қатъ намудани амали

Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим намекунад (банди 3, м. 1) [13].

Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи тартиби қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қатъ намудани амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад.

Ҳамчунин, Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» муносибатҳоро оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки дар Қонуни мазкур пешбинӣ нашудаанд, танзим намекунад (б. 3, м. 1) [13]. Сухан дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ меравад. Ин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар дохили корхонаҳо, муассисаҳо, ташкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, қабул шуда, фаъолияти доираи васеи кормандони онҳоро танзим мекунанд. Нақши санадҳои меъёрии ҳуқуқии корпоративӣ, ки дар ташкилотҳои хусусӣ қабул мешаванд, бо дарназардошти рушди муносибатҳои хусусӣ баланд мешавад. Ҳамаи инҳо санадҳои натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд. Онҳо дар доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии корхонаҳо, ташкилотҳо, муассисаҳо қабул мешаванд.

Аммо муносибатҳое, ки бо ин санадҳо робита доранд, дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танзим намешаванд. Муносибатҳои мазкур бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ танзим мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамаи намудҳо ва шаклҳои имконпазири фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Бо дарназардошти волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд таклиф пешниҳод мешавад, ки тартиби таҳия, қабул, интишор, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ё дар қонуни алоҳида танзим карда шавад.

Илова бар ин, дар сатҳи қонун танзим нашудани муносибатҳои ҷамъиятӣ, аз ҷумла принсипҳои умумие, ки бо қабули санадҳои меъёрии

ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ алоқамананданд, самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро то андозае коҳиш медиҳад, ба самаранокии он таъсири манфӣ мерасонад.

Ҳамин тариқ, демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ – раванди ҷомеагардонии тарзҳо, воситаҳо, қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, ки ҳамчун ҷузъи сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи инкишофи шаклҳои демократии ҳаёти давлат ва ҷомеа, тавассути маҷмуи тадбирҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, таҳсилотӣ, тарбиявӣ, маърифатӣ бо мақсади таъмини дастрасии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад.

### 3.3. Таъмини сифати қонун ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Таъмини сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз мақсадҳои асосии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад. Аз сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ натиҷанокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ вобастагӣ дорад. Тавре дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 қайд карда мешавад, меъёрҳои санадҳои ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳо на ҳама вақт самаранок амал менамоянд, ҳадафҳои дар назди онҳо ҳангоми қабул гаштанашон гузошташуда иҷро намегарданд, ки боиси ба қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ворид намудани тағйиру иловаҳои зиёд ё дар таҳрири нав қабул кардани онҳо мешаванд. Аз ин хотир, зарурати таъмини натиҷанокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар тавассути пешгирӣ ва бартараф намудани ихтилофот, номутобиқатӣ, нуқсонҳо, такроршавӣ дар қонунҳо ва хориҷ кардани меъёрҳои ҳуқуқии моҳияташонро гумкардаю камсамар таъкид мегардад [29].

Мутобиқи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон баланд бардоштани сифати қонун яке аз афзалиятҳои дурнамои рушди қонунгузории Тоҷикистон мебошад [28].

Мебояд зикр намуд, ки дар асарҳои илмӣ солҳои охир сифати қонун дар доираи стратегияи рушди ҳуқуқӣ ва пешгӯии дурнамои он таҳқиқ карда мешавад [258, с. 34].

Дар Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон таъкид мегардад, ки сифати қонун яке аз роҳҳои пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Таъмини сифати қонун ҳадафи стратегии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон буда, дурнамои онро ташкил медиҳад. Дар доираи ин стратегия вазифаҳои мубрам дар самти боло бурдани дониши касбӣ, аз байн бурдани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мутобиқати онҳо ба Конститутсияи ҷумҳурӣ, таъмини фазои ягонаи қонунгузорӣ, мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон, мониторинги ҳуқуқӣ, экспертизаи илмӣ, зиддикоррупсионӣ, гендерӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, иҷтимоии лоиҳаи қонун, ки дар Консепсияи мазкур пешбинӣ мешаванд, ҳалли худро меёбанд.

Мутобиқи Консепсияи мазкур инкишоф, такмил ва таъмини сифати қонунгузорӣ роҳандозии тадбирҳои зеринро пешбинӣ мекунад:

- таҳқиқоти илмӣ-таҳлилии ҳолати инкишоф ва татбиқи қонунгузорӣ, такмили он;

- пешниҳоди таклифҳо оид ба мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба Конститутсия ва санадҳои ҳуқуқии байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон;

- экспертизаи лоиҳаҳои қонунҳо;

- муайян намудани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- муайян намудани самтҳои аввалиндараҷа, ҷорӣ ва стратегии такмили қонунгузорӣ [28].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Консепсияи мазкур вазифаи таъмини сифати қонун дар доираи ҳалли вазифаҳои умумӣ дар соҳаи такмили қонунгузорӣ ҳал карда мешавад. Айни замон таъмини сифати қонун ҳалли як қатор дигар вазифаҳоро низ дар назар дорад. Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, таъмини сифати қонун аз ҳалли вазифаҳо дар соҳаи такмили дониши ҳуқуқӣ, боло бурдани маҳорати касбии вакилони халқ, ба инобат гирифтани назарияҳои нави ҳуқуқ, инъикоси ғояҳои нави ҳуқуқӣ, аз ҷумла ҳуқуқҳои инсон, арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ дар лоиҳаи қонун, таъмини сифати техникӣ-ҳуқуқии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мутобиқати шакл ва мазмуни қонун, мутобиқати қонун ба талаботи ҷамъиятӣ, танзими самараноки ҳуқуқӣ вобастагӣ дорад [426, с. 227].

Риояи техникаи хуқуқэҷодкунӣ яке аз омилҳои аввалиндараҷаи таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Тавре Ю.А. Тихомиров таъкид мекунад, яке аз сабабҳои паст будани сифати қонун «ба таври дахлдор ба инобат нагирифтани техникаи қонунгузорӣ» [462, с. 110] мебошад.

Риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар шаклҳои гуногун зоҳир шуда, далели сифати нокифояи онҳост. Яке аз шаклҳои васеъ паҳншудаи ҳолати мазкур ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз он ҷумла ихтилофоти онҳо бо Конститутсия, мебошад [326, с. 64], [364, с. 11].

Риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқиро халалдор мекунад, дар шаклҳои гуногун, аз ҷумла саҳви услубӣ, ифодаи нодурусти номи санади меъёрии ҳуқуқӣ, интихоби нодурусти сохтори санад, ифодаи нопурраи сохтори мазмуни санад ифода меёбад [522, с. 3].

Ба ақидаи Р.К. Надеев, сифати пасти қонун натиҷаи суръати баланди фаъолияти қонунэҷодкунӣ, вайрон гардидани технологияи ҷараёни қонунэҷодкунӣ, риоя нагардидани қоидаҳои техникаи

қонунгузорӣ, забони расмии адабӣ, сарфи назар намудани таҷрибаи ташаккулёфтаи қонунэҷодкунӣ, пешниҳоди қонунҳое мебошад, ки талаботи ҳаётро ифода намекунанд [377, с. 20].

Оид ба зарурати риояи техникаи ҳуқуқӣ ҳамчун заминаи таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ олимони зиёд ибрози андеша намудаанд. Тавре В.Ю. Картухин менависад: «Риояи талаботи техникаи қонунгузорӣ омили муҳимми баланд бардоштани сифати техникӣ-ҳуқуқии қонунҳои субъектҳои Федератсияи Россия мебошад» [518, с. 3].

Ба ақидаи К.Е. Павлова, техникаи ҳуқуқӣ аломати ҷудонопазири фаъолияти меъёрэҷодкунӣ буда, дар байни техникаи ҳуқуқӣ ва натиҷаҳои фаъолияти меъёрэҷодкунӣ робитаи устувор ҷой дорад [525, с. 9].

Қоидаҳо, усулҳо ва воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки бо истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, эҳтимолияти ҳуқуқӣ, ифодаи сохторӣ, мантиқӣ, забонӣ, услубии матни санади меъёрӣ робита доранд [387, с. 224-225], ҳамчун заминаи «ҳалли вазифаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ» [532] арзёбӣ мегарданд.

Як қатор олимон ченакҳои амалии сифати санади меъёриро аз талаботи ифодаи адабии матни санад (қоидаҳои забонӣ ва услубӣ) афзалтар мешуморанд, чунки «сифати матн ба самаранокии татбиқи ҳуқуқ таъсир мерасонад» [533].

Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, сифати қонун яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалияи ҳуқуқӣ буда, аз он ҳалли вазифаҳои зерин вобастагӣ дорад:

1) таъмини ҷанбаҳои техникӣ-ҳуқуқии лоиҳаи қонун дар давраи таҳия ва муҳокимаи он;

2) дар лоиҳаи қонун пешбинӣ намудани мақсадҳои он, предмети танзими ҳуқуқӣ, доираи заруриі воситаҳои ҳуқуқӣ;

3) мутобиқати қонун ба навъи муосири фаҳмиши ҳуқуқ, ба арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ;

4) риояи қоидаҳои ченакҳои ҳуқуқии сифати қонун, ки волоияти қонунро дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми ҳуқуқӣ ва дар давлат таъмин мекунад;

5) мутобиқати қонун ба воқеияти иҷтимоӣ, талаботи ҷамъиятӣ, равандҳои воқеии иҷтимоӣ;

6) мусоидат намудани қонун ба амалӣ гардидани мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқӣ, аз ҷумла сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ;

7) мутобиқати шакл ва мазмуни қонун;

8) самаранокии қонун, имконияти таъсиррасонии самараноки ҳуқуқӣ ба муносибатҳои ҷамъиятӣ;

9) қобилияти қонун барои таъмини устувории муносибатҳои ҷамъиятии танзимшаванда, таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, рушди ҷомеа [423, с. 219].

Ба ақидаи як қатор олимон, сифати қонун дар заминаи риояи қоидаҳои зерини техникаи қонунгузорӣ таъмин карда мешавад: ифодаи дурусти меъёрҳои ҳуқуқӣ; шарҳи мафҳумҳо ва истилоҳот; забони аниқи ҳуқуқӣ; ифодаи аниқи номи бобҳо ва моддаҳо; ҳавола ба моддаҳои дигар; ифодаи дурусти номи мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор ва субъектони дигари ҳуқуқ; ифодаи нишонаҳои (рекивизитҳои) санад [229, с. 42].

Ба ақидаи В.М. Баранов, дуруст омода намудани консепсияи қонун, ки зарурати таҳия ва қабули онро дар доираи пешгӯии илмӣ ва амалии танзими ҳуқуқӣ, механизмҳои ҳуқуқии амалӣ намудани фаъолияти аз лиҳози иқтисодӣ самаранокро муайян мекунад, яке аз роҳҳои таъмини сифати қонун мебошад [66, с. 98].

Риояи қоидаҳои забонӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун яке аз масъалаҳои мубрами илм ва амалияи ҳуқуқӣ буда, ҳамчун роҳи самараноки таъмини сифати қонун маҳсуб мешавад. Зарурати қоидаҳои забонӣ дар он аст, ки ҳамаи меъёрҳои ҳуқуқ, мафҳумҳо ва категорияҳои ҳуқуқӣ бо истифодаи истилоҳоти махсуси ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд. Истилоҳоти ҳуқуқӣ, ба мисли «давлати ҳуқуқбунёд», «давлати иҷтимоӣ»,

«қонуният», «ҳуқуқвайронкунӣ» ва ғайра, ки дар матни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, шакли ифодаи мафҳумҳо мебошанд. Барои ҳамин, дар илм ба риояи қоидаҳои ифодаи забонии меъёрҳои ҳуқуқ таваҷҷуҳи махсус медиҳанд.

Чунончи, О.В. Ансиферова ду гурӯҳи истилоҳоти махсусро, ки дар матни қонунҳо истифода мешаванд, ҷудо мекунад: 1) истилоҳоте, ки дар забони муқаррарӣ истифода мешаванд; 2) истилоҳоте, ки ба доираи васеи шаҳрвандон шинос нестанд. Аз ин хотир, қонунҳо бояд бо забони оммафаҳм омода карда шаванд [255, с. 45].

Илова бар ин, ҳамон як истилоҳот дар забони гуфтугӯӣ ва дар матни қонунҳо маънои гуногун дошта метавонад. Чунончи, истилоҳи «қаллобӣ» дар забони муқаррарӣ васеъ истифода шуда, вале дар қонунгузории ҷиноятӣ ва маъмурӣ маънои ҳуқуқӣ пайдо мекунад [489, с. 13].

Сифати қонун, хусусиятҳои сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди ченакҳои муайянкунандаи сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз масъалаҳои мураккаби илми ҳуқуқшиносӣ маҳсуб мешавад [324, с. 26], [507, с. 88].

Сифати қонун дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад [514, с. 128], [116], [251], чунки таъмини сифати қонун таҳқиқоти васеи илмиро оид ба мафҳуми «сифати қонун», ченакҳо ё талаботи сифатнокии қонун, роҳҳои таъмини сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро талаб мекунад.

Калимаи «сифат» ҳамчун маҷмуи нишонаҳо, хусусиятҳое, ки бо онҳо предметҳо ё падидаҳо аз ҳамдигар фарқ мекунанд, шарҳ дода мешавад [214, с. 39], [184, с. 265], [234, с. 84]. Ба ақидаи олимони дигар, сифат маҷмуи аломатҳоест, ки моҳияти объектро дар заминаи монандии он бо объектҳои дигар аниқ мекунанд [87, с. 119], [105, с. 190-191].

Мафҳуми фалсафии сифат дар таҳқиқи сифати қонун истифода мешавад. Сифати қонун ҳамчун маҷмуи нишонҳо ё хусусиятҳои қонун шарҳ дода мешавад. Оид ба сифати қонун мафҳумҳои зиёд ҷой доранд.

Чунончи, ба ақидаи М.З. Раҳимзода (М.З. Раҳимов), сифати қонун – «маҷмуи хусусиятҳои ҷудонопазири қонун мебошад, ки инъикоси онҳо дар матни қонун ё риояи онҳо амалишавии қонунро кафолат медиҳад» [403, с. 16].

А.Р. Нематов мафҳуми сифати қонунро дар асоси мутобиқати хусусиятҳои шаклӣ-ҳуқуқии қонун ва самаранокии танзими ҳуқуқӣ муайян мекунад. Дар ин замина аломатҳои зерини сифати қонун муайян карда мешаванд: риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ; самаранокии танзими ҳуқуқӣ; амалишавии меъёрҳои санади меъёрии ҳуқуқӣ [179, с. 152].

Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) мафҳуми зеринро пешниҳод мекунад: сифати қонун – «маҷмуи хусусиятҳои умумӣ, ягона, инкишофёбандаи умумииҷтимоӣ ва ҳуқуқии қонун мебошад, ки сифатнокии қонунро дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян мекунанд ва таъсиррасонии самараноки ҳуқуқиро ба муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини устуворӣ ва рушди ҷомеа таъмин мекунанд» [426, с. 235].

Бо дарназардошти мафҳуми зикршуда хусусиятҳои сифати қонун ба гурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: 1) хусусиятҳои сифати қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ; 2) хусусиятҳои техникӣ-ҳуқуқии сифати қонун ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ; 3) хусусиятҳои сифати қонун ҳамчун шакли ҳуқуқ, ки мавқеи қонунро дар низоми сарчашмаҳои ҳуқуқ муайян мекунанд; 4) хусусиятҳои қонун ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқӣ; 5) хусусиятҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии қонун; 6) хусусиятҳои фарҳангӣ-тамаддунии қонун; 7) хусусиятҳои гуманитарии қонун [426, с. 236-237].

Хусусиятҳои сифатии қонун дар робита бо инъикоси талаботи ҳаёти ҷомеа дар қонун ва танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Чунончи, ба ақидаи С.В. Поленина, ҳамон қонун босифат мебошад, ки мутобиқ ба

талаботи ҷамъиятӣ буда, муносибатҳои ҷамъиятиро тибқи мақсаду вазифаҳое, ки ҳангоми қабули он пешбинӣ шуда буданд, танзим мекунад [390, с. 12]. Бо дарназардошти мутобиқати қонун ба талаботи ҷамъиятӣ ва танзими ҳуқуқӣ се ченаки сифати қонун муайян карда мешаванд: иҷтимоӣ, сиёсӣ ва ҳуқуқӣ. Ченаки иҷтимоӣ инъикоси равандҳои ҳаёти ҷомеаро дар қонун, ченкаи сиёсӣ мутобиқати қонунро ба сиёсат, ченаки ҳуқуқӣ риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро дар назар дорад [189, с. 56].

С.В. Поленина мафҳуми васеи «сифати қонун»-ро пешниҳод мекунад. Дар ин ҳолат сифати қонун бо дарназардошти мутобиқати он ба талаботи иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Чунин нуқтаи назар қобили дастгирист. Сифати қонунро бо дарназардошти равандҳои ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ муайян намудан мувофиқи мақсад аст, чунки қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти талаботи ҳаёти ҷомеа қабул карда мешаванд. Дар асарҳои илмӣ бештар мутобиқати қонун ба равандҳои сиёсӣ, иҷтимоӣ ва ҳуқуқӣ ба инобат гирифта мешавад. Инро мо дар мисоли нуқтаи назари С.В. Поленина мушоҳида намудем. Айни замон қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба талаботи иқтисодӣ ва фарҳангӣ-маънавӣ низ мутобиқат намоянд.

Мутобиқати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи ҳаёти иқтисодӣ дар ҳаёти имрӯза, аз ҷумла бо дарназардошти рушди муносибатҳои озоди иқтисодӣ, соҳибкорӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад, чунки риояи талаботи мазкур танзими самараноки муносибатҳои нави иқтисодиро таъмин мекунад. Таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки муносибатҳои озоди иқтисодӣ, аз ҷумла фаъолияти соҳибкориро танзим мекунанд, хусусиятҳои худро дошта, бо риояи қоидаҳои махсуси техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад. Бо ин мақсад дар боби 4 Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» қоидаҳои махсуси банақшагирӣ, таҳия, таҳлили таъсири танзимкунии санадҳои меъёрии ҳуқуқие, ки ба фаъолияти соҳибкорӣ таъсири имконпазир

доранд, пешбинӣ мешаванд [13]. Тартиби мазкур дар зербобҳои қаблии кор таҳқиқ гардид.

Мутобиқати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи ҳаёти фарҳангӣ-маънавӣ яке аз омилҳои ҳимояи манфиатҳои миллӣ, ба инобат гирифтани анъанаҳои миллӣ ҳангоми қабули қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти мутобиқати он ба манфиатҳои миллии Тоҷикистон муайян карда мешавад. Татбиқи чунин санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ноил гардидан ба консепсияи миллии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Дар баробари усули таҳқиқи васеи сифати қонун, ки болотар зикр гардид, дар асарҳои илмӣ мафҳуми маҳдуди сифати қонун низ пешниҳод карда мешавад. Дар ин ҳолат сифати қонун танҳо бо дарназардошти мутобиқати он ба қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Ин усули илмиро В.В. Игнатенко истифода мебарад. Бо мақсади мутобиқати қонун ба техникаи ҳуқуқӣ ӯ мафҳуми «сифати ҳуқуқии қонун»-ро пешниҳод мекунад [516, с. 6]. Сифати ҳуқуқии қонун мутобиқати қонунро ба талаботи ҳуқуқӣ, аз ҷумла меъёрҳои конститутсионӣ, принсипҳо ва меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ, қабули қонунро дар доираи салоҳияти мақомоти меъёрэҷодкунанда дар назар дорад.

В.В. Игнатенко дар доираи мафҳуми «сифати ҳуқуқии қонун» қайд мекунад, ки сифати қонун маҷмуи «хусусиятҳои ҳуқуқии қонун», аз он ҷумла хусусиятҳои техникӣ-ҳуқуқӣ мебошад ва ин хусусиятҳо «заминаи амали самараноки қонун мутобиқи мақсадҳои ҳангоми қабули он гузошташуда мебошанд» [516, с. 9].

Олимон бо мақсади баҳогузории сифати қонун муайян намудани маҷмуи ченакҳои сифатнокии қонунро зарур мешуморанд. Ба ақидаи Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода), «ченакҳои сифати қонун – хусусиятҳое мебошанд, ки дар заминаи онҳо қонун бо дарназардошти мутобиқаташ ба талаботи муайян баҳогузорӣ карда мешавад [424, с.

133]. Ченакҳои сифати қонун ба ду гурӯҳ ҷудо карда мешаванд: 1) ченакҳои умумиичтимоӣ (мутобиқати мазмуни қонун ба талабот, равандҳо, падидаҳои ҷамъиятӣ); 2) ченакҳои ҳуқуқӣ (мутобиқати қонун ба талаботи махсуси ҳуқуқӣ). Ченакҳои умумиичтимоӣ инҳо мебошанд: қабули қонун бо дарназардошти талаботи объективии ҳаёти ҷомеа; ченакҳои молиявӣ-моддӣ; ченаки иқтисодӣ; ченаки ичтимоӣ; ченаки фарҳангӣ-тамаддунӣ; ченаки сиёсӣ. Ченакҳои ҳуқуқии қонун ба зергурӯҳҳои зерин ҷудо карда мешаванд: 1) ченакҳои қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ; 2) ченакҳои волоияти қонун дар низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ; 3) ченакҳои муайянкунандаи сохтори дохилии низоми қонунҳо; 4) ченакҳои сифати Конститутсия; 5) ченакҳои мутобиқати қонун ба ҳуқуқ; 6) ченакҳои таъминкунандаи мазмуни гуманитарии қонун; 7) ченакҳои мутобиқати қонун ба принсипҳо ва меъёрҳои пазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ ва шартномаҳои байналхалқӣ; 8) ченакҳои қонун ҳамчун воситаи танзими ҳуқуқӣ; 9) ченакҳои техникӣ-ҳуқуқии қонун [424, с. 139].

Т.К. Примак ченакҳои дохилидавлатӣ, байналмилалӣ ва иҷрогардии сифати қонунро пешниҳод мекунад [527, с. 54].

Ба ақидаи Т.Н. Дуриманова, ченаки баҳогузории сифати қонунро мутобиқати он ба талаботи воқеӣ ташкил медиҳад. Аз ин хотир, сифати қонун ҳамчун «баҳогузории таҳияи он мутобиқи талаботи ҷомеа, давлат ва шахс» тавассути маҷмуи шароити таъминшаванда бо «захираҳои моддӣ ва пояҳои ахлоқӣ-маънавӣ» шарҳ дода мешавад [291, с. 19].

А.К. Черненко бо дарназардошти мафҳум ва моҳияти ҳуқуқ ченакҳои зерини сифати қонунро пешниҳод мекунад: ифода ва таъмини ҳуқуқҳои фитрии инсон; амалӣ намудани принсипи адолат; риояи расмиёти қабули қонун бо дарназардошти афкори ҷомеа ва дар доираи технологияҳои ҳуқуқӣ [486, с. 73]. Риояи технологияи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла технологияи ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамчун заминаи амалӣ гардидани қонунҳо таҳқиқ карда мешавад [485, с. 114].

Ба ақидаи Т.А. Рубансова ва И.Ф. Андроник сифати қонун дар заминаи мутобиқати он ба ченакҳои зерин муайян карда мешавад: «вазъияти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, вазъияти сиёсӣ, ба инобат гирифтани манфиатҳои қисми бештари аҳолӣ (ё манфиатҳои аҳолии ҳудуди муайян)» [406, с. 109].

Р.У. Мамазакиров сифати қонунро бо дарназардошти мутобиқаташ ба ду талаботе, ки ба мазмуни санади қонунгузорӣ (мутобиқат ба шароити иҷтимоӣ, тамоюли гуманитарии санад, ба замон мутобиқ будани санад, таъминоти захиравии санад) ва шакли расмии он (риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ) муайян мекунад [363, с. 89].

Ю.А. Тихомиров ченакҳои конститутсионии санадҳои ҳуқуқиро пешниҳод мекунад. Ба ин ченакҳо дохил мешаванд: инъикоси ғояҳо ва принсипҳои асосии конститутсионӣ, инъикос ва татбиқи якхелаи мафҳумҳо ва меъёрҳои конститутсионӣ, қабули санади ҳуқуқӣ аз тарафи субъекти босалоҳият, бақайдгирии қонун, истифодаи шакли дурусти санад, мутобиқати санад ба меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалӣ [231, с. 257].

Т.В. Худойкина ва А.А. Лукянов ченакҳои зерини сифати қонунро муайян мекунанд: мутобиқат ба принсипҳои Конститусия; мутобиқат ба меъёрҳои ҳуқуқ; мутобиқат ба техникаи қонунгузорӣ; мутобиқат ба манфиатҳои давлат ва ҷомеа; оммафаҳм будани қонун; дар вақташ қабул шудани қонун; роҳ надодан ба ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ [481, с. 193].

Тавре мушоҳида мешавад, олимон сифати қонунро бо дарназардошти ду гурӯҳи омилҳо, ки ҳамчун ченаки сифати қонун баромад мекунанд, муайян мекунанд: 1) мутобиқати қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ ба талаботи ҳаёти ҷомеа (ҳаёти иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ); 2) мутобиқати қонун ба техникаи ҳуқуқӣ (шакли қонун). Ҳар ду нуқтаи назар қобили дастгирист, чунки қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, аз як тараф, бо дарназардошти шароити ҳаёти ҷомеа, равандҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ ва аз тарафи дигар, дар

доираи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд. Дар ҳолати риояи ин талабот ё ченакҳо сифати санади меъёрии ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад.

А.С. Гатилова низ ҳамин усули таҳқиқи сифати қонунро ҷонибдорӣ мекунад. Ба ақидаи ӯ, ҳангоми омӯзиши сифати қонун дар доираи мутобиқати он ба падидаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ ва дигар «сифати мазмуни меъёрҳои ҳуқуқ ва мутобиқати он ба шароити иҷтимоӣ» муайян карда шуда, айни замон дар ҷараёни таҳқиқи «сифати шакли қонун» аломатҳои қонун ҳамчун сарчашмаи ҳуқуқ ва шаклҳои «ифодаи меъёрҳои ҳуқуқ дар матни қонун» муайян карда мешаванд. Аз ин ҷо муаллиф ба хулоса меояд, ки «шакл ва мазмуни қонун» бо ҳамдигар робитаи устувор дошта, истифодаи «усули таҳқиқи комплексии масъалаи сифати қонун ба мақсад мувофиқ аст» [276, с. 5].

Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ омили муҳимми таъмини сифати техникӣ-ҳуқуқии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад. Тавре Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш. Шарофзода) қайд мекунад, сифати техникӣ-ҳуқуқии қонунҳо дар ҳолати риояи қоидаҳои забонӣ, услубӣ, мантиқӣ, сохторӣ, шаклии техникаи ҳуқуқӣ таъмин карда мешавад. Ҳамзамон бо ин, яке аз масъалаҳои мубрами таъмини сифати қонунҳои Тоҷикистон риояи қоидаҳои забонӣ, аз ҷумла ворид гардидани доираи васеи калимаҳои арабӣ ба забони тоҷикӣ мебошад, ки солҳои истиқлолияти давлатӣ вусъат ёфтааст [423, с. 223-224].

Оид ба зарурати риояи забони давлатӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ олимони дигари Тоҷикистон низ ибрози андеша намудаанд. Чунончи, ба ақидаи М.З. Раҳимзода (М.З. Раҳимов), яке аз мушкилоти соҳаи мазкур ин ҷустуҷӯйи синонимҳо мебошад, ки моҳияти аслии истилоҳоти арабиро ифода мекунанд [404, с. 62].

Тавре дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 таъкид мегардад, «дар баъзе ҳолатҳо дар қонунгузории амалкунанда истилоҳот бо забони тоҷикӣ номуайян, гуногунмаъно ва тарзе истифода шудаанд, ки мазмуни меъёрии онро

коста менамоянд». Ҳамчунин, қайд карда мешавад, ки забони қонун «яке аз пояҳои асосии баланд бардоштани сифат ва мазмуни он мебошад». Аз ин хотир, масъалаи эҷод ва истифодаи калимаю истилоҳоти дурусти ҳуқуқии тоҷикӣ дар қонунгузорӣ яке аз самтҳои афзалиятноки такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ эълон мешавад. Таъкид мегардад, ки «ҳангоми истифодаи ин ё он истилоҳот дар қонунгузорӣ на танҳо ба сода ва равону фаҳмо будани он, балки ба доираи фарогирии мазмуну мафҳуми муайян эътибор додан зарур аст, то ки шарҳи гуногуни меъёрҳо истисно гардида, татбиқи якхелаи онҳо таъмин карда шавад». Илова бар ин, зарурати таҳия намудани фарҳанги истилоҳоти ҳуқуқии Тоҷикистон баён мегардад [29].

Дар асарҳои илмӣ ченакҳои дигари сифати қонун низ таҳқиқ карда мешаванд. Чунончи, тибқи маълумоти М.В. Пресняков, дар таҷрибаи Суди аврупоӣ оид ба ҳуқуқҳои инсон ду ченаки сифати қонун дар робита бо принсипи волоияти ҳуқуқ муайян карда шудаанд: 1) дастрасии қонун ба шахсоне, ки ҳуқуқу озодиҳои онҳо ҳангоми татбиқи қонун мавриди баррасӣ қарор дода мешаванд; 2) манъи дахолати мақомоти ҳокимияти давлатӣ ба амалӣ гардидани ҳуқуқҳои инсон [399, с. 45-46].

Р.Ш. Шарофзода хуқуқҳои инсонро ченаки сифати қонун мешуморад. Ӯ функсияҳои зерини ҳуқуқи инсонро нисбат ба қонун муайян мекунад: 1) хуқуқҳои инсон мазмуни фаъолияти қонунгузориро дар ҳамаи давраҳои фаъолияти қонунгузорӣ, аз он ҷумла қонунэҷодкунӣ, муайян мекунанд; 2) ҳуқуқҳои инсон мазмуни қонунро муайян намуда, унсури таркибии он мебошанд; 3) онҳо маҳаки сифати қонун дар давраи таҳия ва қабули қонун мебошанд; 4) сифати қонун дар таҷрибаи амалисозӣ ва татбиқи қонун, пеш аз ҳама, таъмин ва риоя гардидани ҳуқуқҳои инсон муайян карда мешавад [496, с. 76].

Р.Ш. Шарофзода робитаи тарафайни ҳуқуқҳои инсон ва сифати қонунро бо далелҳои зерин исбот мекунад:

1. Тибқи м. 14 Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳуқуқҳои инсон бевосита амалӣ шуда, мақсад, мазмун ва татбиқи қонунҳо, фаъолияти ҳокимияти қонунгузорро ташкил медиҳанд.

2. Ҳуқуқҳои инсон дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи қонун ҳатман ба инобат гирифта мешаванд, чунки тибқи м. 3-и Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» афзалияти ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд яке аз принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳсуб мешавад.

3. Зимни таҳия, қабул, амалисозӣ ва татбиқи ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ афзалияти ҳуқуқҳои инсон ба инобат гирифта мешавад.

4. Ҳуқуқҳои инсон яке аз воситаҳои танзими ҳуқуқӣ буда, ҳаёту фаъолияти инсонро дар муносибатҳои гуногуни ҷамъиятӣ ва ҳолатҳои мушаххаси ҳаётӣ танзим мекунанд.

5. Ҳуқуқҳои инсон бевосита амал намуда, воситаи танзими ҳуқуқии бевоситаи муносибатҳои ҷамъиятӣ маҳсуб мешаванд.

6. Ҳуқуқҳои фитрии (тавлидӣ, ҷудонопазири) инсон бо дарназардошти моҳияташон дар матни Конститутсия ва қонун ифода карда мешаванд.

7. Ҳуқуқҳои инсон дар матни Конститутсия ва қонунҳо дар робита бо тафовути ҳуқуқҳои инсон ва ҳуқуқҳои шаҳрванд ифода карда мешаванд [496, с. 76-77].

Илова бар ин, Р.Ш. Шарофзода ақида пешниҳод мекунад, ки ҳуқуқҳои инсон моҳияти гуманитарии қонунро ташкил медиҳанд. Моҳияти гуманитарии қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти ҳолатҳои зерин таъмин карда мешаванд:

- таносуби ҳуқуқу озодиҳо ва вазифаҳои инсон;

- амалисозии ҳуқуқу озодиҳо дар робита бо иҷрои вазифаҳои конститутсионӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ, дар ҷараёни татбиқи қонун ва дигар санадҳои ҳуқуқӣ (шартномаҳо, ақди никоҳ, шартномаи меҳнатӣ ва дигар);

- ҳисси баланди масъулиятшиносӣ зимни амалӣ намудани ҳуқуқҳо ва иҷрои вазифаҳо (уҳдадориҳо);

- дарки моҳияти ҳуқуқу озодиҳо дар робита бо тавозуни манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ;

- дарку эҳсоси асолати ҳуқуқу озодиҳои инсон бо дарназардошти афзалияти манфиатҳои миллӣ дар шароити вусъати ҷаҳонишавӣ, хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ;

- дарку эҳсос ва амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳои шахс дар иртибот бо анъанаҳои миллӣ дар шароити бархӯрди тамаддунӣ-фарҳангӣ, ворид гардидани фарҳанги ба мо бегона, таҳдидҳои иттилоотӣ;

- дарки дурусти моҳияти вазифаҳои конститутсионӣ ва уҳдадориҳои ҳуқуқӣ дар ҷараёни амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ва қонунҳо, риоя ва иҷрои меъёрҳои шартномаҳои граждании, меҳнатӣ ва дигар санадҳои (ҳуҷҷатҳои) ҳуқуқӣ;

- амалӣ намудани ҳуқуқу озодиҳо бо дарки масъулияти баланди шаҳрвандӣ, дар доираи қонун, дар ҳолати эҳтироми ҳуқуқу озодиҳои одамони дигар, бо дарназардошти тавозуни манфиатҳои шахсӣ, ҷамъиятӣ ва давлатӣ [497, с. 72-73].

Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш Шарофзода) қайд мекунад, ки ҳуқуқҳои инсон бо дарназардошти ҳолатҳои зерин мазмуни қонунро ташкил медиҳанд: 1) ҳуқуқҳои инсон ҳангоми қабули қонун ҳатман ба инобат гирифта мешаванд; 2) воситаи танзими ҳуқуқӣ буда, ҳаёту фаъолияти инсонро дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа танзим мекунанд; 3) ҳуқуқҳои инсон дар матни қонунҳо бо риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ ифода карда мешаванд; 4) ҳуқуқҳои фитрии инсон, ки бо фитрати инсонӣ ҳамчун мавҷудоти биологӣ робита доранд, заминаи қабули қонун мебошанд [446, с. 9-10].

Ҳамчунин, бо дарназардошти таъсири ҳуқуқҳои инсон ба моҳияти қонун Р.Ш. Сотиволдиев (Р.Ш Шарофзода) хулоса пешниҳод мекунад, ки ҳуқуқҳои инсон ҷанбаи гуманитарии сифати қонунро ташкил медиҳанд [421, с. 105].

Дар илм усулҳои гуногуни таҳқиқи сифати қонун истифода мешаванд. Чунончи, экспертизаи техникӣ-ҳуқуқӣ ҳамчун усули баҳогузории сифати лоиҳаи қонун пазируфта мешавад [482, с. 41].

Дар як қатор асарҳои илмӣ сифати қонун ҳамчун талаботи пешниҳодшаванда ба қонун шарҳ дода мешавад. Дар ин ҳолат хусусиятҳо ё аломатҳои қонун, ки сифати онро таъмин мекунанд, ҳамчун талаботи пешниҳодшаванда ба қонун баромад мекунанд. Дар доираи усули мазкур А.И. Козулин аломатҳои сифатнокии қонунро, ки ҳамчун талабот нисбат ба қонун истифода мешаванд, чунин муайян мекунад: мутобиқати предмет ва мазмуни қонун ба сарчашмаҳои дигари қонунгузорӣ; мутобиқати консепсияи қонун ба нақши иҷрошавандаи қонун дар ҳаёти ҷомеа; дар қонун пешбинӣ шудани воситаҳои ҳуқуқие, ки тавассути онҳо мақсадҳои ҳангоми қабули қонун пешбинишаванда амалӣ карда мешаванд; истифодаи дурусти шакли ифодаи мазмуни қонун ҳамчун ҳуҷҷати ҳуқуқӣ [312, с. 206].

Т.В. Худойкина дар доираи таҳқиқи тазоди (зиддият, ихтилофоти) иҷтимоӣ [480, с. 10] шуури ҳуқуқиро омили таъсиргузор ба сифати қонун мешуморад, чунки дар ҳолати мутобиқат накардани тасаввурот ва ақидаҳои ҳуқуқии ҷомеа ба қонунгузории амалкунанда тазоди иҷтимоӣ пайдо мешавад [479, с. 117].

Ҳамин усули таҳқиқи сифати қонунро Е.А. Борисова низ ҷонибдорӣ намуда, қайд мекунад, ки қонунгузор «ба сифати қонунҳои қабулшаванда бояд таваҷҷуҳи махсус диҳад, чунки ҳуқуқ на танҳо қобилияти ҳалли ҳолатҳои тазодиро дорад, балки онҳоро ба миён оварда метавонад, дар навбати худ ихтилофот ҳуқуқро дигаргун мекунад» [269, с. 91].

Қисми бештари олимон сифати қонунро дар робита бо амалишавии он муайян мекунанд. Дар ин замина татбиқи қонун ҳамчун нишонаи сифати қонун баромад мекунад [180, с. 54]. Дар зери мафҳуми сифати қонун самаранокии қонун, қобилияти қонун ба таъсиргузорӣ ба

инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ дар доираи самтҳои муайян фаҳмида мешавад [189, с. 5].

Дар доираи ин нуқтаи назар сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили татбиқи самараноки онҳо пазируфта мешавад. Ба ақидаи А.Н. Миронов, риояи талаботи зерин, ки бо техникаи ҳуқуқӣ алоқамանданд, самаранокии санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад: ҷой надоштани ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ифодаи дурусти нишонаҳои (реквизитҳо), аниқ ва оммафаҳм будани матни санад, ифодаи мантиқии матн, кам кардани доираи мафҳумҳои баҳогузорӣ, меъёрҳои ҳаволакунанда ва бланкетӣ, бо меъёрҳои мурофиавӣ кафолат додани меъёрҳои моддӣ, аниқ будани доираи шахсоне, ки ба онҳо санади меъёрӣ равона шудааст [534].

Дар асарҳои илмӣ категорияи «сифати қонун» нисбат ба қонуни алоҳида ё падидаҳои мураккаб, ба мисли низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, соҳаи ҳуқуқ, институти ҳуқуқ, низоми ҳуқуқ, қонунгузорӣ истифода мешавад. Дар ин ҳолат сифати қонунгузорӣ ё сифати соҳаҳои қонунгузорӣ дар заминаи ченакҳои дигари баҳогузорӣ, ба мисли низомнокии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми ягонаи қонунгузорӣ, ҷой надоштани норасоиҳо дар санадҳо ва ғайра муайян карда мешавад [199, с. 34].

Техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита дошта, дар доираи стратегияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешавад. Ба ин ҷанбаи масъалаи таъмини сифати қонун дар асарҳои илмӣ таваҷҷуҳ зоҳир мешавад. Чунончи, ба ақидаи А.Н. Миронов, қоидаҳо ва воситаҳои техникаи ҳуқуқӣ, ки ҳангоми таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд, бо стратегияи ҳуқуқӣ ҳамчун унсури ҳатмии «технологияи таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» алоқаманд мебошанд [534].

Дар натиҷаи таҳқиқи гузаронидашуда хулосаҳо ва таклифҳои зерин пешниҳод карда мешаванд:

1. Таъмини сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ яке аз афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, ҷузъи таркибии стратегияи ҳуқуқэҷодкунӣ буда, амалӣ намудани маҷмуи тадбирҳои илмӣ, методӣ, таҳлилӣ, молиявӣ, иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ташкилиро (оморӣ, иттилоотӣ ва дигар) дар назар дорад. Ҳамаи унсурҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, банақшагирии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пешгӯии дурнамои наздик ва ояндаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, асоси илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ, консептуалӣ, барномавии соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, воситаҳои танзими ҳуқуқӣ) барои таъмини сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунанд.

2. Сифати қонун маҷмуи хусусиятҳои қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ, ҳуҷҷати ҳуқуқӣ, сарчашмаи ҳуқуқ, воситаи танзими ҳуқуқӣ мебошад, ки имконияти қонунро дар соҳаи қонеъ гардонидани талаботи ҷамъиятӣ, таъмини ҳуқуқҳои инсон ва танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ таъмин мекунанд. Хусусиятҳои зикршуда ду вазифаро иҷро мекунанд: а) аломатҳое мебошанд, ки ба қонун ҳамчун санади меъёрии ҳуқуқӣ пешниҳод карда мешаванд; б) ҳамчун ченаки баҳогузории сифати қонун хизмат мекунанд.

3. Сифати техникӣ-ҳуқуқии қонун якҷоя бо хусусиятҳои умумииҷтимоии сифати қонун (мутобиқат ба талабот ва равандҳои ҳаёти ҷамъиятӣ) сифати қонунро таъмин мекунанд. Таъмини сифати техникӣ-ҳуқуқии қонун бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд мешавад ва риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро ҳангоми таҳия, қабул, интишори қонун талаб мекунад. Ба инобат гирифтани талаботи ҷамъиятӣ берун аз доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути таҳлилҳои илмӣ, оморӣ, ҷомеашиносӣ, фалсафӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ ба роҳ монда мешавад.

4. Ҳуқуқи инсон маҳаки аввалиндараҷаи сифати қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошад, ки ҳангоми таҳия ва қабули онҳо

ҳатман ба инобат гирифта мешавад. Риояи ченаки мазкур сифати гуманитарии қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқиро таъмин мекунад.

5. Дар Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳои таъмини сифати қонун асосан бо такмили қонунгузорӣ маҳдуд карда мешаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Консепсияи мазкур бо маҷмуи чораҳои иловагии таъмини сифати қонун илова карда шавад. Сифати қонун тавассути тадбирҳои зерин, ки бо хусусиятҳои сифатнокии қонун робита доранд, таъмин карда мешавад:

- мутобиқати қонун ба талаботи ҳаёти ҷомеа, равандҳои воқеӣ ва дурнамои рушди ҷомеа, аз он ҷумла самтҳои рушди ҷомеа мутобиқи Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030;

- ба инобат гирифтани талаботи тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа дар шароити дигаргуниҳои куллӣ дар ҷомеаи ҷаҳон ва Тоҷикистон, аз он ҷумла ҷаҳонишавӣ, таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ;

- мутобиқати шакл ва мазмуни қонун;

- таъмини сифати техникӣ-ҳуқуқии қонун бо дарназарошти инкишофи донишҳои назариявӣ ва амалӣ дар соҳаи техникаи ҳуқуқӣ, тафовути намудҳои техникаи ҳуқуқӣ, хусусиятҳо ва вазифаҳои махсуси техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

- таъмини сифати гуманитарии қонун дар заминаи мутобиқати қонун ба ҳуқуқи инсон;

- ба инобат гирифтани афзалияти ченаки фарҳангӣ-тамаддунии сифати қонун бо мақсади ҳимояи манфиатҳои миллии Тоҷикистон.

6. Таклиф пешниҳод мешавад, ки дар Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бандҳои махсус оид ба таъмини сифати қонун ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ илова карда шаванд.

# БОБИ 4. САМТҲОИ МУБРАМИ ИНКИШОФИ СИЁСАТИ ҲУҚУҚЭҶОДКУНӢ ДАР ҶУМҲУРИИ ТОҶИКИСТОН

## 4.1. Нақши сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ

Сиёсати хуқуқэҷодкунӣ танҳо бо соҳаи хуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти махсуси танзимгаштаи ҳуқуқӣ оид ба таҳия, қабул, интишори санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ маҳдуд нашуда, бо соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа робита дорад, чунки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо мақсади танзими муносибатҳои иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ ва дигари ҷамъиятӣ қабул карда мешаванд. Илова бар ин, таҳлили талаботи объективии ҷамъиятӣ, ки зарурати қабули санадҳои меъёриро муайян мекунанд, соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷамъиятиро дар бар мегирад.

Сиёсати хуқуқэҷодкунӣ бо соҳаи фарҳанг, ҳаёти фарҳангӣ-маънавӣ робитаи бевосита дорад. Робитаи мазкур дар шаклҳои зерин зоҳир мешавад:

- «фарҳанг» мафҳуми васеъ буда, «маҷмуи дастовардҳои инсоният дар соҳаи муносибатҳои истеҳсолӣ, ҷамъиятӣ ва ахлоқӣ» [180], аз ҷумла маҷмуи унсурҳои фарҳанги моддӣ ва маънавӣ мебошад, ки бо ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа робита доранд;

- фазои фарҳангии ҷомеа (маҷмуи дастовардҳои инсоният) ба фаъолияти хуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар фазои фарҳангӣ (намудҳои ҷудогонаи фарҳанг) ба роҳ монда мешавад;

- санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ намуди дастоварди фарҳангии инсоният буда, таърихан дар танзими ҳаёти ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд ва имрӯз заминаи таъмини қонуният, тартиботи ҳуқуқӣ, сулҳу суботи ҷомеа мебошанд;

- фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо фарҳанги ҳуқуқӣ ҳамчун ҷузъи фарҳанги ҷомеа алоқамандии бевосита дошта, дар ташаккули ҳамаи унсурҳои фарҳанги ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад;

- фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи маҳорати касбӣ, сатҳи кофии фарҳанги ҳуқуқии субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад;

- сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, ки намуд ва унсури фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад, мусоидат менамояд;

- фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми нисбатан васеъ буда, боло бурдани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад.

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ омили аввалиндараҷаи ташаккул ва такмили фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Аз ин хотир, таҳқиқи масъалаи таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ зарурати таҳлили илмии мафҳум, хусусиятҳо, унсурҳо, функсияҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад.

Илова бар ин, ташаккул ва такмили фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ самти мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Нуктаи мазкур бо далелҳои зерин исбот карда мешавад:

- фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҷомеа буда, ба танзими ҳаёти фарҳангӣ тавассути қабули Конститутсия, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мусоидат мекунад;

- танзими ҳаёти фарҳангӣ дар Тоҷикистони муосир бо дарназардошти таҳдидҳо ва хатарҳои нави ҷаҳонӣ аҳаммияти аввалиндараҷа дорад;

- танзими ҳаёти фарҳангии Тоҷикистон бо дарназардошти хусусиятҳои ҳаёти фарҳангӣ ба роҳ монда шуда, истифодаи якҷояи воситаҳои танзими ҳуқуқӣ ва иҷтимоиро дар назар дорад ва аз ин хотир, ҳангоми қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ арзишҳои маънавӣ-ахлоқӣ ба инобат гирифта мешаванд;

- фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи мақсаду вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад;

- мақсаду вазифаҳои иҷтимоӣ-фарҳангии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон дар доираи ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлатӣ дар

соҳаи ватандӯстӣ, тарбияи фарҳангӣ-ахлоқии шаҳрвандон, таълим, забономӯзӣ муайян карда мешаванд;

- дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи рушди ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти афзалияти арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ ва анъанаҳои фарҳанги миллӣ муайян карда мешавад.

Мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бояд бо дарназардошти арзишҳои фарҳангии ҷомеаи Тоҷикистон муайян карда шаванд, чунки имрӯз арзишҳо ва анъанаҳои фарҳанги миллӣ барои рушди устувори ҷомеа нақши ҳалкунанда доранд. Таҷрибаи як қатор давлатҳои ҷаҳон собит менамояд, ки маҳз бухрони арзишҳои фарҳангӣ боиси халалдор гардидани инкишофи ҳамаи муносибатҳои ҷамъиятӣ (иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ ва дигар) мегардад. Барои ҳамин, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон дар алоқамандӣ бо ҳаёти фарҳангӣ бояд ба роҳ монда шавад.

Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад. Мафҳуми фарҳанги ҳуқуқӣ дар асарҳои олимони ватанӣ таҳқиқ шудааст [173]. Фарҳанги ҳуқуқӣ, аз як тараф, ҷузъи фарҳанги ҷомеа буда, аз тарафи дигар, намудҳои гуногун дорад, ба мисли фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, фарҳанги тафсири ҳуқуқӣ, фарҳанги амалисозии ҳуқуқ, фарҳанги мураттабсозии ҳуқуқ, фарҳанги татбиқи ҳуқуқ. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои фарҳанги ҳуқуқӣ мебошад.

Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» дар робита бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ёфта, таҳқиқ карда мешавад. Роҳҳои гуногуни таҳқиқи мафҳуми зикршуда дар асарҳои илмӣ истифода мешаванд. Одатан, фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро дар алоқамандӣ бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ мекунанд. Айни замон фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ робитаи устувор дорад, чунки фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ натиҷаи амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Таҳқиқи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз ҷанбаҳои нави таҳқиқоти илмӣ мебошад.

Мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» дар асарҳои илмӣ васеъ истифода мешавад. Мафҳуми мазкур дар солҳои 1990-ум дар маркази таваҷҷуҳи як қатор олимон қарор мегирад. Чунончи, ҷанбаҳои назариявии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун категорияи назарияи давлат ва ҳуқуқ дар асари Д.А. Керимов «Культура и техника законотворчества» ҳаматарафа таҳқиқ карда мешаванд [124]. Зарурати эҳёи мафҳуми илмии «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» ва таҳқиқи ҳаматарафаи он дар мақолаи Г.А. Тосунян ва Л.В. Санникова таъкид мегардад [465, с. 28].

Оид ба мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» ақида ва мафҳуми ягонаи умумӣ ҷой надорад. Чунончи, Д.А. Керимов мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқии иштирокчии фаъолияти қонунгузорӣ»-ро пешниҳод намуда, онро ҳамчун шакли махсуси «тафаккури касбӣ ва фаъолияти ба он асосёфта» дар заминаи «дарку эътирофи арзишҳои пазируфташудаи ҳуқуқ, талаботи қонуният ва режими тартиботи ҳуқуқӣ» [121, с. 6-7] шарҳ медиҳад.

Д.В. Чухвичев мафҳуми «фарҳанги қонунэҷодкунӣ»-ро пешниҳод намуда, онро ҳамчун низоми ақидаҳо ва арзишҳои иштирокдорони фаъолияти қонунэҷодкунӣ, ки ба раванди ташаккули низоми қонунгузорӣ таъсир мерасонад, баён мекунад [242, с. 231].

Е.С. Зайсева мафҳуми фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо доираи иштирокдорони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян намуда, намудҳои гуногуни онро ҷудо мекунад. Чунончи, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии умумӣ иштироки ҷомеаро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешбинӣ мекунад. Дар ин ҳолат ақидаи Д.А. Керимов оид ба гуногунии шаклҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла иштироки бевосита ё бавоситаи ҷомеа дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба асос гирифта мешавад [309, с. 109]. Бо дарназардошти ақидаи А.С. Бондарев оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун шакли ифодаи сифатҳои шахсии субъектони фаъолияти мазкур [267, с. 12], фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии гурӯҳҳои (субъектони) фаъолияти

ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии шахс ҷудо карда мешаванд. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «низоми арзишҳо ва воситаҳои субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки ҷараёни эҷоди меъёри ҳуқуқ, низоми ҳуқуқ ва низоми қонунгузориро муайян мекунанд» [295, с. 47] шарҳ дода мешавад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии шахс ҳамчун «тарзи махсуси тафаккури касбӣ ва фаъолияти дахлдор, ки мутобиқи он фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад» [295, с. 47] баён мегардад.

Дар асарҳои илмӣ сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ одатан ҳамчун омили боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ таҳқиқ карда мешавад [414, с. 130]. Дар ин ҳолат таносуби тарафайни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта мешавад. Чунончи, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «нишонаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии самаранок», сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад, ҳамчун «татбиқи талаботи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» баҳогузорӣ карда мешавад [418, с. 161].

Чунин нуқтаи назар қобили қабул аст, чунки дар байни фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи устувори тарафайн ҷой дорад. Таъсири сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба раванди ташаккул бо болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар шаклҳои зерин зоҳир мешавад:

1) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти мунтазам ва муташаккилонаи мақомоти давлатӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ буда, бо дарназардошти талаботи фарҳангӣ, аз ҷумла арзишҳо ва анъанаҳои фарҳанги миллии умумӣ, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ташаккул меёбад ва амалӣ карда мешавад;

2) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти сиёсати давлати Тоҷикистон буда, дар доираи ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла оид ба боло бурдани сатҳи шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқӣ дар ҷомеа амалӣ карда мешавад;

3) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳоло зарурати ифодаи ҳаматарафаи арзишҳо ва анъанаҳои фарҳанги миллиро дар қонунгузорӣ тавассути қабули қонунҳои миллӣ пешбинӣ мекунад;

4) сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, фаъолияти мунтазам, муташаккилона ва бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзимшуда буда, аз тарафи дигар, бо дарназардошти фарҳанги умумии ҷомеа ва фарҳанги ҳуқуқӣ, аз ҷумла унсурҳои моддӣ ва маънавии он ба роҳ монда мешавад ва аз ин хотир, ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Айни замон фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаҳо чунин дорад:

1) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги умумии ҷомеа буда, дар доираи ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон ташаккул ёфта, тадриҷан боло меравад;

2) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи муайян ва дар айни ҳол зарури талаботи иҷтимоӣ (ба инобат гирифтани талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ, зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зарурати тағйири санадҳои меъёрии амалкунанда, ҳимояи манфиатҳои миллӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити афзоиши таҳдидҳо ва хатарҳои ҷаҳонӣ ва ғайра) ва махсуси ҳуқуқӣ (риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, таъмини сифати қонун, риояи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, тартиби муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо, тартиби интишори қонунҳо ва ғайра) иборат аст, ки ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешавад ва аз ин хотир, ба сатҳи амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути риояи талаботи мазкур таъсири ҳалкунанда мерасонад;

3) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар натиҷаи ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар ҳолати самаранокии фаъолияти мазкур ташаккул ва боло меравад;

4) ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз сатҳи иштироки субъектони гуногун (мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи

шаҳрвандӣ, доираҳои гуногуни шаҳрвандон) дар амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ (сифати кори кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, сатҳи иштироки аҳолӣ дар муҳокимаи лоиҳаи қонун ва ғайра) вобастагӣ дорад.

Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, бо фарҳанги ҳуқуқӣ, ки ҷузъи фарҳанг мебошад [167 с. 247], бояд таҳқиқ карда шавад. Аз тарафи дигар, мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» на танҳо бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, балки бо ҳаёти фарҳангӣ (унсурҳои таркибии он) робита дошта, истифодаи дониши васеи илмиро, ки дар илмҳои дигари ҷамъиятӣ (фалсафа, фарҳангшиносӣ, ҷомеашиносӣ, сиёсатшиносӣ ва ғайра) ташаккул ёфтааст, талаб мекунад.

В.Ю. Самародов аҳаммияти амалии фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро бо он муайян мекунад, ки падидаи мазкур «бо техникаи ҳуқуқӣ, технологияҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ташкили ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст» [415, с. 124].

Н.А. Власенко риояи ҳамаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқиро яке аз талаботи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморад [81, с. 548].

М.А. Костарева се унсури фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро ҷудо мекунад: 1) риояи расмиёти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар Дастури мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ пешбинӣ мешаванд; 2) риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ; 3) фарҳанги субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ (касбият) [318, с. 17]

Ҳангоми таҳқиқи мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» мафҳуми «фарҳанг» ва таъсири он ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, равандҳо ва падидаҳои ҷамъиятӣ бояд ба инобат гирифта шавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба мисли падидаҳои дигари ҳаёти ҷомеа объекти таъсиррасонии фарҳанг мебошад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанг буда, бо дарназардошти арзишҳо ва меъёрҳои фарҳанги ҷомеа ва фарҳанги ҳуқуқӣ ташаккул меёбад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад ва аз ин хотир, бо дарназардошти арзишҳои фарҳангӣ амалӣ карда мешавад. В.Ю.

Самородов робитаи байни фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти алоқамандии байни талаботи фарҳангӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад ва ба хулоса меояд, ки талаботи фарҳангии пешниҳодшаванда ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ низ бояд татбиқ карда шавад [414, с. 129].

Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ бо ташаккули шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқии субъекти муайяни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд аст. Солҳои охир дар асарҳои илмии назариявӣ барои ифодаи субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ (кадрҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ) калимаи «нормарайтер» истифода мешавад. Тавре В.М. Баранов қайд мекунад, нормарайтер мутахассисе мебошад, ки санадҳоро қабул намекунад, вале онро менависад, таҳия мекунад, сохторашро муайян мекунад [257, с. 16]. А.В. Малко ва В.В. Трофимов қайд мекунанд, ки нақши нормарайтер (ҳуқуқэҷодкунанда) дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва сатҳи фарҳанги ӯ яке аз масъалаҳои мубрами фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Аз ин хотир, нақши нормарайтер ҳамчун субъекти марказии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳаматарафа таҳқиқ карда мешавад [357, с. 360].

В.В. Трофимов ва В.Ю. Самородов фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун «маҷмуи хусусиятҳо, чорабиниҳо ва талаботи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ташкилӣ, расмиётӣ-мурофиавӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, шахсӣ-таҳсилотӣ» шарҳ медиҳанд, ки «дар ҷараёни таҳия ва қабули қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳамчун талаботи пешниҳодшаванда ба ҷараёни мазкур истифода мешаванд» [472, с. 43].

М.А. Костарева фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун «фарҳанги кормандони мақомоти ҳокимият (муқаррароти арзишии дохилӣ, муносибат ба кор, сифати санадҳои ҳуқуқӣ) дар ҷараёни амалӣ намудани ваколатҳо оид ба таҳия, қабули санадҳои ҳуқуқӣ» [318, с. 18] шарҳ медиҳад.

Ба ақидаи В.Ю. Самородов, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи талаботи муайян мебошад, ки ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод карда мешавад. Муаллиф ду гурӯҳи талаботи пешниҳодшавандаро ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷудо мекунад: 1) талаботи умумии иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ (риояи принсипҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; ифодаи моҳияти ҳуқуқ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; амалӣ намудани салоҳияти таҳсилотӣ-фарҳангии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ); 2) талаботи махсуси техникаи ҳуқуқӣ (риояи технологияҳои техникӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ; риояи ҳамаи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ; таҳия ва татбиқи стандартҳои нави ҳуқуқэҷодкунӣ; мутобиқати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба қоидаҳои дастурии ин соҳа; нақши ҳалкунандаи забон ва герметевтика дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ) [416, с. 80].

Таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро дар доираи нуқтаҳои назари гуногун шарҳ додан мумкин аст. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ таносуби гуногун дошта метавонанд. Чунончи, таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро бо дарназардошти таносуби мақсад ва мазмуни фаъолият муайян кардан мумкин аст. Аз як тараф, ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад. Аз тарафи дигар, ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар баробари талаботи меъёрӣ ва ташкилӣ-ҳуқуқӣ, ки дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд, талаботи фарҳангӣ-иҷтимоӣ пешниҳод карда мешаванд. Дар натиҷа, мазмуни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тағйир меёбад. Мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ берун баромада, ба вазифаҳои фарҳангӣ-иҷтимоӣ дар самти ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ тобеъ карда мешаванд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мазмуни ҳуқуқӣ ва фарҳангӣ-иҷтимоӣ пайдо мекунад. Дар доираи самти мазкур фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз нуқтаи назари доираи фаъолият ва унсурҳои таркибии сиёсати мазкур таносуби дигар доранд. Доираи амалишавии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ нисбат ба доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст, чунки фарҳанг доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро дар бар мегирад. Тавре болотар қайд карда шуд, фарҳанг мафҳуми васеъ буда, дастовардҳои инсониятро дар ҳамаи соҳаҳои ҳаёти ҷомеа ва одамон дар бар мегирад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ низ доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятиро, ки на танҳо бо ҳуқуқ ва ҳаёти ҳуқуқӣ, балки ахлоқ, маънавиёт, шуури ҷамъиятӣ, анъанаҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ робита дорад. Аз ин хотир, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҳуқуқӣ, аз он ҷумла фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, мебошад.

Бо дарназардошти нуктаи илмии зикршуда, ба хулоса омадан мумкин аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар фазои фарҳанги ҷомеа, фарҳанги ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул ёфта, амалӣ карда мешавад. Фазои фарҳангӣ ба ташаккулу инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад. Агар ҳадафҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо ҳаёти ҳуқуқӣ муайян карда шаванд, пас фазои умумии фарҳангӣ, аз он ҷумла фазои фарҳанги ҳуқуқӣ, ба ташаккули мақсаду вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии онҳо мусоидат мекунад.

Таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз нуқтаи назари таносуби мафҳум ва аломатҳои падидаҳои ҳаёти ҷомеа дар он зоҳир мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз аломатҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Мафҳуми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мафҳуми фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун аломати ҷудонопазири сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ моҳияти сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад. Бо истифода аз ин нуқтаи назар ба хулоса омадан мумкин аст, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти талаботи фарҳангӣ-ҳуқуқӣ, дар

доираи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ, бо мақсади ифодаи арзишҳои фарҳанги миллӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад.

Таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз нуқтаи назари таносуби асос ва натиҷа дар он зоҳир мешавад, ки фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ асоси ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ барои амалӣ гардидани дастовардҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Заминаи бунёдӣ ҳамеша мақсадҳо, вазифаҳо, моҳияти намудҳои ҷудогонаи фаъолиятро муайян мекунад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи бунёдии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мақсадҳо, вазифаҳо, афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар робита бо арзишҳо, дастовардҳо, ғояҳои фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад.

Ҳамин тариқ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамдигар робитаи тарафайн дошта, таносуби онҳо дар шаклҳои гуногун зоҳир мешавад.

В.Ю. Самородов таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро чунин шарҳ медиҳад: якум, «сиёсати ҳуқуқэҷодкунии дуруст, яъне мунтазам, бонизом, ба рушди ҷомеа равонашуда воситаи боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад»; дуюм, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ «ҳолати чашмдошт» мебошад, ки ба он сиёсати мазкур равона карда мешавад ва айни замон он «натиҷаи воқеӣ ва муқаррарии рушд мебошад» ва аз ин хотир, вусъати робитаи мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро бо аҳли ҷомеа ва ниҳодҳои ҷамъиятӣ талаб мекунад; сеюм, «сатҳи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ боло меравад, агар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ба таври дахлдор амалӣ карда шавад, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи тасаввуроти муайяни фарҳангӣ ташаккул меёбад» [417, с. 118].

Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ боло бурдани фарҳанги ҳамаи субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, ки дар

фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд, маҳдуд намешавад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеъ буда, ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии ҳамаи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад. Айни замон ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии субъектон ва иштирокчиёни бевосита ва бавоситаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ барои амалӣ гардидани талаботи фарҳангӣ зимни роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Ҳам мақомоти давлатӣ, шахсони мансабдор, хизматчиёни давлатӣ, ки тибқи салоҳияташон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ иштирок мекунанд, ҳам шаҳрвандон, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, ки ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ (муҳокимаи лоиҳаи қонунҳо, қабули бевоситаи қонунҳо дар раъйпурсӣ, қабулу тағйири Конститутсия дар раъйпурсӣ) ҷалб карда мешаванд, бояд сатҳи кофии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дошта бошанд. Дар иҷрои ин вазифа сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳим дорад.

Тарзу воситаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо роҳҳои гуногун барои ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии доираи васеи аҳолӣ ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ мусоидат мекунанд. Яке аз роҳҳои васеъ паҳншуда ва самараноки боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ин ҷалби васеи онҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Ҷалби шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд.

В.В. Трофимов дар мақолаи худ робитаҳои коммуникативии байни ҷомеаи шаҳрвандӣ ва мақомоти ҳокимиятиро бо дарназардошти такмили «ҳамиштирокии ҳуқуқӣ» байни онҳо, ташаккули ҳисси ҳамиштирокӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шуури шаҳрвандон таҳқиқ мекунад [467, с. 73]. Ақидаи муаллифи номбурда оид ба робитаи коммуникативии байни шаҳрвандон ва мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ қобили дастгирист. Робитаи коммуникативӣ истифодаи тарзу воситаҳо ва шаклҳои гуногун ва имконпазири робитаи ҳамдигарӣ,

аз ҷумла шаклҳои анъанавӣ ва муосири иттилоотиро дар назар дорад. Таҷрибаи дар Тоҷикистон ташаккулёфтаи ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ якҷоя бо истифодаи шаклҳои иттилоотии ин робитаи судманд ба ташаккули фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Сатҳи баланди иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути такмили таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунии онҳо мусоидат мекунад. Такмили минбаъдаи раванди иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба болоравии шуури ҷамъиятӣ, дарки зарурат ва аҳаммияти иштироки фаъол дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ташаккули ҳисси иштироки шахсӣ ва дастаҷамъона дар муҳокима ва қабули қонунҳо, такмили мунтазами онҳо мусоидат мекунад. Ҳамчунин, таҷрибаи иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ такмил меёбад. Дар раванди иштирок дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дониши ҳуқуқии шаҳрвандон такмил меёбад, маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон оид ба ҳадафҳо, вазифаҳо ва моҳияти ҳуқуқэҷодкунӣ боло меравад, маҳорати касбии ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад. Ҳамаи ин заминаи ташаккул ва болоравии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Самаранокии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз сифати давраи аввали фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар он зарурати қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда шуда, шакл ва мазмуни меъёрҳои ҳуқуқии танзимкунанда аниқ карда мешаванд, вобастагӣ дорад. Дар ин давра корҳои зарури ташкилӣ-ҳуқуқӣ (омӯзиши талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ, зарурати қабули санади меъёрии ҳуқуқӣ, шакли мутобиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ, воситаҳои танзими ҳуқуқӣ) ба анҷом расонида мешаванд. Аз сифати корҳо дар давраи ибтидоии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ сифати давраҳои дигари фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва самаранокии танзими ҳуқуқӣ вобаста аст. Аз ин хотир, дар асарҳои илмӣ ба таъмини самаранокии давраҳои аввали фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз

ҷумла тавассути муқаррар намудани стандартҳои умумии корбарӣ дар ин давраҳо, таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад.

Ҳамаи стандартҳо ё талаботе, ки ба давраҳои аввали фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд, бо фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ алоқамандии бевосита доранд. Солҳои охир бо дарназардошти мубрамии давраҳои аввали фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар асарҳои илмӣ мафҳуми «фарҳанги ташкили ҳуқуқэҷодкунӣ» истифода мешавад. Фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ риояи маҷмуи талаботи фарҳангиро дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар назар дорад.

Н.А. Власенко ва М.В. Залоило таклиф пешниҳод мекунанд, ки «стандартҳои нави қонунэҷодкунӣ» таҳия карда шаванд. Стандартҳои нави қонунэҷодкуниро «намунаҳои фарҳанги ҳуқуқӣ дар соҳаи ташкил ва фаъолияти мақомоти қонунэҷодкунанда, низоми талабот ба сифати лоиҳаи қонун» [272, с. 89] ташкил медиҳанд.

Х.И. Кайтаева аҳаммияти «стандартҳои ташкилии ҳуқуқэҷодкунӣ»-ро бо зарурати қабули қонунҳои ифодакунандаи манфиатҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ муайян намуда, риояи онҳоро аз тарафи мақомоти намояндагӣ, ки аз номи халқ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро ба роҳ мемонанд, зарур мешуморад [109, с. 70].

Т.Я. Хабриева раванди васеъ шудани доираи стандартҳои ҳуқуқэҷодкуниро дар ҳаёти имрӯза мушоҳида намуда, қайд мекунад, ки дар баробари талаботи умумии пешниҳодшаванда ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ҳамчунин, стандартҳои намунавии ташкил ва фаъолияти ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд. Ба ин стандартҳои ташкилӣ «стандартҳои омодагии касбии мутахассисон дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «асосҳои интихоби қонунэҷодкунандагон» дохил карда мешаванд [476, с. 8].

Айни замон стандартҳои ташкилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ на ҳамчун меъёрҳо ё қоидаҳои аниқ муайяншуда, балки намунаи фаъолият таҳқиқ карда мешаванд. Тавре маълум аст, талаботи пешниҳодшаванда

ба санади меъёрии ҳуқуқӣ дар санади меъёрии ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Чунин талабот дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Айни замон стандартҳои ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ шакли намунавӣ доранд, ҳамчун намунаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд истифода шаванд.

Хусусияти намунавии стандартҳои ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хусусияти эҷодӣ доштани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Тавре В.М. Баранов қайд мекунад, «стандартизатсияи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» ва «фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ» бо дарназардошти хусусияти эҷодӣ доштани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд таҳқиқ карда шаванд, стандартҳо набояд эҷодкориро дар фаъолият маҳдуд намоянд [260, с. 28].

Ҷалби шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ташкили ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Дар асарҳои илмӣ фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун омили мусоидаткунанда ба амалишавии функсияҳои ҳуқуқэҷодкунӣ арзёбӣ мегардад [472, с. 45]. Асосҳои ташкилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва санадҳои ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо Конститутсия, қонун ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ, инчунин, санадҳои ҳуқуқии дохилиидоравӣ муайян карда мешаванд. Дар натиҷа, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун фаъолияти ҳуқуқии расмии танзимшуда, муташаккилона ва бонизом ба роҳ монда мешавад. Ҳамзамон бо ин, фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мафҳуми васеътар буда, ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар доираи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, меъёрҳо ва қоидаҳои ташкилии молиявӣ, иқтисодӣ, моддӣ-техникӣ, иттилоотӣ, талаботи касбӣ, қоидаҳои расмиёти ҳуқуқэҷодкунӣ, таҷрибаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, одатҳои дар ҷараёни фаъолияти бисёрсола ташаккулёфта, анъанаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, талаботи фарҳангӣ, аз ҷумла талаботи ахлоқӣ-маънавӣ (дар доираи

одоби хизмати давлатӣ, одоби иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ), яъне фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад.

Тавре мушоҳида мешавад, стнадартҳо ё намунаҳои ташкилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун «фарҳанги ташкили ҳуқуқэҷодкунӣ» арзёбӣ мегарданд. Раванди ташаккули фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қонуниятҳои зеринро дорад:

1) фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи хусусияти асосии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун раванди эҷодкорӣ, эҷоди меъёрҳои ҳуқуқ, эҷоди (таҳияи) санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ташаккул меёбад;

2) фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти қобилият, истеъдоди эҷодкории кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, маҳорати касбии онҳо ташаккул меёбад;

3) фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи фарҳанги ҳуқуқии доираи васеи шаҳрвандон, ки дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (дар раъйпурсӣ, муҳокимаи лоиҳаҳои қонунҳо) иштирок мекунанд. ташаккул меёбад;

4) ҷалби аҳли ҷомеа ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ тавассути баргузории ҳамоишҳои илмӣ, барномаҳои телевизионӣ, тарғибу ташвиқи ғояҳои ҳуқуқэҷодкунӣ дар матбуот, радио, шабакаҳои иҷтимоии иттилоотӣ ба раванди ташаккули фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад.

Тавре В.В. Трофимов ва В.Ю. Самародов қайд мекунанд, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ба мисли фарҳанг «натиҷаи фаъолияти оқилонаи инсон буда, дар тули садсолаҳо ва ҳазорсолаҳо ташаккул меёбад» ва дар натиҷаи робитаи тарафайн «фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқии ҷомеаро ташаккул медиҳанд, ки ба давлат, халқ, миллати алоҳида хос аст» [471, с. 59].

Ин ақида қобили қабул аст. Фарҳанги умумӣ дар иртибот бо гуногунии навъҳои тамаддун, давлат ва ҷомеа гуногун аст. Дар доираи

ин ё он навъи тамаддун, дар ин ё он фазои фарҳангӣ, ки дар давлати ҷудогона ҷой дорад, фарҳанги халқу миллатҳои алоҳида ташаккул меёбад. Аз ин хотир, таҳқиқи ҷанбаҳои таърихӣ-ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аҳаммияти илмӣ ва амалӣ дорад. Дар натиҷаи таҳқиқи мазкур қонуниятҳои ташаккулу инкишофи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд. Қонуниятҳои умумӣ ва самтҳои ташаккулу инкишофи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон инҳо мебошанд:

1) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии тоҷикон ҷузъи тамаддуни тоҷикон буда, дар марҳилаҳои гуногуни инкишофи таърихӣ, бо таъсири омилҳои таърихӣ-иҷтимоӣ, бо дарназардошти арзишҳои миллии фарҳангӣ-тамаддунӣ ташаккул ёфта, аз насл ба насл гузаштааст;

2) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии тоҷикон ҷузъи фарҳанги умумӣ (ҷамъиятӣ) ва фарҳанги ҳуқуқӣ буда, якҷоя бо онҳо дар муддати тулонии таърихӣ ташаккул ёфтааст, қонуниятҳои умумии инкишофи таърихиро инъикос мекунад, бо дарназардошти шароити таърихии тағйирёбанда ба шароити нави ҳаёти ҷомеа мутобиқ карда мешавад;

3) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии тоҷикон шакли инъикоси таҷрибаи таърихан ташаккулёфта ва инкишофёбандаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таърихи давлатдории тоҷикон мебошад.

Аҳаммияти фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол дар он аст, ки ҳоло фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аз, як тараф, дар доираи талаботи махсуси ҳуқуқӣ (меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ) ва аз тарафи дигар, бо дарназардошти анъанаҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, ки тавассути фарҳанги умумӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аз насл ба насл гузаштаанд, ба роҳ монда мешавад. Анъанаҳои мазкур шакли ифодаи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ (арзишҳои ахлоқӣ, маънавӣ, сиёсӣ, оилавӣ ва дигар) мебошанд ва ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон мусоидат мекунанд.

Ҳолати мазкур ҳангоми пешниҳоди мафҳуми «фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ» бояд ба инобат гирифта шавад. Чунончи, В.В. Трофимов ва В.Ю. Самародов фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро ҳамчун

«маҷмуи хусусиятҳо, тадбирҳо ва талаботи иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, моддӣ-ташкилӣ, расмиётӣ-мурофиавӣ, техникӣ-ҳуқуқӣ, шахсӣ-таълимӣ» шарҳ медиҳанд, ки бо дарназардошти «фазои умумии фарҳангии мамлакат (давлат), миллат (халқ), анъанаҳои ташаккулёфтаи сиёсати (санъати) фаъолияти давлатӣ-ҳуқуқӣ ташаккул ёфта», ба «раванди таҳия ва қабули қарорҳои ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд» [471, с. 61].

Бо дарназардошти гуфтаҳо боло, мафҳуми зеринро пешниҳод намудан мумкин аст: фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ маҷмуи арзишҳои фарҳангӣ-тамаддунӣ мебошад, ки дар доираи навъҳои муайяни тамаддуну фарҳанг, дар муҳити фарҳангии ин ё он халқ, бо дарназардошти таҷрибаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати муайян ташаккул ёфта, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити тағйирёбандаи таърихӣ ва фарҳангӣ тавассути ҳимояи арзишҳои иҷтимоӣ-фарҳангӣ ва ҳуқуқӣ мусоидат менамояд.

Фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад ва дар ҳамаи давраҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ риоя карда мешавад. Ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти на танҳо танзимшуда, балки муташаккилона буда, сатҳи баланди муташаккилии фаъолияти мазкур кафолати муттасилӣ, мақсаднокӣ, бонизомӣ, ягонагӣ, дохилиинтизомӣ, худташкилшавии ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Унсури худташкилшавии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити васеъ гардидани доираи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба роҳ мондани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар сатҳи маҳал, дар доираи мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (ҷамоати шаҳрак ва деҳот), мақомоти худфаъолияти ҷамъиятӣ аҳаммияти ҳалкунанда дорад.

Худташкилшавӣ ва худидоракунӣ принсипҳои нави фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ буда, барои вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо иштироки шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии корхонаҳо, муассисаҳо, тащкилотҳо, сарфи назар аз шакли моликият, алалхусус, ташкилотҳои

хусусӣ, ташкили муҳокимаҳои васеи ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо бо ташаббуси шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ (дар мувофиқа бо мақомоти дахлдори ҷамъиятӣ), ибрози шахсии фикру ақида оид ба лоиҳаи қонун дар рӯзномаҳо ва маҷаллаҳо, дигар воситаҳои ахбори омма мусоидат мекунад.

Ҳамин тариқ, фарҳанги ташкили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Ҳангоми таҳқиқи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро бо ин ё он навъи фарҳанги ҳуқуқӣ мебояд ба инобат гирифт. Навъҳои фарҳанги ҳуқуқӣ ба ташаккули унсурҳои мафкуравии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, таъсир мерасонанд. Чунончи, Е.А. Петрова хусусиятҳои низоми ҳуқуқии давлатҳои аврупоӣ ва амрикоиро (хусусиятҳои назарияҳои ҳуқуқ, дарки мафҳуми ҳуқуқ, сарчашмаҳои ҳуқуқ, кодификатсия, назорати судии конститутсионӣ) таҳқиқ намуда, ба хулоса меояд, ки хусусияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо хусусиятҳои фарҳанги ҳуқуқии давлат муайян карда мешавад [384, с. 440].

Як қатор олимон нақши фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро дар таъмини доираи танзими ҳуқуқӣ эътироф мекунанд. Чунончи, ба ақидаи Д.А. Керимов, доираи танзими ҳуқуқӣ бо омилҳои зерин муайян карда мешавад: ошкор намудани муносибатҳое, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд; омилҳо ва шароите, ки дар робита бо онҳо ин муносибатҳо пайдо мешаванд. Айни замон муайян намудани ин муносибатҳо, аз ҷумлаи талаботе мебошад, ки ба фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод карда мешавад [309, с. 110]. Яъне, фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ба раванди муайян намудани доираи муносибатҳои ҷамъиятие, ки танзими ҳуқуқиро талаб мекунанд, мусоидат мекунад.

Ба ақидаи М.А. Ершов, «мутобиқати сиёсати қонунэҷодкунӣ ба рушди иқтисодӣ, сиёсӣ, иҷтимоӣ, техникӣ ва маънавии ҷомеа» яке аз асосҳои баҳогузории сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [292, с. 513].

Е.С. Зайсева нақши фарҳанги ҳуқуқэҷодкуниро дар муайян намудани доираи ё фазои танзими ҳуқуқӣ бо дарназардошти сатҳи шуури ҳуқуқии касбии субъектони ҳуқуқэҷодкунӣ муайян мекунад. Тавре ӯ менависад: «Ошкор ва муайян намудани доираи фазои танзими ҳуқуқӣ ва мустаҳкам намудани он ҳамчун доираи предмети танзими ҳуқуқӣ бо сатҳи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии субъектоне, ки ин фаъолиятро амалӣ мекунанд, муайян карда мешавад» [295, с. 47].

Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар тарбияи ҳуқуқии шаҳрвандон, боло бурдани маърифати ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ нақши муҳим дорад. Е.Ф. Усманова нақши фарҳанги ҳуқуқиро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи ҳуқуқ таҳлил намуда, қайд мекунад, ки сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ қодир аст, ки шакл ва мазмуни санадҳои меъёрии ҳуқуқиро такмил диҳад [535]. Ба ақидаи Ю.В. Герасименко ва Е.В. Собанский, сатҳи баланди фарҳанги ҳуқуқӣ омили тарбияи маънавӣ-ахлоқӣ ва ватандӯстӣ тавассути қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти манфиатҳои шахс мебошад [277, с. 250].

Нақши ҳалкунандаи фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар тарбияи ҳуқуқӣ ва болоравии маърифати ҳуқуқӣ бо омилҳои зерин собит мегардад:

1) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз маҷмуи арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, аз он ҷумла арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ, иборат буда, ба тарбияи ҳуқуқӣ ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд;

2) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи фарҳанги умумии ҷомеа буда, ҳамаи арзишҳои фарҳангиро дар бар мегирад, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба таъмини самаранокии танзими ҳуқуқӣ тавассути ба инобат гирифтани хусусияти низоми ягонаи танзими меъёрӣ-иҷтимоӣ (танзими ҳуқуқӣ зимни ба инобат гирифтани арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ) мусоидат мекунад;

3) фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти арзишҳо ва

анъанаҳои фарҳанги миллӣ дар соҳаи тарбияи ҳуқуқӣ, ахлоқӣ-маънавӣ, фарҳангӣ, ватандӯстӣ мебошад;

4) арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқии фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҷараёни таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии Тоҷикистон, ки ба тарбияи ҳисси ватандӯстӣ ва худшиносии миллӣ равона карда шудаанд, ба инобат гирифта мешаванд.

## 4.2. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ

Инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дурнамои рушди ҷомеаи инсониро дар асри XXI муайян мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳоло дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа истифода мешаванд. Ҷомеаи инсонӣ ҳоло бе технологияҳои иттилоотӣ-телекоммуникатсионӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ инкишоф ёфта наметавонад. Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, рақамигардонии ҷомеа ва татбиқи зеҳни сунъӣ дар маркази таваҷҷуҳи ҳамаи давлатҳо ва созмонҳои байналмилалӣ қарор дошта, дар ин соҳа ҳуҷҷатҳои дахлдори байналмилалӣ, ҳуҷҷатҳои стратегӣ ва барномавии давлатҳои алоҳида, қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар мамлакатҳои ҷудогона қабул шудаанд.

Бо мақсади амалӣ намудани сиёсати давлатии иттилоотии Тоҷикистон як қатор ҳуҷҷатҳои давлатӣ, аз ҷумла Стратегияи давлатии «Технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ барои рушди Тоҷикистон», Консепсияи ташаккули ҳукумати электронӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон, Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Барномаи амалӣ намудани Консепсияи сиёсати давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон ва дигар қабул шудаанд.

Дар Ҷумҳурии Тоҷикистон шумораи зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз ҷумла қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттилоотонӣ», «Дар бораи иттилоот», «Дар бораи ҳуҷҷати электронӣ», «Дар бораи матбуот ва воситаҳои ахбори омма», «Дар бораи имзои

рақамии электронӣ», «Дар бораи ҳуқуқи дастрасӣ ба иттилоот», «Дар бораи иттилооти экологӣ», «Дар бораи амнияти иттилоотӣ», «Дар бораи сирри тиҷоратӣ», «Дар бораи нусхаи ҳатмии ҳуҷҷатҳо», Низомнома дар бораи ҳисоб ва қайди давлатии захираҳои иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Низомнома дар бораи баҳисобгирӣ ва назорат аз рафти истифодаи захираҳои давлатии иттилоотии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Тартиби расонидани нусхаи ҳатмии нашрияҳои кушоди электронӣ, барномаҳои мошинҳои электронӣ-ҳисоббарорӣ, Тартиби ташкил ва ба роҳ мондани Фонди миллии санадҳои меъёрии техникӣ ва ҳуҷҷатҳо дар соҳаи меъёрикунии техникӣ ва дигар қабул шудаанд.

Дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тартиби истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ҳамчунин, дар ҷараёни амалисозӣ, татбиқ, тафсир, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ танзим карда мешавад. Тибқи маълумоти Р.Ш. Шарофзода ва Ғ.А. Шокиров, дар давлатҳои пасошӯравӣ ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ зимни танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи зиёд дода мешавад. Дар қонунҳои давлатҳои аъзои ИДМ дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ меъёрҳои махсус оид ба истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар ҳамаи давраҳои ҳуқуқэҷодкунӣ, дар ҷараёни тафсири ҳуқуқӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, амалисозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мониторинги ҳуқуқӣ пешбинӣ мешаванд. Иттилоотонии раванди ҳуқуқэҷодкунӣ имрӯз яке аз самтҳои афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ маҳсуб мешавад [502, с. 141].

Мутобиқи банди 24-и Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон (КПИҚҶТ) ташкил ва рушди доимии низоми давлатии иттилооти ҳуқуқӣ яке аз самтҳои иттилоотонии ҳуқуқӣ буда, компютеркунонӣ ва автоматикунонии ҷараёни таҳия, қабул, нигоҳдорӣ, мураттабсозӣ ва паҳнкунии иттилооти ҳуқуқиро дар назар дорад. Дар доираи самти мазкури инкишофи қонунгузорӣ таъмини дастрасии фаврии иттилооти ҳуқуқӣ, бақайдгирӣ, мураттабсозӣ ва замонавӣ

намудани он, фарогирии мақомоти давлатӣ, шахсони воқеӣ ва ҳуқуқӣ бо иттилооти ҳуқуқӣ пешбинӣ мешавад [28].

Мутобиқи банди 25-и КПИҚЧТ вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, кумитаҳо ва дигар идораҳои давлатӣ, сохторҳои маҳаллии онҳо, мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ вазифадоранд, ки махзани санадҳои меъёрии ҳуқуқии умумӣ ва соҳавии худро дар ҳомили коғазӣ ва электронӣ таъсис дода, давра ба давра ба он тағйиру иловаҳои ба қонунгузорӣ воридгаштаро дохил намоянд.

Дар банди 26-и КПИҚЧТ омилҳои зерин, ки ба иттилоотонии мақомоти давлатӣ мусоидат мекунанд, муайян карда мешаванд:

- бақайдгирии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо роҳи ворид намудани он ба Феҳристи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- мубодилаи иттилооти ҳуқуқӣ, пешбурди Феҳристи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, ташаккули бонки махзани иттилооти ҳуқуқӣ тибқи Таснифи ягонаи ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон;

- истифодаи бонки махзани иттилоотии ҳуқуқӣ, бонки маълумоти компютерии қонунҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, Феҳристи ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон (дар ҳомили қоғазӣ ва электронӣ), дигар технологияҳои иттилоотӣ дар ҷараёни таҳияи лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ;

- истифодаи шабакаи ҷаҳонии иттилоотии Интернет барои дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ [28].

Мутобиқи Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 сиёсати ҳуқуқӣ ба ҳифзи фазои иттилоотии ҷумҳурӣ аз хатарҳои иттилоотии ҷаҳони муосир равона карда мешавад [29]. Айни замон дар Консепсияи мазкур дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ пешбинӣ карда намешавад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бо дарназардошти дурнамои рушди

сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити татбиқи технологияҳои иттилоотӣ, рақамӣ ва зеҳни сунъӣ такмил дода шавад.

Дурнамои рушди ҷомеаи Тоҷикистон дар робита бо истифодаи технологияҳои рақамӣ дар Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон (КИРҶТ), ки бо Қарори Ҳукумати Тоҷикистон аз 30- юми декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст [27], муайян карда мешавад. Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти КИРҶТ муайян карда мешавад. Дар КИРҶТ мафҳумҳои нави илмӣ, ба мисли «санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи коммуникатсияҳои электронӣ», «соҳибкории рақамӣ», «таҳсилоти рақамӣ», «фарҳанги рақамӣ», «нақлиёти рақамӣ» ва дигар истифода мешаванд, ки барои муайян намудани дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд.

Дар банди 20 КИРҶТ ташкили заминаи қонунгузорӣ барои гузариш ба ҷомеаи рақамӣ пешбинӣ мешавад. Мутобиқи банди 44 КИРҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар бораи коммуникатсияҳои электронӣ асоси ҳуқуқии фаъолияти бахши телекоммуникатсиониро ташкил медиҳанд. Дар банди 51 КИРҶТ ташкили бозори марказҳои тиҷоратии нигоҳдорӣ ва таҳлили иттилоот мутобиқи талаботи амнияти иттилоотии Тоҷикистон ва таҷдиди назар намудани талаботи меъёрии нигоҳдории иттилоот дар ҳудуди Тоҷикистон пешбинӣ мешавад. Мутобиқи банди 53 КИРҶТ таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки истифодаи идентификатсияи рақамии шахс тавассути маълумоти биометриро танзим мекунанд, ҳамчун самти таъмини амнияти иттилоотӣ пазируфта мешавад. Дар банди 61 КИРҶТ вазифаҳо дар самти гузариш аз ҳукумати электронӣ ба ҳукумати рақамӣ, инкишофи ҷомеаи иттилоотӣ ва гузариш ба ҷомеаи рақамӣ ҳамчун марҳилаи нави ҷомеаи пасоиндустриалӣ пешбинӣ мешаванд [27].

Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040 (СРЗСҶТ), ки бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30-юми сентябри соли 2022, № 483 тасдиқ шудааст, барои амалӣ намудани ҳадафи чоруми стратегии давлати Тоҷикистон –

саноатикунонии босуръати мамлакат мусоидат мекунад. Мутобиқи банди 6 СРЗСҶТ зеҳни сунъӣ яке аз самтҳои рақамигардонӣ буда, истифодаи технологияҳои рақамии иттилоотӣ-коммуникатсиониро дар назар дорад. Истифодаи зеҳни сунъӣ ба рушди хизмати давлатии рақамӣ, иқтисоди рақамӣ ва «иқтисоди сабз», афзоиши даромади буҷет, содагардонии ҷараёни қабул ва иҷрои қарорҳо, рушди иқтисоди миллӣ, беҳтар гардидани шароити зиндагии аҳолӣ мусоидат мекунад (банди 29 СРЗСҶТ). Мутобиқи банди 44 СРЗСҶТ рушди технологияҳои зеҳни сунъӣ ва истифодаи онҳо дар Тоҷикистон бо такмили низоми ҳуқуқии ҷумҳурӣ ва дар ҳамин замина ташкил додани инфрасохтори соҳа, аз ҷумла технопаркҳо ва марказҳои инноватсионӣ, робита дорад. Танзим ва назорат дар ин соҳа дар асоси санадҳои меъёрии дахлдор ба роҳ монда мешавад [49].

Дар банди 45 СРЗСҶТ зарурати ташкили заминаи қонунгузории фаъолият дар соҳаи зеҳни сунъӣ таъкид мегардад. Мутобиқи банди 46 СРЗСҶТ санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки ба меъёрҳои қонунҳо ва кодексҳои соҳавӣ такя доранд, воситаи асосии сиёсати давлатӣ дар соҳаи истифода ва ҳимояи ҳуқуқии натиҷаҳои фаъолияти зеҳни сунъӣ мебошанд. Дар банди 46 СРЗСҶТ андешидани чораҳо ба мақсади қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерин пешбинӣ мешавад:

- таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи зеҳни сунъӣ»;

- ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунҳо ва кодексҳо, ки бо ҳимояи ҳуқуқии зеҳни сунъӣ робита доранд;

- коркарди қоидаҳои истифодаи зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногун, муайян намудани механизми истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти мақомоти давлатӣ, механизмҳои истифодаи манбаъҳои иттилоот, ҳалли баҳсҳо, ҳимояи он ва ғайра;

- мутобиқ намудани стандартҳои миллӣ ба стандартҳои байналмилалӣ ва механизми бастани шартномаҳои байналмилалӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ;

- таҳияи қоидаҳо ва стандартҳои баҳогузории арзиши объектҳои зеҳни сунъӣ барои тиҷоратикунонӣ ва идоракунӣ;

- таҳияи механизмҳои самараноки баҳисобгирӣ ва ҷорӣ намудани зеҳни сунъӣ дар истеҳсолот [49].

Дар СРЗСҶТ андешидани чораҳои зерин пешбинӣ мешавад: чораҳо оид ба мубориза бо ҳуқуқвайронкунӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ (банди 48), ташаккули заминаи ҳуқуқӣ дар соҳаи зеҳни сунъӣ, таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва аниқ намудани мафҳуми «зеҳни сунъӣ» дар онҳо, фароҳам овардани шароити ҳуқуқӣ барои дастрасӣ ба иттилоот (банди 60) [49].

Дурнамои рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи СРЗСҶТ муайян карда мешавад. Бандҳои дахлдори СРЗСҶТ, ки дар онҳо таҳия ва қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ пешбинӣ мешавад, дар назди мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳои навро пеш гузошта, ба рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд.

Танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, ки дар робита бо иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа, истифодаи технологияҳои зеҳни сунъӣ пайдо мешаванд, самти нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад.

Бунёди ҷомеаи иттилоотӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ-коммуникатсионӣ, ҳимояи амнияти иттилоотӣ дар маркази таваҷҷуҳи олимони зиёд қарор дорад [252, с. 159], [264, с. 49-50], [365], [371, с. 148], [420, с. 88], [422, с. 174].

Доир ба иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ дар раванди мураттабсозии қонунгузорӣ, шаклҳои электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, зарурати истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ асарҳои зиёд солҳои охир нашр шудаанд [253, с. 56], [263, с. 67], [265, с. 60], [280, с. 18], [284, с. 12].

Ташаккули ҳуқуқи иттилоотӣ, танзими ҳуқуқии муносибатҳои иттилоотӣ, тағйири предмет ва усулҳои танзими ҳуқуқии иттилоотӣ дар асарҳои илмӣ ҳаматарафа таҳқиқ карда мешавад [73], [441, с. 7], [245].

Дар ҷомеаи иттилоотӣ ва дар давраи истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тағйир меёбанд. Ҳоло ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ алоқаманд аст. Технологияҳои иттилоотӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, мураттабсозии қонунгузорӣ, бақайдгирӣ ва нашри санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, фаъолияти ҳуқуқтатбиқсозӣ истифода мешаванд.

Айни замон истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа нав оғоз шудааст. Истифодаи онҳо ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад, аз ҷумла боиси такмили он, ба беҳтар гардидани ҳолати фаъолияти мазкур мегардад, чунки ба ҳамаи давраҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад.

Рақамигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ба рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад, чунки танзими ин муносибатҳои нав такмили қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ имрӯз бояд бо дарназардошти рақамигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ қабул карда шаванд. Ин санадҳо бояд имконият ва қобилияти танзими ин муносибатҳоро дошта бошанд. Дар акси ҳол, талаботи объективии танзими муносибатҳои ҷамъиятие, ки дар асоси ҷорӣ гардидани технологияҳои рақамӣ инкишоф меёбанд, қонеъ карда намешавад. Барои ҳамин, рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дурнамои инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад.

Дар асарҳои илмие, ки солҳои охир нашр мешаванд, ба истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таваҷҷуҳи махсус дода мешавад. Чунончи, ба ақидаи М.С. Самойлюк, истифодаи

технологияҳои рақамӣ (роботҳо, нейротехнологияҳо, зеҳни сунъӣ) дурнамои рушди техникаи ҳуқуқэҷодкуниро ташкил медиҳад [413, с. 8].

Ба ақидаи П.В. Ремизов, сатҳи умумии фарҳанги ҳуқуқии давлат аз сифати татбиқи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ оид ба истифодаи технологияҳои навтарин вобастагӣ дорад [405, с. 508].

Тавре Р.Ш. Шарофзода ва Ғ.А. Шокиров қайд мекунанд, истифодаи васеи технологияи рақамӣ (дар электротехника, техникаи роботӣ, аз ҷумла истифодаи 3D-принтер дар соҳаи сохтмон, саноат, тандурустӣ ва ғайра) ва зеҳни сунъӣ (компютери зеҳнӣ, почтаи электронӣ, мағозаи интернетӣ, хизмати бонкӣ ва ғайра) ба рушди минбаъдаи ҷомеаи иттилоотии рақамӣ таъсири ҷиддӣ мерсонад. Ҳамзамон бо ин, хатарҳо ва таҳдидҳои нави иттилоотӣ солҳои охир бештар зоҳир мегарданд, ки ба раванди мазкур таъсир мерасонанд [501, с. 120].

Технологияҳои рақамӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти рақамигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ таъсир мерасонанд. Айни замон технологияҳои рақамӣ ба такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд, чунки дар ҷараёни он зарурат ба такмили дониши илмии ҳуқуқӣ тавассути истифодаи дониши иттилоотӣ ва рақамӣ мусоидат мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ сатҳи нави дониши илмии ҳуқуқӣ, аз ҷумла дониши иттилоотӣ ва рақамиро талаб мекунад. Такмили дониши ҳуқуқӣ раванди объективии иттилоотонӣ ва рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Он афзалияти сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар ҳаёти имрӯза ташкил медиҳад.

Аз ин хотир, олимон аҳаммияти технологияҳои иттилоотӣ ва рақамиро барои инкишофи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла такмили техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ, эътироф мекунанд [143, с. 137]. Чунончи, ба ақидаи В.М. Баранов, технологияҳои рақамӣ ба инкишофи техникаи ҳуқуқии ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири мусбӣ мерасонанд [67].

Истифодаи технологияҳои рақамӣ ҳам ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ҳам танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунад, чунки санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқи ин технологияҳо қабул мешаванд. Аз як тараф, рақамигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ зарурати истифодаи технологияҳои рақамиро дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ талаб мекунад. Аз тарафи дигар, татбиқи технологияҳои рақамӣ дар ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ё рақамигардонии ҳуқуқэҷодкунӣ ба танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ мусоидат мекунад.

Татбиқи технологияҳои рақамӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро комилан тағйир медиҳад. Чунончи, ҷорӣ намудани системаҳои иттилоотии автоматӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қабули қарорҳои дахлдорро тавассути сарфи ками вакт, ҷустуҷӯи автоматии санадҳо ва маводи дигари зарурӣ, ҷамъоварии ҳаҷми номаҳдуди иттилоот сабук мекунад.

Айни замон раванди тарҳрезӣ ва татбиқи технологияҳои рақамӣ доимо инкишоф меёбад. Дар ҳаёти имрӯза технологияҳои нави рақамӣ бо суръати баланд ихтироъ карда мешаванд. Ба ақидаи М.С. Самойлюк, технологияҳои рақамӣ доимо такмил дода мешаванд ва аз ин хотир, метавонанд, ки техникаи ҳуқуқиро дар ҳамаи соҳаҳои танзими ҳуқуқӣ тағйир диҳанд [412, с. 188]. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти ҳолати мазкур мунтазам бояд такмил дода шавад. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бояд ба шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа дар иртибот бо рақамигардии ҷомеа мутобиқ бошад.

Мутобиқ намудани фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба раванди объективии рақамигардии ҳаёти ҷомеа яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Ҳангоми ташаккул ва амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ рақамигардии соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки предмети танзими санадҳои меъёрии ҳуқуқиро ташкил медиҳанд, бояд ҳатман ба инобат гирифта шаванд.

Ҳадафи мазкур яке аз самтҳои мубрам ва ҳаётан муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад.

Ба ақидаи М.В. Костенников, дарояндаи наздик техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо таъсири технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла бо дарназардошти пайдоиши «қонуни рақамӣ» ҳамчун шакли нави ҳуқуқ мазмунашро комилан тағйир медиҳад [319, с. 53].

Ба ақидаи М.В. Залоило, қонуни рақамӣ санади меъёрии ҳуқуқие мебошад, ки дар шакли электронӣ қабул шуда, афзалияти онро имконияти танзими васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ ташкил медиҳад [296, с. 141].

Шакли электронии қонун ё қонуни рақамӣ аллакай дар таҷрибаи давлатҳо истифода мешавад. Он дар сатҳи қонунгузорӣ мустаҳкам карда шуда, эътибори расмӣ дорад.

Микдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ боиси ихтилофоти байни онҳо мегардад. Аз ин хотир, истифодаи зеҳни сунъӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ имконият медиҳад, ки маълумоти зарурӣ оид ба номгӯйи санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда (санадҳои қонунгузорӣ ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ) ба системаҳои автоматии иттилоотӣ ворид карда шуда, дар раванди таҳияи лоиҳаи санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ тавассути зеҳни сунъӣ коркард карда шавад. Ин имконият медиҳад, ки доираи санадҳои меъёрии амалкунанда дар соҳаҳои дахлдори ҳаёти ҷомеа, тағйироту иловаҳои ба ин санадҳо воридшуда муайян карда шавад, пеши роҳи такроршавии предмети танзими ҳуқуқӣ ҳангоми қабули санадҳои нави меъёрӣ гирифта шавад, ба ихтилофоти байни санадҳои меъёрии нав ва санадҳои амалкунанда роҳ дода нашавад.

Имрӯз ҳаёти ҷомеа бо суръати баланд инкишоф ёфта истодааст, муносибатҳои ҷамъиятӣ зуд тағйир ёфта истодаанд. Раванди мазкур, ки хусусияти объективӣ дорад, ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонад, аз он ҷумла зарурати такмили мунтазами асосҳои меъёрии ҳуқуқии сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад. Дар доираи раванди

зикршуда объект ва предмети танзими ҳуқуқӣ бо суръати баланд тағйир меёбанд. Дар натиҷа, предмети танзими қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, агар ба таври оперативӣ тағйир дода нашаванд, аз суръати пешрафти ҷомеа ақиб мемонад. Ин боиси халалдор гардидани танзими ҳуқуқии муносибатҳои тағйирёбанда мегардад, чунки байни предмети танзими санади меъёрии амалкунанда ва талаботи танзими ҳуқуқӣ (тағйири мазмуни муносибатҳои танзимшаванда) ихтилофот пайдо мешавад.

Барои пешгирии ихтилофоти мазкур, ки хусусияти объективӣ доранд, истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ, аз ҷумла системаҳои автоматии иттилоотӣ ва рақамӣ, зарур аст. Чунин системаҳои автоматӣ ва зеҳнӣ имконият медиҳанд, ки тағйироти босуръати муносибатҳои ҷамъиятӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифта шавад. Агар системаҳои автоматии иттилоотӣ маълумоти кофиро оид ба тағйироти ҳаёти ҷомеа нигоҳ доранд, пас зеҳни сунъӣ худаш маълумоти мазкурро коркард мекунад, натиҷаҳои чашмдошти татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқиро муайян мекунад.

Илова бар ин, тағйири Конститутсияи Тоҷикистон, қонунҳо ва кодексҳои ҷумҳурӣ бо тартиби дар қонун муайяншуда сурат мегирад. Тағйири ин санадҳои қонунгузорӣ вақт ва хароҷоти муайяни молиявӣ, иқтисодӣ, неруи инсониро талаб мекунад. Чунончи, тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон баргузории раъйпурсиро талаб мекунад. Тағйири қонунҳо ва кодексҳо низ дар доираи тартиби махсус доир мегардад. Барои ҳамин, олимон душвории тағйири оперативии санадҳои қонунгузориро ба инобат мегиранд [475, с. 8].

Айни замон тағйири оперативии санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ ҷой дорад. Фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз ҷониби сарвари давлат ва бо иштироки Дастгоҳи иҷроияи Президент, қарорҳои Ҳукумат, санадҳои меъёрии ҳуқуқии вазоратҳо, кумитаҳои давлатӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия аз тарафи ҳамин мақомот дар ҳолатҳои зарурӣ ва ба таври оперативӣ тағйир дода

мешаванд. Тартиби таҳия, қабул, тағйири санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунӣ аз тартиби қонунэҷодкунӣ фарқ дорад. Санадҳои мақомоти давлатии ҳокимияти иҷроия одатан санадҳои идоракунии давлатӣ буда, хусусияти оперативӣ доранд, чунки идоракунии соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа (саноат, нақлиёт, кишоварзӣ, алоқа, маориф, тандурустӣ ва ғайра) дар ҳолатҳои зарурӣ дахолати оперативии мақомоти идоракуниро талаб мекунад.

Санадҳои мақомоти идоракунии давлатӣ бо тартиби содатар (дар таносуб бо тартиби қабули қонунҳо), ба мақсади идоракунии ҳамарӯза, таъсиррасонии давлатии оперативӣ ба муносибатҳои тағйирёбанда қабул карда мешаванд. Таҳияи ин санадҳо дар таносуб бо таҳияи лоиҳаи қонун вақти зиёдро талаб намекунад. Дар ҳолатҳои зарурӣ ин санадҳо дар муҳлати кӯтоҳтарин таҳия ва қабул карда мешаванд. Як қатор санадҳои идоракунии давлатӣ ба таври оҷилӣ қабул карда мешаванд. Чунончи, фармонҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар бораи эълон намудани ҳолати ҷанг ё ҷорӣ намудани вазъияти фавқулода дарҳол қабул карда мешаванд (м. 69 Конститутсияи ҷумҳурӣ). Ба таъхир гузоштани қабули чунин санадҳо дар ҳолатҳои дигар (садамаи калони техногенӣ, бо суръати баланд паҳн шудани беморин сироятӣ ва ғайра) мумкин нест.

Барои ҳамин, қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ аз ҳамдигар фарқ доранд. Иттилоотонӣ ва рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти хусусиятҳои қонунэҷодкунӣ ва ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, имкониятҳои гуногуни тағйири санадҳои меъёрии амалкунанда ба роҳ монда мешавад. Технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ имконият медиҳанд, ки тағйири санадҳои қонунгузорӣ бо суръати баланд ба роҳ монда шавад. Чунин имконият дар натиҷаи таҳлили оперетивии иттилои ҳаҷман номаҳдуди ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иҷтимоӣ-иқтисодӣ, сиёсӣ, демографӣ, ҳарбӣ, таҳсилотӣ, тандурустӣ ва дигар, ки дар системаҳои автоматии иттилоотӣ нигоҳ дошта шуда, мунтазам дигаргун карда мешавад, таъмин карда мешавад.

Истифодаи технологияҳои рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба такмили ҳамаи давраҳои ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Раванди мазкур тавассути ҷорӣ намудани системаҳои автоматии рақамӣ дар давраи таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мувофиқа намудани онҳо бо мақомоти дахлдор, интишор ва мураттабсозии ин санадҳо таъмин карда мешавад. Дар системаҳои мазкур иттилои ҳаҷман номаҳдуд оид ба қарорҳои қабулшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ, тағйиру иловаҳои лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риояи муҳлатҳои мувофиқа намудани санадҳо бо мақомоти давлатӣ, такмили мунтазами лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ дар ҷараёни муҳокимаҳо ва баррасии масъалаҳои марбут ба лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ, интишори электронии лоиҳаҳо ва шакли ниҳоии санадҳои меъёрӣ, бақайдгирии электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, мураттабсозии онҳо ҷойгир карда мешаванд.

Илова бар ин, ҷорӣ намудани системаҳои автоматии рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба сарфакориии вақт, сарфаи хароҷоти моддӣ ва молиявӣ, аз ҷумла харҷи аз ҳад зиёди маводи қоғазӣ, мусоидат мекунад. Системаҳои мазкур кори кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро бо маводи ҳуқуқэҷодкунӣ (қарорҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, санаи баргузории маҷлисҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, рӯзномаи маҷлисҳо ва рафти баррасии масъалаҳо, суратмаҷлисҳои мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра) таъмин мекунад.

Системаҳои автоматии рақамӣ ҷустуҷӯи автоматии маводи дахлдорро, ки бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳамаи давраҳои он ҷамъоварӣ карда мешавад, таъмин мекунад. Ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ давраи дарозро талаб мекунад. Ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ аз давраи омӯзиши талаботи объективии танзими ҳуқуқӣ (таҳлили талаботи ҷомеа, асоснок намудани зарурати қабули қонун ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ, гирдоварии маводи зарурӣ, гузаронидани таҳлили сотсиологӣ, муайян намудани объект ва предмети танзими ҳуқуқӣ, аниқ намудани

шакли санади меъёрии ҳуқуқӣ ва ғайра) оғоз мешавад. Тавре дар зербобҳои қаблии кор борҳо таъкид гардид, ташаккули ҳуқуқ раванди объетивӣ буда, танҳо дар давраи ниҳоии он чараёни бо қонун ва дигар санадҳо танзимшавандаи ҳуқуқэҷодкунӣ оғоз мешавад. Аз ин хотир, дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ маводи ҳаҷман зиёд оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ ҷамъ карда мешавад. Ворид намудани маводи мазкур ба системаҳои автоматии рақамӣ кори кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро то андозаи имконпазир сабук мекунад.

Дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ системаҳои автоматии таҳлилӣ якҷоя бо технологияҳои рақамӣ ҷорӣ карда мешаванд. Системаҳои автоматии таҳлилии иттилоотӣ аллакай дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ истифода шуда истодаанд. Айни замон системаҳои автоматии рақамӣ истифодаи зеҳни сунъиро талаб мекунад. Зеҳни сунъӣ худаш ба таври автоматӣ кори кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро (дар соҳаи ҷустуҷӯи мавод, таҳлили мавод, интихоби соҳаи қонунгузорӣ ва ғайра) иҷро мекунад.

Ҷорӣ намудани системаҳои автоматии рақамӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ имконият медиҳад, ки камбудиҳо дар фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ (риоя нагардидани муҳлатҳои баррасӣ ва муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, риоя нагардидани шакли санадҳои меъёрӣ, ба қайд нагирифтани санадҳои қабулшуда ва ғайра), саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ (саҳви санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар натиҷаи риоя нагардидани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ), ихтилофоти байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ошкор ва бартараф карда шаванд. Рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ имконият медиҳад, ки камбудиҳо дар ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (то қабули расмии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) бартараф карда шаванд.

Мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ барои ошкор ва бартараф намудани камбудиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ имкониятҳои зиёд дорад. Ҷорӣ намудани системаҳои автоматии рақамӣ дар ин давра, аз ҷумла дар давраи бақайдгирии санадҳои меъёрии нав қабулшуда имконият

медиҳад, ки камбудиҳои соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ дар ҳолати кӯтоҳтарин, то татбиқи васеи ин санадҳо бартараф карда шаванд.

Дар системаҳои автоматии рақамӣ ҳаҷми васеи иттилооти ташкилӣ-ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ, демографӣ ва дигар оид ба ҳуқуқэҷодкунӣ, маълумоти оморӣ, натиҷаҳои мониторинги ҳуқуқӣ ва ғайра, аз он ҷумла оид ба низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ нигоҳ дошта мешавад. Ба системаи мазкур маълумоти пурра оид ба санадҳои байналмилалии эътирофнамудаи Тоҷикистон ворид карда мешавад. Ин имконият медиҳад, ки ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мутобиқати лоиҳаи санад ба Конститутсия ва қонун, ё дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ (фармони Президенти Тоҷикистон, қарори Хукумат), инчунин, ба санадҳои ҳуқуқии байналмилалӣ муайян карда шавад.

Маълумоти иҷтимоӣ-иқтисодӣ, оморӣ, нишондиҳандаҳои расмӣ оид ба рушди иҷтимоӣ-иқтисодии Тоҷикистон, ки ба системаҳои автоматии иттилоотӣ-рақамӣ ворид карда шуда, мунтазам тағйир дода мешаванд, ҳангоми муайян намудани асоснокии иҷтимоӣ-иқтисодӣ, молиявии лоиҳаи қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ истифода мешаванд. Ҳамчунин, иттилои мазкури автоматӣ ҳангоми муайян намудани натиҷаҳои чашмдошти татбиқи лоиҳаҳои қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар доираи пешгӯии рушди қонунгузорӣ истифода мешавад.

Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ имконият медиҳад, ки муҳокимаи электронии лоиҳаи қонун ва дигар санадҳо меъёрии ҳуқуқӣ тавассути ҷойгир намудани онҳо дар шабакаҳои иттилоотии мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ гузаронида шавад. Имконияти мазкур аллакай дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Нашри электронии лоиҳаҳои қонунҳои муҳимтарин имконият медиҳад, ки муҳокимаи онҳо бо ҷалби доираи васеи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи аҳолӣ, дар муҳлати камтарин, ба таври оперативӣ, бо

сарфакории вақт ва захираҳои моддию молиявӣ гузаронида шавад. Ҳамчунин, технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ имконият медиҳанд, ки дастрасии васеи лоиҳаҳои қонунҳои муҳимтарин ба мақомот, ташкилотҳо, аҳолӣ таъмин карда шавад. Илова бар ин, ҳоло доираи васеи шаҳрвандон аз технологияҳои иттилоотӣ (алоқаи мобилӣ, Интернет, шабакаҳои иттилоотии расмӣ ва ғайра) истифода мебаранд. Сиёсати давлати Тоҷикистон дар соҳаи иттилоотонии ҷомеа, компютерикунонии ташкилотҳо ва муассисаҳо, зиёд намудани доираи истифодабарандагони технологияҳои иттилоотӣ барои ноил гардидан ба яке аз ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Муҳокимаи электронии лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самти нав ва мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Муҳокимаи электронӣ нашри электронии лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, дастрасии онҳоро ба доираи васеи мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, доираи васеи аҳолӣ, ҷалби васеи ташкилотҳо ва шаҳрвандонро ба ҷараёни муҳокимаи электронӣ, такмили лоиҳаҳои санадҳоро бо иштироки доираи васеи ташкилотҳо ва шаҳрвандон, болоравии сатҳи фарҳанги ҳуқуқӣ ва маърифати ҳуқуқии аҳолиро пешбинӣ мекунад.

Илова бар ин, истифодаи зеҳни сунъӣ имконият медиҳад, ки раванди муҳокимаи электронӣ ба сатҳи нав барояд. Зеҳни сунъӣ худаш таклифу пешниҳодҳои мақомоти давлатӣ, ташкилотҳо ва аҳолиро вобаста ба лоиҳаи санади муҳокимашаванда таҳлил ва ҷамъбаст мекунад. Ин кори мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро то ҳадди имкон осон мекунад. Аз ин хотир, муҳокимаи электронии лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ дурнамои инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро барои ояндаи наздик ташкил медиҳад.

Ҳамчунин, дар заминаи истифодаи технологияҳои рақамӣ имконияти таҳияи матни электронии қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ тавассути зеҳни сунъӣ пайдо мешавад. Матни электронии

санадҳои меъёрӣ, ки бо истифодаи зеҳни сунъӣ таҳия карда мешавад, барои таҳияи намунаи сунъии танзими ҳуқуқӣ, натиҷаҳои чашмдошти татбиқи санади меъёрии ҳуқуқӣ, пешбинии таъсири санад ба ҳаёти ҷомеа ва доираҳои гуногуни шаҳрвандон мусоидат мекунад. Афзалияти таҳияи матни қонун ва дигар санади меъёрӣ бо истифодаи зеҳни сунъӣ дар ҳамин аст. Аз ин хотир, таҳияи матни электронии лоиҳаи қонун ва дигар санади меъёрии ҳуқуқӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон мебошад.

Нашри электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, пешниҳоди нусхаи электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Вазорати адлияи Тоҷикистон барои баҳисобгирӣ ва бақайдгирӣ, нашри электронии махзани иттилооти ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон, бақайдгирии электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад, ба иттилоотонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва амалишавии ҳадафҳои иттилоотии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад.

Системаҳои автоматии иттилотӣ (махзанҳои ҳуқуқии иттилоотӣ, порталҳои ҳуқуқӣ ва ғайра) маълумоти васеъ, на танҳо ҳуқуқӣ, балки маълумоти дигари илмӣ, методӣ, молиявӣ, иқтисодӣ ва дигари зарурро бояд дар бар гиранд. Дар онҳо на танҳо матни электронии санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, балки тафсирҳои илмӣ ба қонунҳои амалкунанда, воситаҳои методии таҳияи санадҳои меъёрӣ, тавсияҳои илмӣ, натиҷаи мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ҷой дода шавад. Чунин системаҳои иттилоотӣ дар давлатҳои хориҷӣ васеъ истифода мешаванд. Маълумоти кофии ҳуқуқӣ, ташкилӣ, илмӣ, методӣ, тафсирӣ, ки дар ин системаҳои иттилоотии таҳлилӣ ҷой дода шудаанд, аз тарафи кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ истифода мешаванд. Маълумоти мазкур барои таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти илмӣ ва методӣ дорад. Чунин системаҳоро иттилоотии таҳлилӣ меноманд, чунки дар онҳо таҳлили ҳаматарафаи раванди ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҷой дода мешавад.

Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки системаҳои иттилоотии автоматӣ, ки ҳоло дар Тоҷикистон истифода мешаванд (Махзани иттилооти ҳуқуқии Вазорати адлияи Тоҷикистон, портали ҳуқуқии иттилоотии Тоҷикистон, махзани иттилоотии ММҚ), такмил дода шуда, ба онҳо маълумоти кофии илмӣ, методӣ, тафсирӣ (тафсирҳои ба қонунҳо ва кодексҳо, тавсияҳои методӣ оид ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, тавсияҳои илмӣ, натиҷаҳои мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) дохил карда шавад. Дар ин ҳолат системаҳои автоматии иттилоотӣ хусусияти системаҳои таҳлилиро пайдо мекунанд.

Бо истифодаи зеҳни сунъӣ имкониятҳои таҳлилии системаҳои автоматии иттилоотӣ васеътар мешавад. Зеҳни сунъӣ таҳлили ҳаматарафаи иттилооти ҳуқуқӣ ва дигарро, ки дар системаҳои иттилоотӣ ҷойгир карда шудааст, мегузаронад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки системаҳои автоматии иттилооти ҳуқуқии Тоҷикистон бо истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, такмил дода шаванд.

Технологияҳои рақамӣ ҳангоми ҷамъу таҳлили маълумоти зарурӣ дар давраи таҳияи лоиҳаи қонун ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, муҳокимаҳои лоиҳаи санадҳои меъёрӣ, экспертизаи онҳо бояд истифода шаванд. Ҳамаи давраҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ (таҳлили талаботи танзими ҳуқуқӣ, муайян намудани шакли санади меъёрии қабулшаванда, таҳияи консепсияи санади меъёрӣ, ташаббуси қонунгузорӣ, муҳокимаҳои лоиҳаҳои санадҳои меъёрӣ, экспертизаи лоиҳаҳои санадҳо, ҷалби олимони ҷудогона ё муассисаҳои илмӣ-таҳқиқотӣ ба раванди муҳокимаи лоиҳаҳои санадҳо) ҷамъу таҳлили ҳаматарафаи маълумоти зарури ҳуқуқӣ, ташкилӣ, иқтисодӣ, молиявӣ, демографӣ, мудофиавӣ, таҳсилотӣ, тандурустӣ ва дигарро талаб мекунад. Истифодаи технологияҳои иттилоотӣ, аз ҷумла ворид намудани маълумоти мазкур ба системаҳои автоматии иттилоотӣ, кори кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро бо маълумоти васеъ осон мекунад. Технологияҳои иттилоотӣ ҷустуҷӯи

автоматии маълумотро мутобиқи соҳаҳои дахлдори муносибатҳои танзимшаванда, объект ва предмети танзими ҳуқуқӣ таъмин мекунанд. Зеҳни сунъӣ коркарди зеҳнии ин маълумотро ба ҷо меорад.

Айни замон истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзими ҳуқуқиро талаб мекунад. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Аммо тартиби татбиқи технологияҳои рақамӣ ҳоло танзим нашудааст. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои нав бо мақсади танзими татбиқи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, илова карда шаванд.

Ҳоло тавассути шабакаи иттилоотии Интернет маълумоти кофиро оид ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлатҳои хориҷӣ дастрас намудан мумкин аст. Маълумоти иттилоотии мазкур (матни электронии Конститутсия, қонунҳо, кодексҳои давлатҳои хориҷӣ, маълумот оид ба ҷараёни ҳуқуқэҷодкунӣ ва ғайра) дар фаъолияти илмӣ васеъ истифода мешавад. Ҳамзамон бо ин, маълумоти мазкур барои такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, боло бурдани сатҳи дониши кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии онҳо низ аҳаммият дорад. Истифодаи таҷрибаи хориҷии ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар шароити таъсири мутақобилаи оилаҳои гуногуни ҳуқуқӣ, наздикшавии низоми қонунгузории давлатҳои аъзои ИДМ ва СҲШ мебошад. Технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ ба ҳалли ин вазифа мусоидат мекунанд.

### 4.3. Паёмҳои Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун заминаи бунёдӣ ва омили рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ

Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар инкишофи

сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд. Нақш ва аҳаммияти паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон барои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо нуктаҳои зерин собит мегардад:

1. Дар паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон самтҳои асосии такмил ва инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд.

2. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар паёмҳои худ ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад.

3. Паёмҳои сарвари давлат заминаи қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда мебошанд.

4. Паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон шакли амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент ва амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд.

Дар асарҳои илмӣ ба таҳқиқи паёмҳои сарвари давлат бо дарназардошти аҳаммияташон дар рушди низоми ҳуқуқӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Чунончи, А.П. Мазуренко паёмҳои Президентро сарчашмаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мешуморад. Ин ақидаро ӯ бо он исбот мекунад, ки паёмҳои сарвари давлат дар доираи салоҳияти конститутсионии Президент изҳор гардида, принсипҳои ҳуқуқиро, ки заминаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ мебошанд, муқаррар мекунанд [345, с. 305]. Ба ақидаи С.В. Поленина, дар ҳолатҳои алоҳида Президент дар паёмҳои худ «самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад» [392, с. 185-186].

Ба ақидаи аксарияти олимон, паёмҳои Президент санади меъёрии ҳуқуқӣ набуда, ҳамчун санад ё ҳуҷҷати дорои мазмуни сиёсӣ баромад мекунанд [301, с. 77], [135, с. 270], [239].

Дар асарҳои илмии ватанӣ паёмҳои сарвари давлат ҳар хел маънидод карда мешаванд. Чунончи, дар асарҳои муҳаққиқони Тоҷикистон паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистонро ҳамчун «санади

конститутсионӣ ва сиёсӣ-ҳуқуқӣ» [411, с. 89], «санади конститутсионӣ» [288, с. 58], «муҳимтарин шакли тамос байни Сардори давлат ва мақоми намояндагии умумимиллӣ» [201, с. 99], «ҳуҷҷати расмӣ ва санади сиёсӣ-ҳуқуқӣ» [456, с. 67], «ҳуҷҷати сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» [113, с. 168-169], «санади конститутсионӣ-ҳуқуқӣ» [275, с. 81], «санади конститутсионӣ, сиёсӣ-идеологӣ, пешгӯикунанда ва барномавӣ» [458, с. 143] шарҳ дода мешаванд.

Дар асарҳои муҳаққиқони Тоҷикистон нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи таъмини сифати қонун [457, с. 17], баланд бардоштани сатҳи таҳия ва қабули қонунҳои соҳаи иҷтимоӣ [490, с. 36], рушди қонунгузории соҳаи фарҳанги миллӣ [491, с. 100] ва ғайра таҳқиқ карда мешавад.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон заминаи ташаккулу амалишавии ҳамаи самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд, чунки ба соҳаҳои гуногуни ҳаёти давлат ва ҷомеа бахшида мешаванд. Тавре Д.С. Раҳмон ва Б.С. Шерзода қайд мекунанд: «Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз рӯйи мазмуну моҳияташ масъалаҳои гуногуни ҳаёти кишвар, аз қабили масъалаҳои сиёсиву фарҳангӣ, иҷтимоиву иқтисодӣ, илму маориф, тандурустӣ, ҷавонону занон, таълиму тарбия, мудофиаи мамлакат, сиёсати хориҷӣ, ҳифзи табиат, баланд бардоштани сатҳу сифати зиндагии аҳолии кишвар, тақвияти неруи инсонӣ, такмили низоми идоракунии давлатӣ, рушди хизмати давлатӣ, беҳтар кардани фазои сармоягузорӣ, таҳлили низоми бонкии мамлакат, расидан ба ҳадафҳои стратегии мамлакат дар бахши таъмини истиқлолияти энергетикӣ, раҳоӣ бахшидани кишвар аз бунбасти коммуникатсионӣ, таъмини амнияти озуқаворӣ, саноатикунонии босуръати кишвар, ҷалби сармоя, ислоҳоти соҳаи об, рушди соҳибкорӣ ва дар маҷмуъ, дигар масъалаҳои муҳимми Тоҷикистони соҳибистиқлолро фаро гирифтааст» [402, с. 25].

А.Ғ. Холиқзода, И. Ҳ. Бобоҷонзода ва Ш.Ш. Шосаидзода нақши Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмонро дар ҳимояи арзишҳои фарҳанги миллӣ таҳқиқ мекунанд [478, с. 26]. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи фарҳанги ҳуқуқӣ, ҳимояи ҳуқуқи инсон, мубориза бо коррупсия дар асарҳои муҳаққиқони дигари ватанӣ низ таҳқиқ мешаванд [378, с. 8], [205].

Бо ташаббуси бевоситаи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар давраи Истиқлолияти давлатӣ теъдоди зиёди қонунҳо қабул шуданд. Фисади бештари қонунҳои Тоҷикистон бо ташаббуси қонунгузории сарвари давлат таҳия ва қабул шуданд. Чунончи, дар солҳои аввали соҳибистиқлолӣ бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон Кодекси мурофиавии граждании Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси мурофиавии ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон, Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мурофиаи судии иқтисодӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мавқуф (маратория) гузоштан ба ҳукми қатл», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии баъзе маблағҳои онҳо», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар қонунигардонии молу мулк», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи забони давлатии Ҷумҳурии Тоҷикистон», Кодекси Ҷумҳурии Тоҷикистон оид ба ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муқовимат ба қонунигардонии (расмикунонии) даромадҳои бо роҳи ҷиноят бадастоварда ва маблағгузории терроризм», Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва як зумра қонунҳои дигар қабул шуданд [162, с. 22].

Паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон шакли самараноки амалӣ намудани таклифҳои қонунгузорӣ мебошанд. Дар паёмҳо таклифҳои мушаххаси қонунгузории сарвари давлат дар соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба такмили ҳамаи соҳаҳои қонунгузорӣ мусоидат мекунанд. Чунончи, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27- уми апрели соли 2000 зарурати такмили қонунгузории соҳаи фарҳанг тавассути таҳия ва қабули қонунҳо дар соҳаи содироту воридоти арзишҳои фарҳангӣ, доир ба кори китобдорӣ ва хадамоти иттилоотӣ, фаъолияти театриву консертӣ ва осорхона таъкид гардид [185, с. 372-373]. Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олӣ аз 16- уми апрели соли 2005 таклиф оид ба ворид намудани тағйироту иловаҳо ба қонунгузории соҳаи фарҳанг пешниҳод мешавад [30]. Таклифи сарвари давлат оид ба низоми нави рушди соҳаи фарҳанг, ки дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23-юми апрели соли 2014 пешниҳод гардид, ба такмили қонунгузории соҳаи фарҳанг такони ҷиддӣ бахшид [39].

Таклифҳои сарвари давлат бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла ташаккули иқтисоди бозорӣ, пешниҳод карда мешаванд. Чунончи, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16- уми апрели соли 2005 [30] таклифҳои зерини қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд: аз нав таҳлил намудани ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ба талаботи иқтисоди бозорӣ мувофиқ гардонидани онҳо бо мақсади танзими муносибатҳои нав дар соҳаи бозори қоғазҳои қиматнок; такмили қонунгузорӣ дар соҳаи идоракунии давлатӣ; такмили сохтори вазоратҳо дар шароити иқтисоди бозорӣ; фароҳам овардани заминаи мусоиди меъёрии ҳуқуқӣ дар соҳаи ҳифзи иҷтимоии аҳолӣ; ҷорӣ

намудани низоми ягонаи пардохти музди меҳнати кормандони соҳаҳои буҷетӣ.

Таклифҳои зикршудаи сарвари давлат барои муайян намудани афзалиятҳо ва ҳадафҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар солҳои аввали ташаккули иқтисоди бозорӣ аҳаммияти аввалиндараҷа доштанд. Аз ин хотир, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити инкишофи муносибатҳои бозорӣ нақши таърихӣ доранд.

Паёми зикршуда дар ташаккулу инкишофи минбаъдаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла аниқ гардидани ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти рушди фаъолияти соҳибкорӣ, ташаккули низоми нави бонкӣ, такмили низоми андоз ва гумрук, вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нақши муҳим дорад. Чунончи, дар ҳамин Паёми сарвари давлат таклифҳо оид ба қабули кодексҳои нави андоз ва гумрук ва аз ибтидои соли 2006 мавриди амал қарор додани онҳо, таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии соҳибкории хурду миёна», «Дар бораи санҷиши субъектҳои хоҷагидор», «Дар бораи танзими техникӣ», «Дар бораи ташкилотҳои худидорашаванда» пешниҳод мешаванд. Дар паёми мазкур бо дарназардошти аҳаммияти соҳибкории хурду миёна ба рушди иқтисодиёт, зиёд намудани ҷойҳои корӣ ва паст кардани сатҳи камбизоатӣ таклиф пешниҳод мешавад, ки қонунҳои нав дар соҳаи соҳибкории хусусӣ қабул карда шаванд ва ба қонунҳои амалкунанда «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳукуқӣ», «Дар бораи литсензиякунонии намудҳои алоҳидаи фаъолият», «Дар бораи бонкҳо ва фаъолияти бонкӣ» тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд.

Дар Паёми мазкур таклифи сарвари давлат оид ба такмили асосҳои меъёрии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла таҳия ва қабули қонуни нав дар соҳаи фаъолияти қонунгузорӣ, пешниҳод мешавад. Тавре сарвари давлат таъкид мекунанд, қонуни мазкур «субъектҳои ташаббуси қонунгузориро вазифадор месозад, ки ҳангоми таҳия ва пешниҳоди

лоиҳаи қонунҳо бояд зарурат, аҳаммият ва дурнамои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, асосҳои иқтисодиву молиявӣ, тартиби татбиқи қонунҳо, аз нигоҳи ҳуқуқӣ дуруст ба низом даровардани меъёрҳои қонун ва тартибу усули ҳуқуқии амалигардонии қонунҳоро дар мадди назар дошта бошанд» [30].

Дар Паёми мазкур вазифаҳои зерини субъектҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, пеш аз ҳама субъектони ташаббуси қонунгузорӣ муайян мешаванд:

1) ба инобат гирифтани зарурати танзими муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар заминаи таҳлили ҳаматарафаи талаботи воқеии ҳаёти ҷомеа, аз ҷумла манфиатҳои давлат ва ҷомеаи Тоҷикистон;

2) ба назар гирифтани аҳаммияти танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ баҳри амалӣ намудани талаботи рӯзафзуни аъзоёни ҷомеа, ҳимояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, манфиатҳои ҷомеа ва давлати тозабунёди Тоҷикистон;

3) муайян намудани дурнамои инкишофи ҷомеа ҳангоми танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави ҷамъиятӣ дар иртибот бо ҳадафҳои стратегии давлат, таъмини рушди ҷомеа ва давлат, таъмини шароити зиндагии арзандаи ҳар узви ҷомеа;

4) ба назар гирифтани асосҳои иқтисодиву молиявӣ ҳангоми таҳия ва қабули қонунҳо бо мақсади таъмини амалишавии бомуваффақият ва саривақтии қонунҳо, гузаронидани экспертизаи иқтисодиву молиявии лоиҳаи қонунҳо, ҷалби захираҳои кофии иқтисодиву молиявӣ дар рафти татбиқи қонунҳои нав;

5) ба инобат гирифтани тарзу усулҳо ва қоидаҳои маъмулии татбиқи қонунҳо дар асоси дастовардҳои илмӣ-назариявии ҳуқуқшиносӣ ва амалияи ҳуқуқӣ, ҷустуҷӯи шаклҳои самараноки татбиқи қонунҳо бо дарназардошти шароити тағйирёбандаи ҳаёти ҷорӣ, наздик намудани талаботи қонун ба масъалаҳои мушаххаси ҳаёт, таъмини сифати баланди санадҳои татбиқи ҳуқуқ;

6) таъмини низоми ягонаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар заминаи волоияти қонун бо мақсади аз байн бурдани ихтилофоти байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, мувофиқати ҳамаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба Конститутсияи Тоҷикистон ва қонунҳо, таъмини қонунияти конститутсионӣ дар давлат;

7) ба назар гирифтани тарзу воситаҳо ва усулҳои маъмулии танзими ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо ва қабулу амалигардонии онҳо, аз ҷумла бо дарназардошти танзими ҳуқуқии муносибатҳои нави хусусӣ дар соҳаи моликиятдории хусусӣ, соҳибкории хусусӣ ва шаклҳои дигари фаъолияти озоди иқтисодӣ [162, с. 25-26].

Тавре маълум аст, дар давлати Шуравӣ фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти афзалияти санадҳои меъёрии ҳуқуқии идоравӣ ба роҳ монда мешуд. Низоми идоракунии маъмурии фармондиҳӣ ҳаминро талаб менамуд. Доираи санадҳои меъёрии идоравӣ аз қонунҳои шуравӣ зиёд буд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давраи шуравӣ дар робита бо ҳамин таҷрибаи қонунгузорӣ ба роҳ монда шуда буд.

Аммо дар давлати ҳуқуқбунёди демократӣ афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тағйир меёбанд. Аҳаммият ва нақши қонун дар ҳаёти ҷомеа бо дарназардошти волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд боло меравад. Таъмини волоияти қонун яке аз афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар давлати ҳуқуқбунёди Тоҷикистон мебошад. Роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти афзалияти мазкур ба тағйироти ҷиддӣ дар низоми ҳуқуқӣ ва низоми қонунгузорӣ оварда мерасонад, аз ҷумла боиси афзоиши нуфузи қонун мегардад. Афзалияти мазкури сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қабули қонунҳоро бо дарназардошти манфиатҳои умумидавлатӣ талаб мекунад. Дар натиҷа, манфиатҳои умумидавлатӣ нисбат ба манфиатҳои идоравӣ нуфузи бештар пайдо намуда, ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун маҳз манфиатҳои умумидавлатӣ ба инобат гирифта мешаванд.

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамин ҳолатро ба инобат гирифта, дар Паёми мазкур ба инобат гирифтани манфиатҳои умумидавлатиро ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо ҳамчун

афзалияти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ эълон мекунанд. Махсус таъкид мегардад, ки аз нигоҳи манфиати идоравӣ таҳия ва пешниҳод кардани лоиҳаи қонунҳо амалияи номатлуб аст. Ба инобат гирифтани манфиатҳои умумии давлат ва ҷомеа ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонунҳо вазифаи аввалиндараҷаи ҳамаи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ эълон карда мешавад.

Тавре дар бобҳои қаблии кор борҳо таъкид гардид, таъмини сифати қонун яке аз самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Сифати қонун дар натиҷаи мутобиқати қонун ба талаботи умумииҷтимоӣ ва махсуси ҳуқуқӣ (техникаи ҳуқуқӣ) таъмин карда мешавад. Риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ шарти асосии таъмини сифати қонун мебошад.

Аз ин хотир, дар Паёми мазкур зарурати риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқӣ, аз ҷумла қоидаҳои забонӣ ва мантиқӣ, ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун ҳамчун омили таъмини сифати қонун собит мегардад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Масъалаи дигаре, ки ҳангоми қонунэҷодкунӣ ба мушоҳида мерасад ва ҳалли ҷиддии худро тақозо мекунад, ин таҳия ва пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба забони давлатӣ, истифодаи якхелаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, таъмини низоми мантиқии меъёрҳои қонун мебошад, ки дар маҷмуъ сифати қонунҳоро таъмин мекунанд» [30].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Паёми мазкур риояи қоидаҳои зерини техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун пешбинӣ мешавад:

а) қоидаҳои забонӣ бо дарназардошти вазъи конститутсионии забони тоҷикӣ ҳамчун забони давлатӣ;

б) қоидаҳои истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ, аз ҷумла истифодаи истилоҳоти ҳуқуқӣ ба як маъно, ки ба тафсири аниқи меъёрҳои ҳуқуқӣ ва татбиқи қонунҳо мусоидат мекунад;

в) риояи қоидаҳои техникӣ-ҳуқуқии мантиқӣ ҳангоми ифодаи мазмуни дохилӣ ва шакли қонун ҳамчун омили ифодаи меъёрҳои ҳуқуқӣ

дар пайдарҳамии мантиқӣ, бо дарназардошти алоқаҳои мантиқии байни меъёрҳои ҳуқуқӣ, байни соҳаҳои ҳуқуқ ва институтҳои ҳуқуқӣ.

Риояи қоидаҳои зикршудаи техникаи ҳуқуқӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаи қонун сифати дахлдори онро таъмин мекунад. Сифати қонун бошад, ба тафсири қонун, амалишавии қонун аз тарафи шаҳрвандон, татбиқи қонун аз тарафи мақомоти давлатӣ мусоидат мекунад.

Аз ин нуқтаи назар, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16- уми апрели соли 2005 дар ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, муайян намудани афзалиятҳо, ҳадафҳо ва самтҳои мубрами он нақши таърихӣ дорад.

Илова бар ин, дар ҳамин Паёми сарвари давлат аҳаммияти ислоҳоти ҳуқуқӣ дар Тоҷикистони соҳибистиқлол таъкид мегардад. Тавре Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон таъкид мекунанд: «Дар Тоҷикистон ислоҳоти ҳуқуқӣ ҳамчун яке аз самтҳои муҳими талаботи объективии рушди ҷомеа идома ёфта, дар тули солҳои соҳибистиқлолии Тоҷикистон дар ин ҷода корҳои назаррас ва муҳим сурат гирфтанд. Зарур аст, ки ин раванди таърихӣ идома ва такмил дода шавад» [30].

Ислоҳоти ҳуқуқӣ соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҳуқуқиро фаро гирифта, ба ташаккулу инкишофи низоми ҳуқуқ (соҳаҳо ва зерсоҳаҳои ҳуқуқ), низоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, низоми қонунгузорӣ, амалисозӣ, татбиқ ва тафсири ҳуқуқ, фаъолияти ҳуқуқӣ (судӣ, прокурорӣ, тафтишотӣ, нотариаллӣ, гумрукӣ ва дигар), низоми таҷзияи ҳокимияти давлатӣ (ҳокимияти қонунгузор, иҷроия ва судӣ), таҳкими қонуният ва тартиботи ҳуқуқӣ мусоидат мекунад. Айни замон ислоҳоти ҳуқуқӣ дар соҳаҳои зикршудаи ҳаёти ҳуқуқӣ танҳо дар заминаи ҳуқуқэҷодкунӣ имконпазир мегардад. Маҳз дар натиҷаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ қабул карда мешаванд ва онҳо заминаи ҳуқуқии ислоҳоти ҳуқуқиро ташкил медиҳанд. Худи

истилоҳи «ислоҳоти ҳуқуқӣ» низ ба хусусияти ҳуқуқӣ доштани ислоҳот ишора мекунад.

Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ заминаи ислоҳоти ҳуқуқӣ мебошад. Дар доираи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳадафҳо, вазифаҳо, афзалиятҳо ва самтҳои ислоҳоти ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Аз ин хотир, Паёми зикршудаи сарвари давлат барои ташаккул ва амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун заминаи ислоҳоти ҳуқуқӣ нақши таърихӣ дорад.

Илова бар ин, ислоҳоти ҳуқуқӣ солҳои дароз идома меёбад, чунки дар доираи стратегияи рушди ҳаёти ҳуқуқӣ амалӣ карда мешавад. Дар Паёми зикршуда низ зарурати идома додани ислоҳоти ҳуқуқӣ махсус таъкид мегардад. Аз ин хотир, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16- уми апрели соли 2005 барои ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун стратегияи ислоҳоти ҳуқуқӣ аҳаммияти таърихӣ дорад. Дар Паёми мазкур стратегияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ислоҳоти ҳуқуқӣ муайян карда мешавад.

Тавре дар бобҳои қаблии кор борҳо қайд гардид, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи танзими ҳуқуқиро муайян мекунад. Бо дарназардошти таклифҳои сарвари давлати Тоҷикистон, ки дар Паёми зикршуда пешниҳод шуданд, ҳадафи дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ислоҳоти ҳуқуқӣ муайян карда мешавад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ стратегияи ислоҳоти ҳуқуқиро дар Тоҷикистон муайян мекунад.

Дар Паёми мазкур таклифҳои қонунгузории сарвари давлат оид ба таҳияи лоиҳаи кодексҳои мурофиаи гражданӣ, мурофиаи ҷиноятӣ ва кодекс дар бораи ҳуқуқвайронкунии маъмурӣ ва ба Маҷлиси Олӣ пешниҳод намудани онҳо, ба анҷом расонидани лоиҳаи нави кодекси мурофиаи хоҷагӣ пешниҳод мешаванд. Ҳамчунин, дар робита бо инкишофи муносибатҳои нави ҷамъиятӣ, зарурати таҳия ва қабули қонунҳои нав, аз ҷумла дар бораи сармоягузорӣ, дастгирии давлатии кишоварзӣ, бақайдгирии давлатии ҳуқуқ ба амволи ғайриманқул ва аҳдҳо бо он, ҷамъияту ташкилотҳои хоҷагидорӣ, ҳифзи манфиатҳои

иқтисодии Ҷумҳурии Тоҷикистон, хариди давлатии мол, кор ва хизматрасонии давлатӣ таъкид мегардад.

Тавре дар бобҳои қаблии кор қайд гардид, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи принсипҳои муайян амалӣ карда мешавад. Дар Паёми зикршудаи сарвари давлат таъкид мегардад, ки Конститутсия ва қонунҳои нави Тоҷикистон бояд «ба принсипҳои комилан нави ҳуқуқи муосир» такя кунанд [30].

Принсипҳои комилан нави ҳуқуқи муосир нуктаҳои илмӣ, ғояҳои аввалиндараҷаи илмӣ, ақидаҳои бунёдии илмӣ мебошанд, ки мафҳум ва моҳияти ҳуқуқи муосирро муайян мекунанд. Дар назарияҳои муосири ҳуқуқ принсипҳои нав, аз қабили волоияти қонун, арзиши иҷтимоии инсон ва ҳуқуқу озодиҳояш, ҳифзи ҳуқуқҳои инсон, қонунияти конститутсионӣ, инсондӯстӣ, демократия, ошкорбаёнӣ ва дигар бо дарназардошти тағйироти куллии ҷомеа пешниҳод мешаванд.

Принсипҳои ҳуқуқ, ки дар назарияи муосири ҳуқуқ пешниҳод шуда, ҳамчун асосҳои пешбаранда ва ғояҳои бунёдии илмӣ баромад мекунанд, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бевосита истифода мешаванд. Онҳо, аз як тараф, асоси илмӣ-ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, аз тарафи дигар, дар ташаккул ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд. Аз ин хотир, Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16- уми апрели соли 2005 барои роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар заминаи принсипҳои нави ҳуқуқи муосир аҳаммияти илмӣ ва методологӣ дорад.

Дар Паёми мазкур самти дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки бо таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон робита дорад, муайян карда мешавад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон қайд мекунанд, ки қабули Конститутсия ва қонунҳои нав «ҷиддан тақозо мекунанд, ки инсони дорои тасаввуроту фаҳмиши нави ҳуқуқӣ тарбия ёфта, аз роҳи дарку ҳазми қонунҳои амалкунанда тавонад аз манфиатҳои худ пуштибонӣ

кунад ва ҳамин тартиб кафолати мавҷудияти ҷавҳари ҷомеаи шаҳрвандӣ ва давлати демократию ҳуқуқбунёдро таъмин намояд» [30].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Паёми мазкур ҳадафҳои зерини мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи таълим, тарбия ва маърифати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд:

- таълим ва тарбияи ҳуқуқӣ бо мақсади ба камол расонидани «инсони дорои тасаввуроту фаҳмиши нави ҳуқуқӣ»;

- ба роҳ мондани раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ бо дарназардошти назарияҳои нави ҳуқуқ, дастовардҳои илми муосири ҳуқуқшиносӣ;

- истифодаи технологияҳои нав дар раванди таълиму тарбияи ҳуқуқӣ, аз он ҷумла технологияҳои иттилоотӣ ва рақамӣ;

- ташаккул додани тасаввурот, мафҳумҳо, ақидаҳо. мафҳумҳои нави илмӣ оид ба падидаҳои нави ҳаёти ҳуқуқӣ (соҳибкорӣ, фаъолияти бонкӣ, грантҳо, моликияти зеҳнӣ ва дигар) дар шуури инсон;

– дарки ҳаматарафаи мафҳум, мазмун ва ҳадафҳои қонунҳои амалкунанда;

- ташаккули қобилияти ҳимояи манфиатҳои қонунии худ ҳангоми иштирок дар муносибатҳои гуногуни ҳуқуқӣ (оилавӣ, маданӣ, меҳнатӣ ва ғайра);

- мусоидат намудан дар ташаккулу рушди ҷомеаи шаҳрвандӣ тавассути иштироки фаъолона дар ҳаёти ҷамъиятӣ, сиёсӣ ва фарҳангӣ;

- иштироки фаъол дар эъмори давлати ҳуқуқбунёди демократӣ.

Дар доираи ҳадафҳои зикршудаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ раванди таҳия ва қабули қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ба роҳ монда мешавад. Қонунҳо ва санадҳои дигари меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба амалӣ гардидани ҳадафҳои нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи таълим, тарбия ва маърифати ҳуқуқӣ, ки дар Паёми мазкур зикр шуданд, мусоидат намояд. Аз ин хотир, Паёми мазкури сарвари давлат барои роҳандозии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи таълим, тарбия ва

маърифати ҳуқуқӣ, боло бурдани шуури ҳуқуқӣ ва фарҳанги ҳуқуқӣ аҳаммияти таърихӣ дорад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20- уми апрели соли 2006 ба нақши аввалиндараҷаи қонун дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ ишора карда мешавад. Тавре сарвари давлат қайд мекунанд: «Дар ҷомеаи мутамаддини муосир қонун ҳамчун василаи танзимкунандаи ҳамаи паҳлуҳои ҷомеа нақш ва мавқеи бебаҳс дорад, зеро инкишофу пешрафти ҷомеа фақат бо роҳи танзими қонунӣ ва одилонаи муносибатҳои ҷамъиятӣ имконпазир аст» [31].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Паёми мазкур нуктаҳои зерин оид ба нақши қонун, ки аҳаммияти илмӣ доранд, баён мегарданд:

- қонун воситаи асосии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ, ки паҳлуҳои ҳаётан муҳимми ҷомеаро дар бар мегиранд, мебошад;
- танзими ҳуқуқӣ, ки дар заминаи қонун ба роҳ монда мешавад, заминаи инкишофу пешрафти ҷомеа мебошад;
- танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бояд одилона бошад, дар заминаи принсипи адолат, ки принсипи муҳимми ҳуқуқи муосир мебошад, ба роҳ монда шавад.

Дар Паёми мазкур вазифаҳои зерини парламенти касбии Тоҷикистон муайян карда мешаванд:

- дақиқ муайян намудани зарурати таҳияи лоиҳаи қонунҳо;
- муқоисаи лоиҳаи қонунҳо бо қонунҳои амалкунанда;
- омӯзиш ва муайян намудани мувофиқати қонунҳои қабулшаванда бо талаботи замон ва ҷомеа;
- аз нигоҳи илмӣ асоснок намудани лоиҳаи қонунҳо [31].

Вазифаҳои зикршудаи парламенти Тоҷикистон бо консепсияи лоиҳаи қонун, аз ҷумла асоснокии илмии он ва талаботи иҷтимоӣ-ҳуқуқии сифати қонун алоқаманд буда, ба ташаккулу амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат намуданд. Дар Паёми мазкур вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ оид ба таҳияи консепсияи лоиҳаи

қонун дар робита бо асоснокии илмии он, ҳамчунин, таҳлили муқоисавӣ ва умумиичтимоии лоиҳаи қонун муайян карда мешаванд. Вазифаҳои зикршуда то имрӯз аҳаммияти худро нигоҳ дошта, далели он мебошанд, ки Паёми зикршудаи сарвари давлат барои таъмини самаранокии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар робита бо хусусияти стратегии сиёсати мазкур аҳаммияти таърихӣ дорад.

Дар Паёми мазкур ташаббуси қонунгузорӣ ҳамчун заминаи ҳамкории Маҷлиси Олӣ ва Ҳукумати Тоҷикистон дар доираи меъёрҳои Конститутсия арзёбӣ мегардад. Ҳамчунин, бо дарназардошти номукаммал будани механизми иҷрои қонунҳо ва санадҳои меъёрии ҳуқуқии амалкунанда дар соҳаи фаъолияти корхонаҳои муштарак таклиф пешниҳод мешавад, ки ба қонунгузории амалкунанда дар ин соҳа тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд. Илова бар ин, як қатор таклифҳои қонунгузорӣ оид ба ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои кодексҳои гражданӣ ва замин дар соҳаи ба гарав мондани истифодаи замин, сода намудани меъёрҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти сармоягузорӣ, таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар бораи авфи шаҳрвандон ва шахсони ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон бинобар аз ҷониби онҳо қонунӣ гардонидани амвол», қабули санадҳои қонунгузории соҳаи рушди бахшҳои иҷтимоӣ пешниҳод мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 30- юми апрели соли 2007 таклиф пешниҳод мешавад, ки ҷиҳати ба фаъолияти Кумитаи давлатии сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ, Агентии назорати давлатии молиявӣ ва мубориза бо коррупсия мутобиқ гардонидани қонунгузории амалкунанда чораҳои зарурӣ андешида шаванд. Ҳамчунин, таклиф пешниҳод мешавад, ки андозбандии субъектҳои хоҷагидорӣ дар соҳаи савдо ва намудҳои дигари хизматрасонӣ ба аҳолӣ бо усули патентӣ ё дигар низоми содакардашуда баррасӣ гашта, ба қонунгузорӣ тағйиру иловаҳо ворид карда шаванд [32].

Дар Паёми зикршуда зарурати таҷдиди назар кардани қонунгузории соҳаи маориф бо дарназардошти муқаррар гардидани стандартҳои маълумоти кафолатноки аз нигоҳи молиявӣ асоснок таъкид мегардад. Бо мақсади беҳтар намудани дастрасӣ ба хизматрасонии тиббӣ ба аҳолӣ, беҳтар намудани сифат ва самаранокии хизматрасонии тиббӣ, ҷорӣ намудани шаклҳои нави кумаки тиббӣ таклиф пешниҳод мешавад, ки лоиҳаи қонунҳои Тоҷикистон «Дар бораи тибби оилавӣ», «Дар бораи суғуртаи ихтиёрии тиббии шаҳрвандони Ҷумҳурии Тоҷикистон» ва «Дар бораи суғуртаи тиббӣ» таҳия карда шаванд [32].

Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар паёмҳои худ борҳо ба таъмини волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд таваҷҷуҳи махсус зоҳир мекунанд. Дар Паёми зикршуда низ сарвари давлат аҳаммияти волоияти қонунро чунин баён мекунанд: «Дар раванди созмон додани ҷомеаи шаҳрвандӣ нақши қонун, эҳтиром, риоя ва иҷрои он ниҳоят бузург аст. Маҳз аз ин рӯ, ман борҳо таъкид кардаам, ки қонун бояд меъёри муайянкунандаи рафтори ҳаррӯзаи шахс, фаъолияти ташкилотҳову муассисаҳо ва воситаи танзимкунандаи муносибатҳои ҷомеа бошад» [32]. Зарурати таъмини волоияти қонун бо он муайян карда мешавад, ки қонун «бо дарназардошти манфиатҳои умумиҷамъиятӣ, присипҳои ҳақиқат ва адолат ҳамчун заминаи асосии пешравии ҷомеа, ризоияти умум ва субботу оромӣ таҳия карда мешавад» [32].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олӣ аз 30- юми апрели соли 2007 се кафолати асосии волоияти қонун муайян карда мешаванд: а) эҳтироми қонун; б) риояи қонун; в) иҷрои қонун. Кафолатҳои зикршуда, ки дар Паёми сарвари давлат пешниҳод мешаванд, асоси илмӣ доранд, чунки дар асарҳо иҷро ва риояи қонун ҳамчун ду шакли асосии амалисозӣ ва татбиқи қонун пазируфта мешаванд, эътирофи қонун бошад, яке аз шартҳои таъмини қонуният мебошад. Илова бар ин,

аҳаммияти волоияти қонун бо дарназардошти функсияи асосии қонун дар соҳаи танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Нақши қонун дар танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти ду самти танзими ҳуқуқӣ муайян карда мешавад: 1) танзими фаъолияти ҳамарӯзаи шахс, ташкилотҳо ва муассисаҳо; 2) танзими доираи васеи муносибатҳои ҷамъиятӣ.

Аз ин хотир, паёми мазкури сарвари давлат дар ташаккули сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла муайян намудани яке аз ҳадафҳои асосии сиёсати мазкур дар соҳаи таъмини волоияти қонун ва стратегияи танзими ҳуқуқӣ, нақши ҳалкунанда бозид.

Аҳаммияти дигари Паёми мазкури сарвари давлат дар он аст, ки дар он яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи таъмини сифат ва мутассилии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешавад. Дар ин бора Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ибрози ақида намуданд, ки «ба масъалаи эҷоди қонунҳо ва ҷараёни муҳокимаву мувофиқа кардани онҳо эътибори ҷиддӣ бояд дод. Мо бояд ҳамеша талош намоем, ки қонунҳои қабулшаванда бечунучаро мукаммал бошанд ва муносибатҳои ҷамъиятиро дақиқу аниқ танзим намоянд» [32].

Тавре мушоҳида мешавад, дар Паёми мазкур вазифаҳои зерини фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ аниқ карда мешаванд: 1) муносибати эҷодкорона ба таҳияи лоиҳаҳои қонунҳо; 2) муҳокимаи муташаккилона ва ҳаматарафаи лоиҳаҳои қонунҳо; 3) мувофиқа кардани лоиҳаҳои қонунҳо бо мақомоти дахлдор. Илова бар ин, мукаммал будани қонун ҳамчун шарти аввалиндараҷаи танзими дақиқ ва аниқи муносибатҳои ҷамъиятӣ пазируфта мешавад. Таклифи мазкури сарвари давлат бо дарназардошти нишонаҳои аввалиндараҷаи қонун ҳамчун воситаи танзими дақиқ, ҳаматарафа ва аниқи муносибатҳои ҷамъиятӣ пешниҳод шудааст.

Дар Паёми зикршуда зарурати такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти пайдоиши муносибатҳои нави ҷамъиятӣ ва талаботи

танзими ҳуқуқӣ таъкид мегардад. Тавре сарвари давлат зикр намуданд: «Ҳарчанд ки то имрӯз аз ҷониби Парламенти кишвар садҳо қонуни фароҳаморандаи заминаҳои ҳуқуқии суботу оромӣ, рушду такомули ҷомеа ва танзимкунандаи муносибатҳои мухталифи ҷамъиятӣ қабул карда шудаанд, вале ин ҳанӯз басанда нест» [32].

Дар Паёми мазкур зарурати такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти суръати баланди инкишофи муносибатҳои ҷамъиятӣ муайян карда мешавад. Тавре сарвари давлат қайд мекунанд: «Таъмини рушди устувори иқтисодӣ ва ҳадафҳои таърихии мо талаб менамоянд, ки асноди қонунгузории соҳаҳои иҷтимоӣ, иқтисодӣ, пулию қарзӣ ва сиёсати инвеститсионӣ пайваста такмил дода шаванд, зеро соҳаҳои зикршуда зуд инкишоф меёбанд ва зарур аст, ки бо такмили қонунгузорӣ танзими ҳуқуқии онҳоро сари вақт таъмин намоем» [32].

Паёми мазкури сарвари давлат барои такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун стратегияи танзими ҳуқуқӣ аҳаммияти таърихӣ дорад.

Дар Паёми мазкур омилҳо ва самтҳои дигари такмили қонунгузорӣ низ муайян карда мешаванд. Чунончи, таъкид мегардад, ки «аз байн бурдани мухолифат миёни қонунҳо ва ба шароити имрӯза мутобиқ намудани онҳо яке аз масъалаҳои муҳимми соҳаи қонунгузорӣ мебошад» [32]. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки «зарурати ҷиддии ба ҳам мувофиқ сохтани қонунҳои миллӣ бо усулу меъёрҳои умумипазируфташудаи ҳуқуқи байналмилалӣ эҳсос мегардад. Воқеан, мо афзалияти меъёрҳои ҳуқуқи байналмилалиро нисбат ба қонунҳои миллӣ эътироф кардаем, аз ин рӯ, бояд ба ин масъала диққати ҷиддӣ зоҳир намоем» [32].

Дар Паёми зикршудаи сарвари давлат ба яке аз вазифаҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Чунончи, таъкид мегардад, ки «меъёрҳои Конститутсияи мамлакат оид ба арзиши олӣ

эътироф шудани инсон ва ҳуқуқу озодиҳои ӯ пайваста ва пайгирона татбиқу таъмин карда шаванд» [32].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 25- уми апрели соли 2008 [33] бо мақсади татбиқи пурраи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизмати давлатӣ» ва пешбурли сиёсати давлат оид ба кадрҳо таклиф пешниҳод мешавад, ки санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа таҳия ва ҳамоҳанг карда шуда, барои такмили низоми ягонаи хизмати давлатӣ тадбирҳои муассир андешида шаванд. Ҳамчунин, доираи танзими ҳуқуқии муносибатҳо дар соҳаи хизмати давлатӣ ҳангоми таҳияи лоиҳаҳои санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ чунин муайян карда мешавад: баргузории озмун ва аттестатсияи хизматчиёни давлатӣ; бозомӯзӣ ва такмили ихтисос; ҳифзи иҷтимоии хизматчиёни давлатӣ; муайян намудани низом ва сохтори идоракунӣ, ваколатҳо ва масъулияти мақомоти давлатӣ; афзоиши музди меҳнат; мукаммалгардонии фаъолияти хизматчиёни давлатӣ; тарбияи кадрҳои баландихтисосу соҳибмаълумот, дорои ҷаҳонбиниву дониши амиқи касбиву сиёсӣ, қобилияти ташкилотчигиву кордонӣ, малакаи идоракунӣ, масъулиятшиносу ватандӯст, забондон ва аз технологияи муосир бархӯрдор.

Дар Паёми зикршуда бо мақсади бартараф намудани «номувофиқатӣ ва мухолифат дар миёни қонунҳо, нуқсонҳои асноди қонунгузорӣ ва ба талаботи замон мутобиқ гардонидани онҳо» зарурати таҷдиди назар намудани Қонун «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» таъкид мегардад. Ҳамчунин, таъкид мегардад, ки «барои аз ҷиҳати илмиву амалӣ асоснок намудани қонунҳо, мукаммалу мушаххас гардонидани механизми татбиқи онҳо, инчунин тамоми санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар назди Президент таъсис додани Маркази миллии қонунгузорӣ мувофиқи мақсад мебошад» [33].

Дар Паёми мазкур бо мақсади таъмини мустақилияти ҳокимияти судӣ зарурати пешниҳоди лоиҳаи Кодекси мурофиаи ҷиноятӣ ба

парламенти ҷумҳурӣ таъкид мегардад. Ҳамчунин, дар ҳамин Паём таъкид мешавад, ки «рушди давлати демократӣ, ҳуқуқбунёд ва дунявӣ ба сатҳи дониш ва маърифати ҳуқуқии аҳолӣ вобастагии зиёд дорад» [33]. Аз ин хотир, олимони ҳуқуқшинос вазифадор карда мешаванд, ки то ҷашни 15-солагии қабули Конститутсия тафсири илмию оммавии Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро омода намоянд. Илова бар ин, таклиф пешниҳод мешавад, ки барномаи дарозмуддат ва мукаммали тарбияи ҳуқуқӣ таҳия ва қабул карда шавад [33].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 15 апрели соли 2009 [34] оид ба таҳияи санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андозбандӣ ва пурзӯр намудани назорат аз болои фаъолияти ташкилотҳои қарзӣ дар самти идоракунии дороиҳо ва уҳдадориҳо, таъмини пардохтпазирӣ, паст кардани сатҳи хавфҳои бонкӣ таклифҳо пешниҳод мешаванд. Ҳамчунин, зарурати андешидани чораҳои дахлдор дар самти ҳамроҳ шудан ба санадҳои дахлдори байналмилалӣ доир ба ҳифзи ҳуқуқи сармоягузорон таъкид мегардад. Бо ташаббуси бевоситаи сарвари давлат бо мақсади беҳтар намудани фазои сармоягузорӣ лоиҳаи қонунҳо «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи ҷамъиятҳои саҳҳомӣ», «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи муфлисшавӣ» ва «Дар бораи ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонун «Дар бораи бақайдгирии давлатии шахсони ҳуқуқӣ ва соҳибкорони инфиродӣ» барои баррасӣ ба Маҷлиси намояндагон пешниҳод мешаванд. Тавре дар Паёми мазкур қайд гардид, қабули ин се қонун «барои беҳтар гардидани нишондиҳандаҳои эътибори байналмилалии Тоҷикистон дар самти пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ таъсири мусбат расонид» [34].

Дар Паёми мазкур таклифҳои сарвари давлат оид ба тағйири меъёрҳои қонунгузорӣ бо мақсади сода гардонидани қоидаҳои маъмурӣ нисбат ба субъектҳои соҳибкорӣ, таҳкими заминаи қонунгузории нави

соҳаи кишоварзӣ, таҳияи лоиҳаи наву мукаммали Қонун «Дар бораи забони давлатӣ» пешниҳод мешаванд. Бо мақсади такмили асосҳои ҳуқуқии ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон сарвари давлат таклиф пешниҳод мекунанд, ки Кодекси нави манзил қабул гардида, Кодекси ҷиноятии Ҷумҳурии Тоҷикистон дар иртибот бо таъйини ҷазои ҷарима барои ҷиноятҳои иқтисодӣ ҳангоми ихтиёран барқарор намудани зарари расонидашуда такмил дода шавад [34].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 16- уми апрели соли 2010 ҳадафҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд:

1) таҳким бахшидан ба заминаи қонунгузорӣ;

2) ҳифз ва таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ҳамчун арзиши олӣ;

3) амалӣ намудани нақшаҳои давлат дар соҳаи қонунгузорӣ мутобиқи ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон;

4) ҳимояи манфиатҳои миллӣ;

5) ҳифзи дастовардҳои истиқлолият, субботи сиёсии иҷтимоӣ ва таҳкими ваҳдати миллӣ [35].

Ҳамчунин, таклифҳои Сарвари давлат оид ба оммафаҳм гардонидани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи андоз тавассути ташкили курсҳои омӯзишӣ, омӯзонидани фарҳанги андозсупорӣ, ҳамчунин, такмили Кодекси андоз, қонунҳо «Дар бораи созишномаҳо оид ба тақсимоти маҳсулот» ва «Дар бораи консессия» пешниҳод мешаванд. Илова бар ин, зарурати таҳлили натиҷаи татбиқи кодексҳои андоз ва гумрук аз нуқтаи назари самаранокии имтиёзҳои амалкунандаи андозҳо ва боҷҳои гумрукӣ таъкид карда мешавад.

Аҳаммияти Паёми мазкур дар он аст, ки бо ташаббуси Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон самти нави сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи такмили қонунгузории андоз, сода ва оммафаҳм гардонидаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ин соҳа, тафсири онҳо, ташаккули фарҳанги андозсупорӣ муайян мешавад. Ҳамчунин, таклифи сарвари давлат оид ба таҳлили натиҷаи татбиқи кодексҳои андоз ва

гумрук ба амалӣ гардидани яке аз ҳадафҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи мониторинги татбиқи ҳуқуқ мусоидат мекунад.

Дар Паёми мазкур таклифҳои сарвари давлат оид ба такмили қонунгузории соҳаи сармоягузорӣ, таҳлили ҳаматарафаи меъёрҳои Қонун «Дар бораи консессия» бо дарназардошти манфиатҳои Ҷумҳурии Тоҷикистон, ворид намудани тағйиру иловаҳо ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи сарфаҷӯии энергия» бо мақсади ба шароиту афзалиятҳои имрӯзаи мамлакат мутобиқ гардонидани он, аз синни 17 ба синни 18 баланд намудани синну соли никоҳӣ бо мақсади беҳтар омода шудани ҷавонон ба зиндагии мустақил пешниҳод мешаванд.

Дар Паёми мазкур вазифаҳои зерини мақомоти давлатӣ дар соҳаи ҳифзи ҳуқуқи инсон муайян карда мешаванд:

- ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бо дарназардошти мақсаду мазмуни фаъолияти мақомоти давлатиро ташкил додани онҳо;

- меъёрҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ набояд мухолифи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд бошанд;

- ба мадди аввал гузоштани риояи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд дар фаъолияти ҳамаи шохаҳои ҳокимият ва шахсони мансабдор;

- баррасии ҳаматарафа ва холисонаи муроҷиати шаҳрвандон.

Дар Паёми мазкур таклифҳои сарвари давлат оид ба такмили Барномаи ислоҳоти судӣ-ҳуқуқӣ, экспертизаи зиддикоррупсионии қонунҳо, таҳия ва қабули санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор ҷиҳати пурзӯр намудани мубориза бар зидди коррупсия пешниҳод мешаванд.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20- уми апрели соли 2011 таклифҳои сарвари давлат оид ба таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав ва муҳокимаи он бо ҷалби доираи ҳарчи васеи мутахассисону коршиносон, соҳибкорон ва дигар андозсупорандагон, таҷдиди назар намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи фаъолияти бонкӣ, таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар бораи асосҳои фаъолияти савдо ва

хизматрасонии маишӣ ба аҳолӣ», ислоҳоти ҷиддии қонунгузорӣ дар соҳаи истифодаи захираҳои табиӣ, аз ҷумла қаъри замин, таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар бораи ҳамкории давлат ва бахши хусусӣ», такмили қонунгузорӣ доир ба сарфаҷӯии неруи барқ пешниҳод мешаванд. Дар ҳамин Паём лоиҳаи қонун «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ҳамчун муҳимтарин санади батанзимдарорандаи одобу ахлоқ дар ҷомеаи муосири Тоҷикистон арзёбӣ мегардад. Зарурати мутобиқ намудани қонунҳо ба меъёрҳои пазируфтаи умумибашарӣ ва ҷомеаи шаҳрвандӣ, қабули қонунҳо бо мақсади таъмини ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд, таҳкими муносибатҳои ҷамъиятӣ ва тартиботи ҳуқуқӣ, ҳифзи саломатии аҳолӣ, рушди соҳаи маорифу фарҳанг ва беҳдошти вазъи иқтисодии кишвар, аз ҷумла фазои соҳибкорӣ, таъкид мегардад. Бо мақсади таъмини дастрасии шаҳрвандон ба ёрии ҳуқуқии баландихтисос таклиф пешниҳод мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи адвокатура» дар таҳрири нав таҳия ва қабул карда шавад. Сарвари давлат таъкид намуданд, ки риояи талаботи Қонун «Дар бораи мурочиатҳои шаҳрвандон» беҳбудии ҷиддиро тақозо менамояд [36].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 20- уми апрели соли 2012 таклифҳо оид ба таҳияи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимоя ва дастгирии давлатии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав, таҳияи Стратегияи миллӣ оид ба мубориза бар зидди маводи нашъадор барои солҳои 2013-2020, таҳияи Стратегияи мубориза бо коррупсия барои солҳои 2013-2020 пешниҳод мешаванд. Дар ҳамин Паём ба самтҳои мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи такмили қонунгузории соҳаи соҳибкорӣ бо мақсади таъмини рушди соҳибкории хурду миёна, соҳибкории истеҳсолӣ, таҳияи лоиҳаи Қонун «Дар бораи ҳимояи давлатӣ ва дастгирии соҳибкорӣ» дар таҳрири нав, таҳияи лоиҳаи Қонуни нав «Дар бораи санҷиши фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ», ҳамчунин, 50 фоиз кам намудани андозҳо дар Кодекси андоз, таъмини асосҳои ҳуқуқии шарикии давлат ва бахши

хусусӣ, амалӣ намудани Стратегияи миллии рушди Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030 таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад [37].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26- уми апрели соли 2013 таклифҳо оид ба такмили қонунгузории ҷумҳурӣ бо дарназардошти қабул шудани Тоҷикистон ба узвияти Ташкилоти ҷаҳонии савдо, дар таҳрири нав таҳия намудани лоиҳаҳои Кодекси меҳнат, Кодекси андоз, Кодекси гражданӣ, Кодекси ҷиноятӣ пешниҳод мешаванд. Ин таклифҳои сарвари давлат ба такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти мутобиқ намудани қонунгузорӣ ба талаботи нави ҳаёти ҷомеа мусоидат намуданд [38].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23- юми апрели соли 2014 [39] таклифҳои зерини қонунгузорӣ пешниҳод карда мешаванд:

- такмил додани санадҳои меъёрии ҳуқуқии соҳаи истифодаи сарватҳои табиӣ;

- ворид намудани тағйиру иловаҳо ба меъёрҳои Кодекси оилаи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар хусуси фарзандхонӣ бо мақсади такмили қонунгузории оила, аз ҷумла ҳифзи ҳуқуқ ва манфиатҳои кӯдакон;

- таъмини сифати қонун ҳамчун шарти амалӣ гардидани он;

- гузаронидани мониторинги ҳуқуқии қонунгузорӣ [39].

Дар Паёми мазкур роҳҳои зерини таъмини сифати қонун муайян карда мешаванд: а) инъикоси арзишҳои демократӣ ва умумиинсонӣ дар қонун; б) мутобиқ будани қонун ба талаботи замони муосир; в) нақши қонун дар ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд. Дар назди субъектони ташаббуси қонунгузорӣ вазифа гузошта мешавад, ки зимни таҳияи лоиҳаи қонунҳо зарурат, аҳаммият ва дурнамои танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ, асоснокии иқтисодиву молиявии онро ба инобат гиранд. Бо дарназардошти афзоиши сатҳи ҳуқуқвайронкунӣ дар

байни ҷавонон таклиф пешкаш мешавад, ки лоиҳаи Қонун «Дар бораи асосҳои системаи пешгирии ҳуқуқвайронкунӣ ва ҷинояткорӣ дар байни ноболиғон» таҳия карда шавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23- юми январи соли 2015 таклифҳои зерин пешниҳод мешаванд: таъсиси сохтори нав дар назди Дастгоҳи иҷроияи Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон бо мақсади назорати иҷрои Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ва ҳамоҳангсозии фаъолияти мақомоти дахлдор; таъсиси сохтори Ваколатдор оид ба ҳуқуқҳои кӯдак бо мақсади ҳифзи ҳуқуқҳои кӯдак; муҳокимаи масъалаи муоинаи ҳатмии тиббии тарафҳои ақди никоҳ, манъи никоҳи байни хешовандони наздик бо ҷалби аҳли ҷомеа [40].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21- уми январи соли 2016 таклиф пешниҳод мешавад, ки тағйиру иловаҳо ба Кодекси ҷиноятӣ ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бо дарназардошти муайян ва васеъ намудани доираи субъектони босалоҳияти мубориза бо экстремизм ва терроризм, пурзӯр намудани ҷавобгарӣ ва ҷазо барои содир намудани ҷиноятҳои муқобили сохти конститутсионӣ ва амнияти давлат, ҷиноятҳои дорои тамоили террористӣ ва экстремистӣ, хиёнат ба Ватан, барои ҳамиштирокӣ дар чунин ҷиноятҳо ворид карда шаванд. Ҳамчунин, зарурати таҳияи Стратегияи миллии муқовимат ба экстремизм ва терроризм барои солҳои 2016-2020, таъсиси маркази мубориза бо кибертерроризм ва ҷиноятҳое, ки бо истифода аз воситахои технологӣ содир карда мешаванд, таъкид мегардад [41].

Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [2] ба салоҳияти Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи пешбурди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таҳким мебахшад. Мутобиқи Қонуни

конститутсионии мазкур Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба халқи Тоҷикистон, мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдор оид ба масъалаҳои муҳими сохтори давлатӣ, амнияти кишвар, сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ муроҷиат намояд, ки ба инобат гирифтани онҳо барои мақомоти давлатӣ ва шахсони мансабдори давлатӣ ҳатмӣ мебошад. Дар натиҷа, ташаббусҳои қонунгузорӣ ва таклифҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун шахсияти барҷастаи таърихии миллат, ки бо мақсади такмил ва рушди сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ пешниҳод мешаванд, мақом ва нуфузи баланд пайдо намуданд.

Ташаббусҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба амалӣ гардидани ҳадафҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла дар соҳаи ҷалби шаҳрвандон ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, ба инобат гирифтани афкори ҷомеа зимни таҳияи лоиҳаи қонунҳо, муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳои муҳим мусоидат мекунад. Чунончи, бо ташаббуси сарвари давлат лоиҳаҳои қонунҳои миллӣ «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо» ва «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд» ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод мешаванд. Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон», ки беш аз ду моҳ идома дошт, зиёда аз 20 ҳазор таклифҳои шаҳрвандон доир ба мукаммал сохтани матни қонун пешниҳод шуданд. Солҳои 2008 ва 2010 бо ташаббусҳои Сарвари давлати Тоҷикистон ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи танзими анъана ва ҷашну маросимҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» бо мақсади такмили минбаъдаи он тағйирот ворид карда шуд.

Лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи масъулияти падару модар дар таълиму тарбияи фарзанд», ки аз ҷониби Президенти кишвар ба муҳокимаи умумихалқӣ пешниҳод гардида буд, тайи беш аз се моҳ дар байни аҳолии Тоҷикистон мавриди муҳокима қарор гирифт. Лоиҳаи қонун аз тариқи матбуоти мустақили кишвар, расонаҳои расмӣ, радио ва телевизион, маҳфилу суҳбатҳои мухталиф мавриди таҳлилу

муҳокима қарор гирифта, ҳамчунин ба шакли китобчаи алоҳида бо теъдоди 200 ҳазор нусха ба нашр расида буд. Дар муҳокимаи лоиҳаи қонун беш аз 2 миллион шаҳрвандони Тоҷикистон иштирок намуда, 8 ҳазор таклифҳои пешниҳоднамудаи онҳо пурра ё қисман ба инобат гирифта шуданд. Дар рафти муҳокимаи лоиҳаи қонун аз тарафи беш аз 80 мақомоти давлатӣ, садҳо корхонаву муассисаҳо, 11 ҳазор шаҳрвандон тариқи хаттӣ муроҷиат карда шуд. Ҳаштуми апрели соли 2011 доир ба муҳокимаи ниҳоии лоиҳаи қонун маҷлиси ҷамоатчигӣ даъват карда шуда, сипас бо таклифҳои Ҷаноби Олӣ ва аҳли толор лоиҳаи қонун ба Маҷлиси намояндагон фиристода шуд. Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15- уми июни соли 2011 Қонуни мазкурро қабул намуд [162, с. 120].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 22- юми декабри соли 2016 пешниҳод мешавад, ки бо мақсади баланд бардоштани сифати қонунгузорӣ ва рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия карда шавад [41].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 22- юми декабри соли 2017 таклифҳои зерини қонунгузорӣ пешниҳод мешаванд:

- таҳияи лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи дастгирии содирот ва баланд бардоштани қобилияти рақобат» бо мақсади гузаронидани таҳлили имкониятҳои афзоиш додани ҳаҷми истеҳсоли маҳсулоти содиротӣ бо арзиши баланди иловашуда ва ба роҳ мондани истеҳсоли молҳои ивазкунандаи воридот;

- андешидани чораҳои таъхирнопазир ҷиҳати риояи ҳатмии Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳимояи ҳуқуқи истеъмолкунандагон», аз ҷумла бо мақсади пешгирии воридоти молу маҳсулоти пастсифат ва ғайристандартӣ;

- такмили меъёрҳои қонунгузорӣ оид ба муҳлати бақайдгирии шаҳрвандони кишварҳое, ки бо Ҷумҳурии Тоҷикистон низоми раводид доранд, аз ҷумла то 10 рӯзи корӣ дароз кардани муҳлати бақайдгирӣ дар мақомоти корҳои дохилӣ;

- такмили қонунгузории танзимкунандаи соҳаи сайёҳӣ бо мақсади инкишофи намудҳои гуногуни сайёҳӣ, таъсиси инфрасохтори зарурӣ, омода намудани маводи иттилоотӣ ва хатсайрҳои нав дар мавзеъҳои гуногуни кишвар, инчунин, таҳияи лоиҳаи Стратегияи рушди сайёҳӣ барои давраи то соли 2030 [42].

Дар Паёми мазкур Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Кишвари мо роҳи эъмори ҷомеаи ҳуқуқбунёдро интихоб намудааст, ки яке аз ғояҳои асосии он таъмини волоияти қонун ва ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд мебошад. Принсипи мазкур тақозо менамояд, ки муносибатҳои ҷамъиятӣ дар ҳамаи соҳаҳо тавассути қонунҳое танзим шаванд, ки ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқ ва адолату инсондӯстӣ бошанд» [42]. Ҳамчунин, сарвари давлат қайд намуданд, ки «фароҳам овардани фазои ҳуқуқӣ дар ҷомеа вазифаи аввалиндараҷаи давлати ҳуқуқбунёд мебошад» [42].

Дар Паёми мазкур вазифаҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд: а) таъмини волоияти қонун; б) ҳифзи ҳуқуқу озодиҳои инсон ва шаҳрванд; в) ҷавобгӯйи меъёрҳои ахлоқ ва адолату инсондӯстӣ будани қонун; г) таъмини фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар ҷомеа.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- уми декабри соли 2018 зарурати татбиқи аниқи муқаррароти Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мораторияи ба санҷишҳои фаъолияти субъектҳои соҳибкорӣ дар соҳаҳои истеҳсолӣ» таъкид гардида, бо мақсади таъмин намудани риояи дақиқи муқаррароти қонунгузорӣ дар самти моратория дар соҳаи фаъолияти соҳибкорӣ ба Прокуратураи генералӣ супориш дода мешавад, ки дар ҳамкорӣ бо Кумитаи давлатии

сармоягузорӣ ва идораи амволи давлатӣ нисбат ба масъулони мақомоти давлатие, ки ба фаъолияти соҳибкорон беасос дахолат карда, садди роҳи рушди соҳибкорӣ мешаванд, чораҳои зарурӣ андешад. Бо мақсади бартараф кардани монеаҳои маъмурӣ, таъмин намудани самаранокии хизматрасониҳои давлатӣ ба соҳибкорон ва аҳолӣ ба Ҳукумати мамлакат супориш дода мешавад, ки соли 2019 лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи хизматрасониҳои давлатӣ»-ро таҳия ва пешниҳод намояд [43].

Дар Паёми мазкур зарурати такмили қонунҳо ҳамчун воситаи асосии танзими ҳуқуқӣ таъкид мегардад. Тавре Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон таъкид намуданд: «Рушди минбаъдаи ҷомеа тақозо менамояд, ки бо мақсади танзими ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ қонунҳои амалкунанда мунтазам такмил дода шаванд. Чунин тарзи танзими ҳуқуқӣ имкон медиҳад, ки мақомоти ҳокимияти иҷроия фаъолияти худро асосан ба идоракунии давлатӣ равона созанд» [43]. Аз ин хотир, субъектҳои ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла вакилони парламент вазифадор карда мешаванд, ки «сифати қонунҳои амалкунанда ва ба сатҳи рушди иқтисодиву иҷтимоии кишвар мутобиқ будани онҳоро мунтазам таҳлил карда, лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқии ба талаботи рӯз мувофиқро таҳия намоянд» [43]. Ҳамчунин, таклиф пешниҳод мешавад, ки лоиҳаи Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди коррупсия», ки соли 2005 қабул шудааст, вобаста ба шароити имрӯза дар таҳрири нав таҳия ва пешниҳод карда шавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- уми декабри соли 2019 вазифаҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар самти такмили қонунгузории соҳаи бахши хусусӣ муайян карда мешавад: дастгирӣ ва рушди бахши хусусӣ, махсусан, дар ҷодаи истеҳсоли маҳсулоти ниҳоӣ; ҷорӣ намудани низоми дақиқи андозбандӣ; сода гардонидани расмиёти иҷозатдиҳиву иҷозатномадиҳӣ ва кам кардани

шумораи онҳо; ба талаботи замони муосир мутобиқ намудани тартиби пешниҳоди хизматрасониҳои давлатӣ ва роҳандозии чораҳои ҳавасмандгардонӣ [44].

Дар Паём таклифҳои зерини қонунгузорӣ пешниҳод карда мешаванд: таҳияи Кодекси андоз дар таҳрири нав; таҳия ва қабули Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мубориза бар зидди терроризм» дар таҳрири нав; ворид намудани тағйиру иловаҳо ба қонунгузории ҷиноятӣ ҷиҳати пешгирии воридоти маводи нашъаовари сунъӣ [44].

Паёми мазкур барои такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи интихобот нақши муҳим дорад. Дар Паёми сарвари давлат афзалиятҳо ва принсипҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи интихобот муайян карда мешаванд:

- баргузории интихобот мутобиқи меъёрҳои Конститутсия, ки дар онҳо халқ баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон шуда, ҳуқуқи шаҳрвандон ба бевосита ё ба воситаи вакилон амалӣ намудани ҳокимият кафолат дода мешавад;

- интихобот ифодаи олии бевоситаи ҳокимияти халқ тавассути изҳори озодона ва ихтиёрии иродаи интихобкунандагон буда, ба таври демократӣ ва озоду шаффоф баргузор намудани он яке аз вазифаҳои муҳимми давлат мебошад;

- интихобот ҳамчун маъракаи муҳимми сиёсӣ аз ҳар як шаҳрванди кишвар ба хотири рушду ободии фардои мамлакат ва осоиши наслҳои оянда фарҳанги баланди сиёсӣ, ҳисси ватандӯстӣ ва масъулиятшиносиро тақозо мекунад;

- интихоби вакилони Маҷлиси намояндагон, маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо ҳуқуқи истисноии интихобкунандагон мебошад;

- ҳеҷ як ҳизбу созмон ё шахси мансабдор ҳақ надорад, ки ин ҳуқуқи конститутсионии шаҳрвандонро вайрон карда, иродаи худро ба интихобкунандагон зӯран ё бо роҳҳои дигар таҳмил намояд;

- масъулияти баланди шаҳрвандон ҳангоми иштирокашон дар интихобот;

- баргузор намудани интихобот дар доираи талаботи қонун;

- манъ будани дахолат ба фаъолияти комиссияҳои интихоботӣ;

- риояи қонун аз тарафи сохтору мақомоти марбута дар интихобот, аз ҷумла иҷрои танҳо вазифаҳои тибқи қонун ба зиммаашон гузошташуда;

- ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандони алоҳидаи худпешбаришуда вазифадоранд, ки фаъолияти худро танҳо дар чорчӯбаи Конститутсия ва қонунҳо амалӣ намоянд;

- хамаи ҳизбҳои сиёсӣ ва шаҳрвандон уҳдадоранд, ки дар доираи қонунҳои амалкунанда талош кунанд;

- нақши интихобот ҳамчун заминаи таҳкими ваҳдати миллӣ, сулҳу суббот ва густариши демократия дар Тоҷикистон;

- уҳдадории Комиссияи марказии интихобот ва раъйпурсӣ ва комиссияҳои интихоботӣ дар маҳалҳо дар ҷодаи ҳаматарафа санҷидани шахсияти номзадҳои пешбаришуда мутобиқи талаботи қонунгузорӣ;

- ба мақомоти намояндагӣ, аз ҷумла ба парламенти кишвар, бояд шахсони донишманду соҳибмаърифат, ботаҷрибаву обрӯманд ва ватандӯсту поквиҷдон пешниҳод ва интихоб шаванд;

- бо дарки баланди масъулият интихоб намудани намояндагони арзандаи шаҳрвандон барои ояндаи давлату миллат [44].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26- уми январи соли 2021 ба такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар шароити иттилоотонӣ ва рақамигардонии ҷомеа, такмили низоми электронии хизматрасонӣ, идоракунии корпоративӣ, низоми бонкӣ таваҷҷуҳи махсус зоҳир мешавад. Доир ба ин самти сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таклифҳои зерин пешниҳод мешаванд:

- мутобиқ намудани санадҳои меъёрии ҳуқуқии дахлдор ба талаботи таҷрибаи муосири ҷаҳонӣ;

- таъмини раванди идоракунии корпоративӣ дар ташкилотҳои қарзии молиявӣ ва тадриҷан афзоиш додани сармояи ойинномавии онҳо;

- такмили фаъолият дар соҳаи ҷалби сармояи мустақим ва беҳтар гардонидани фазои сармоягузорӣ;

- ҷорӣ кардани расмиёти электронии баррасӣ ва пешниҳоди иҷозатномаҳо, ҳуҷҷатҳои иҷозатдиҳӣ ва сертификатҳо барои фаъолияти соҳибкорӣ;

- гузаронидани авф бинобар қонунигардонии маблағҳо ва дигар дороиҳо бо мақсади фароҳам овардани шароити мусоид барои ҷалби сармояи шаҳрвандон ба иқтисоди миллӣ дар соли 2021;

- таҳия ва қабули санадҳои дахлдори меъёрии ҳуқуқӣ вобаста ба татбиқи пешниҳоди мазкур;

- таҳияи лоиҳаи санади меъёрии ҳуқуқии дахлдор барои аз байн бурдани ҳолатҳои санҷиши ғайриқонунӣ ё дахолат ба фаъолияти сармоягузорону соҳибкорон;

- таҳияи лоиҳаи Кодекси андоз дар таҳрири нав бо дарназардошти сабук гардонидани пешбурди фаъолияти соҳибкорӣ, бахусус, соҳибкории истеҳсолӣ [45].

Дар Паёми мазкур саҳми вакилони халқ дар пешрафти ҷомеа тавассути қабули қонуну қарорҳо таъкид мегардад. Айни замон сарвари давлат хотирнишон намуданд, ки «фаъолияти онҳо набояд бо қабули қонуну қарорҳо маҳдуд гардад. Яъне, вакилон вазифадоранд, ки дар ҳамкорӣ бо мақомоти татбиқкунандаи қонунҳо ҷиҳати ба талаботи рӯз мутобиқ намудани онҳо саҳм гузоранд ва бо истифода аз ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ лоиҳаи қонунҳои ба талаботи рушду пешрафти ҷомеа мувофиқро омода ва пешниҳод намоянд» [45].

Илова бар ин, вазифаҳои зерини парламенти ҷумҳурӣ, ки ба такмили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад, муайян карда

мешаванд: а) тақвият додани таҷрибаи гузаронидани муҳокимаҳои парламентӣ; б) баррасии қонунҳо ва амалияи татбиқи онҳо дар парламент; в) баррасии барномаҳои иҷтимоиву иқтисодӣ ва дигар масъалаҳои мубрами рӯз; г) фаъол ва ташаббускору ташкилотчӣ будани вакилони ҳамаи мақомоти намояндагӣ (Маҷлиси Олӣ, маҷлисҳои маҳаллӣ ва ҷамоатҳо) ҷиҳати болоравии нақши онҳо дар таҳкими рукнҳои давлатдорӣ, вусъат додани корҳои фаҳмондадиҳӣ ва ободониву созандагӣ дар ҳавзаҳои интихоботии худ, амалӣ намудани сиёсати давлат дар маҳалҳо [45].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 21- уми декабри соли 2021 вазифаҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аниқ карда мешаванд:

- ба муносибатҳои нави ҷамъиятӣ мутобиқ гардонидани қонунҳо ҳамчун шарти асосии таъмин намудани рушди устувори сиёсиву иқтисодӣ ва иҷтимоиву фарҳангии кишвар;

- баланд бардоштани сатҳу сифати қонунҳо;

- такмили механизми иҷрои қонунҳо;

- ба талаботи ҷомеа ва шаҳрвандон ҷавобгӯ будани меъёрҳои қонунҳои амалкунанда;

- ҳамкории доимӣ ва ҳамаҷонибаи шохаҳои ҳокимияти давлатӣ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ;

- таҳлили мунтазами қонунгузорӣ, аз ҷумла мониторинги амалишавии санадҳои қонунгузорӣ бо мақсади муайян намудани сатҳи мутобиқати қонунгузорӣ ба ҳадафҳои сиёсии пешбинигардида;

- такмили қонунгузорӣ;

- бардоштани самаранокии раванди татбиқи ҳуқуқ;

- риоя ва иҷрои қатъии қонунҳо бо мақсади пешгирии поймолшавии ҳуқуқи инсон ва афзоиши ҷинояткорӣ, ҳимояи манфиатҳои давлат, ҷомеа, ташкилоту муассисаҳо, таъмини қонуният ва адолат [45].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23- юми декабри соли 2022 самтҳои зерини сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд:

- сари вақт ва босифат таъмин намудани заминаҳои ҳуқуқии рушди устувор ва босуръати мамлакат, амалигардии стратегияҳо, барномаҳои дарозмуддат ва миёнамуҳлат;

- ҳамаҷониба тақвият бахшидан ба фаъолияти мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, пеш аз ҳама, парламенти ҷумҳурӣ;

- боз ҳам тақвият бахшидан ба фаъолияти Маҷлиси Олӣ ҷиҳати қабули қонунҳои саривақтии мукаммал ва босифат;

- ҳамкории доимии парламент бо дигар мақомоти ҳуқуқэҷодкунанда, аз ҷумла бо субъектҳои дорои ҳуқуқи ташаббуси қонунгузорӣ ва татбиқи ҳуқуқ [46].

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28- уми декабри соли 2023 самтҳои мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд:

- танзими ҳуқуқии саривақтӣ ва ҳамаҷонибаи муносибатҳои ҷамъиятӣ бо мақсади таъмини рушди устувор ва босуръати Тоҷикистон;

- такмили мунтазами қонунгузорӣ бо дарназардошти ислоҳоти сиёсӣ, иқтисодӣ, иҷтимоӣ ва фарҳангӣ;

- вусъат бахшидан ба фаъолияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон дар самти таъмини асосҳои ҳуқуқии ислоҳоти соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа;

- аҳаммияти фаъолияти парламенти кишвар ҳамчун заминаи дастоварду пешравиҳои ҷомеа;

- такмили фаъолияти аъзои Маҷлиси миллӣ ва вакилони Маҷлиси намояндагон ҷиҳати ободу зебо сохтани кишвар, баланд бардоштани

сатҳу сифати зиндагии халқ, таҳкиму тақвияти обрӯи Тоҷикистон дар арсаи байналмилалӣ;

- таъмини волоияти қонун ҳамчун меҳвари фаъолияти мақомоти ҳокимияти судӣ ва ҳифзи ҳуқуқ;

- таъмин намудани дастрасӣ ба адолати судӣ ва иттилоот оид ба фаъолияти судҳо тавассути ҷорӣ намудани технологияҳои муосири электронӣ дар фаъолияти судҳо;

- амалӣ намудани меъёрҳои Конститутсия ҳамчун шарти созмон додани пояҳои устувори ҷомеа ва давлат, таҳкими сулҳу оромӣ, субботи сиёсӣ ва ваҳдати миллӣ, рушди устувори иқтисодии кишвар, муҳайё сохтани шароити зиндагии арзанда ва инкишофи озодона барои ҳар як шаҳрванди мамлакат [47].

Дар Паёми мазкур соли 2024 бо дарназардошти нақши маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон дар раванди бунёди ҷомеаи пешрафта ва адолатпарвар «Соли маърифати ҳуқуқӣ» эълон карда мешавад.

Дар Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат, муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28- уми декабри соли 2024 таъкид гардид, ки дар панҷсолаи минбаъда ҷиҳати пешбурди иқтисоди рақамӣ бояд ба самтҳои зерин диққати аввалиндараҷа дода шавад [48]:

Якум, такмили фаврии заминаҳои ҳуқуқӣ ва қабули санадҳои дахлдор дар самти гузариш ба иқтисоди рақамӣ.

Дуюм, то шабакаҳои панҷ – ҷӣ (5G) инкишоф додани инфрасохтори рақамӣ, рушди марказҳои коркарди маълумот, таъсиси махзани мукаммали миллии маълумот.

Сеюм, рақамикунонии пурраи хизматрасониҳои давлатӣ ва ташкили махзани ягонаи хизматрасониҳои давлатӣ.

Чорум, рушди сармояи инсонӣ бо роҳи омӯзиш ва бозомӯзии кадрҳо доир ба технологияҳои иттилоотӣ дар дохил ва хориҷи кишвар ва баланд бардоштани маърифати истифодаи технологияҳои рақамӣ.

Панҷум, истифодаи васеи зеҳни сунъӣ дар пешниҳоди хизматрасониҳо ва низоми бақайдгирии давлатӣ.

Шашум, андешидани чораҳо дар самти таъмин намудани амнияти киберии махзанҳои маълумот.

Ҳафтум, ташаккул додани соҳибкории рақамӣ ва рушди савдои электронӣ.

Ҷиҳати вусъат бахшидан ба равандҳои инноватсионӣ ва истифодаи ҳамаҷонибаи имкониятҳои технологияҳои рақамӣ дар иқтисодиёт дар паёми мазкур пешниҳод гардид, ки солҳои 2025 – 2030 «Солҳои рушди иқтисоди рақамӣ ва инноватсия» эълон карда шаванд.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунанд. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон мутобиқи банди 1, м. 69- и Конститутсия самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳуриро муайян мекунад [1]. Аз ин нуқтаи назар, паёмҳои сарвари давлат шакли амалӣ намудани салоҳияти конститутсионии Президент мебошанд. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ҳамчун «самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷӣ» изҳор карда мешаванд.

Самтҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ҷузъи сиёсати ҳуқуқии давлат буда, ба амалӣ гардидани сиёсати дохилӣ ва хориҷии давлат мусоидат мекунанд. Ташаббусҳои қонунгузории сарвари давлат, таклифҳо ва супоришҳои мушаххаси ӯ дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар паёмҳо ифода карда мешаванд, ба такмил ва инкишофи қонунгузории Тоҷикистон бо дарназардошти робитаҳои хориҷии давлат мусоидат мекунанд, зарурати такмили қонунгузориро дар робита бо хатарҳо ва таҳдидҳои ҷаҳонӣ пешбинӣ мекунанд.

Паёмҳои сарвари давлати Тоҷикистон заминаи ташаккулу рушди сиёсати хориҷии давлати Тоҷикистон мебошанд. Нақши паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар соҳаи сиёсати хориҷӣ дар мақолаи Ҳ.Р. Зарифов муфассал таҳқиқ карда мешавад.

Тавре муаллиф қайд мекунад, дар ҳар як Паёми Пешвои миллат «сиёсати хориҷӣ самти афзалиятнок диниста шуда, барои ташаккул ва пешрафти сиёсати хориҷӣ тадбирҳои саривақтӣ меандешанд» [297, с. 344].

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба амалӣ гардидани принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз ҷумла принсипҳои ошкорбаёнӣ, шаффофият, ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ мусоидат мекунанд. Паёмҳои сарвари давлат тавассути расонаҳои хабарӣ ба иттилои аҳли ҷомеа расонида мешаванд, дар мақомоти давлатӣ, муассисаҳои илмӣ, таҳсилотӣ, фарҳангӣ ва дигар, корхонаҳо, ташкилотҳо, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, дар байни шаҳрвандон муҳокима карда мешаванд. Паёмҳои сарвари давлат яке аз роҳҳои самараноки ҷалби ҷомеа ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд.

Дар таҷрибаи ҷаҳонӣ паёмҳои сарвари давлат таваҷҷуҳи аҳли ҷомеаро ба худ ҷалб мекунад, чунки онҳо ба дигаргуниҳо дар ҳаёти ҷомеа мусоидат мекунанд. Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон шакли нав ва самараноки ифодаи иродаи шаҳрвандони Тоҷикистон, ҳимояи манфиатҳои онҳо дар соҳаҳои гуногуни ҳаёти ҷомеа мебошанд. Тавре Э.С. Насриддинзода ва Ф.С. Сайнозимзода қайд мекунанд, «ҳамасола мардуми шарафманди Тоҷикистони соҳибистиқлол Паёми Президенти кишварро мунтазир мешаванд, чунки ба хубӣ эҳсос менамоянд, ки ҳар як Паём дар пасманзараш барои сокинони кишвар паёмадҳои нек доранд ва онҳоро ба фардои дурахшон боз ҳам наздиктар месозад» [380, с. 16].

Паёмҳои сарвари давлат танҳо бо ҳудуди мамлакат маҳдуд намешаванд. Онҳо тавассути воситаҳои ахбори омма ва технологияҳои иттилоотӣ дар саросари ҷаҳон паҳн карда мешаванд. Ин таҷриба дар ҳамаи давлатҳо ташаккул ёфтааст. Аз ин хотир, паёмҳои сарвари давлат яке аз роҳхои самараноки паҳн намудани иттилои ҳуқуқӣ оид ба сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар арсаи ҷаҳон мебошад.

Паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон омили такмили қонунгузорӣ мебошанд. Сарвари давлат дар паёмҳо бо

мақсади такмили қонунгузорӣ, аз ҷумла тағйири санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ дар таҳрири нав вазифаҳо, таклифҳо, супоришҳои мушаххас мегузорад. Бо ин паёмҳо ба зиммаи мақомоти давлатӣ, аз он ҷумла мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ вазифаҳои мушаххас оид ба такмили қонунгузорӣ гузошта мешаванд.

Дар заминаи паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳуҷҷатҳои стратегӣ, конспесияҳо ва барномаҳои давлатӣ дар соҳаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қабул карда мешаванд.

# ХУЛОСА

Дар натиҷаи таҳқиқи диссертатсионӣ **хулосаҳои** зерин пешниҳод мешаванд:

1. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ қисми таркибӣ ва намуди сиёсати ҳуқуқӣ мебошад. Мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, шаклу усулҳои амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти мафҳум, принсипҳо, мақсадҳо, вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда мешаванд. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти асосии сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки сиёсати ҳуқуқӣ маҳз дар ҳолати ифода гардиданаш дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ аҳаммияти амалӣ пайдо мекунад, ҳамчун воситаи танзими муносибатҳои ҷамъиятӣ баромад мекунад. Айни замон сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли асосии ифода, таъмин ва кафолати манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусии ҷомеа, гурӯҳҳои иҷтимоии аҳолӣ ва шахс буда, дар шароити рушди бахши хусусӣ, муносибатҳои бозорӣ, вусъат ёфтани фаъолияти соҳибкорӣ имконият медиҳад, ки манфиатҳои умумидавлатӣ ва хусусӣ дар қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ифода карда шаванд ва самаранокии танзими ҳуқуқии муносибатҳои ҷамъиятӣ бо дарназардошти ин манфиатҳо таъмин карда мешавад [**1-М**], [**2-М**], [**13-М**].

2. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, асосҳои ташкилӣ-ҳуқуқӣ, идеологӣ, илмии фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро, ки самти мустақил ва афзалиятноки сиёсати давлат мебошад, таъмин мекунад, бо дарназардошти ҳадафҳо ва афзалиятҳои сиёсати давлат дар соҳаи қабули санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ташаккулу рушди низоми қонунгузорӣ, мураттбасозии қонунгузорӣ, дастрасии иттилооти ҳуқуқӣ (оид ба санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ), ифодаи расмии ғояҳои ҳуқуқӣ, стратегияи танзими ҳуқуқӣ, пешгӯии рушди низоми қонунгузорӣ амалӣ карда мешавад [**11-М**], [**13-М**].

3. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти афзалиятноки сиёсати ҳуқуқӣ мебошад, чунки ба таҳкими асосҳои ҳуқуқии ҳаёти давлат ва ҷомеа мусоидат мекунад, самаранокии ҳамаи намудҳои дигари фаъолияти

ҳуқуқиро таъмин мекунад, ба ҳадафҳо ва вазифаҳои намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ таъсир мерасонад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, танзими самараноки ҳуқуқӣ бо дарназардошти инкишофи фазои ягонаи ҳуқуқӣ дар доираи иттиҳодияҳои байнидавлатӣ (ИДМ, СҲШ) мусоидат мекунад [11-М], [21-М].

4. Ҳангоми таҳқиқи таносуби сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо мафҳуми «ҳуқуқэҷодкунӣ» дар доираи мафҳуми васеи ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ташаккули ҳуқуқро ҳамчун давраи ибтидоии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ба инобат гирифтан зарур аст, чунки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккули заминаҳои ҳуқуқро дар ҳаёти ҷомеа дар робита бо талаботи объективӣ дар назар дорад. Мафҳуми васеи ҳуқуқ ба таҳқиқи таносуби субъектони босалоҳият ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад [9-М], [15-М].

5. Робитаи байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар он зоҳир мешавад, ки сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз як тараф, бо фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ алоқаманд буда, ба такмил ва рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад ва аз тарафи дигар, сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ танҳо бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешавад, чунки самтҳо ва дурнамои рушди фаъолияти ҳуқуқэҷодкуниро дар доираи таҳлили илмии омилҳои таъсиргузор ба ҳуқуқэҷодкунӣ, равандҳои нави ҳаёти ҷомеа, стратегияи танзими ҳуқуқии муносибатҳои бо суръати баланд тағйирёбанда ва ташаккулёбанда муайян мекунад [15-М].

6. Мубрамии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти суръати баланди фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, қабул, тағйир ва қатъи миқдори зиёди санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, саҳви ҳуқуқэҷодкунӣ, тағйироти куллии иҷтимоию иқтисодӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, қафомонии ҳуқуқэҷодкунӣ аз суръати баланди пешрафт ва тағйироти ҳаёти ҷомеа, зарурати танзими саривақтӣ ва самараноки

муносибатҳои тағйирёбанда ва нави ҷамъиятӣ, аҳаммияти вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар соҳаи танзими муносибатҳои бахши хусусӣ, вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ собит мегардад [8-М], [20-М].

7. Мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз мақсаду вазифаҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фарқ мекунанд, чунки, аз як тараф, ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат намуда, аз тарафи дигар, бо доираи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ маҳдуд намешаванд. Мақсадҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар доираи ҳадафҳои стратегии давлати Тоҷикистон, ҳуҷҷатҳои стратегии давлатӣ, мақсадҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқӣ муайян карда шуда, бо истифодаи шаклу усулҳои ба ин сиёсат хосбуда амалӣ карда мешаванд [21-М].

8. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон намудҳои зерин дорад: сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, парламенти Тоҷикистон, мақомоти марказии ҳокимияти иҷроия, мақомоти маҳаллии намояндагӣ, мақомоти маҳаллии ҳокимияти иҷроия, мақомоти худидоракунии маҳаллӣ (дар робита бо субъектони сиёсати мазкур); сиёсати қонунэҷодкунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии зерқонунӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии халқ (дар раъйпурсӣ), сиёсати ҳуқуқэҷодкунии локалӣ, сиёсати ҳуқуқэҷодкунии корпоративӣ (дар робита бо намудҳои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ); сиёсати ҳуқуқэҷодкунии соҳаи қонунгузории конститутсионӣ, маданӣ, оилавӣ, меҳнатӣ ва дигар (бо дарназардошти соҳаҳои гуногуни қонунгузорӣ) [15-М].

9. Доираи субъектон ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз доираи субъектони фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ васеътар аст. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ иштироки доираи номаҳдуди субъектонро на танҳо дар фаъолияти танзимшудаи ҳуқуқэҷодкунӣ, балки дар соҳаҳои дигари ҳаёти ҷомеа, ки бо ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, дар назар дорад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсат ва падидахои сиёсӣ, ҳуқуқ ва падидаҳои ҳуқуқӣ, фаъолияти илмӣ (муассисаҳои илмӣ, муассисаҳои таҳсилоти олии касбӣ,

дониши ҳуқуқӣ, иқтисодӣ, сиёсатшиносӣ, ҷомеашиносӣ ва дигар) робита дорад [31-М].

10. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ воситаи идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон имкониятҳои иштироки субъектон ва иштирокчиёни ҷудогонаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ гуногун аст. Мақомоти давлатӣ дар идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мутобиқи салоҳияти ҳокимиятӣ иштирок мекунанд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ва бевосита шаҳрвандон чунин салоҳияти ҳокимиятӣ надоранд, вале зимни иштирокашон дар амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо изҳори иродаи худ ба раванди идоракунии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд [31-М].

11. Иштироки шаҳрвандон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ шакли амалӣ гардидани ҳуқуқҳои сиёсии онҳо мебошад. Иштироки шаҳрвандон (халқ) дар раъйпурсӣ оид ба қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон ва қабули қонунҳо шакли демократии амалӣ гардидани ҳокимияти халқ буда, ба раванди ҳуқуқэҷодкунӣ таъсири ҳалкунанда мерасонад ва дар таносуб бо иштироки мақомоти давлатӣ дар сиёсати мазкур афзалияти бештар дорад, чунки ягон мақомоти давлатӣ дар Тоҷикистон салоҳияти қабули Конститутсия, ворид намудани тағйиру иловаҳоро ба он надорад [31-М].

12. Асосҳои илмии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо сатҳи инкишофи илми ҳуқуқшиносӣ ва ислоҳоти низоми таҳсилоти касбии ҳуқуқшиносӣ, муҳокимаи лоиҳаи қонунро бо иштироки доираи васеи аҳли ҷомеа, экспертизаи лоиҳаи қонун, мониторинги фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва татбиқи қонунҳо, сатҳи риояи техникаи ҳуқуқӣ, истифодаи воситаҳои нави танзими ҳуқуқӣ, ҷалби муассисаҳои илмӣ ва таҳсилотӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, дар доираи консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ташаккул меёбад [22-М], [34-М].

13. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо принсипҳои фаъолияти қонунгузорӣ, меъёрҳои ҳуқуқ, принсипҳои танзими ҳуқуқӣ, принсипҳои

ташкили сохти дохилии низоми қонунгузорӣ, принсипҳои намудҳои гуногуни фаъолияти ҳуқуқӣ, ба мисли мураттабсозии қонунгузорӣ, принсипҳои фаъолияти кодификатсионӣ, инчунин, принсипҳои техникаи ҳуқуқӣ алоқамандӣ доранд. Принсипҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар робита бо афзалиятҳои сиёсати мазкур, самтҳои мубрами танзими ҳуқуқии муносибатҳои инкишофёбандаи ҷамъиятӣ, ислоҳоти васеи иқтисодӣ, иҷтимоӣ, сиёсӣ, фарҳангӣ, ҳуқуқӣ, инкишофи низоми ҳуқуқ, низоми қонунгузорӣ ва низоми ҳуқуқӣ, такмили қонунгузории Тоҷикистон муайян карда мешаванд [12-М], [14-М].

14. Иштироки шаҳрвандон дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ яке аз принсипҳои муҳимми сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар Тоҷикистон мебошад. Афзалияти принсипи мазкур дар байни принсипҳои дигари сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ дар он аст, ки сиёсати мазкур бо иштироки доираи васеи иштирокдорон ба роҳ монда мешавад. Ба инобат гирифтани афкори ҷамъиятӣ дар шаклҳои зерин истифода мешавад: ба муҳокимаи шаҳрвандон пешниҳод намудани лоиҳаи қонунҳо; иштироки доираи васеи шаҳрвандон, ташкилотҳои сиёсӣ ва ҷамъиятӣ дар муҳокимаи лоиҳаи қонун; пешниҳоди таклифҳо оид ба мукаммал намудани лоиҳаи қонун; ворид намудани тағйиру иловаҳо ба лоиҳаи қонун мутобиқи таклифҳо. Раъйпурсӣ яке аз шаклҳои асосии ҳуқуқэҷодкунии бевоситаи шаҳрвандон, ба инобат гирифтани иродаи халқ, амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад [14-М].

15. Вазъи ҳуқуқии субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ аз ҳамдигар фарқ дорад. Мақомоти давлатӣ салоҳияти ҳокимиятӣ дошта, дар ташаккулу амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо истифода аз имкониятҳои таъсиррасонии давлатӣ, роҳандозии тадбирҳои давлатӣ, истифодаи чораҳои таъсиррасонии ҳуқуқӣ иштирок мекунанд. Ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, шаҳрвандон, муассисаҳои илмӣ, олимони алоҳида, муассисаҳои олии таҳсилотӣ, экспертҳо, воситаҳои ахбори омма ба амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ таъсир мерасонанд [31-М].

16. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон намуди мустақили сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Вазъи махсуси ҳуқуқӣ ва сиёсии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ҳамчун Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат ба ӯ имконият медиҳад, ки дар муайян намудани ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои аввалиндараҷаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда бозад. Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон дар ҳалли масъалаҳое, ки бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робита доранд, салоҳияти номаҳдуд дорад. Салоҳияти назоратии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон ба амалӣ гардидани сиёсати ҳуқуқэҷодкунии сарвари давлат мусоидат мекунад [**31-М**].

17. Муҳокимаи умумихалқии лоиҳаи қонун дар Тоҷикистон шакли иштироки бевоситаи шаҳрвандон дар сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад, иштироки категорияҳои гуногуни шаҳрвандонро дар муҳокимаи лоиҳаи қонун, сарфи назар аз миллат, нажод, вазъи иҷтимоӣ, мансубияти динӣ таъмин мекунад, яке аз шаклҳои таъмини демократияи бевосита, кафолати таъмини принсипи ошкорбаёнӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ буда, ба шаҳрвандон барои изҳори ирода, пешниҳоди эродҳо оид ба камбудиҳои лоиҳаи қонун ё таклифҳо оид ба такмили лоиҳаи қонун шароити мусоид фароҳам меорад, шакли экспертизаи ҷамъиятии лоиҳаи қонун аз тарафи шаҳрвандон мебошад [**31-М**].

18. Дар давраи вусъати фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нуфузи техникаи ҳуқуқӣ боло меравад, чунки миқдори зиёди қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, ки дар робита бо талаботи нави танзими ҳуқуқӣ қабул мешаванд, зарурати таъмини сифати онҳоро бо мақсади пешгирии ихтилофоти байни санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, камбудиҳо дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, норасоиҳо дар матни санадҳо талаб мекунад. Вазифаи таъмини низоми мураттаби санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ, аз байн бурдани ихтилофоти байни онҳо, таъмини сифати санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ҳамчун омили танзими самараноки муносибатҳои ҷамъиятӣ бо роҳи риояи техникаи ҳуқуқӣ ҳалли худро ёфта метавонад [**17-М**].

19. Дар байни ҳамаи намудҳои техникаи ҳуқуқӣ маҳз техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ робитаи бевосита дорад. Аҳаммияти техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ барои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла барои фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, бо дарназардошти омилҳои зерин собит мегардад: Нақши техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ҳамчун воситаи амалӣ намудани сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ масъалаи нави илмӣ буда, солҳои охир дар ҳошияи мубрамии сиёсати мазкур таҳқиқ карда мешавад. Робитаи байни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ҳангоми пешниҳоди мафҳуми «сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ» аз тарафи як қатор олимон ба инобат гирифта мешавад [23-М].

20. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ хусусияти касбӣ дошта, кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ бояд маҳорати баланди касбӣ дошта бошанд. Маҳорати касбиии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ сатҳи баланди дониши ҳуқуқӣ, шуури ҳуқуқӣ, фарҳанги ҳуқуқӣ, истеъдод ва маҳорати фаъолияти касбии онҳоро дар назар дорад. Ҷузъи таркибии маҳорати касбии кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкуниро техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ташкил медиҳад. Ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз намудҳои фаъолияти касбии ҳуқуқӣ буда, дар доираи назария ва қоидаҳои амалии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба роҳ монда мешавад [32-М].

21. Фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ фаъолияти дақиқ ва ҳаматарафа танзимшуда мебошад. Фаъолияти мазкур бо санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ танзим карда мешавад. Ҳолати мазкур, аз ҷумла масъулияти баланди кормандони мақомоти ҳуқуқэҷодкунӣ, танзими дақиқи ин фаъолият ва зарурати риояи қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ба ташаккул ва амалишавии сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад. Сиёсати мазкур ба такмили асосҳои меъёрии ҳуқуқии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ равона карда мешавад [32-М].

22. Ақидаи олимон оид ба робитаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ бо сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, фаъолияти тафсирӣ, ҳуқуқтатбиқкунӣ қобили қабул аст. Айни замон мафҳуми «техникаи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ»

маънои аслии мафҳуми «сиёсати ҳуқуқӣ»-ро бо масъалаҳои техникӣ маҳдуд мекунад. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ намуд ва самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ, дар доираи таҳия ва амалӣ намудани стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои гуногуни давлатӣ, ба мақсади муайян намудани стратегия ва тактикаи фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ амалӣ карда мешавад [**9-М**], [**13-М**].

23. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо дарназардошти арзишҳо ва анъанаҳои фарҳанги миллии умумӣ, сатҳи фарҳанги ҳуқуқии кормандони мақомоти давлатӣ, ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ, гурӯҳҳои гуногуни аҳолӣ ташаккул меёбад ва амалӣ карда мешавад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ боло бурдани фарҳанги ҳамаи субъектҳо ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро дар назар дорад. Ҷалби шаҳрвандон ва ниҳодҳои ҷомеаи шаҳрвандӣ ба фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ яке аз роҳҳои самараноки боло бурдани фарҳанги ҳуқуқэҷодкунии онҳо мебошад. Фарҳанги ҳуқуқэҷодкунӣ аз маҷмуи арзишҳои иҷтимоӣ-ҳуқуқӣ, аз он ҷумла арзишҳои ахлоқӣ-маънавӣ иборат буда, ба тарбияи ҳуқуқӣ ва боло бурдани маърифати ҳуқуқии шаҳрвандон мусоидат менамояд [**35-М**].

24. Дар ҷомеаи иттилоотӣ, дар робита бо истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ тағйир меёбанд. Рақамигардии муносибатҳои ҷамъиятӣ яке аз омилҳои асосие мебошад, ки ба рақамигардонии фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунад, чунки танзими ин муносибатҳои нав такмили қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкуниро талаб мекунад. Дар раванди ҳуқуқэҷодкунӣ системаҳои автоматии таҳлилӣ якҷоя бо технологияҳои рақамӣ ҷорӣ карда мешаванд. Муҳокимаи электронии лоиҳаҳои қонунҳо ва дигар санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ самти нав ва мубрами сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ мебошад. Айни замон истифодаи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзими ҳуқуқиро талаб мекунад [**24-М**].

25. Паёмҳои Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат, Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон дар инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ нақши ҳалкунанда доранд, чунки дар онҳо ҳадафҳо, афзалиятҳо, вазифаҳои мубрам ва самтҳои асосии такмил ва инкишофи сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ муайян карда мешаванд. Паёмҳои сарвари давлат заминаи қабули санадҳои нави меъёрии ҳуқуқӣ ва такмили қонунгузории амалкунанда, шакли амалӣ намудани ҳуқуқи ташаббуси қонунгузории Президент ва амалӣ намудани салоҳияти сарвари давлат дар соҳаи ҳуқуқэҷодкунӣ мебошанд [**18-М**], [**19-М**].

## ТАВСИЯҲО ОИД БА ИСТИФОДАИ АМАЛИИ НАТИҶАҲОИ ТАҲҚИҚОТ

1. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ самти мустақили сиёсати ҳуқуқӣ буда, аз намудҳои дигари сиёсати ҳуқуқӣ фарқ дорад. Мақсадҳо, афзалиятҳо, вазифаҳо, принсипҳо, субъектони сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, шаклу усулҳои амалӣ намудани сиёсати мазкур дар ҳуҷҷати алоҳида бояд муайян карда шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки Консепсияи сиёсати ҳуқуқэҷодкунии Ҷумҳурии Тоҷикистон таҳия ва қабул карда шавад [**13-М**].

2. Мақсаду вазифаҳое, ки дар суханрониҳо, баромадҳо, паёмҳои Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон, ҳуҷҷатҳои давлатии стратегӣ, консептуалӣ ва барномавӣ муайян карда мешаванд, ҳангоми муайян намудани стратегияи рушди қонунгузорӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки ба Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тағйироту иловаҳо дар бахши самтҳои стратегии такмили қонунгузорӣ бо дарназардошти дурнамои рушди ҷомеа ворид карда шаванд [**18-М**], [**19-М**].

3. Мақсадҳо ва афзалиятҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ, ки дар доираи таҳқиқоти мазкур муайян карда шуданд, ҳангоми таҳияи нақшаҳои

лоиҳаи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ бояд ба инобат гирифта шаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» тағйироту иловаҳо ворид карда шаванд [**21-М**].

4. Дар Тоҷикистон, сарфи назар аз ташаккули таҷрибаи муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, тартиби гузаронидаи ин маъракаи муҳимми ҳуқуқэҷодкунӣ дар санадҳои меъёрии ҳуқуқии махсус танзим карда нашудааст. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо дар Ҷумҳурии Тоҷикистон» қабул карда шавад. Дар он мақсадҳои муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, кафолатҳои шаҳрвандон ба иштироки бевосита дар ин маърака, тартиби пешниҳоди лоиҳаи қонунҳо ба муҳокимаи умумихалқӣ, тартиби баргузории муҳокимаи умумихалқии лоиҳаҳои қонунҳо, ба расмият даровардани натиҷаҳои муҳокимаи умумихалқӣ, ба инобат гирифтани таклифҳо ва эродҳои шаҳрвандон оид ба лоиҳаи қонун, тартиби интишори расмии натиҷаи ниҳоии муҳокимаи умумихалқӣ, иштироки воситаҳои ахбори омма дар муҳокимаи умумихалқӣ, иттилоотонии ҷараёни муҳокимаи умумихалқӣ бояд муайян ва танзим карда шаванд [**31-М**].

5. Таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Низомномаи Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон иловаҳои зерин ворид карда шаванд:

- дар банди 1- и Низомнома ҷумлаи зерин илова карда шавад: «Маркази миллии қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар амалӣ намудани сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ иштирок намуда, асосҳои илмию методологии онро таъмин мекунад»;

- дар банди 2 (6)- и Низомнома, ки дар он вазифаҳои ММҚ ифода ёфтаанд, сархати зерин илова карда шавад: «- ҳадафҳо, афзалиятҳо ва вазифаҳои сиёсати ҳуқуқэҷодкуниро муайян мекунад»;

- дар банди 7- и Низомнома сархати зерин илова карда шавад: «- барои таҳияи лоиҳаи стратегияҳо, консепсияҳо, барномаҳои давлатӣ, ки

бо сиёсати ҳуқукэҷодкунӣ робита доранд, гурӯҳҳои корӣ ташкил медиҳад ва дар мувофиқа бо мақомоти давлатӣ ва ташкилотҳои дахлдор кормандони онҳоро ба ин гурӯҳҳои корӣ дохил мекунад».

6. Дар ҷомеаи демократӣ техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ бояд дастраси доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бошад. Ин ба демократигардонии техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ мусоидат мекунанд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки маводи илмӣ ва методӣ бо мақсади паҳн намудани қоидаҳои техникаи ҳуқуқэҷодкунӣ ва дастрасии онҳо ба доираи васеи субъектон ва иштирокчиёни фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ нашр карда шавад [**23-М**].

7. Ҳуқуқи халқи Тоҷикистон ба қабул ва эълон намудани Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон дар дебочаи Конститутсия мустаҳкам карда шудааст. Дар дигар моддаҳои Конститутсияи ҷумҳурӣ меъёрҳои алоҳида оид ба қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия пешбинӣ намешаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки дар қисми 1, м. 6- и Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон, ки халқро баёнгари соҳибихтиёрӣ ва сарчашмаи ягонаи ҳокимияти давлатӣ эълон мекунад, ҳуқуқи истисноии халқи Тоҷикистон ба қабул, тағйир ва иловаҳои Конститутсия дар раъйпурсии умумихалқӣ илова карда шавад [**31-М**].

8. Тартиби муҳокимаҳои умумихалқии лоиҳаҳои тағйироту иловаҳо ба Конститутсияи Тоҷикистон, муҳокимаҳои ҷамъиятии лоиҳаҳои қонунҳо, қабул, тағйиру иловаҳои Конститутсия, қабули қонунҳо дар раъйпурсӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» танзим карда намешавад. Қонуни мазкур тартиби қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қатъ намудани амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистонро танзим намекунад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод мешавад, ки Қонуни конститутсионӣ «Дар бораи тартиби қабул, ворид намудани тағйиру иловаҳо ва қатъ намудани амали Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон» таҳия ва қабул карда шавад [**32-М**].

9. Сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ бо ҳамаи намудҳо ва шаклҳои имконпазири фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ, аз он ҷумла ҳуқуқэҷодкунии локалӣ ва корпоративӣ, алоқаманд аст. Айни замон ҳуқуқэҷодкунии локалӣ ва корпоративӣ бо санадҳои меъёрии ҳуқуқии зерқонунии дахлдор танзим карда мешавад. Бо дарназардошти волоияти қонун дар давлати ҳуқуқбунёд таклиф пешниҳод мешавад, ки тартиби таҳия, қабул, интишор, мураттабсозии санадҳои меъёрии ҳуқуқии локалӣ ва корпоративӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» ё дар қонуни алоҳида танзим карда шавад [**8-М**].

10. Дар Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон тадбирҳо дар бахши таъмини сифати қонун асосан бо такмили қонунгузорӣ маҳдуд карда мешаванд. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки Консепсияи мазкур бо маҷмуи чораҳои иловагӣ оид ба таъмини сифати қонун (мутобиқати шакл ва мазмуни қонун, афзалияти ченаки фарҳангӣ-тамаддунии сифати қонун ва дигар), ки дар диссертатсия пешниҳод шудаанд, илова карда шавад. Сифати қонун тавассути тадбирҳои муайян, ки бо хусусиятҳои сифатнокии қонун робита доранд, таъмин карда мешавад [**17-М**].

11. Таклиф пешниҳод мешавад, ки ба Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2028 бандҳои махсус оид ба таъмини сифати қонун ҳамчун мақсади сиёсати ҳуқуқэҷодкунӣ илова карда шаванд [**16-М**], [**33-М**].

12. Таклиф пешниҳод карда мешавад, ки системаҳои иттилоотии автоматӣ, ки ҳоло дар Тоҷикистон истифода мешаванд, такмил дода шуда, ба онҳо маълумоти кофии илмӣ, методӣ, тафсирӣ (тафсирҳо ба қонунҳо ва кодексҳо, тавсияҳои методӣ оид ба такмили фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ ва фаъолияти татбиқи ҳуқуқ, тавсияҳои илмӣ, натиҷаҳои мониторинги татбиқи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ) дохил карда шавад. Дар ин ҳолат системаҳои автоматии иттилоотӣ хусусияти системаҳои таҳлилиро пайдо мекунанд.

13. Бо истифодаи зеҳни сунъӣ имкониятҳои таҳлилии системаҳои автоматии иттилоотӣ васеътар мешаванд. Зеҳни сунъӣ таҳлили ҳаматарафаи иттилооти ҳуқуқӣ ва дигар иттилоотро, ки дар системаҳои иттилоотӣ ҷойгир карда шудааст, мегузаронад. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки системаҳои автоматии иттилооти ҳуқуқии Тоҷикистон бо истифодаи васеи технологияҳои рақамӣ, аз ҷумла зеҳни сунъӣ, такмил дода шаванд [**24-М**].

14. Истифодаи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ танзими ҳуқуқиро талаб мекунад. Татбиқи технологияҳои иттилоотӣ дар фаъолияти ҳуқуқэҷодкунӣ дар Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» пешбинӣ мешавад. Аммо тартиби татбиқи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ дар сатҳи Қонуни мазкур ҳоло танзим нашудааст. Аз ин хотир, таклиф пешниҳод карда мешавад, ки ба Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» меъёрҳои нав бо мақсади танзими татбиқи технологияҳои рақамӣ ва зеҳни сунъӣ илова карда шаванд [**24-М**].

# РӮЙХАТИ АДАБИЁТ

## I. Санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ ва ҳуҷҷатҳои расмӣ:

[1]. Конститутсияи Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6-уми ноябри соли 1994 бо тағйиру иловаҳо аз 26 сентябри соли 1999, 22 июни соли 2003 ва 22 майи соли 2016 (бо забонҳои тоҷикӣ ва русӣ) [Матн]. – Душанбе: Ганҷ, 2016. – 135 с.

[2]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Асосгузори сулҳу ваҳдати миллӣ – Пешвои миллат» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳури Тоҷикистон. – 2016. № 11, мод. 872.

[3]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи вазъи ҳуқуқии узви Маҷлиси миллӣ ва вакили Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2001, № 7, мод. 517; с. 2003, № 12, мод. 689; с. 2004, № 12, қ. 1, мод. 698; с. 2005, № 7, мод. 397; с. 2006, № 3, мод. 145; с. 2007, № 7, мод. 654; с. 2011, № 12, мод. 831, мод. 832; с. 2012, № 8, мод. 812; с. 2016, № 7, мод. 601; с. 2017, №7-9, мод. 564. Қонуни констутсилонии ҶТ аз 8.12.2003 № 61, аз 9.12.2004 № 71, аз 25.07.2005 № 106, аз 3.03.2006 № 163, аз 30.07.2007 № 304, аз 26.12.2011 № 795, аз 26.12.2011 № 796, аз 01.08.2012 № 897, аз 23.07.2016 № 1324, аз 18.07.2017 № 1454, аз 17.12.2020 № 1749, аз 25.06.2021 № 1799, аз 08.06.2022 *№ 1871*, аз 19.07.2022 № 1889.

[4]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти маҳаллии ҳокимияти давлатӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2004, № 5, мод. 339; с. 2006, № 11, мод. 472; с. 2009, № 12, мод. 814; с. 2010, № 12, қ. 1, мод. 800; с. 2013, № 3, мод. 179, № 7, мод. 500; с. 2017, № 5, қ. 1, мод. 268, № 7, мод. 464; с. 2020, № 1, мод. 1. Қонуни конститутсионии ҶТ аз 21.11.2006 № 211, аз 3.12.2009 № 576, аз 29.12.2010 № 653, аз 19.03.2013 № 960, аз 22.07.2013 № 1012, аз 30.05.2017 № 1411, аз 19.07.2019 № 1641, аз 2.01.2020 № 1670, аз 17.12.2020 № 1748, аз 25.01.2021 № 1800, аз 08.06.2022 № 1872.

[5]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти прокуратураи Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷллиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. 2005. № 7, мод. 398; 2006. № 3, мод. 141; 2007. № 5, мод. 350. № 7, мод 652; 2013. № 7, мод. 497, мод. 498. № 12, мод. 876; 2014. № 3, мод. 139. № 12, мод. 820; 2016. № 3, мод. 125; 2017. № 5, мод. 267; 2019. № 6, мод. 308. Қонуни конститутсионии ҶТ аз 17.12.2020, № 1725, аз 29.01.2021, № 1752, аз 24.12.2022, № 1917, аз 13.11.2023, № 1983.

[6]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 2000, № 4, мод. 108; с. 2004, № 5, мод. 351; с. 2007, № 5, мод. 351; с. 2008, № 10, мод. 796; с. 2010, № 7, мод. 539, № 12, қ. 1, мод. 801; с. 2011, № 12, мод. 830; с. 2013, № 3, мод. 178, № 7, мод. 499; с. 2016, № 3, мод. 126, № 7, мод. 600; с. 2017, № 7-9, мод. 563. Қонуни конститутсионӣ аз 17.05.2004 № 40, аз 12.05.2007 № 255, аз 06.10.2008 № 443, аз 21.07.2010 № 622, аз 29.12.2010 № 654, аз 26.12.2011 № 794, аз 19.03.2013 № 959, аз 22.07.2013 № 1011, аз 15.03.2016 № 1273, аз 23.07.2016 № 1323, аз 18.07.2017 № 1453, аз 25.06.2021 № 1798.

[7]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи раъйпурсии Ҷумҳурии Тоҷикистон» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон, с. 1995, № 21, мод. 245; с. 2001, № 4, мод. 212; с. 2008, № 12, қ. 1, мод. 983. (Қонуни конститутсионии ҶТ аз 12.05.2001 № 27, аз 31.12.2008 № 458, аз 3.08.2018 № 1542.

[8]. Қонуни конститутсионии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 12 майи соли 2001 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2001, № 4, мод.215; 2003, № 4, мод.152; 2008, № 1, қ.1, мод.1; 2009, № 12, мод.813; 2016, № 7, мод.602.

[9]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон» аз 20 июни соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://jumhuriyat.tj (санаи муроҷиат 1.09.2024).

[10]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи иттиҳодияҳои ҷамъиятӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с. 2007, №5, мод. 363; с. 2008, №3, мод. 202; с.2010, №7, мод. 554; с.2013, №3, мод.202; Қонунҳои ҶТ аз 8.08.с. 2015, № 1210; аз 23.11.2015 с., № 1242; аз 02.01.2019 с., № 1575; ҚҶТ аз 25.06.2021 с., №1801.

[11]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи мақомоти худидоракунии шаҳрак ва деҳот» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2009. № 7-8, мод. 503; 2012. № 4, мод. 277. № 8, мод. 833; 2015. № 11, мод. 964; Қонунҳои ҶТ аз 30.05.2017. № 1431; аз 04.04.2019. № 1598.

[12]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи ҳизбҳои сиёсӣ» [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – с. 1998, №22, мод. 300; Қонуни ҶТ аз 8.08. 2015 с., № 1209; аз 19.07.2019 с., №1643.

[13]. Қонуни Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи санадҳои меъёрии ҳуқуқӣ» аз 18 майи соли 2017, №1414 [Матн] // Ахбори Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон. – 2017. № 5, қ. 1, мод. 271.

[14]. Кодекси меҳнати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 17 июни соли 2016, бо тағйиру иловаҳо мутбики Қонуни Ҷумҳурии тоҷикистон аз 19.07.2022, № 1897 ва аз 22.06.2024, № 2054 [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/system/files/Legislation/1329-tj.pdf (санаи муроҷиат 1.09.2024).

[15]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2014, № 94 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи аграрӣ ва ҳифзи муҳити зист барои солҳои 2012-2015» [Захираи электронӣ]. – Манбаидастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13663 (санаи муроҷиат 15.08.2024).

[16]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 95 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани

Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи таъминоти ҳуқуқии муносибатҳои байналмилалӣ барои солхои 2012-2015» [Захираи электронӣ]. – Манбаидастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13666 (санаи муроҷиат 15.08.2024).

[17]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 96 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи қонунгузории маданӣ ва соҳибкорӣ барои солҳои 2012-2015» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13668 (санаи муроҷиат 15.08.2024).

[18]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 марти соли 2012, № 97 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи сохти давлатӣ, ҳифзи ҳуқуқӣ, мудофиа ва амният ббарои солҳои 2012-2015» [Захираи электронӣ]. –Манбаидастрасӣ: http://portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13669 (санаи муроҷиат 15.08.2024).

[19]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 3 апрели соли 2012, № 143 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи молия, андоз ва фаъолияти бонкӣ барои солҳои 2012-2015» [Захираиэлектронӣ]. – Манбаидастрасӣ: http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13792 (санаи муроҷиат 15.08.2024).

[20]. Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз аз 3 апрели соли 2012, № 144 «Дар бораи тасдиқи Барномаи давлатӣ дар бораи амалӣ намудани Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон дар соҳаи меҳнат, ҳифзи иҷтимоӣ ва маориф барои соҳои 2012-21015» [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ:

http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=13795 (санаи мурочиат 15.08.2024).

[21]. Закон Республики Беларусь «О нормативных правовых актах» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://zakony-by.com/zakon_rb_o_normativnyh_pravovyh_aktah.htm (санаи мурочиат 16.09.2024).

[22]. Закон Республики Казахстан «О правовых актах»: [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://adilet.zan.kz/rus/docs/Z1600000480 (санаи мурочиат 16.09.2024).

[23]. Дастури чаласаҳои якчояи Маҷлиси миллӣ ва Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Точикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат 1.09.2024).

[24]. Дастури Маҷлиси миллии Маҷдиси Олии Ҷумҳурии Точикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат 1.09.2024).

[25]. Дастури Маҷлиси намояндагони Маҷдиси Олии Ҷумҳурии Точикистон [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://tg.wikipedia.org/wiki/ (санаи мурочиат 1.09.2024).

[26]. Доклад Совета Федерации Федерального Собрания РФ 2007 г. «О состоянии законодательства в Российской Федерации» [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://council.gov.ru/lawmaking/report/2007/index.html (санаи мурочиат 31 августи соли 2020).

[27]. Консепсияи иқтисоди рақамӣ дар Ҷумҳурии Точикистон. Бо Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Точикистон аз 30 декабри соли 2019, № 642 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: URL: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=135418 (санаи мурочиат 18.10.2024).

[28]. Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Точикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Точикистон аз 19 феврали соли 2011, № 2011 (Фармони Президенти Ҷумҳурии Точикистон

аз 25 августи соли 2015, № 551 «Дар бораи ворид намудани тағйирот ба Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 19 феврали соли 2011, № 2011») тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=12607 (санаи муроҷиат 19.08.2024).

[29]. Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2018. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 6 феврали соли 2018, № 1005 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?Rgn=130946 (санаи муроҷиат 19.08.2024).

[30]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2005 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи муроҷиат 9.10.2024).

[31]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2006 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи муроҷиат 9.10.2024).

[32]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 30 апрели соли 2007 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи муроҷиат 10.10.2024).

[33]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 25 апрели соли 2008 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи муроҷиат 10.10.2024).

[34]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 15 апрели соли 2009 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи муроҷиат 10.10.2024).

[35]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 16 апрели соли 2010 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[36]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2011[Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[37]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 20 апрели соли 2012 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[38]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 26 апрели соли 2013 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[39]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 апрели соли 2014 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/6598 (санаи мурочиат 8.10.2024).

[40]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 23 январи соли 2015 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[41]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон 21 январи соли 2016 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=32762 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[42]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2017 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ:

http://www.president.tj/node/16771#k_mastchoh (санаи мурочиат 10.10.2024).

[43]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2018 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/ru/node/19089#kushoniyon (санаи мурочиат 6.10.2024).

[44]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 декабри соли 2019 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/main/view/5441/ (санаи мурочиат 6.10.2024).

[45]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 26 январи соли 2021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/19088 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[46]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 23 декабри соли 2022 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://president.tj/node/29823 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[47]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат муҳтарам Эмомалӣ Раҳмонов ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 28 декабри соли 2023 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.president.tj/node/32191 (санаи мурочиат 10.10.2024).

[48]. Паёми Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон муҳтарам Эмомалӣ Раҳмон ба Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи самтҳои асосии сиёсати дохилӣ ва хориҷии ҷумҳурӣ» санаи 28 декабри соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://president.tj/event/missives/49225 (санаи мурочиат 30.12.2024).

[49]. Стратегияи рушди зеҳни сунъӣ дар Ҷумхурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2040. Б Қарори Ҳукумати Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 30

сентябри соли 2022, № 483 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.portali-huquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=26592 (санаи мурочиат 18.10.2024).

[50]. Низомномаи Маркази миллии қонунгузории назди Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон. Бо Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 27 ноябри соли 2014, № 288 (бо тағйиру иловаҳо аз 13 январи соли 2017, № 813) тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ: https://mmk.tj/node/35 (санаи мурочиат 31.08.2024).

[51]. О совершенствовании законопроектной деятельности Правительства Российской Федерации: Постановление Правительства Российской Федерации от 15 апреля 2000 года № 347 [Текст] // Собрание законодательства РФ. 2000. № 17, ст. 1877.

[52]. Оинномаи Донишгоҳи миллии Тоҷикистон [Захираи электронӣ]. –Манбаи дастрасӣ: https://tnu.tj (санаи мурочиат 1.09.2024).

[53]. Стратегияи рушди милии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои давраи то соли 2030. Бо Қарори Маҷлиси намояндагони Маҷлиси Олии Ҷумҳурии Тоҷикистон аз 1 декабри соли 2016, № 636 тасдиқ шудааст [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://www.gki.tj/nsr2030_ru.pdf (санаи мурочиат 22.08.2024).

[54]. Суханронии Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон, Пешвои миллат Эмомалӣ Раҳмон дар мулоқот бо аҳли илм ва маорифи кишвар санаи 30 майи соли 2024 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: https://mfa.tj/tg/paris/view/14665 (санаи мурочиат 24.08.2024).

[55]. Указ Президента РФ «Об общественном обсуждении проектов федеральных конституционных законов и федеральных законов» от 9 февраля 2011 года, № 167. – Официальный сайт Президента РФ: URL: http://kremlin.ru/acts

[56]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон «Дар бораи тасдиқ намудани Консепсияи сиёсати ҳуқуқии Ҷумҳурии Тоҷикистон барои солҳои 2018-2018» аз 6 феврали соли 2018, № 1005 [Захираи электронӣ]. –

Манбаи дастрасӣ: http://www.adlia.tj/show_doc.fwx?rgn=130946&conttype=3 (санаи муроҷиат 19.08.2024).

[57]. Фармони Президенти Ҷумҳурии Тоҷикистон Эмомалӣ Раҳмон «Дар бораи Консепсияи пешгӯии инкишофи қонунгузории Ҷумҳурии Тоҷикистон» аз 19 феврали соли 2011, № 1021 [Захираи электронӣ]. – Манбаи дастрасӣ: http://portalihuquqi.tj/publicadliya/view_qonunhoview.php?showdetail=&asosi_id=12606 (санаи муроҷиат 24.08.2024).

## II. Монографияҳо, китобҳои дарсӣ, воситаҳои таълимӣ:

[58]. Алексеев, С. С. Механизм правового регулирования в социалистическом государстве [Текст] / С. С. Алексеев. – М.: Юридическая литература, 1966. – 186 с.

[59]. Алексеев, С.С. Общая теория права: в 2-х томах [Текст] / С.С. Алексеев. – Т. 2. – М.: Юридическая литература, 1982. – 360 с.

[60]. Алексеев, С.С. Основы правовой политики в России: Курс лекций / [Текст] / С.С. Алексеев. – М., 1995. – 128 с.

[61]. Алексеев, С.С. Право: азбука – теория – философия: Опыт комплексного исследования [Текст] / С.С. Алексеев. – М.: «Статут», 1999. – 712 с.

[62]. Алексеев, С.С. Проблемы теории права. В 2 т. Т. 2. [Текст] / С.С. Алексеев – Свердловск: Свердловский юридический институт, 1973. – 396 с.

[63]. Алексеев, С.С. Собрание сочинений: в 10 т. [Текст] / С. С. Алексеев. – М.: Статут, 2010. – Т. 3: Проблемы теории права. Курс лекций. – С. 399. – 781 с.

[64]. Байниязова, З.С. Концепция должного и сущего в правовой политике [Текст] // Правовая политика: от концепции к реальности / З.С. Байниязова; под. ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2004. – 336 с.

[65]. Баранов, В.М. Концепция законопроекта [Текст] / В.М. Баранов. Н. Новгород, 2003. – 167 с.

[66]. Баранов, В.М. Концепция законопроекта; понятие, элементы, виды, проблемы реализации [Текст] // Законотворческая техника современной России: состояние, проблемы, совершенствование: Сб. ст. / В.М. Баранов; под ред. В. М. Баранова. – Н. Новгород, 2001. – С. 98.

[67]. Баранов, В.М. Очерки техники правотворчества [Текст] / В.М. Баранов. Избранные труды. – Н. Новгород, 2015. – 666 с.

[68]. Бачинин, В.А. Основы социологии права и преступности [Текст] / В.А. Бачинин. – СПб., 2001. – 308 с.

[69]. Беккариа, Ч. О преступлениях и наказаниях [Текст] / Ч. Бекариа Сост. и предсл. В.С. Обнинского. – М., 2004. – 184 с.

[70]. Бержель, Ж.Л. Общая теория права [Текст] / Ж.Л. Бержель. – М., 2000. – 576 с.

[71]. Берман, Г.Д. Западная традиция права: эпоха реформирования [Текст] / Г.Д. Берман. – Москва, 1998. – 624 с.

[72]. Богославский, Е.А. Контроль и надзор как форма реализации правовой политики. Монография [Текст] / Е.А. Богославский. – М.: НИИ ИЭП, 2015. – 122 с.

[73]. Боер, В.М., Павельева О.Г. Информационное право: учебное пособие [Текст] / В.М. Боер, О.Г. Павельева. – Санкт-Петербург: СПбГУАП, 2006. – 116 с.

[74]. Большой юридический словарь [Текст] / Под ред. А. Я. Сухарева, В. Е. Крутских. 2-е изд., перераб. и доп. – М.: ИНФРА-М, 2003. – 703 с.

[75]. Булаков, О.Н., Рязанцев, И.Н. Парламентское право России: Курс лекций [Текст] / Под ред. О.Н. Булакова. – М.: Юстицинформ, 2007. – 296 с.

[76]. Бэкон, Ф. Сочинения в 2-х томах [Текст] / Ф. Бэкон. – 2-е изд., исп. и доп. – М.: Мысль, 1978. Т. 2. – 593 с.

[77]. Васильев, А.М. Правовые категории [Текст] / А.М. Васильев. – М., 1976. – С. 146 – 149.

[78]. Венгеров А.Б. Теория государства и права [Текст] / А.Б. Венгеров. – С. 477.

[79]. Ветютнев, Ю.Ю. Государственно-правовые закономерности (введение в теорию) [Текст] // Ю.Ю. Ветютнев; под ред. А.Я. Рыженкова. – Элиста, 2006. – 204 с.

[80]. Ветютнев, Ю.Ю. Множественность субъектов как главная трудность правовой политики [Текст] // Правовая политика: от концепции к реальности / Ю.Ю. Ветютнев; под ред. Н.И. Матузова и А.В. Малько. – М., 2004. – С. 25.

[81]. Власенко, Н. А. Избранное [Текст] / Н.А. Власенко. – М.: Норма, 2015. – 672 с.

[82]. Власенко, Н.А. Законодательная технология: Теория. Опыт. Правила [Текст] / Н.А. Власенко. – Иркутск, 2001. – 144 с.

[83]. Власенко, Н.А. Основы законодательной техники. Практическое руководство [Текст] / Н.А. Власенко. – Иркутск, 1995. – 54 с.

[84]. Власенко, Н.А. Теория государства и права [Текст] / Н.А. Власенко. – М., 2009. – 428 с.

[85]. Власенко, Н.А. Юридическая техника как комплексная система знаний [Текст] / Н.А. Власенко // Доктринальные основы юридической техники / Отв. ред. Н.А. Власенко. – М.: Юриспруденция, 2010. – С. 155.

[86]. Власов, И.С. Правовые акты: антикоррупционный анализ [Текст] / отв. ред.: В.Н. Найденко, Ю.А. Тихомиров, Т.Я. Хабриева; Институт законодательства и сравнительного правоведения при

Правительстве Российской Федерации; Научно-исследовательский цент ФСБ России. – М.: Волтерс Клувер, 2010. – 176 с.

[87]. Волчек, Е.З. Философия [Текст] / Е.З. Волчек. – Минск, 1995. – 296 с.

[88]. Вопленко, Н.Н. Право в системе социальных норм [Текст] / Н.Н. Вопленко. – Волгоград, 2003. – 86 с.

[89]. Гаврилов, О.А. Стратегия правотворчества и социальное прогнозирование [Текст] / О.А. Гаврилов. – М., 1993. – 128 с.

[90]. Гаюров, Ш.К. Личное информационное право граждан: проблемы гражданско-правового регулирования в Республике Таджикистан: монография [Текст] / Ш.К. Гаюров. – М.: Спутник+, 2010. – 361 с.

[91]. Горшенев, В.М., Шахов И.Б. Контроль как правовая форма деятельности [Текст] / В.М. Горшенев, И.Б. Шахов. – М., 1987. – 176 с.

[92]. Давыдова, М.Л. Юридическая техника (общая часть). Учебное пособие [Текст] / М.Л. Давыдова. – Волгоград, 2009. – 292 с.

[93]. Давыдова, М.Л. Юридическая техника: проблемы теории и методологии [Текст] / М.Л. Давыдова. – Волгоград: Изд-во Волгоградского гос. ун-та, 2009. – 318 с.

[94]. Деннис, Ллойд. Идея права [Текст] / Л.Деннис. – М., 2002. – 416 с.

[95]. Дробязко, С. Г. Общая теория права. Учебное пособие для вузов [Текст] / С. Г. Дробязко, В. С. Козлов. – Минск: Амалфея, 2005. – 464 с.

[96]. Законодательная социология [Текст] / Отв. ред. В.П. Казимирчук и С.В. Поленина. – М., 2010. – 256 с.

[97]. Законодательная техника [Текст] / Под ред. Д. А. Керимова. – Л.: Изд-во Ленинградского ун-та, 1965. – 143 с.

[98]. Законодательная техника. Учеб. пособие [Текст] / сост. А.П. Мазуренко. – М., 2007. – 326 с.

[99]. Законодательная техника: Научно-практическое пособие [Текст] / Под. ред. Ю.А. Тихомирова. – М. 2000., – 272 с.

[100]. Захарцев, С.И., Сальников, В.П. Философия и юридическая наука. [Текст] / С.И. Захарцев, В.П. Сальников. – М.: Юрлитинформ, 2019. – 424 с.

[101]. Зеленцов, Л.Б. Контроль за деятельностью исполнительной власти в зарубежных странах [Текст] / Л.Б. Зеленцов. – М., 2002. – 190 с.

[102]. Иванников, И.А. Теория государства и права: Учеб. пособие [Текст] / И.А. Иванников. – Ростов-на-Дону: Изд-во Рост. ун-та, 2008. – 368 с.

[103]. Игнатенкова, К.Е. Правотворческая политика Президента Российской Федерации // Правотворческая политика в современной России: курс лекций [Текст] / К.Е. Игнатенкова; под ред. А. В. Малько. – М., 2016. – С. 25.

[104]. Иеринг, Р. Юридическая техника [Текст] / Р. Иеринг. – М., 2008. – 231 с.

[105]. Ильин, И.А. Понятия права и силы. Опыт методологического анализа [Текст] / И.А. Ильин. – М., 1910. – 235 с.

[106]. Исаков, Н.В. Основные приоритеты современной российской правовой политики [Текст] // Н.В. Исаков; под ред. В.А. Казначеева. – Пятигорск, 2003. – 166 с.

[107]. Исаков, Н.В., Мазуренко, А.П. Правотворческая политика: общетеоретический аспект [Текст] / Н.В. Исаков, А.П. Мазуренко; под ред. А.В. Малько. – М.-Мин.Воды, – 2005. – 198 с.

[108]. Исаков, Н.В., Мазуренко, А.П., Калайчев, В.Р. Правотворческая политика органов исполнительной власти [Текст] / Н.В. Исаков, А.П. Мазуренко, В.Р. Калайчев. – Пятигорск, 2014. – 228 с.

[109]. Кайтаева, Х.И. Правотворчество в правовом государстве [Текст] / Х.И. Кайтаева. – М.: Элит, 2007. – 178 с.

[110]. Калайчев, В.Р. Правотворческая политика исполнительных органов власти. Монография [Текст] / В.Р. Калайчев. – М.: РИА-КМВ, 2014. – 228 с.

[111]. Калина, В.Ф. Юридическая техника. Учебник для прикладного бакалавриата [Текст] / В.Ф. Калина – М.: изд-во Юрайт, 2014. – 291 с.

[112]. Калинина, Н.А. Лингвистическая экспертиза законопроектов: опыт, проблемы, перспективы [Текст] / Н.А. Калинина. – М., 1997. – 80 с.

[113]. Камолов, И.И. Система нормативных правовых актов Республики Таджикистан. Монография [Текст] / И.И. Камолов. – Душанбе: Андалеб-Р, 2015. – 236 с.

[114]. Каргин, К.В. Юридические документы [Текст] / К.В. Каргин; науч. ред. В.А. Толстик. – М.: Юристъ, 2008. – 191 с.

[115]. Карташов, В.Н. Юридическая деятельность в социалистическом обществе [Текст] / В.Н. Карташов. – Ярославль, 1987. – 84 с.

[116]. Качество и эффективность хозяйственного законодательства в условиях рынка / Прозоров В.Ф. – М.: Юрид. лит., 1991. – 160 с.

[117]. Кашанина, Т.В. Юридическая техника. Монография [Текст] / Т.В. Кашанина. – М., 2007. – 510 с.

[118]. Кашанина, Т.В. Юридическая техника. Учебник [Текст] / Т.В. Кашанина. – М.: Эксмо, 2008. – 512 с.

[119]. Кашанина, Т.В. Юридическая техника. Учебник для вузов [Текст] / Т.В. Кашанина. – 2-е изд., пересмотр. – М.: Норма: ИНФРА. – М., 2013. – 496 с.

[120]. Керимов, Г.М. Шариат: Закон жизни мусульман. Ответы Шариата на проблемы современности [Текст] / Г.М. Керимов. – СПб.: Изд-во «ДИЛЯ», 2008. – 512 с.

[121]. Керимов, Д.А. Законодательная техника [Текст] / Д.А. Керимов. – М.: Норма, 2000. – 122 с.

[122]. Керимов, Д.А. Законодательная техника: Научно-методическое и учебное пособие [Текст] / Д.А. Керимов. – М.: Издательская группа НОРМАИНФРА М, 1998. – 127 с.

[123]. Керимов, Д.А. Кодификация и законодательная техника [Текст] / Д. А. Керимов. – М.: Государственное издательство юридической литературы, 1962. – 104 с.

[124]. Керимов, Д.А. Культура и техника законотворчества [Текст] / Д.А. Керимов. – М.: Юрид. лит., 1991. − 160 с.

